**ISSN 2414 9217**

**https://www.gospravacheloveka.tj**

# ДАВЛАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ ИНСОН

**Маҷаллаи илмӣ-амалӣ**

# ГОСУДАРСТВОВЕДЕНИЕ И ПРАВА ЧЕЛОВЕКА

**Научно-практический журнал**

**№ 1 (25)**
**2022**

**ДАВЛАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ ИНСОН**
**Маҷаллаи илмӣ-амалӣ**

**№ 1 (25)**
**2022**

**Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 196/МҶ-97 аз 12 апрели соли 2021 ба қайд гирифта шудааст.**
**Маҷалла ба Феҳристи маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудааст.**
**Маҷалла соли 2016 таъсис дода шуда, дар як сол чор маротиба чоп мегардад.**

***Муассис: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ***

**Сармуҳаррир:** **Азиззода У.А. – д. и. ҳ., профессор**
**Муовини сармуҳаррир:** **Диноршоҳ А.М. – д. и. ҳ., профессор**
**Котиби масъул:** **Салоҳидинова С.М. – н. и. ҳ.**

**Ҳайати таҳририя:**

| | |
|---|---|
| **Имомзода М.С.** | **академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, д. и. ф., профессор** |
| **Маҳмудзода М.А.** | **академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, д. и. ҳ., профессор** |
| **Тоҳиров Ф.Т.** | **академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, д. и. ҳ., профессор** |
| **Насриддинзода Э.С.** | **д. и. ҳ., профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон** |
| **Авакян С.А.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Ализода З.М.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Зоир Ҷ.М.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Нуриддинов Р.** | **д. и. с., профессор** |
| **Шарофзода Р.Ш.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Золотухин А.В.** | **д. и. ҳ., дотсент** |
| **Сафарзода Б.А.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Раҳмон Д.С.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Ҷамшедов Ҷ.Н.** | **н. и. ҳ., дотсент** |
| **Камолзода И.И.** | **н. и. ҳ., дотсент** |
| **Павленко Е.М.** | **н. и. ҳ., дотсент** |

**Муҳаррирони илмӣ ва мусаҳҳеҳон:**
**Саъдизода Ҷ., Шоев Ф.М., Наимов Б.Ғ., Сафарзода Н.Ф.**

**ISSN 2414 9217**

# ГОСУДАРСТВОВЕДЕНИЕ И ПРАВА ЧЕЛОВЕКА

**Научно-практический журнал**

**№ 1 (25)**
**2022**

**Издание зарегистрировано в Министерстве культуры Республики Таджикистан за № 196/МЧ-97 от 12 апреля 2021 года.**
**Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан.**

**Журнал выходит с 2016 года, издается 4 раза в год.**

***Учредитель: Таджикский национальный университет, юридический факультет***



| | |
|---|---|
| **Главный редактор:** | **Азиззода У.А. – д. ю. н., профессор** |
| **Заместитель главного редактора:** | **Диноршох А.М. – д. ю. н., профессор** |
| **Ответственный секретарь:** | **Салохидинова С.М. – к. ю. н.** |

**Члены редколлегии:**

| | |
|---|---|
| **Имомзода М.С.** | **академик Национальной Академии наук Таджикистана, д. ф. н., профессор** |
| **Махмудзода М.А.** | **академик Национальной Академии наук Таджикистана, д. ю. н., профессор** |
| **Тахиров Ф.Т.** | **академик Национальной Академии наук Таджикистана, д. ю. н., профессор** |
| **Насриддинзода Э.С.** | **д. ю. н., профессор, член-корреспондент Национальной Академии наук Таджикистана** |
| **Авакьян С.А.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Ализода З.М.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Зоир Дж.М.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Нуриддинов Р.** | **д. п. н., профессор** |
| **Шарофзода Р.Ш.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Золотухин А.В.** | **д. ю. н., доцент** |
| **Сафарзода Б.А.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Рахмон Д.С.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Джамшедов Дж.Н.** | **к. ю. н., доцент** |
| **Камолзода И.И.** | **к. ю. н., доцент** |
| **Павленко Е.М.** | **к. ю. н., доцент** |

**Научное редактирование и корректура:**
**Саъдизода Дж., Шоев Ф.М., Наимов Б.Г., Сафарзода Н.Ф.**


**ISSN 2414 921**

## МУНДАРИҶА – СОДЕРЖАНИЕ

### НАЗАРИЯ ВА ТАЪРИХИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ; ТАЪРИХИ ТАЪЛИМОТИ ҲУҚУҚӢ ВА СИЁСӢ (ИХТИСОС: 12.00.01) – ТЕОРИЯ И ИСТОРИЯ ПРАВА И ГОСУДАРСТВА; ИСТОРИЯ ПРАВОВЫХ И ПОЛИТИЧЕСКИХ УЧЕНИЙ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.01)


| | | |
|---|---|---|
| **Шарофзода Р.Ш.** | Мафҳум, шаклҳо ва хатари ҷанги иттилоотӣ | **7** |
| **Холиқзода А.Ғ., Ҷамшедзода К.Ҷ.** | Унсурҳои асосии техникаи ҳуқуқӣ | **24** |
| **Абдуджалилов А., Саидзода Т.Н.** | Пределы применения аналогии права в гражданско-правовом регулировании | **38** |
| **Шокиров Г.А.** | Применение информационных технологий в правотворческом процессе: новации Закона Республики Таджикистан «О нормативных правовых актах» от 30 мая 2017 года | **44** |
| **Қодирзода С.М.** | Уҳдадориҳои шаҳрвандон тибқи қонун дар назди давлат аз нигоҳи ибни Мискавайҳ | **60** |
| **Зокирзода З.Х., Бобохонов Ф.А.** | Оид ба масъалаи декриминализатсия кардани тӯҳмат ва таҳқир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | **68** |
| **Сайнозимзода Ф.С.** | Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Конститутсияи Тоҷикистон сарчашма мегирад | **82** |
| **Бобохонов Ф.А.** | Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ дар низоми ҳуқуқии мусулмонӣ | **95** |


### ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНӢ; МУРОФИАИ СУДИИ КОНСТИТУТСИОНӢ; ҲУҚУҚИ МУНИСИПАЛӢ (ИХТИСОС: 12.00.02) – КОНСТИТУЦИОННОЕ ПРАВО; КОНСТИТУЦИОННЫЙ СУДЕБНЫЙ ПРОЦЕСС; МУНИЦИПАЛЬНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.02)


| | | |
|---|---|---|
| **Зариф Ализода** | Волоияти қонун – арзиши асосии давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ | **109** |
| **Имомов А.** | Низоми ҳуқуқи конститутсионии ҶТ ҳамчун илми ҳуқуқшиносӣ ва фанни таълимӣ | **114** |
| **Сулаймонзода М.С.** | Мафҳум ва таснифбандии сардори давлат | **129** |


### ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ; ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ; ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ; ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ (ИХТИСОС: 12.00.03) – ГРАЖДАНСКОЕ ПРАВО; ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЕ ПРАВО; СЕМЕЙНОЕ ПРАВО; МЕЖДУНАРОДНОЕ ЧАСТНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.03)


| | | |
|---|---|---|
| **Исматзода И.Б.** | Проблемы коллизионного регулирования трудовых отношений с иностранным элементом | **135** |
| **Шоҳин Ш.** | Реквизитсия ҳамчун асоси маҷбуран қатъ гардидани ҳуқуқи моликият тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон | **146** |


### ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ВА КРИМИНОЛОГИЯ; ҲУҚУҚИ ИҶРОИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТӢ (ИХТИСОС: 12.00.08) – УГОЛОВНОЕ ПРАВО И КРИМИНОЛОГИЯ; УГОЛОВНО-ИСПОЛНИТЕЛЬНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.08)

| | | |
|---|---|---|
| **Азиззода У.А., Шодизода Н.М.** | Мафҳум, моҳият ва хусусияти ҷазои ҷиноятӣ ҳамчун ҷавобгарии ҳуқуқӣ | **160** |
| **Сатторов Г.С., Мирзоахмедов Ф.А.** | Некоторые вопросы квалификации насильственных действий сексуального характера | **170** |
| **Давлатзода К.Д.** | Прабламаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии мафҳуми ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ | **179** |
| **Қурбонзода Б.Ш.** | Экстремизми иттилоотӣ ва асосҳои ҳуқуқии мубориза бо он | **188** |
| **Мирзоев Қ.Х.** | Тарафи объективии ғоратгарӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон | **197** |
| **Файзиев С.А.** | Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии объект ва предмети вайрон намудани дахлнопазирии манзил | **209** |


**МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ (ИХТИСОС: 12.00.09) – УГОЛОВНЫЙ ПРОЦЕСС (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.09)**


| | | |
|---|---|---|
| **Искандаров З.Ҳ.** | Ташкили таҳқиқ дар мақомоти гумрук: танзими ҳуқуқӣ ва дурнамои инкишоф | **221** |


**КРИМИНАЛИСТИКА; ФАЪОЛИЯТИ СУДӢ-ЭКСПЕРТӢ; ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ (ИХТИСОС: 12.00.12) – КРИМИНАЛИСТИКА; СУДЕБНО-ЭКСПЕРТНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ, ОПЕРАТИВНО-РОЗЫСКНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.12)**


| | | |
|---|---|---|
| **Қодирзода Д.С.** | Баъзе аз хусусиятҳои тактикаи пурсиши шоҳид ҳангоми тафтиши парвандаҳои ҷиноятии марбут ба маводи нашъаовар | **231** |
| **Давлатов Д.Д., Ахмадов М.С.** | Тактические особенности производства допроса при расследовании преступлений в сфере земельных отношений | **240** |
| **Вализода С.А.** | Роль и участие специалиста в проведении оперативно-розыскных мероприятий в Республики Таджикистан | **252** |
| **Ҳабибова Б.Х.** | Проблемаҳои муайянкунии мафҳум ва мазмуни тавсифи криминалистии худкушӣ | **259** |


**ҲУҚУҚИ МАЪМУРӢ; МУРОФИАИ МАЪМУРӢ (ИХТИСОС: 12.00.14) – АДМИНИСТРАТИВНОЕ ПРАВО; АДМИНИСТРАТИВНЫЙ ПРОЦЕСС (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.14)**


| | | |
|---|---|---|
| **Маъруфӣ Р.Н., Соибов З.М.** | Функсияи пешгӯӣ ва банақшагирӣ дар идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ | **267** |


**МИНБАРИ ОЛИМОНИ ҶАВОН – ТРИБУНА МОЛОДЫХ УЧЕНЫХ**


| | | |
|---|---|---|
| **Зиёваддинов И.И.** | Назорати судӣ ё контроли судӣ дар давраи тафтишоти пешакӣ: таносуб, андеша ва пешниҳод | **277** |
| **Муминзода М.Н.** | Асосҳои таърихӣ-ҳуқуқии магистратура | **293** |
| **Пирова Г.С.** | Тарбияи ҳуқуқии занон ва баланд бардоштани мавқеи онҳо дар ҷомеа | **303** |

## ТАҚРИЗҲО – РЕЦЕНЗИИ


| | | |
|---|---|---|
| **Раҷабзода М.Н.** | Тақриз ба автореферати диссертатсияи Қодиров Некруз Абдулмаҷидович дар мавзуи «Одатҳо ҳамчун сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» | **309** |

**Талабот ба мақолаҳое, ки барои нашр дар маҷаллаи «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон» пешниҳод мешаванд** **311**

**Требования, предъявляемые к статьям соискателей, аспирантов и докторантов для публикации в журнале «Государствоведение и права человека»** **312**

## НАЗАРИЯ ВА ТАЪРИХИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ; ТАЪРИХИ ТАЪЛИМОТИ ҲУҚУҚӢ ВА СИЁСӢ (ИХТИСОС: 12.00.01) – ТЕОРИЯ И ИСТОРИЯ ПРАВА И ГОСУДАРСТВА; ИСТОРИЯ ПРАВОВЫХ И ПОЛИТИЧЕСКИХ УЧЕНИЙ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.01)

**Шарофзода Р.Ш.,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел.:** (+992) 901000770
**E-mail:** www-rustam-tj@mail.ru

**Фишурда**: Дар мақолаи «Мафҳум, шаклҳо ва хатарҳои ҷанги иттилоотӣ» мубрамияти фаъолияти иттилоотии давлати муосир дар шароити таҳдидҳои нави иттилоотӣ, махсусан ҷангҳои иттилоотӣ асоснок карда мешавад. Бо мақсади таҳлили проблемаи мазкур мафҳуми ҷанги иттилоотӣ, намудҳо, шаклҳои зуҳурот, тарзҳо ва воситаҳои он, ҳамчунин воситаи асосии он – аслиҳаи иттилоотӣ мавриди таҳқиқ қарор дода мешаванд. Раванди тарҳрезии консепсияҳои ҷанги иттилоотӣ дар кишварҳои мутараққӣ, истифодаи воқеии аслиҳаи иттилоотӣ дар таҷрибаи ҷаҳонӣ, махсусан дар рафти низоъҳои ҷангии маҳаллӣ ва муборизаи иттилоотӣ-психологӣ таҳлил карда мешавад. Мубрамияти вазифаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муқовимат ба таъсири иттилоотӣ-психологӣ исбот карда мешавад.

**Вожаҳои калидӣ**: иттилоот, ҷанги иттилоотӣ, ҷанги равонӣ, аслиҳаи иттилоотӣ, муқовимати иттилоотӣ-равонӣ, амнияти иттилоотӣ.

## ПОНЯТИЕ, ФОРМЫ И ОПАСНОСТЬ ИНФОРМАЦИОННОЙ ВОЙНЫ

**Шарофзода Р.Ш.,**
доктор юридических наук, профессор кафедры теории и истории государства и права юридического факультета Таджикского национального университета
**Тел.:** (+992) 901000770
**E-mail:** www-rustam-tj@mail.ru

**Аннотация:** В статье «Понятие, формы и опасность информационной войны» обосновывается актуальность информационной деятельности современного государства на фоне новых информационных угроз, особенно информационных войн. С целью анализа данной проблемы

раскрывается понятие информационной войны, ее виды, формы проявления, способы и средства ведения, а также ее ключевого средства - информационного оружия. Прослеживается процесс разработки концепций информационной войны в развитых странах, фактического применения информационного оружия в мировой практике, особенно в ходе локальных вооруженных конфликтов и информационно-психологического противоборства. Доказывается актуальность стоящей перед Республикой Таджикистан задачи по противодействию информационно-психологическому воздействию.

**Ключевые слова**: информация, информационная война, психологическая война, информационное оружие, информационно-психологическое противоборство, информационная безопасность.

## CONCEPT, FORMS AND DANGER OF INFORMATION WAR

**Sharofzoda R.Sh.,**
doctor of Law, Professor of the Department of Theory and History of State and Law, Faculty of Law, Tajik National University
**Phone:** (+992) 901000770
**E-mail:** www-rustam-tj@mail.ru

**Annotation**: In article «Notion, forms and threats information war» opens urgency to information activity modern state on background of the new information threats, particularly information wars. For the reason analysis given problems opens the notion of the information war, her(its) types, the forms of the manifestation, ways and facility of conduct, as well as her(its) key facility - an information weapon. The process of the development concept information war is tracked in developed country, actual using the information weapon in world practical person, particularly in the course of local armed conflict and information-psychological fight. It Is proved proven urgency costing before Republic Tadzhikistan problems on reluctance information-psychological influence.

**Keywords**: information, information war, psychological warfare, information weapon, information-psychological fight, information safety.

Таҳлили мафҳум, мақсадҳо, усулҳо, шаклҳои ҷанги иттилоотӣ, ки бо мафҳумҳои «муқовимати иттилоотӣ», «аслиҳаи иттилоотӣ», «таъсиррасонии иттилоотӣ», «таъсиррасонии равонӣ-идеологӣ», «амалиёти иттилоотӣ» ва дигар алоқамандӣ дорад, ҳоло яке аз самтҳои муҳимми таҳқиқоти илмӣ маҳсуб мешавад. Мубрам будани масъалаи мазкур бо хатари ҷанги иттилоотӣ ба амнияти миллӣ ва ҷаҳонӣ, аз ҷумла амнияти иттилоотӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, ба фарҳанги миллӣ, анъанаҳои миллӣ, шуури ҷамъиятӣ муайян карда мешавад. Мебояд зикр намуд, ки

мафҳуми «ҷанги иттилоотӣ» дар нимаи дуюми асри гузашта дар илм ва амалия васеъ истифода шуда, ҳоло дар маркази таваҷҷуҳи намояндагони соҳаҳои гуногуни илм (фалсафа, сиёсатшиносӣ, ҷомеашиносӣ, илми ҳуқуқшиносӣ ва дигар илмҳо) қарор дорад. Ҳамзамон бо ин, аслиҳаи иттилоотӣ бо мақсади таъсиррасонии равонӣ ва иеодологӣ ба шуури аҳолӣ дар давраҳои гуногуни инкишофи таърихӣ истифода шуда буд[1].

Дар асри XX ва ибтидои асри XXI мафҳуми «ҷанги иттилоотӣ» дар робита бо рушди технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва истифодаи онҳо бо мақсади таъсиррасонии иттилоотӣ васеъ истифода мешавад. Дар робита бо мафҳуми «ҷанги иттилоотӣ» як қатор мафҳумҳои ба он наздик, аз қабили «муқовимати иттилоотӣ», «таъсиррасонии иттилоотӣ-равонӣ», «амалиёти иттилоотӣ» ва дигар истифода мешаванд.

Тавре А.Б. Губарев қайд мекунад, паҳлуҳои гуногуни ҷанги иттилоотӣ дар нимаи дуюми асри XX дар давлати шӯравӣ (ИҶШС) ва ИМА фаъолона таҳқиқ мешаванд. Мақомоти дахлдори ИМА усулҳои ҷанги иттилоотиро дар рафти ҷанг дар Ветнам, Афғонистон, Ироқ ва кишварҳои дигар истифода мебаранд. Назарияи «ҷанги иттилоотӣ» дар Россия ҳоло фаъолона таҳқиқ мешавад[2].

Истилоҳи «амалиёти иттилоотӣ» бори аввал дар нимаи дуюми солҳои 1970-ум пайдо мешавад[3]. Истилоҳи «ҷанги иттилоотӣ» бори аввал дар ҳисоботи Томас Рон «Низоми аслиҳа ва ҷанги иттилоотӣ», ки соли 1976 барои ширкати «Боинг» омода карда мешавад, истифода мешавад. Солҳои 1980-ум истилоҳи мазкур объекти таҳқиқоти илмӣ мегардад.

Ҷанги иттилоотӣ ҳамчун шакли муқовимати иттилоотӣ дар заминаи дастовардҳои инқилоби иттилоотӣ-технологӣ васеъ истифода мешавад. Дар робита бо ҳамин даствардҳо таҳқиқоти мафҳуми «ҷанги иттилоотӣ» дар миёнаи солҳои 1980-ум дар Хитой ва ИМА, дар миёнаҳои солҳои 1990-ум дар Англия, Россия, Олмон вусъат меёбад.

Истилоҳи «ҷанги иттилоотӣ» («information war») аз ҷониби олими соҳаи физика Т. Рейнер соли 1976 ба маънои ҷанге, ки объекти таъсиррасонии онро системаҳои иттилоотӣ ташкил медиҳанд, истифода мешавад[4]. Истилоҳи мазкур аз тарафи мутахассисони ИМА бо истилоҳи «information warfare» иваз карда мешавад. Дар мамлакатҳои дигари Ғарб истилоҳи «information war» («ҷанги иттилоотӣ») ба маънои фаъолияти иттилоотии иттиҳоди сиёсӣ (масалан, давлат) бо мақсади паст намудани иқтидори иттиҳоди сиёсии дигар, мубориаи иттилоотии байни рақибон, низои иттилоотии ҳарбӣ, низои иттилоотии байни рақибони сиёсӣ шарҳ дода мешавад. Дар фарҳанги русӣ-англисӣ истилоҳи «information warfare» чунин тарҷума мешавад: «ҷанги иттилоотӣ» ва «усулҳои иттилоотии

[1] Ниг.: Волковский Н. Л. История информационных войн: Т. 1 (с древнейших времён по XIX век); Т. 2 (XX век) / под ред. И. Петрова. — СПб.: Полигон, 2003. — Т. 2 – 736 с.
[2] Ниг.: Губарев А.Б. Информационные войны как объект политологического анализа: дис…канд. политических наук. – Уссирийск, 2005.
[3] Ниг.: Головин И. Информационная война // Мир безопасности. - 1998. - № 8–9 (60). - С. 79.
[4] Ниг.: Переход США к информационной войне // Информация об экономическом, научно-техническом и военном потенциале государств-участников СНГ и технических средствах его выявления. Ежемесячный информационный бюллетень. - М.: РАН и МНТ РФ, 2000. - № 1. - С. 20.

муҳорибаи ҳарбӣ»[5]. Якҷоя бо истилоҳи «ҷанги иттилоотӣ» ҳамчунин, истилоҳоти «ҷанги иттилоотӣ ва равонӣ» («information and psychological warfare»), «ҷанги киберӣ» (англ. cyberwarfare) ҳамчун намуди ҷанги иттилоотӣ истифода мешавад.

Дар марказҳои таҳқиқотии як қатор мамлакатҳои тараққикарда усулҳои тасъиррасонии иттилоотии равонӣ ва идеологӣ ба шуури аҳолии кишварҳоии мухолиф омӯхта мешаванд. Дар натиҷаи таҳқикоти мазкур асосҳои назарияи «муқовимати иттилоотӣ» муайян карда мешаванд. Назарияи мазкур моҳият, шаклҳо, усулҳо, воситаҳои муқовимати иттилоотиро муайян мекунад. Унсурҳои алоҳидаи назарияи зикршуда дар рафти амалиёти ҳарбӣ, дар ҷараёни таъсиррасонии иттилоотӣ-равонӣ истифода мешаванд[6].

Дар давлатҳои Аврупои Ғарбӣ ва Осиё назарияҳои ҷудогонаи «муқовимати иттилоотӣ» бо дарназардошти манфиатҳои миллии онҳо истифода мешаванд. Чунончи, Ҷумҳурии Халқии Хитой усулҳои муқовимати иттилоотиро дар ҷараёни ихтилофоти иттилоотӣ бо ИМА дар соҳаи молия истифода мебарад.

Мафҳум ва паҳлуҳои гуногуни ҷанги иттилоотӣ дар асарҳои П. Антонович, В.И. Белоножкин, И.С. Власенко, С.Н. Гриняев, Г.А. Остапенко, И.Н. Панарин, Г.Г. Почерсов, В.К. Новиков, М.В. Кирянов, И.В. Сергеев, Л.В. Воронсова, А.А. Мухин, А.В. Манойло, Т.Л. Миронова, А.В. Токаренко, Д.Б. Фролов, А.В. Федоров, Я.С. Шатило, Г.М. Шушков и дигарон таҳқиқ мешаванд[7].

[5] Ниг.: Мюллер В.К. Англо-русский словарь. - М.: Алькор+, 1991. - С. 785

[6] Ниг.: Коровин В.В. История отечественных органов безопасности. - М.: Издательская группа НОРМА-ИНФРА, 1998. - С. 101.

[7] Ниг.: Антонович П. Ключевые аспекты информационной войны // Армейский сборник: журнал. — 2014 – Т. 235. - № 1. — С. 26-29; Белоножкин В.И., Остапенко Г.А. Информационные аспекты противодействия терроризму. — М.: Горячая линия - Телеком, 2009. — 112 с.; Вепринцев В.Б., Манойло А.В., Петренко А.И., Фролов Д.Б. Операции информационно-психологической войны: краткий энциклопедический словарь-справочник. — 2-е изд., стереотип. — М.: Горячая линия - Телеком, 2011. — 495 с.; Власенко И.С., Кирьянов М.В. Информационная война: искажение реальности. — М.: ИД «Канцлер», 2011. — 196 с.; Воронцова Л.В., Фролов Д.Б. История и современность информационного противоборства. — М.: Горячая линия - Телеком, 2006. — 192 с.; Гриняев С.Н. Поле битвы — киберпространство: Теория, приёмы, средства, методы и системы ведения информационной войны. — Мн.: Харвест, 2004. — 448 с.; Социология и политология. — М.: Издательство Московского государственного университета, 2005. — № 1. — С. 144-159; Манойло А.В., Петренко А.И., Фролов Д.Б. Государственная информационная политика в условиях информационно-психологической войны. — 3-е изд. — М.: Горячая линия - Телеком, 2012. — 542 с.; Мухин А.А. Информационная война в России. — Изд-во Центр политической информации, «ГНОМ и Д», 2000. — 256 с.; Миронова Т. Л. Как из нас делают быдло (о технологии информационного террора). — М.: Изд-во «Люберецкая газета», 2000. — 48 с.; Новиков В.К. Информационное оружие - оружие современных и будущих войн. — 2-е изд., испр. — М.: Горячая линия - Телеком, 2013. — 264 с.; Остапенко Г.А. Информационные операции и атаки в социотехнических системах. — М.: Горячая линия - Телеком, 2007. — 134 с.; Панарин И.Н. Информационная война, PR и мировая политика. — М.: Горячая линия - Телеком, 2006. — 264 с.; Панарин И.Н. Информационная война и дипломатия. — М.: Издательство «Городец», 2004. — 528 с.; Панарин И.Н., Панарина Л. Информационная война и мир. — М.: Издательство «Олма-Пресс», 2003. — 384 с.; Панарин И.Н. Технология информационной войны. — М.: Издательство «КСП+», 2003. — 320 с.; Почепцов Г.Г. Информационные войны. Основы военно-коммуникативных исследований. — М., К.: «Рефл-бук», «Ваклер», 2000. — 576 с.; Почепцов Г.Г. Информационные войны. Новый инструмент политики. — М.: Алгоритм, 2015. — 256 с.; Прокофьев В.Ф. Тайное оружие информационной войны: атака на подсознание. — 2-е изд., расшир. и дораб.. — М.: СИНТЕГ, 2003. — 408 с.; Расторгуев С. П. Информационная война. — М.: Радио и связь, 1999. — 416 с.; Сергеев И.В. Информационно-психологическая война как форма эскалации межгосударственных конфликтов // Информационные

Дар асарҳои илмӣ ҷанги иттилоотӣ ба маънои амалиёти махсуси иттилоотӣ[8], рақобати иттилоотии корпоративӣ, воситаи иттилоотии муҳорибаи ҳарбӣ[9], технологияҳои коммуникативии таъсиррасонӣ ба шуури аҳолӣ (тарғиб, реклама, технологияҳои интихоботӣ)[10], тобеъ намудани объектҳои идоракунии тарафи мухолиф[11] тавсиф мегардад.

Паҳлуҳои байналмилалӣ-ҳуқуқии ҷанги иттилоотӣ дар асарҳои О.Н. Калиновский, И.Л. Морозов, С. Гриняев, У. Черч, К. Дорман, Томас Рон, К.У. Уоткин, М.Н. Шмидт, Г. Ратрей, Л. Гринберг ва дигарон таҳқиқ мешавад. Дар ин асарҳо мафҳуми «ҷанги иттилоотӣ», намудҳои он, намудҳои аслиҳаи иттилоотӣ, татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, аз ҷумла гуманитарӣ дар ҷараёни ҷанги иттилоотӣ мавриди омӯзиш қарор дода мешаванд[12].

Таҳқиқи мафҳум, мақсадҳо ва хатарҳои ҷанги иттилоотӣ бо дарназардошти ҳимояи амнияти иттилоотии Тоҷикистон аҳаммияти аввалиндараҷа дорад[13].

---

войны. - №2(34), 2015. – С. 38 – 41.; Сергеев И.В. Социальные сети в Интернете как средство реализации операций информационно-психологической войны // Международный научно-исследовательский журнал. - №9(40), 2015. – С. 101 – 104.; Сергеев И.В. Дженнифер Псаки – инструмент информационного противоборства //Евразийский союз ученых. - №6(27), 2016. – С. 92 – 93.; Токаренко А.В., Суржик Д. В.В стремительном пике информационной войны // Пространство и Время. – 2014. - № 3 (12). – С. 34-47;; Фёдоров А. В. Трансформации образа России на западном экране: от эпохи идеологической конфронтации (1946–1991) до современного этапа (1992–2010). — М.: МОО "Информация для всех", 2010. — 202 с.; Фролов Д. Б. Информационная война: эволюция форм, средств и методов // Социология власти. — М.: РАНХиГС при Президенте РФ, 2005. — № 5. — С. 121-146; Халидов Д.Ш. Информационная война в России: горькие плоды западничества // Научно-аналитический журнал Обозреватель — Observer. — М.: Институт диаспоры и интеграции (Институт стран СНГ), 2011. — Т. 259, № 8. — С. 14-25.; Шатило Я.С. Информационная война третьего поколения // Информационная безопасность регионов. — Саратов: СГСЭУ, 2009. — № 1. — С. 42-45; Шатило Я.С., Шорин И.Ю. Информационная война и трансгенные продукты // Информационная безопасность регионов. — Саратов: СГСЭУ, 2008. — № 2. — С. 22-28; Шушков Г.М., Сергеев И.В. Концептуальные основы информационной безопасности Российской Федерации // Актуальные вопросы научной и научно-педагогической деятельности молодых ученых: сборник научных трудов III Всероссийской заочной научно-практической конференции (23.11.2015 – 30.12.2015 г., Москва) / под общ. ред. Е.А. Певцовой; редколл.: Е.А. Куренкова и др. – М.: ИИУ МГОУ, 2016. – С. 69 – 76.

[8] Ниг.: Брусницин Н.А. Информационная война и безопасность. - М.: Вита-Пресс, 2001. - С. 9.

[9] Ниг.: Цымбал В.И. О концепции информационной войны // Информационный сборник «Безопасность». -. 1995. -№ 9. - С. 35.

[10] Ниг.: Почепцов Г.Г. Информационные войны. - М.: Рефл-бук, К.: Ваклер, 2000. - С. 20; Почепцов Г.Г. Информационно-психологическая война. - М.: СИНТЕГ, 2000. - С. 3.

[11] Ниг.: Расторгуев С.П. Информационная война. - М.: Радио и связь, 1998. - С. 35–37.

[12] Ниг.: Калиновский О.Н. «Информационная война» – это война? // Военная мысль. -2000. – №1; Морозов И.Л. Глобальные кибернетические системы как фактор безопасности демократического транзита//http://morozov.vlz.ru/library.bezo.htm; Гриняев С. Концепция ведения информационной войны в некоторых странах мира // Зарубежное военное обозрение. – № 2. – 2002; Черч, У. Информационная война // Международный журнал Красного Креста: сб. ст. – 2000. – С. 49–61; Уоткин, К.У. Комбатанты, «непривилегированные воюющие» и конфликты XXI века. Материал для неформальной встречи экспертов на высшем уровне, посвящен- ной теме «Подтверждение и развитие международного гуманитарного права», Кембридж, 27-29 июня 2003 г. / http://www.sk-news.ru/mgp/doc/doc_07_05.doc 8 и др.

[13] Ниг.: Сативалдыев Р.Ш. Актуальные направления функциональной деятельности современного государства на фоне глобальных вызовов и угроз // Вестник ТНУ. - 2018. - № 2/7. - С. 88-96; Сативалдыев Р.Ш. Деятельность государства в сфере обеспечения информационной безопасности // Вестник Таджикского национального университета. - 2017. - №2/10. - С.174-182; Сативалдыев Р.Ш. Противодействие информационной войне как актуальная задача правоохранительных органов // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. - 2017. - № 4(36). - С. 73-83; Сативалдыев Р.Ш. Противодействие информационной войне как предметное содержание информационной функции государства // Правовая жизнь. - Душанбе, 2017. - № 1 (17). - С. 5-29; Сотиволдиев Р.Ш. Ҳимояи амнияти

Бо мақсади вусъат бахшидан ба таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни ҷанги иттилоотӣ, аз ҷумла дар робита бо таъмини амнияти иттилоотии Тоҷикистон дар шароити вусъати таҳдидҳо ва хатарҳои иттилоотӣ бо ташаббуси кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон якчанд конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва мизи мудаввар доир гардид. Чунончи, 9-уми марти соли 2022 дар пояи кафедраи назария ва давлат ва ҳуқуқ конференсияи навбатии илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи: «Асосҳои таҳкими истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити таҳдидҳо ва хатарҳои иттилоотӣ» доир гардид[14].

Усулҳо ва воситаҳои ҷанги иттилоотӣ дар шароити рушди ҷомеаи ҷаҳонии иттилоотӣ фаъолона истифода мешаванд. Вусъати ҷанги иттилоотӣ бо омилҳои гуногун, аз ҷумла омилҳои иттилоотӣ-технологӣ муайян карда мешавад. Ба таҳқиқи омилҳои ҷанги иттилоотӣ дар асарҳои илмӣ таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад.

Ҳадафҳо, тарзу воситаҳо ва усулҳои муқовимати иттилоотӣ дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла дар муносибатҳои дипломатӣ, зимни ихтифоти молиявӣ ва иқтисодӣ, дар сиёсат, ҳаёти фарҳангӣ, дар амалиёти ҳарбӣ ва ғайра истифода мешаванд. Ҳоло муқовимати иттилоотӣ ҳамчун аслиҳаи ҷаҳонишавӣ дар фаъолияти давлатҳои абарқудрат, ширкатҳои молиявию иқтисодии фаромиллӣ васеъ истифода мешавад. Усулҳои таъсиррсонии иттилоотии равонӣ ва идеологӣ аз тарафи сохторҳои муайян бо мақсади тағйир додани асосҳои сохти конститутсионӣ дар мамлакатҳои мухолиф истифода мешаванд. Муборизаи байни давлатҳои муосири ҷаҳон дар соҳаи иқтисодӣ, молиявӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ бо истифодаи аслиҳаи иттилоотӣ сурат мегирад. Давлатҳое, ки технологияҳои пешқадами иттилоотӣ доранд, ҳадафҳои ҷанги иттилоотиро ба манфиатҳои худ тобеъ мегардонанд. Муқовимати иттилоотӣ ҳоло яке аз воситаҳои самараноки ноил гардидан дар ҳадафҳои сиёсӣ, геосиёсӣ, геоиқтисодӣ маҳсуб мешавад.

Ҷанги иттилоотӣ ҳоло ҷузъи ҷудонашвандаи амалиёти ҳарбӣ мебошад. Даҳсолаи наздик ҷанги иттилоотӣ вусъат меёбад, чунки

иттилоотӣ дар шароити вусъати ҷанги иттилоотӣ // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи: «Инкишофи низоми давлатию ҳукуқии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар шароити хатарҳо ва таҳдидҳои нави глобалӣ. – ш. Душанбе, 16 майи соли 2019. – Душанбе: Сино, 2019. С. 7-12; Шарофзода Р.Ш. Ҳифзи амнияти иттилоотӣ – вазифаи мубрами давлати Тоҷикистон // Асосҳои таҳкими истиқлолияти давлатии Ҷуцмҳурии Тоҷикистон дар шароити таҳдидҳо ва хатарҳои иттилоотӣ. Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 9-уми мари соли 2022. – Душанбе, 2022. – С. 5-18; Шарофзода Р.Ш. Деятельность современного государства в условиях усиления информационных вызовов и угроз // Юридическая наука: история и современность. – Санкт-Петербург, 2021. - № 10. - С. 175-188; Шарофзода Р.Ш. (Сотиволдиев Р.Ш.). Таъмини амнияти иттилоотӣ // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «5500-солагии Саразми бостонӣ», «700-солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)» Ҷилди II. – Душанбе, 2020. – С. 192-193.

[14] Ниг.: Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи: «Инкишофи низоми давлатию ҳукуқии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар шароити хатарҳо ва таҳдидҳои нави глобалӣ (ш. Душанбе, 16 майи соли 2019) – Душанбе: Сино, 2019. – 124 саҳ.; Асосҳои таҳкими истиқлолияти давлатии Ҷуцмҳурии Тоҷикистон дар шароити таҳдидҳо ва хатарҳои иттилоотӣ. Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 9-уми мари соли 2022). – Душанбе, 2022. – 220 саҳ.

натиҷаҳои мусбии он ғалабаи ин ё он давлатро дар ҷанг таъмин мекунад. Бо истифода аз воситаҳои иттилоотӣ ба объектҳои идоракунӣ, аз он ҷумла ба объектҳои идоракунии ҳарбӣ, ба марказҳои таъминоти иттилоотӣ, ба объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ (нақлиёт, алоқа ва ғайра), объектҳои экологӣ (марказҳои обтаъминкунӣ, гармидиҳӣ ва дигар), ба системаи бонкӣ, энергетикӣ, молиявӣ ва объектҳои дигари ҳаётан муҳим зарари ҷиддӣ расонидан мумкин аст. Барои ҳамин, ҷанги иттилоотӣ, аз ҷумла истифодаи технологияҳои иттилоотӣ бо мақсади расонидани зарари бештар ба объектҳои ҳаётан муҳимми идоракунии давлатӣ, ҳарбӣ, иқтисодӣ, молиявӣ, нақлиётӣ ва дигар хатари калон дорад.

Ҷанги иттилоотӣ хусусиятҳои худро дорад. Он ба таври махфӣ, бо истифодаи имкониятҳои сохторҳои разведка, чораҳои таъсиррасонии иттилоотӣ, пахши радиоэлектронӣ ва ғайра пеш бурда мешавад. Дар рафти амалиёти ҳарбӣ аслиҳаи иттилоотӣ бо мақсади таъсиррасонии иттилоотии муташаккилона ба захираҳои иттилоотии тарафи мухолиф, паст намудани иқтидори ҳарбӣ, таъсиррасонии муташаккилонаи равонӣ хизматчиёни ҳарбии мухолиф истифода мешавад[15].

Воситаҳо, шаклҳо, усулҳои гуногуни ҷанги иттилоотӣ бо дарназардошти истифодаи онҳо дар ҳаёти осоишта ё ҳангоми низои ҳарбӣ истифода мешаванд. Дар ҳуҷҷатҳои Вазорати мудофиаи ИМА ҷанги иттилоотӣ ба маънои намуди афзалиятноки муқобилияти ҳарбӣ истифода мешавад[16]. Чунин мафҳуми ҷанги иттилоотӣ дар сохторҳои мудофиаи давлатҳои дигар низ пазируфта мешавад.

Ба ақидаи як гурӯҳи олимон, ҷанги иттилоотӣ ҷузъи амалиёти ҳарбӣ буда, бо мақсади таъмини афзалияти иттилоотӣ ва ғалаба бар душман истифода мешавад[17]. Гурӯҳи дигари олмон бар ақидаанд, ки ҷанги иттилоотӣ дар давраи осоишта зимни муқобилияти байнидавлатӣ ва геосиёсӣ, дар ҷараёни муқобилияти иттилоотии давлатҳо бо мақсади ҳалли вазифаҳои сиёсии хориҷӣ, расонидани зарари бештар ба захираҳои иттилоотии давлат ё давлатҳои мухолиф, халалдор намудани низоми иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ, таъсиррасонии равонии оммавӣ ба шуури аҳолӣ, ноустувор намудани вазъи ҷомеа пеш бурда мешавад[18].

В. Маркоменко самтҳои зерини ҷанги иттилоотиро ҷудо мекунад:

- пахши физикии унсурҳои инфрасохтори идоракунии давлатӣ ва ҳарбӣ (аз кор баровардани марказҳои роҳбарӣ ва идоракунии ҳарбӣ);

---

[15] Ниг.: Пирумов В.С., Родионов М.А. Некоторые аспекты информационной борьбы в военных конфликтах // Военная мысль. - 1997. - № 5. - С. 44–47.

[16] Ниг.: Жуков В. Взгляды военного руководства США на ведение информационной войны // Зарубежное военное обозрение. - 2001. - № 1. - С. 2–9.

[17] Ниг.: Гриняев С.Н. Война в четвертой сфере // НВО. - 2000. - № 42; Комов С.А. Информационная борьба в современной войне: вопросы теории // Военная мысль. - 1996. - № 3. - С. 73; Костин Н.А. Общие основы теории информационной борьбы // Военная мысль. - 1997. - № 3. - С. 44–50.

[18] Ниг.: Емельянов Г.В., Стрельцов А.А. Информационная безопасность России. Основные понятия и определения: учебное пособие / под общ. ред. проф. А. Прохожева. - М.: РАГС, 1999. - Ч.1. - С. 34; Чергинец Н.И. Государственная политика в области информационной безопасности: состояние и перспективы развития. Национальная безопасность: управленческие и информационные технологии обеспечения. - Минск, 2000. - С. 14.

- таъсири электромагнитӣ ба унсурҳои системаҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ (муборизаи радиоэлектронӣ);
- ба даст овардани иттилооти бештар (разведкаи радиоэлектронӣ);
- дастрасӣ ба захираҳои иттилоотӣ бо роҳи истифодаи барномаҳо ва таҷҳизоти махсуси шикастани системаи ҳимояи иттилоотӣ ва телекоммуникатсионии тарафи мухолиф, тасарруф, тағйири ҷиддӣ ё нест кардани иттилоот, халалдор намудани фаъолияти муътадили системаҳои иттилоотӣ (ҷанги кибернетикӣ);
- паҳн намудани иттилооти бардурӯғ ё иттилооти яктарафа тавассути воситаҳои иттилоотии тарафи мухолиф ё шабакаҳои ҷаҳонии иттилоотӣ бо мақсади таъсиррасонӣ ба аҳолӣ, ба шахсоне, ки қарорҳои сиёсӣ қабул мекунанд (ҷанги равонӣ)[19].

Объектҳои ҷанги иттилоотӣ ё таъсиррасонии иттилоотӣ-равонӣ инҳо мебошанд:
- асосҳои сохтори конститутсионӣ;
- соҳибихтиёрии давлат;
- манфиатҳои миллӣ, аз ҷумла манфиатҳои миллии ҳаётан муҳим, ки аз ҳимояи онҳо ҳастӣ ва дурнамои инкишофи ҷомеа вобастагӣ дорад;
- объектҳои идоракунии давлатӣ;
- роҳбарияти сиёсӣ ва ҳарбии давлат;
- захираҳои иттилоотӣ;
- объектҳои идоракунии ҳарбӣ, қувваҳои мусаллаҳ;
- сохторхое, ки қарорҳои сиёсӣ, ҳарбӣ ва дигар қабул мекунанд;
- шуури ҷамъиятӣ (ахлоқӣ, маънавӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва дигар);
- афкори ҷомеа;
- шуури наврасону ҷавонон ҳамчун гурӯҳи фаъоли аҳолӣ ва унсури марказии сармояи инсонӣ;
- инфрасохтори иттилоотӣ;
- инфрасохтори иҷтимоӣ (наклиёт, алоқа, объектҳои хизмати тиббӣ, муассисаҳои таҳсилотӣ, инфрасохтори коммуналӣ ва дигар);
- системаи энергетикӣ;
- системаи молия ва андоз;
- объектҳои идоракунии иқтисодӣ;
- фарҳанги миллӣ, анъанаҳои миллӣ, арзишҳои миллӣ (ахлоқӣ, оилавӣ ва дигар);
- объектҳои экологӣ ва дигар.

Тавре маълум мешавад, объектҳои ҷанги иттилоотӣ зиёданд. Объектҳои таъсиррасонии иттилоотӣ-равонӣ бо дарназардошти ҳадафҳо, воситаҳо, усулҳо ва шароити (ҳарбӣ ё осоиштаи) истифодаи аслиҳаи иттилоотӣ интихоб карда мешаванд.

Ба объектҳои муқовимати иттилоотӣ ба таври ҷудогона ё комлексӣ таъсир расонида мешавад. Дар шароити рушди технологияҳои иттилоотӣ имконияти таъсиррасонии комплексӣ ба объектҳои муқовимати иттилоотӣ

[19] Ниг.: Маркоменко В. Информационное общество и проблемы его безопасности // Федерализм. - 1997. - № 4. – С. 12-14.

ҷой дорад. Дар ин ҳолат таъсиррасонии иттилоотӣ-равонӣ якчанд мақсадҳо, аз ҷумла сиёсӣ, фарҳангӣ, молиявӣ ва дигарро иҷро мекунад.

Осебпазирии ҳар як объекти ҷанги иттилоотӣ ба устувории объектҳои дигар таъсир мерасонад. Обектҳои ҷудогонаи таъсиррасонии иттилоотӣ ҳиссаи муайяни худро дар таъмини соҳибихтиёрии давлат, манфиатҳои миллӣ, иқтидори иҷтимоӣ-иқтисодии давлат, устувории ҳаёти сиёсӣ, ваҳдати иҷтимоӣ ва миллӣ мегузоранд.

Чунончи, рушди устувори ҷомеа аз ҳимояи фарҳанги миллӣ, арзишҳо ва анъанаҳои миллӣ вобастагии бештар дорад. Таҷрибаи талхи мамлакатҳои ҷудогона нишон медиҳад, ки поймол гардидани арзишҳои ахлоқӣ, маънавӣ, оилавӣ ва дигари фарҳангии ҷомеа боиси тағйироти куллии шуур, рафтор ва тарзи зиндагии одамон, ноустувории шуури ҷамъиятӣ, фирефтаи «меъёрҳои сунъии бардурӯғи» хориҷӣ гардидани гурӯҳҳои муайяни аҳолӣ, афзоиши сатҳи ҳуқуқвайронкунӣ ва амалҳои зиддиахлоқӣ мегардад.

Яке аз мақсадҳои ҷанги иттилоотиро паҳн намудани арзишҳои барои аҳолии мамлакатҳои мухолиф бегонаи маънавӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ, оилавӣ ташкил медиҳад. Барои ноил гардидан ба ҳадафи мазкур иттилооти яктарафа ва ғаразнок паҳн карда мешавад, афкори ҷамъиятӣ тағйир дода шуда, ба ҳадафҳои бегона тобеъ карда мешавад. Бо ин мақсад технологияҳои иттилоотӣ (алоқаи мобилӣ, воситаҳои ахбори омма, компютер, Интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар) истифода мешаванд.

Ба ин паҳлуи ҷанги иттилоотӣ дар асарҳои илмӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мешавад. Чунончи, ба ақидаи як қатор олимон, ҷанги итилоотӣ зимни истифодаи технологияҳои иттилоотӣ бо мақсади таъсирасонӣ ба шуури аҳолӣ, паҳн намудани арзишҳои барои шаҳрвандон бегонаи маънавӣ-ахлоқӣ ва фарҳангӣ[20], мағлубияти гуманитарии аҳолии кишварҳои мухолиф, тобеъ намудани шуури ҷамъиятӣ бо истифодаи васеи воситаҳои ахбори омма бурда мешавад[21]. Тавре И. Цибулский қайд мекунад, ҷанги иттилоотӣ шакли таъсиррасонии идеологӣ ва равонӣ буда, бо мақсади ба худ тобеъ намудани шуури ҷамъиятӣ, паҳн намудани итилооти бардурӯғ оид ба роҳбарияти сиёсӣ ва ҳарбии мамлакатҳои мухолиф, ба худ тобеъ намудани шуури аҳолӣ анҷом дода мешавад[22]. Ба андешаи В.Д. Попов, «объекти асосии ҳамлаҳои иттилоотӣ-равониро шуури оммавӣ, ҳолати равонии иҷтимоӣ, ахлоқ ва маънавиёт ташкил медиҳад»[23].

Ба ақидаи як қатор муҳаккиқон, ҷанги сеюми ҷаҳон воқеан ҷанги иттилоотӣ-равонӣ буда, бо истифодаи аслиҳаи иттилоотӣ ва комилан тағйир додани шуури ҷамъиятӣ пеш бурда мешавад[24]. Барои ҳамин, дар

---

[20] Ниг.: Серебрянников В.В. Социология войны. - М.: Научный мир, 1997. - С. 43.

[21] Ниг.: Информационное общество: Информационные войны. Информационное управление. Информационная безопасность / под ред. М.А. Вуса. - СПб.: Изд-во С.-Петербургского университета, 1999. - С. 51.

[22] Ниг.: Цыбульский И. Информационный прессинг: Ему отведена ключевая роль в военной стратегии США // НВО. - 1998. - № 4. - С. 6.

[23] Массовые информационные процессы в современной России: Очерки / отв. ред. А.В. Шевченко.- М.: Изд-во РАГС, 2002. - С. 10.

[24] Ниг.: Лисичкин В.А., Шелепин Л.А. Третья мировая (информационно-психологическая) война. - М.: Институт социально-политических исследований АСН, 1999. - С. 9.

асарҳои илмӣ ба таҳқиқи мафҳум ва намудҳои аслиҳаи иттилоотӣ тавачҷуҳи зиёд зоҳир мешавад.

Аслиҳаи иттилоотӣ воситаи асосии ҷанги иттилоотӣ маҳсуб мешавад. Ба ақидаи олимон, аслиҳаи иттилоотӣ маҷмӯи воситаҳо, усулҳо, технологияҳои техникӣ ва дигар мебошад, ки бо мақсади ворид гардидан ба системаҳои иттилоотии мамлакатҳои мухолиф, тасарруф ё нобуд намудани иттилоот, муқаррар намудани маҳдудияти истифодаи иттилоот, халалдор намудани фаъолияти муътадили технологияҳо ва объектҳои телекоммуникатсионӣ, компютерӣ ва дигар, ки идоракунии давлатиро дар соҳаи ҳарбӣ, тандурустӣ, иқтисодӣ, молиявӣ, саноат ва ғайра таъмин мекунанд, истифода мешавад[25].

Вирусҳои компютерӣ, воситаҳои пахш намудани мубодилаи иттилоотӣ дар шабакаҳои телекоммуникатсионӣ, сохтакории иттилоот дар объектҳои иттилоотии давлатӣ ва дигар ба гурӯҳи аслиҳаи иттилоотии ҳамлаовар дохил карда мешаванд[26]. И.Л. Морозов се намуди аслиҳаи иттилоотиро ҷудо мекунад: 1) воситаҳои сохтакорӣ ва нобуд намудани иттилоот дар системаҳои кибернетикӣ (вирусҳои компютерӣ ва дигар); 2) воситаҳои тасарруфи иттилоот ва ғайриқонунӣ ворид шудан ба систмеаҳои компютерӣ (ҷосусии электронӣ); 3) воситаҳои таъсиррасонии муташаккилона ба ҳолати равонии истифодабарандагони технологияҳои ҷаҳонии кибернетикӣ (шабакаҳои иттилоотӣ)[27].

Аслиҳаи иттилоотӣ бо мақсади ҳамлаҳои киберӣ (иттилоотӣ) васеъ истифода мешавад. Дар натиҷаи ҳамлаҳои киберӣ зарари калони молиявӣ ва иқтисодӣ расонида мешавад. Чунончи, дар натиҷаи ҳамлаи киберӣ ба ширкати TechCrunch Panasonic Canada моҳи феврали соли 2022 иттилооти ширкат ба андозаи зиёда аз 2,8 ГБ (файлҳои дохилӣ, маълумоти электронӣ, ҳуҷҷатҳои шуъбаи кадрҳо ва дигар) тасарруф карда мешавад. Фаъолияти якчанд корхонаҳои ширкати «Мираторг» дар натиҷаи ҳамлаи киберӣ 22-юми марти соли 2022 қатъ мегардад. Маълумоти ҳаётан муҳимми ширкати Nvidia ба андозаи зиёда аз 1 ГБ дар натиҷаи ҳамлаи киберӣ моҳи феврали соли 2022 тасарруф карда мешавад. Ширкати бузурги Toyota Motor Corp ҷараёни истеҳсолотро дар ҳамаи корхонаҳои Япония 1-уми марти соли 2022 дар натиҷаи ҳамлаи киберӣ пурра қатъ мекунад. Тибқи иттилои коршиносон, шумораи ҳамлаҳои киберӣ дар соли 2020 нисбат ба соли 2019 ба андозаи 51% зиёд шуда, 86% ҳамлаҳо ба мақомоти давлатӣ, муассисаҳои тиббӣ, ширкатҳои саноатӣ равона шудааст. Соли 2020 ҳаҷми ҳамлаҳои киберӣ ба соҳаи саноат дар ҷаҳон нисбат ба соли 2019 ба андозаи 91% афзудааст.

---

[25] Ниг.: Смирнов А.И. Российская дипломатия и информационные технологии // Внешнеполитическая информация и современная дипломатия: Сборник лекций и статей преподавателей кафедры массовой коммуникации и связей с общественностью Дипломатическая академия МИД России / под ред. Ю.Б. Кашлева. - М., 2001. - С. 52; Манойло А.В., Петренко А.И., Фролов Д.Б. Государственная информационная политика в условиях информационно-психологической войны: Монография. М.: Горячая линия – Телеком, 2003.

[26] Ниг.: Черешкин Д.С., Смолян Г.Л., Цыгичко В.Н. Реалии информационной войны. //Защита информации.- Конфидент. – 1996. - №4.

[27] Ниг.: Морозов И.Л. Глобальные кибернетические системы как фактор безопасности демократического транзита//http://morozov.vlz.ru/library/bezo.htm.

Воситаҳои иттилоотии таъсиррасонии идеологӣ ва равонӣ дар ибтидо ва миёнаҳои солҳои 1990-ум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади паҳн намудани идеологияи бегона, ки мухолифи шароити маҳаллии таърихӣ, шуури аҳолӣ, афкори ҷомеа, анъанаҳои миллӣ, аз ҷумла анъанаҳои давлатдории миллӣ буд, фаъолона истифода мешаванд. Воситаҳои таъсиррасонии иттилоотӣ дар давраи низои мусаллаҳона дар Тоҷикистон (солҳои 1992-1997) фаъолона истифода мешаванд. Усулҳо, тарзҳо, технологияҳои таъсиррасонии мақсаднок ва муташаккилонаи иттилоотии идеологӣ ва равонӣ дар ҳаёти имрӯза низ васеъ истифода мешаванд. Онҳо бо мақсади таъсиррасонии идеологӣ ва равонӣ ба шуури шаҳрвандони Тоҷикистон, алалхусус, наврасону ҷавонон, тағйир додани афкори ҷомеа, паҳн намудани арзишҳои бегонаи ахлоқӣ-маънавӣ, паҳн намудани идеология экстремистӣ ва террористӣ, халалдор намудани вазъи сиёсии мамлакат истифода мешаванд.

Ҳамин тариқ, ҷанги иттилоотӣ ба амнияти миллӣ хатари ҷиддӣ дорад. Воситаҳо, усулҳо ва технологияҳои ҷанги иттилоотӣ, ки солҳои охир такмил ёфта истодаанд, бо мақсади расонидани зарари ҷиддӣ ба захираҳои миллии иттилоотӣ, инфрасохтори иҷтимоӣ (нақлиёт, алоқа, хизмати тиббӣ, маишӣ ва дигар), объектҳои саноатӣ, экологӣ, энергетикӣ ва дигари ҳаётан муҳим, паҳн намудани иттилооти бардурӯғ, тағйир додани афкори ҷомеа, таъсиррасонии муташаккилонаи идеологӣ ва раовнӣ ба шуури ҷамъиятӣ, тобеъ намудани шуури аҳолӣ ба ҳадафҳо ва манфиатҳои бегона, паҳн намудани арзишҳои ахлоқӣ-маънавии бегона истифода мешаванд.

Ҷанги иттилоотӣ ҳадафҳои ғаразноки фарҳангӣ дорад. Аслиҳаи иттилоотӣ бо мақсади паҳн намудани арзишҳои ахлоқӣ-маънавии бегона фаъолона истифода шуда, ба фарҳанги миллӣ, анъанаҳои миллӣ, осори таърихӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Ҷанги иттилоотӣ ба соҳибихтиёрии давлат, тамомияти арзии мамлакат, иқтидори иқтисодӣ ва ҳарбии давлат, манфиатҳои миллӣ, амнияти иқтисодӣ, иттилоотӣ, экологӣ, шахсӣ, ҷамъиятӣ хатари ҷиддӣ дорад. Ҷанги иттилоотӣ бо мақсади комилан тағйир додани афкори ҷомеа, тобеъ намудани он ба ҳадафҳои ғаразноки хориҷӣ, паҳн намудани иттилооти бардурӯғ оид ба роҳбарияти сиёсии давлат, даъвати шаҳрвандон ё гурӯҳҳои муайяни аҳолӣ ба муборизаи сиёсӣ, ғайриқонунӣ тағйир додани асосҳои сохтори конститутсионӣ, иваз намудани режими сиёсии давлатӣ, халалдор намудани вазъи ҷомеа пеш бурда мешавад.

Барои ҳамин, роҳандозии тадбирҳои муассир дар шароити афзоиши таҳдидҳо ва хатарҳои иттилоотӣ, алалхусус, вусъати муқовимати иттилоотии идеологӣ-равонӣ вазифаи ҳаётан муҳимми давлати Тоҷикистон маҳсуб мешавад. Бо мақсади роҳандозии самараноки сиёсати давлати Тоҷикистон дар соҳаи таъмини амнияти иттилоотӣ як қатор ҳуҷҷатҳои стратегӣ, аз ҷумла Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ барои рушди Тоҷикистон», Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи амалӣ намудани Консепсияи

сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи системаи иттилоотии идоракунии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қабул шудаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоотонӣ», «Дар бораи иттилоот», «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ», «Дар бораи матбуот ва воситаҳои ахбори омма», «Дар бораи имзои рақамии электронӣ», «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот», «Дар бораи иттилооти экологӣ», «Дар бораи амният», «Дар бораи амнияти иттилоотӣ», «Дар бораи сирри тиҷоратӣ», «Дар бораи нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо» ва дигар қабул шудаанд. Бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Низомнома дар бораи ҳисоб ва қайди давлатии захираҳои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомнома дар бораи баҳисобгирӣ ва назорат аз рафти истифодаи захираҳои давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомнома дар бораи ташаккул, истифода ва ҳимояи захираҳои давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомнома дар бораи Шӯрои назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, Низомномаи Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тартиби расонидани нусхаи ҳатмии нашрияҳои кушоди электронӣ, барномаҳои мошинҳои электронӣ-ҳисоббарорӣ, Тартиби ташкил ва ба роҳ мондани Фонди миллии санадҳои меъёрии техникӣ ва ҳуҷҷатҳо дар соҳаи меъёрикунии техникӣ ва дигар тасдиқ шудаанд.

Дар ҷаласаи муштараки вазирони муддофиа ва корҳои хориҷии давлатҳои аъзои ИДМ, ки 15-уми сентябри соли 2021 дар ш. Душанбе доир гардид, Изҳорти муштараки вазирони корҳои хориҷӣ оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти муштарак дар соҳаи таъмини амнияти иттилоотӣ ва мубориза бо терроризми киберӣ (иттилоотӣ) қабул мешавад. Дар Эъломияи Шӯрои амнияти дастаҷамъии Ташкилоти шартномаи амнияти дастаҷамъона, ки 16-уми сентябри соли 2021 дар ш. Душанбе қабул гардид, зарурати таъмини амнияти иттилоотӣ таъкид мегардад. Дар Эъломияи бистсолагии СҲШ (Созмони Ҳамкории Шанхай), ки дар ш. Душанбе 17-уми сентябри соли 2021 қабул гардид, вазифаи таъсиси Маркази амнияти иттилоотӣ гузошта мешавад[28]. Дар Эъломия афзоиши хатарҳои иттилоотӣ, аз ҷумла истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ба мақсадҳои ҷинояткорона зикр гардида, вазифаҳои зерин дар самти амнияти иттилоотӣ муайян карда мешаванд: фаъолияти муштарак баҳри ҳимояи амнияти иттилоотӣ; муқовимат ба раванди истифодаи технологиҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ба мақсадҳои ҳарбӣ; таъмини истифодаи технологияҳои муосир ба мақсади осоишта; ташаккули фазои иттилоотии бехатар, боадолат ва кушод, ки ба принсипи эҳтироми соҳибихтиёрии давлатҳо ва дахолат накардан ба корҳои дохилӣ такя дорад; мусоидат намудан ба пойдории амнияти иттилоотии ҷаҳонӣ; мусодиат намудан ба таҳияи конвенсияи байналмилалӣ оид ба пешгирии

[28] Ниг.: Шарофзода Р.Ш. Деятельность современного государства в условиях усиления информационных вызовов и угроз // Юридическая наука: история и современность. – Санкт-Петербург, 2021. - № 10. - С. 175-188.

истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ба мақсадҳои ҷиноятпеша; танзими шабакаҳои Интернет[29].

**Адабиёт:**


1. Антонович П. Ключевые аспекты информационной войны // Армейский сборник: журнал. — 2014 – Т. 235. - № 1. — С. 26-29.
2. Асосҳои таҳкими истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити таҳдидҳо ва хатарҳои иттилоотӣ. Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 9-уми мари соли 2022). – Душанбе, 2022. – 220 саҳ.
3. Белоножкин В.И., Остапенко Г.А. Информационные аспекты противодействия терроризму. — М.: Горячая линия - Телеком, 2009. — 112 с.
4. Брусницин Н.А. Информационная война и безопасность. - М.: Вита-Пресс, 2001.
5. Векринцев В.Б., Манойло А.В., Петренко А.И., Фролов Д.Б. Операции информационно-психологической войны: краткий энциклопедический словарь-справочник. — 2-е изд., стереотип. — М.: Горячая линия - Телеком, 2011. — 495 с.
6. Власенко И.С., Кирьянов М.В. Информационная война: искажение реальности. — М.: ИД «Канцлер», 2011. — 196 с.
7. Волковский Н. Л. История информационных войн: Т. 1 (с древнейших времён по XIX век); Т. 2 (XX век) / под ред. И. Петрова. — СПб.: Полигон, 2003. — Т. 2 – 736 с.
8. Воронцова Л.В., Фролов Д.Б. История и современность информационного противоборства. — М.: Горячая линия - Телеком, 2006. — 192 с.
9. Головин И. Информационная война // Мир безопасности. - 1998. - № 8–9 (60). - С. 74-81.
10. Гриняев С. Концепция ведения информационной войны в некоторых странах мира // Зарубежное военное обозрение. – № 2. – 2002. – С. 54-63.
11. Гриняев С.Н. Война в четвертой сфере // НВО. - 2000. - № 42. – С. 24-21.
12. Гриняев С.Н. Поле битвы — киберпространство: Теория, приёмы, средства, методы и системы ведения информационной войны. — Мн.: Харвест, 2004. — 448 с.
13. Губарев А.Б. Информационные войны как объект политологического анализа: дис…канд. политических наук. – Уссирийск, 2005. – 189 с.
14. Емельянов Г.В., Стрельцов А.А. Информационная безопасность России. Основные понятия и определения: учебное пособие / под общ. ред. проф. А. Прохожева. - М.: РАГС, 1999.


[29] Эъломияи бистсолагии СҲШ аз 17 сентябри соли 2021: [захираи электронӣ]: реҷаи дастрасӣ: http://kremlin.ru/supplement/5699 (санаи муроҷиат 10.10.2021).

15. Жуков В. Взгляды военного руководства США на ведение информационной войны // Зарубежное военное обозрение. - 2001. - № 1. - С. 2–9.

16. Информационное общество: Информационные войны. Информационное управление. Информационная безопасность / под ред. М.А. Вуса. - СПб.: Изд-во С.-Петербургского университета, 1999.

17. Калиновский О.Н. «Информационная война» – это война? // Военная мысль. -2000. – №1. – С. 76-84.

18. Комов С.А. Информационная борьба в современной войне: вопросы теории // Военная мысль. - 1996. - № 3. - С. 67-79.

19. Коровин В.В. История отечественных органов безопасности. - М.: Издательская группа НОРМА-ИНФРА, 1998. - С. 99-103.

20. Костин Н.А. Общие основы теории информационной борьбы // Военная мысль. - 1997. - № 3. - С. 44–50.

21. Лисичкин В.А., Шелепин Л.А. Третья мировая (информационно-психологическая) война. - М.: Институт социально-политических исследований АСН, 1999.

22. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи: «Инкишофи низоми давлатию ҳуқуқии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар шароити хатарҳо ва таҳдидҳои нави глобалӣ (ш. Душанбе, 16 майи соли 2019) – Душанбе: Сино, 2019. – 124 саҳ.

23. Манойло А.В., Петренко А.И., Фролов Д.Б. Государственная информационная политика в условиях информационно-психологической войны: Монография. М.: Горячая линия – Телеком, 2003.

24. Манойло А.В., Петренко А.И., Фролов Д.Б. Государственная информационная политика в условиях информационно-психологической войны. — 3-е изд. — М.: Горячая линия - Телеком, 2012. — 542 с.

25. Маркоменко В. Информационное общество и проблемы его безопасности // Федерализм. - 1997. - № 4. – С. 12-14.

26. Массовые информационные процессы в современной России: Очерки / отв. ред. А.В. Шевченко.- М.: Изд-во РАГС, 2002.

27. Миронова Т.Л. Как из нас делают быдло (о технологии информационного террора). — М.: Изд-во «Люберецкая газета», 2000. — 48 с.

28. Морозов И.Л. Глобальные кибернетические системы как фактор безопасности демократического транзита [захираи электронӣ]: реҷаи дастрасӣ: http://morozov.vlz.ru/library.bezo.htm (санаи муроҷиат 7.06.20220.

29. Мухин А.А. Информационная война в России. — Изд-во Центр политической информации, «ГНОМ и Д», 2000. — 256 с.

30. Мюллер В.К. Англо-русский словарь. - М.: Алькор+, 1991.

31. Новиков В.К. Информационное оружие - оружие современных и будущих войн. — 2-е изд., испр. — М.: Горячая линия - Телеком, 2013. — 264 с.

32. Остапенко Г.А. Информационные операции и атаки в социотехнических системах. — М.: Горячая линия - Телеком, 2007. — 134 с.

33. Панарин И.Н. Информационная война и дипломатия. — М.: Издательство «Городец», 2004. — 528 с.

34. Панарин И.Н. Информационная война, PR и мировая политика. — М.: Горячая линия - Телеком, 2006. — 264 с.

35. Панарин И.Н. Технология информационной войны. — М.: Издательство «КСП+», 2003. — 320 с.

36. Панарин И.Н., Панарина Л. Информационная война и мир. — М.: Издательство «Олма-Пресс», 2003. — 384 с.

37. Переход США к информационной войне // Информация об экономическом, научно-техническом и военном потенциале государств-участников СНГ и технических средствах его выявления. Ежемесячный информационный бюллетень. - М.: РАН и МНТ РФ, 2000. - № 1. - С. 17-23.

38. Пирумов В.С., Родионов М.А. Некоторые аспекты информационной борьбы в военных конфликтах // Военная мысль. - 1997. - № 5. - С. 44–47.

39. Почепцов Г.Г. Информационные войны. - М.: Рефл-бук, К.: Ваклер, 2000.

40. Почепцов Г.Г. Информационно-психологическая война. - М.: СИНТЕГ, 2000.

41. Почепцов Г.Г. Информационные войны. Новый инструмент политики. — М.: Алгоритм, 2015. — 256 с.

42. Почепцов Г.Г. Информационные войны. Основы военно-коммуникативных исследований. — М., К.: «Рефл-бук», «Ваклер», 2000. — 576 с.

43. Прокофьев В.Ф. Тайное оружие информационной войны: атака на подсознание. — 2-е изд., расшир. и дораб.. — М.: СИНТЕГ, 2003. — 408 с.

44. Расторгуев С. П. Информационная война. — М.: Радио и связь, 1999. — 416 с.

45. Расторгуев С.П. Информационная война. - М.: Радио и связь, 1998.

46. Сативалдыев Р.Ш. Актуальные направления функциональной деятельности современного государства на фоне глобальных вызовов и угроз // Вестник ТНУ. - 2018. - № 2/7. - С. 88-96.

47. Сативалдыев Р.Ш. Деятельность государства в сфере обеспечения информационной безопасности // Вестник Таджикского национального университета. - 2017. - №2/10. - С.174-182

48. Сативалдыев Р.Ш. Противодействие информационной войне как актуальная задача правоохранительных органов // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. - 2017. - № 4(36). - С. 73-83.

49. Сативалдыев Р.Ш. Противодействие информационной войне как предметное содержание информационной функции государства // Правовая жизнь. - Душанбе, 2017. - № 1 (17). - С. 5-29.

50. Сотиволдиев Р.Ш. Ҳимояи амнияти иттилоотӣ дар шароити вусъати ҷанги иттилоотӣ // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи: «Инкишофи низоми давлатию ҳуқуқии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар шароити хатарҳо ва таҳдидҳои нави глобалӣ (ш. Душанбе, 16 майи соли 2019). – Душанбе: Сино, 2019. – С. 7-12.

51. Сергеев И.В. Дженнифер Псаки – инструмент информационного противоборства //Евразийский союз ученых. - №6(27), 2016. – С. 92 – 93. Токаренко А.В., Суржик Д. В.В стремительном пике информационной войны // Пространство и Время. – 2014. - № 3 (12). – С. 34-47.

52. Сергеев И.В. Информационно-психологическая война как форма эскалации межгосударственных конфликтов // Информационные войны. - №2(34), 2015. – С. 38 – 41.

53. Сергеев И.В. Социальные сети в Интернете как средство реализации операций информационно-психологической войны // Международный научно-исследовательский журнал. - №9(40), 2015. – С. 101 – 104.

54. Серебрянников В.В. Социология войны. - М.: Научный мир, 1997.

55. Смирнов А.И. Российская дипломатия и информационные технологии // Внешнеполитическая информация и современная дипломатия: Сборник лекций и статей преподавателей кафедры массовой коммуникации и связей с общественностью Дипломатическая академия МИД России / под ред. Ю.Б. Кашлева. - М., 2001. - С. 47-56.

56. Социология и политология. — М.: Издательство Московского государственного университета, 2005. — № 1. — С. 144-159.

57. Уоткин, К.У. Комбатанты, «непривилегированные воюющие» и конфликты XXI века. Материал для неформальной встречи экспертов на высшем уровне, посвященной теме «Подтверждение и развитие международного гуманитарного права». - Кембридж, 27-29 июня 2003 г. [захираи электронӣ]: речаи дастрасӣ: http://www.sk-news.ru/mgp/doc/doc_07_05.doc 8 (санаи мурочиат 7.06.20220.

58. Фёдоров А. В. Трансформации образа России на западном экране: от эпохи идеологической конфронтации (1946–1991) до современного этапа (1992–2010). — М.: МОО "Информация для всех", 2010. — 202 с.

59. Фролов Д. Б. Информационная война: эволюция форм, средств и методов // Социология власти. — М.: РАНХиГС при Президенте РФ, 2005. — № 5. — С. 121-146.

60. Халидов Д.Ш. Информационная война в России: горькие плоды западничества // Научно-аналитический журнал Обозреватель — Observer. — М.: Институт диаспоры и интеграции (Институт стран СНГ), 2011. — Т. 259. - № 8. — С. 14-25.

61. Цыбульский И. Информационный прессинг: Ему отведена ключевая роль в военной стратегии США // НВО. - 1998. - № 4. - С. 3-9.

62. Цымбал В.И. О концепции информационной войны // Информационный сборник «Безопасность». -. 1995. -№ 9. - С. 29-37.

63. Черч У. Информационная война // Международный журнал Красного Креста: сб. ст. – 2000. – С. 49–61.

64. Чергинец Н.И. Государственная политика в области информационной безопасности: состояние и перспективы развития. Национальная безопасность: управленческие и информационные технологии обеспечения. - Минск, 2000.

65. Черешкин Д.С., Смолян Г.Л., Цыгичко В.Н. Реалии информационной войны. //Защита информации.- Конфидент. – 1996. - №4. – С. 12-19.

66. Шарофзода Р.Ш. Ҳифзи амнияти иттилоотӣ – вазифаи мубрами давлати Тоҷикистон // Асосҳои таҳкими истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити таҳдидҳо ва хатарҳои иттилоотӣ. Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 9-уми мари соли 2022). – Душанбе, 2022. – С. 5-18.

67. Шарофзода Р.Ш. Деятельность современного государства в условиях усиления информационных вызовов и угроз // Юридическая наука: история и современность. – Санкт-Петербург, 2021. - № 10. - С. 175-188.

68. Шарофзода Р.Ш. Таъмини амнияти иттилоотӣ // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «5500-солагии Саразми бостонӣ», «700-солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)» Ҷилди II. – Душанбе, 2020. – С. 192-193.

69. Шатило Я.С. Информационная война третьего поколения // Информационная безопасность регионов. — Саратов: СГСЭУ, 2009. — № 1. — С. 42-45.

70. Шатило Я.С., Шорин И.Ю. Информационная война и трансгенные продукты // Информационная безопасность регионов. — Саратов: СГСЭУ, 2008. — № 2. — С. 22-28.

71. Шушков Г.М., Сергеев И.В. Концептуальные основы информационной безопасности Российской Федерации // Актуальные вопросы научной и научно-педагогической деятельности молодых ученых: сборник научных трудов III Всероссийской заочной научно-практической конференции (23.11.2015 – 30.12.2015 г., Москва) / под общ. ред. Е.А. Певцовой; редколл.: Е.А. Куренкова и др. – М.: ИИУ МГОУ, 2016. – С. 69 – 76.

72. Эъломияи бистсолагии СҲШ аз 17 сентябри соли 2021: [захираи электронӣ]: реҷаи дастрасӣ: http://kremlin.ru/supplement/5699 (санаи муроҷиат 10.10.2021).

# УНСУРҲОИ АСОСИИ ТЕХНИКАИ ҲУҚУҚӢ

**Холиқзода А.Ғ.,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел.:** (+992) 93-802-05-68
**E-mail:** halim2006@yandex.ru

**Ҷамшедзода К.Ҷ.,**
аспиранти кафедари ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел:** (+992)907002207
**E-mail:**jamshedzodakomron@gmail.com

**Фишурда:** Техникаи ҳуқуқӣ дар ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ, на фақат хусусияти техникӣ, балки дорои мазмуни иҷтимоию иқтисодӣ низ мебошад. Устуворгардонии давлатдории миллӣ, таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, техникаи ҳуқуқӣ на танҳо ба фаъолияти ҳуқуқшиносӣ алоқаманд мебошад, балки асоси ҳуқуқшиносӣ мебошад. Техникаи ҳуқуқӣ-маҷмӯи қоидаву усулҳои оид ба омодасозӣ, тавсия ва нашри қонунҳо, қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ метавонанд ба сифати меъёрӣ-анъанавӣ, ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи техникаи қонунгузорӣ ва техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ риоя шаванд. Техникаи ҳуқуқӣ на танҳо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, балки санадҳои фардӣ, қоидаҳои таҳияи санадҳои судӣ ва шартномаҳоро низ фаро мегирад, техникаи ҳуқуқӣ ҷузъи муҳими технологияи ҳуқуқӣ мебошад, техникаи қонунгузорӣ маҷмӯи восита ва усулҳои таҳия, қабул, мавриди амал қарор додан ва мураттабсозии санадҳои қонунгузорӣ, техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ маҷмӯи восита ва усулҳои таҳия, қабул ва мавриди амал қарор додани санади меъёрии ҳуқуқӣ, намудҳои техникаи ҳуқуқӣ техникаи қонунгузорӣ, техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ, техникаи мураттабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, техникаи шарҳ ва техникаи татбиқи ҳуқуқ, техникаи ҳуқуқэҷодкунии зерқонуниро техникаи санадҳои судӣ, техникаи санадҳои прокурорӣ ва ғайра ташкил медиҳад. Восита ва усулҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ, қонунгузорӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ ва техникаи тафсири санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва фаъолияти ҳуқуқӣ бо механизми амалигардонии он пайваст мебошад.

**Калидвожаҳо:** Техникаи ҳуқуқӣ, техникаи қонунгузорӣ, техникаи ҳукуқэҷодкунӣ, технологияи ҳуқуқӣ, фаъолияти қонунгузорӣ, мураттабсозӣ, тафсир, боздошт ва қатъи амали санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ.

# ОСНОВНЫЕ ЭЛЕМЕНТЫ ЮРИДИЧЕСКОЙ ТЕХНИКИ

**Холиқзода А.Ғ.,**
доктор юридических наук, профессор кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета
**Тел.:** (+992) 93-802-05-68
**E-mail:** halim2006@yandex.ru

**Джамшедзода К.Д.,**
аспирант кафедры прав человека и сравнительного правоведения
юридического факультета
Таджикского национального университета
**Тел:** (+992)907002207
**E-mail:**jamshedzodakomron@gmail.com

**Аннотация:** Юридическая техника в процессе законотворчества имеет не только техническое, но и социально-экономическое содержание, стабилизация национальной государственности, разработка проектов нормативных правовых актов. Юридическая техника - это не только юридическая и юридическая деятельность, но и правовая деятельность, правила и методы подготовки, рекомендации и опубликования законов, правила юридической техники можно рассматривать как нормативно-традиционные, как составную часть законодательной и правовой техники, юридические техники представляют собой не только нормативные правовые акты, но и правовые акты и подзаконные акты. Юридическая техника является важным компонентом юридической технологии, законодательная техника представляет собой совокупность средств и методов разработки, принятия, реализации и составления законодательных актов, юридическая техника, совокупность средств и методов разработки. юридическая техника. Законодательные приемы, законодательные приемы, приемы составления нормативных правовых актов, интерпретационные приемы и приемы правоприменения, подзаконодательные приемы, приемы судебных актов, приемы прокурорских действий. Законодательные приемы, законодательные и иные средства и правовая деятельность связано с механизмом его реализации.

**Ключевые слова**: юридическая техника, законодательная техника, юридическая техника, юридическая технология, законотворческая деятельность, составление, толкование, приостановление и прекращение действия нормативных правовых актов.

# BASIC ELEMENTS OF LEGAL TECHNIQUE

**Kholikzoda A.G.,**
Doctor of Juridical Sciences, Professor of the Department of Human Rights and Comparative Law of the Law Faculty of the Tajik National University
**Phone.:** (+992) 93-802-05-68
**E-mail:** halim2006@yandex.ru

**Jamshedzoda K.J.,**
applicant of the Department of human rights and comparative law of the Law Faculty of the Tajik National University
**Тел:** (+992)907002207
**E-mail:**jamshedzodakomron@gmail.com

**Annotation**: Legal technique in the process of law-making, legal technique has not only technical but also socio-economic content, stabilization of national statehood, development of drafts of normative legal acts, legal technique is not only legal and legal activity, but also legal and legal activity. rules and methods for the preparation, recommendation and publication of laws, rules of legal technique can be observed as a normative-traditional, as an integral part of legislative and legal techniques, legal techniques are not only normative legal acts, but also legal acts and regulations. The legal technique is an important component of legal technology, the legislative technique is a set of tools and methods of development, adoption, implementation and compilation of legislative acts, legal techniques, a set of tools and methods of development. legal technique Legislative techniques, legislative techniques, techniques of drafting normative legal acts, interpretive techniques and techniques of law enforcement, sub-legislative techniques, techniques of judicial acts, techniques of prosecutorial acts, legislative techniques, legislative techniques, legislative and other means. and legal activity is linked to the mechanism of its implementation.

**Keywords:** legal technique, legislative technique, legal technique, legal technology, legislative activity, drafting, interpretation, arrest and termination of normative legal acts.

Татбиқ намудани техникаи ҳуқуқӣ дар чараёни ҳуқуқэчодкунӣ, гувоҳи он мебошад, ки давлат дар самаранок ва мураттаб гардонии қонунгузорӣ манфиатдор буда, инкишофи чомеа, рушди соҳаҳои ичтимоию иқтисодии чамъият, устуворгардонии давлатдории миллӣ яке аз мақсадҳои он мебошад. Зеро то кадом сатҳу дарача ҳуқуқбунёд будани давлат аз сатҳу

сифати қонунҳои он вобаста аст[30]. Раҳимов М.З. қайд менамояд сифати қонун гуфта, маҷмӯи хусусиятҳои хоси ба қонун дахл доштаро меноманд, ки дар сурати дар матни он пурра ҷой доштани ҳамаи он хусусиятҳо кафолати амалӣ шудани қонун таъмин мегардад[31]. Ба ақидаи мутахассис розӣ шуда тазаккур бояд дод, ки қонун ҳамчун ҳуҷҷати ҳуқуқӣ, бояд дорои мазмуни бой ва аз лиҳози забонӣ саҳеҳ ва дар матни он қоидаҳои граматикӣ, услубӣ ва луғавӣ риоя шуда бошанд. С.В. Поленина қайд менамояд, ки вазъи иҷтимоии сифати қонун ду ҳолатро дар бар мегирад: аввал дараҷаи дар қонун ифодаёбии равандҳое, ки дар ҷамъият вуҷуд доранд, сониян пешгӯии роҳҳои инкишофи ин муносибатҳо дар ҷамъият[32]. Маҳз ҳангоми босифат будани қонунгузории амалкунанда, давлат метавонад ба мақсадҳои зикршуда бирасад ва бо дастовардҳои калон дар соҳаи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ноил гардад. Бинобар ин техникаи ҳуқуқӣ на фақат хусусияти техникӣ, балки дорои мазмуни иҷтимоию иқтисодӣ низ мебошад.

Дар илми ҳуқуқшиносӣ, қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ ин талабот оид ба истифодаи усулҳо ва воситаҳо дар ҷараёни нашри санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад[33]. Қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ метавонанд ба сифати меъёрӣ-анъанавӣ, ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи техникаи қонунгузорӣ ва техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ риоя шаванд ва баромад кунанд[34].

Риояи қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ дар давраи омодасозии лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Аз риояи қоидаҳо, усулҳо, воситаҳои техникаи ҳуқуқӣ дар ин марҳилаи таҳияи лоиҳаи қонун сифати қонун ва мувофиқан сифати дигар санадҳои дар асоси он қабулшаванда вобастагии зич дорад. Аз ин лиҳоз, дар адабиётҳо ба қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ диққати калон дода мешавад. Ҳуқуқшинос А.С. Пиголкин талаботҳои зеринро вобаста ба техникаи ҳуқуқӣ омодасозии лоиҳаи санади меъёрӣ муқаррар менамояд: пайдарҳамии мантиқии баён, робитаи мутақобилаи баён, алоқамандии дастурҳои меъёрие, ки дар санади меъёрӣ ҷой дода шудаанд; набудани мухолифат дар санади меъёрии соҳаи қонунгузорӣ; тарзи максималии баёни меъёр, ҳуқуқ ва инъикоси ҳаматарафии мазмуни он; саҳеҳи ва фаҳмо будани тасвияҳо ва истилоҳоти дар қонунгузорӣ истифодашаванда; то ҳадди ақал кам кардани миқдори санадҳо оид ба як масъала ба хотири назарандозии дурусти маводи меъёрӣ, сабуксозии истифодаи он ва мукаммалсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ[35].

---

[30] Эмомалӣ Раҳмон - Кафили истиқлолияти миллӣ ва пойдории давлат// Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати 15-умин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон// Садои мардум, 9 ноябри соли 2009 №128 (2504).

[31] Раҳимов М. З. таҷассуми ҳуқуқ дар дарки ҷавҳари он аст. Дар коргоҳи қонун –Душанбе, 2005, С.170-171.

[32] Поленина С. В. Качество закона и эффективность законодательства. – М, 1993. С-8.

[33] Кашанина Т. В. Юридическая техника – М. 2008. С 79.

[34] Мусаткина А.А. Правотворчество и законодательство // Теория государства и права: учебник /коллектив авторов; отв. ред.А.В. Малько.- 4-е изд., стер.- М.:КНОРУС, 2012.-С. 185.

[35] Теория государства и права: учебник / под ред. А.С. Пиголкина, Ю.А. Дмитриева. - С. 435 - 436.

Зери мафҳуми техникаи ҳуқуқӣ мутахассис Т.В. Кашанина ин – маҷмӯӣ воситаҳои анҷом додаи кори ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафтаро мефаҳмад[36]. Р.Ш. Сотиволдиев дар ин хусус, техникаи ҳуқуқӣ маҷмӯи восита ва қоидаҳои таҳия намудан, шакл бахшидан, интишор, мураттабсозӣ, қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар назар дорад[37]. Ба ақидаи мутахассисон розӣ шудан, ба мақсад мувофиқ аст, зеро техникаи ҳуқуқӣ маҷмӯи воситаҳо ва усулҳои тамоми фаъолияти ҳуқуқӣ, аз ҷумла восита ва усулҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ, қонунгузорӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ ва техникаи тафсири санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар бар мегирад, ки фаъолияти ҳуқуқӣ бо механизми амалигардонӣ пайваст бошад. Механизмҳои фаъолияти ҳуқуқӣ аз маҷмуи воситаҳои ҳуқуқӣ иборат аст. Воситаи фаъолияти ҳуқуқӣ метавонад характери техникиро гирад. Аз ин лиҳоз, фаъолияти ҳуқуқӣ, хоҳ фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бошад хоҳ мураттабсозӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ ва ҳуқуқҳифзкунӣ дорои восита ва усули амалигардонӣ ба худ хос мебошад, ки дар маҷмуъ техникаи ҳуқуқиро дар бар мегиранд.

Техникаи ҳуқуқӣ дар замони муосир ба маъноҳои васеъ фаҳмида мешаванд, ки ба номуайянии истилоҳот оварда мерасонад. Ба ҳамин маъно истилоҳоти техникаи хуқуқӣ дар назари аввал чунин менамояд, ки дар ин истилоҳот ягон баҳс вуҷуд надорад. Аммо таҳлилҳо нишон дод, ки мафҳуми техникаи ҳуқуқӣ ва техникаи қонунгузорӣ ҳолати баҳснокеро ба миён меорад, ки боиси тафсироти духӯрагӣ мегардад. Номуайянии мафҳуми техникаи ҳуқуқӣ пеш аз ҳама бо ду нуқтаи асосӣ, ки мафҳуми қонун ва техникаро ташкил медиҳад, вобаста аст. Мафхуми техникаи ҳуқуқӣ, ки дар заминаи калимаи техникаи ҳуқуқшиносӣ ташакул ёфтааст. Дар ин ҳолат калимаи ҳуқуқӣ ҳамчун муродифи калимаи ҳуқуқшиносӣ амал мекунад, зеро техникаи ҳуқуқӣ ҳамчун маҷмуи қоидаҳо оид ба таҳияи тафсири мунтазам ва татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амал мекунад, яъне он тамоми маҷмӯи мушкилоти ҳуқуқии давлатро нисбат ба соҳаи ҳуқуқи зикршуда фаро мегирад.

Техникаи ҳуқуқӣ на танҳо ба фаъолияти ҳуқуқшиносӣ алоқаманд мебошад, балки асоси ҳуқуқшиносӣ мебошад ва ҳамчун методологияи асосии он фаҳмида мешавад. Фаъолияти ҳуқуқӣ дар фаҳмиши васеъ ин воситаи таъминкунандаи сарчашмаи ҳуқуқӣ дар ҷомеа мебошад.

Калимаи «техника» то чӣ андоза зарур аст, ки як калимаи ҳуқуқӣ дар таҳияи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои мураттабсозӣ ва татбиқи он дар назар дошта бошад. Аммо дар луғатномаҳои ҳуқуқӣ мафҳумҳои гуногуни техника пешбинӣ гардидааст, ба тафсири гуногуни ин калимаи «техника» наменигарем, зеро дар дарки фалсафии ин истилоҳот тавақуф мекунем, он ба суди иҷтимоии мувофиқат мекунад ва функсия танҳо бо механикаи ин мафҳум маҳдуд намешавад. Дар луғати энсиклопедии фалсафӣ чунин қайд карда шудааст. Техника (аз калимаи юнонӣ техно – сарчашма гирифта бо маънии санъат ва маҳорат, ки низоми санъати фаъолияти мақомоти давлати ва ҷамъияти, ки тавасути раванди

[36] Кашанина Т. В. Юридическая техника – М. 2008. С 80.

[37] Сотиволдиев Р. Ш. Назарияи ҳуқуқ ва давлат – Душанбе, 2008. С-391.

таърихӣ дар табиат, таҷриба ва донишҳои тавассути шинохт рушд мекунад ва истифодаи қувваҳо ва қонунҳои табиат) фаҳмида мешавад[38].

Техника чунин соҳаҳои функсионалӣ, ба монанди техникаи истеҳсолӣ, ҳарбӣ, тиббӣ, алоқа, техникаи тадқиқоти илмӣ, ҷараёни илмӣ, ҷараёни таълим, идоракунӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

Калимаи «техника» мутобиқ ба категорияи «техникаи ҳуқуқӣ» маънои махсус дорад. Дар ин ҳолат калимаи «техника» ҳамчун маҳорати ҳуқуқӣ, малака дар фаъолияти қонунгузорӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ, мураттабсозӣ, тафсиру шарҳу татбиқи қонун маънидод карда мешавад. Иеринг Р. аз ҷумла қайд мекунад, ки зери ибораи «техника» санъати ҳуқуқиеро мефаҳмад, ки вазифаи он аз такмили расмии маводи ҳуқуқӣ ва усули техникӣ иборат мебошад[39]. Таҳлилҳо нишон дод, ки «техника» ҳангоми пайвандшавӣ ба калимаи «ҳуқуқӣ» ҷанбаҳои гуногун, аз ҷумла– ҳуқуқэҷодкунӣ, қонунгузорӣ, шарҳи ҳуқуқ, татбиқи ҳуқуқ, мураттабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

Тавзеҳи дигари мафҳуми «техникаи ҳуқуқӣ»-ро А.Б. Венгров пешниҳод мекунад: «Техникаи ҳуқуқӣ-маҷмӯи қоидаву усулҳои оид ба омодасозӣ, тавсия ва нашри қонунҳо мебошад»[40]. Бояд қайд кард, ки якмаъноии мафҳумҳои «техникаи ҳуқуқӣ» ва «техникаи қонунгузорӣ» дар назарияи ҳуқуқи давраи шӯравӣ ташаккул ёфтааст. Дар он давра дар доираи доктринаи шӯравӣ афзалиятро, тавре таҳлилҳо нишон дод, масъалаҳои техникаи қонунгузории шӯравӣ доро буданд. Масалан мафҳуми «техникаи қонунгузорӣ» ҳамчун «маҷмӯи тарзу усули омодасозӣ ва нашри санадҳои меъёрӣ бо шакл ва таркиби мукаммал» муайян карда шудааст.

Бо кӯшиши як қатор ҳуқуқшиносони шӯравӣ дуршавӣ аз фаҳмиши ибораҳои «техникаи ҳуқуқӣ» ва «техникаи қонунгузорӣ» ба сифати мафҳумҳои муродиф оғоз ёфт. Аз ҷумла С.С. Алексеев таърифи «Техникаи ҳуқуқӣ»-ро ҳамчун маҷмӯи воситаҳо ва усулҳои мувофиқи қоидаҳои қабулшуда оид ба коркард ва мураттабсозии санадҳои ҳуқуқӣ (меъёрӣ), ки барои таъмини камолоти онҳо истифода мешаванд, муқаррар намудааст[41]. Ифодаи мухтасари С.С. Алексеев оид ба мафҳуми «Техникаи ҳуқуқӣ» ба шакли зоҳирии ҳуқуқ, дар навбати аввал ба шакли санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дахл дорад.

Т.В. Кашанина техникаи ҳуқуқиро ба се шакл ҷудо кардааст: а) воситаю усулҳои ғайримоддии характери техникӣ дошта; б) қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ, ки дар меъёрҳои техникӣ-ҳуқуқӣ ифода ёфтаанд; в) таҷассум ёфтани техникаи ҳуқуқӣ дар санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ ҳамчун шакли зоҳирии ҳуқуқ[42].

---

[38]. Ковалев С.М. Философский энциклопедический словарь / гл. редакция: Л.Ф. Ильичев, Н.Н. Федосеев, В.Г.Панов. - М.: Советская энциклопедия, 1983. - С. 682.
[39] Иеринг Р. Юридическая техника / сост. А.В. Поляков. - М., 2008. - С. 34.
[40] Венгеров А.Б. Теория государства и права: учебник. - 9-е изд., стер. - М.: Изд-во «Омега-Л», 2013. - С. 493.
[41] Алексеев С.С. Право: азбука - теория - философия: Опыт комплексного исследования. - М. Статут, 1999. - С. 143.
[42] Кашанина Т. В. Юридическая техника – М. 2008. С 82.

Ба андешаи С.С. Алексеев аз рӯи намуд санадҳои ҳуқуқии техникаи ҳуқуқӣ тақсим мешавад: 1) қонунгузорӣ ва ҳуқуқэҷодкунӣ; 2) техникаи санадҳои фардӣ-индивидуалӣ.

С.С. Алексеев воситаҳои техникӣ-ҳуқуқиро аз рӯи мазмун ва усулҳо ба ду гурӯҳи сифатан гуногун тақсим намудааст: аввал, воситаҳо ва усулҳое, ки иродаву усули баёни меъёрҳои иродаи қонунгузор (ё иродаи субъекти санади фардӣ)-ро баён мекунад, гурӯҳи дуюм бошад, танҳо ба намуди зоҳирии он ҳамчун санади ҳуқуқӣ дахл дорад[43].

Тавре Г.И. Муромсев таъкид мекунад «мушкилот дар замони шӯравӣ оид ба шарҳи нопурраи мафҳуми техникаи ҳуқуқӣ буд, дар он замон танҳо ба техникаи қонунгузорӣ шабоҳат дода мешуд. Вазъи имрӯза тавъамшавии муносибатҳои пешинаро тариқи васеъкунии мундариҷаи нави мафҳуми техникаи ҳуқуқӣ дар назар дорад. Ин тамоюл сабаби шарҳи гуногуни ин мафҳумҳо мебошад»[44].

Ба ибораи В.Д. Перевалов «Техникаи ҳуқуқӣ - маҷмӯи қоидаҳо, воситаҳо ва усулҳои коркард, барасмиятдарорӣ ва мураттабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад»[45]. С.С. Алексеев таърифи зерин медиҳад, «Техникаи ҳуқуқӣ-маҷмӯи воситаҳо, усулҳои таҳия, барасмиятдарорӣ, нашр ва мураттабсозии қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки мукаммалӣ ва самаранокии онҳоро таъмин месозад»[46]. Ба андешаи мутахасиссон розӣ шуда роҷеъ ба ин масъала тазаккур дод, ки техникаи ҳуқуқӣ на танҳо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, балки санадҳои фардӣ, қоидаҳои таҳияи санадҳои судӣ ва шартномаҳоро низ фаро мегирад.

Муаллифон дар бисёр ҳолат мафҳуми «техникаи ҳуқуқӣ»-ро тавассути категорияи «санади ҳуқуқӣ» маънидод мекунанд. А.А. Мусаткина техникаи ҳуқуқиро системаи «воситаҳо, қоидаҳо ва усулҳои тайёрӣ ва танзими санадҳои ҳуқуқие, ки ба мақсади таъмини камолот ва афзоиши самаранокӣ нигаронида шудааст меҳисобад[47]». Чунин таърифи техникаи ҳуқуқиро низ О.А. Пучков[48], Н.И. Матузова А.Б. Малко[49] баён намудаанд.

В.К. Бабаев техникаи ҳуқуқиро маҷмӯи воситаҳои ба худ хос, қоида ва усулҳои муносиби танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ маънидод мекунад[50]. Дар баробари ин, ин мафҳум техникаи қонунгузорӣ ва техникаи татбиқи ҳуқуқро дар бар мегирад. А.Ф. Черкасов техникаи ҳуқуқиро ҳамчун маҷмӯи қоидаҳо, усулҳо ва воситаҳои омодасозӣ, таҳия, барасмиятдарории

[43] Алексеев С.С. Право: азбука - теория - философия: Опыт комплексного исследования. - М.: Статут, 1999. С. 273

[44] Муромцев Г.И. Юридическая техника: Некоторые теоретические аспекты // Правоведение. - 2000. - № 1. - С. 9.

[45] Перевалов В.Д. Теория государства и права: учебник. - М.: Высшее образование, 2005. - С. 186.

[46] Алексеев С.С. Право: азбука - теория - философия. - С. 106.

[47]Мусаткина А.А. Правотворчество и законодательство // Теория государства и права: учебник / коллектив авторов; отв. ред. А.В. Малько. - 4-е изд., стер. - М.: КНОРУС, 2012. - С. 190.

[48] Пучков О.А. Правотворчество // Теория государства и права: учебник для вузов / отв. ред. В.Д. Перевалов. - 3-е изд., прераб. и доп. - М.: Норма, 2006. - С. 204.

[49] Матузов Н.И., Малько А.В. Теория государства и права: учебник. - М.: Юристъ, 2009. - С. 310. 68

[50] Бабаев В.К. Правовая система общества // Общая теория права: курс лекций / под ред. В.К. Бабаева. - Н. Новгород, 1993. - С. 100.

ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ, мураттабсозӣ ва бахисобгирӣ маънидод мекунад[51]. Тибқи хулосаи Т.В. Кашанина техникаи ҳуқуқӣ қоидаи пешбурди фаъолияти ҳуқуқӣ ва дар ҷараёни он тартиб додани ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад[52]. Л.А. Морозова техникаи ҳуқуқиро ҳамчун маҷмӯи қоидаҳо, усулҳо, воситаҳои ба худ хоси тайёрӣ, барасмиятдарорӣ, нашр ва мураттабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои дигари ҳуқуқӣ меҳисобад[53]. Ба андешаи мутахассисон қисман розӣ шуда, дар асоси таҳилҳои гузаронидашуда пешниҳод мегардад, ки техникаи ҳуқуқӣ асоси ҳуқуқшиносӣ буда, қоидаҳои техникаи қонунгузорӣ техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳуқуқистифодабарӣ, ҳуқуқфаҳмондадиҳӣ, системакунонии ҳуқуқ, мониторинги ҳуқуқ ва доктринаи ҳуқуқро дар бар мегирад.

Дар натиҷаи таҳқиқи бештари техникаи ҳуқуқӣ доираи инъикоси он фарохтар мешавад. Дар доираи чунин муносибат техникаи ҳуқуқӣ акнун танҳо бо соҳаи эҷоди қонун ва татбиқи он маҳдуд намешавад. Ба андешаи М.Л. Давидова техникаи ҳуқуқӣ низоми воситаҳо, ки ҳангоми тартиб додани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва амалисозии дигар фаъолияти ҳуқуқӣ истифода мешавад, ба ҳисоб меравад[54]. Ба андешаи мутахассис розӣ шуда тазаккур бояд дод, ки техникаи ҳуқуқӣ дар баробари «воситаҳо» боз «усулҳоро» низ дар бар мегирад.

Н.И. Матузов ва А.В. Малко намудҳои зерини техникаи ҳуқуқиро қайд кардаанд: қонунгузорӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ, мураттабсозии санадҳои меъёрӣ; бахисобгирии санадҳои меъёрӣ; татбиқи ҳуқуқ[55]. Власенко Н.А. чунин намудҳои технологияи ҳуқуқиро, ба мисли меъёрэҷодкунӣ, татбиқи ҳуқуқ, шарҳи ҳуқуқ, мураттабсозӣ, доктриналиро ҷудо мекунад. В.Ф. Калина намудҳои зерини техникаи ҳуқуқиро қайд мекунад: техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ (эҷод ва мураттабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ); техникаи шарҳдиҳӣ (дарк ва татбиқи қонун); техникаи амалисозии ҳуқуқ (барасмиятдарории ҳуҷҷатии муносибатҳои ҳуқуқӣ); техникаи татбиқи ҳуқуқ; техникаи имплементатсионӣ[56].

Таҳлилҳо нишон дод, ки техникаи ҳуқуқӣ дар замони шӯравӣ аз ҷониби мутахассисон мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шуда буд ва чун пештара диққати олимон ва ҳуқуқшиносони имрӯзаро низ ба худ ҷалб кардааст. Ба ҳар ҳол, назарияи техникаи ҳуқуқӣ сермаъно аст ва наметавонад тағйироти дар ҷомеа баамал омадаро ба ҳисоб ва талаботи зиндагиро ба инобат нагирад. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда Т.Я. Хабриева тасдиқ мекунад, ки дар шароити зиёдшавии рағбати ҷомеаи илмӣ ба техникаи ҳуқуқӣ то ба имрӯз назарияи мукаммалу пурарзиши техникаи ҳуқуқӣ вуҷуд надорад[57]. Тасдиқи ин гуфтаҳо дар он аст, ки то ба имрӯз

---

[51] Черданцев А.Ф. Теория государства и права. - М., 1999. - С. 366.
[52] Кашанина Т.В. Юридическая техника – М. 2008. С. 88.
[53] Морозова Л.А. Теория государства и права: учебник. - М.: Юристъ, 2002. - С. 309.
[54] Давыдова М.Л. Юридическая техника: проблемы теории и методологии. - Волгоград, 2009. - С.50.
[55] Матузов Н.И., Малько А.В. Теория государства и права: учебник. - 2-е изд., перераб. и доп. - М.: Юристъ, 2009. - С. 311.
[56] Власенко Н.А. Законодательная технология: Теория. Опыт. Правила. - Иркутск, 2001. - С. 9.
[57] Обзор науч.-практ. конференции на тему: «Качество закона и проблемы юридической техники» // Журнал российского права. - 2008. - № 2. - С. 150 - 151.

таърифи қавии техникаи ҳуқуқӣ, элементҳои таркибии он, нақш ва ҷойи ин техникаи соҳаи ҳуқуқ низ вуҷуд надорад.

Солҳои охир дар илми ҳуқуқшиносӣ таваҷҷуҳ ба техникаи ҳуқуқӣ зиёд шуда истодааст. Дар ин кор саҳми марказҳои илмӣ аз ҷумла донишгоҳҳои ҳуқуқӣ назаррас аст. Инчунин амиқшавии тадқиқотҳо дар ин раванди илмӣ ба назар мерасад. Масалан аз ҷониби Т.Я. Хабриева Н.А. Власенко ва мутахасиссони дигар тадқиқот оид ба «фаъолияти меъёрэҷодкунии ҳуқуқӣ», «технологияи меъёрэҷодкунии ҳуқуқӣ» ва «техникаи ҳуқуқ» диққати асосиро касб кардааст[58]. Тадқиқотҳои мазкур барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ назаррас мебошанд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ мафҳуми васеътари «технологияи ҳуқуқӣ» пешниҳод мешавад. Ба андешаи В.Н. Карташов технологияи ҳуқуқӣ мафҳумҳои зеринро муттаҳид месозад: «техникаи ҳуқуқӣ» (тарз ва усулҳои ҳалли вазифаҳо); «стратегияи ҳуқуқӣ» (тасвият, банақшагирӣ, пешгӯӣ ва фароҳам овардани шароит баҳри дастрасӣ ба мақсадҳои асосии танзими ҳуқуқӣ); «тактикаи ҳуқуқӣ» (воситаҳои бадастории мақсадҳои стратегӣ бо роҳи истифодабарии ҳамаи маҷмӯи усул ва методҳои дар натиҷаи таҷрибаи амалии фаъолияти ҳуқуқӣ ҳосилшуда)[59]. Т.В. Кашанина чунин эҳтимол менамояд, ки «тактикаи ҳуқуқӣ ва стратегияи ҳуқуқӣ тарзи усули нав мебошад, ки дар муқоиса бо воситаҳо (асбобу анҷом), ки техникаи ҳуқуқиро ташкил медиҳанд.[60].

Ба андешаи Н.А. Власенко агар «технологияи ҳуқуқӣ ба саволи чӣ бояд кард ва дар кадом пайдарпайи ин ё он амалиёти ҳуқуқиро бояд анҷом дод ҷавоб диҳад, техникаи ҳуқуқӣ ба саволи бо ёрии кадом усулҳо, кадом воситаҳо бояд ин ё он амалиёти технологӣ амалӣ шаванд, ҷавоб медиҳад»[61].

Дар ин маҷро андешаи ягонаи мутахасиссон ба назар намерасад эътимол дорад, ки мафҳуми «технологияи ҳуқуқӣ» аз мафҳуми «техникаи ҳуқуқӣ» васеътар мебошад. Дар луғати энсиклопедӣ тафсири васеи мафҳуми «ҷараёни технологӣ» дода шудааст, ки он дар марҳилаҳои гуногуни рушди техника усулҳои хоси пайвастагии инсон ва техникаро дар бар мегирад[62]. Агар техникаи ҳуқуқӣ қоидаҳои техникиро оид ба истифодаи воситаҳои махсуси ҳуқуқӣ танзим, интишор, мураттабсозӣ, татбиқ, шарҳи ҳуҷҷатҳои ҳуқуқиро дар бар гирад, технологияи ҳуқуқӣ пайдарҳамии гузаронидани амалиётҳо оид ба татбиқи самараноки ин қоидаҳоро муқаррар менамояд.

Дар асоси таҳлилҳо пешниҳод менамоем, ки техникаи ҳуқуқӣ ҷузъи муҳими технологияи ҳуқуқӣ мебошад. Агар технологияи ҳуқуқӣ ба саволи

---

[58] Хабриевой Т.Я. и Власенко Н.А. Юридическая техника: учебное пособие по подготовке законопроектов и иных нормативных правовых актов органами исполнительной власти / под ред.. - М., 2009.

[59] Карташов В.Н. Законодательная технология: понятие, основные элементы, методика преподавания // Законодательная техника современной России: состояние, проблемы, совершенствование. - Н. Новгород, 2001. - Т. 1. - С. 24 - 31.

[60] Кашанина Т.В. Юридическая техника – М. 2008.С. 90.

[61] Власенко Н.А. Юридическая техника как комплексная система знаний // Доктринальные основы юридической техники / отв. ред. Н.А. Власенко. - С. 163.

[62] Философский энциклопедический словарь. - С. 82.

«чӣ тавр ва дар кадом навбат» ҷавоб диҳад, техникаи ҳуқуқӣ ба саволи «бо кадом усул ва воситаҳо» иҷро кардани амалиёти ҳуқуқиро ҷавоб медиҳад.

Масъалаи дигаре, ки дар илми ҳуқуқшиносӣ зери тадқиқоти мутахассисон қарор дорад ин ҳамаъно фаҳмидани мафҳумҳои «техникаи ҳуқуқӣ», «техникаи қонунгузорӣ» ва «техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ» мебошад. Бештар ин иштибоҳ дар назарияи давлат ва ҳуқуқ мушоҳида мешуд. Айни замон ин камбуди бартараф шуда истодааст. Аввалин маротиба аз ҳамаъно будани мафҳумҳои «техникаи ҳуқуқӣ», «техникаи қонунгузорӣ» ва «техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ» ҳуқуқшиноси рус Алексеев С.А. даст кашид[63]. Оид ба ин масъала бо муаллиф ҳамфикр буда тазакур медиҳем, ки ғанигардонӣ ва фарқиятгузорӣ дар масъалаи техникаи ҳуқуқӣ дар он мебошад, ки дар ҷомеа нақши санадҳои ҳуқуқӣ дар танзимдарории ҷомеаи муосир зиёд шуда истодааст. Идоракунии назарраси давлатиро бе санадҳои ҳуқуқӣ тасаввур кардан мумкин нест, ҳол он ки ин танҳо як шохаи амали санади меъёри ҳуқуқӣ мебошад. Аз фарқияти «Техникаи ҳуқуқӣ», «Техникаи қонунгузорӣ» ва «Техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ» бармеояд, ки техникаи ҳуқуқӣ пайдоиши хеле ташаккул ёфта ва бо ёрии олотҳои ҳуқуқӣ тағйир ёфтааст. Техникаи ҳуқуқӣ нисбат ба техникаи қонунгузорӣ ва техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мафҳуми васеътарро доро мебошад.

Ба ақидаи М.З. Раҳимзода техникаи қонунгузорӣ – нисбат ба техникаи ҳуқуқӣ маҳдуд мебошад. Техникаи қонунгузорӣ маҷмӯи восита ва усулҳои таҳия, қабул, мавриди амал қарор додан ва мураттабсозии қонунгузориро дар бар мегирад. Дар фарқият ба техникаи ҳуқуқӣ мазмуни техникаи қонунгузорӣ восита ва усулҳои дигари техникаи ҳуқуқиро, ба монанди техникаи ҳуқуқтатбиқкунӣ, ҳуқуқистифодакунӣ ва ҳуқуқҳифзкунӣ дар бар намегирад[64]. Техникаи қонунгузорӣ дорои восита ва усулҳое мебошад, ки тавассути он аз ҷониби субъектони қонунгузорӣ барои ташкил ва амалӣ намудани қонунгузорӣ истифода бурда мешавад.

Дар адабиёт таснифи гуногуни қоидаҳои техникаи қонунгузорӣ дида мешавад. Баъзе аз муаллифон ин қоидаҳоро ба се намуд ҷудо мекунанд: 1) қоидаҳои ба намуди берунии танзим мутааллиқбуда; 2) қоидаҳои ба мазмун ва сохтори санади меъёрӣ мутааллиқбуда; 3) қоида ва усулҳои баёни меъёри ҳуқуқ (забони санадхои меъёрӣ) мутааллиқ. Б.В. Чигидин қоидаҳои забонӣ, мантиқӣ ва гнесологиро фарқ мегузорад. Қоидаҳои расмии техникаи қонунгузорӣ ҷузъи умумии қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ мебошанд. Қоидахои техникаи қонунгузорӣ ин талаботи расмӣ-қоидавие мебошад, ки мувофиқи он таҳия ва қабули санадҳои меъёрӣ амалӣ мегардад[65].

Ба таҳия ва таҳлили қоидаҳои техникаи қонунгузорӣ дар сарчашмаҳои ҳуқуқӣ диққати зиёд дода шудааст. Ю.А. Тихомиров қоидаҳои (талаботи) асосии зерини техникаи қонунгузориро махсус кайд мекунад: а) муайянии танзими ҳуқуқӣ, ки аниқии ҳамаи муқаррароти

[63] Алексеев С.А. Том 2. Нормативные юридические акты — Свердловск: изд. СЮИ, 1973. — С.118.
[64] Раҳимзода М.З. ва Неъматов А.Р. – Техникаи қонунгузорӣ. Душанбе «Бухоро»-2016 С. 11.
[65]Чигидин Б.В. Юридическая техника российского законодательства: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2002. – С. 78.

ҳуқуқӣ ва супоришҳои ба тарзи умумӣ ва ё ниҳоят муфассал додаро пешгирӣ мекунанд; б) вобастагии санад бо мазмуни умумӣ: в) пайдарҳамии мантиқии баён; г) набудани мухолифати дохилӣ дар санад; ғ) мухтасарият ва аниқии баёни моводи меъёрӣ; д) дақиқӣ ва аниқии баёни тасвия ва истилоҳи дар санади меъёрӣ истифодашаванда; е) тафриқаи амиқи муқаррарот ва меъёрҳои дар санад истифодашаванда; ё) ҳамшаклӣ ва пайдарпайии истифодаи усулҳои ҳуқуқэҷодкунӣ[66].

Дар асоси тадқиқоти гузаронида техникаи қонунгузориро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст: а) қоидахо оид ба таркибсозии санадҳои меъёрӣ (қоидаҳои таркибӣ); б) қоидаҳое, ки ба шакли зоҳирии санадҳои меъёрӣ дохил мешаванд (қоидаҳои расмӣ ё ҳатмӣ); в) қоидаҳои забонӣ; г) қоидаҳои услубӣ; ғ) қоидаҳои мантиқӣ; д) қоидаҳои расмӣ.

Инчунин, дар баробари техникаи ҳуқуқӣ ва техникаи қонунгузорӣ боз техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ низ вуҷуд дорад. Техникаи қонунгузорӣ ба техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ хос мебошад. Агар савол ба миён гузорем, ки фарқияти техникаи қонунгузорӣ аз техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ дар чист? Пас гуфтан мумкин аст, ки дар маҷмӯъ ҳарду бо ҳам алоқамандии зич доранд ва ҳамдигарро пурра менамоянд. Аммо техникаи қонунгузорӣ нисбат ба техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ васеътар буда, ҳар кадоми онҳо мустақилона амал менамоянд. Техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ маҷмӯи восита ва усулҳои таҳия, қабул, мавриди амал қарор додани санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар бар мегирад[67]. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабул шуда, дар маҷмӯъ соҳаи қонунгузориро ташкил медиҳад. Аз ин ҷо, техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ барои таҳияи қисматҳои алоҳидаи қонунгузорӣ, яъне қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мусоидат мекунад. Дар ҳолати қабул ва мавриди амал қарор додани санади меъёрии ҳуқуқӣ функсияи техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ба итмом мерасад. Аммо бо қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ мо гуфта наметавонем, ки қонунгузорӣ пурра тартиб дода шудааст, чунки дар ҷамъият муносибатҳои нав ба вуҷуд меоянд, барои танзими ин муносибатҳо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вуҷуд доранд, лекин дарёфт кардани санади меъёрии ҳуқуқие, ки барои танзими муносибати нави ҷамъиятӣ лозим аст, муҳим мебошад. Бинобар ин, зарурати ба низом даровардани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба соҳаҳо ба миён меоянд, ки он танҳо бо роҳи мураттабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ гардонида мешавад. Фаъолияти мураттабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бошад, қисми таркибии фаъолияти қонунгузорӣ мебошад. Техникаи қонунгузорӣ нисбат ба техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ васеъ буда, дар дохили худ дар баробари техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ боз техникаи мураттабсозии санадҳои қонунгузорӣ, тафсир, боздошт ва қатъи амалӣ садиҳои қонунгузориро дар бар мегирад.

Натиҷаҳои тадқиқоти гузаронидашударо ҷамъбаст намуда, метавон хулосаи зеринро баён кард:

[66] Тихомиров Ю.А. Теория закона. – М., 1982. – С. 213.
[67] Раҳимзода М.З. ва Неъматов А.Р. – Техникаи қонунгузорӣ. Душанбе «Бухоро»-2016 С.12.

1. Дар асоси таҳлилҳои гузаронидашуда ба хулосае омадем, ки мафҳумҳои «техникаи ҳуқуқӣ», «техникаи қонунгузорӣ» ва «техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ»-ро аз ҳам ҷудо карда дар алоҳидаги шарҳ диҳем. Онҳо дар навбати аввал аз ҷиҳати ҳаҷм ва мувофиқи мақсаду қисматҳои мундариҷаи худ фарқ мекунанд. Мафҳуми «техникаи ҳуқуқӣ» нисбат ба мафҳуми «техникаи қонунгузорӣ» ва «техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ» васеъ буда дар баробари ин қоидаҳои ҳуқуқистифодабарӣ, ҳуқуқфаҳмондадиҳӣ, системакунонии ҳуқуқ, мониторинги ҳуқуқ, доктринаи ҳуқуқро низ дар бар мегирад. Техникаи ҳуқуқӣ – низоми қоидаҳо, усулҳо, воситаҳо оид ба коркард, барасмиятдарорӣ, интишор, мураттабсозӣ, шарҳ ва татбиқи санадҳо-ҳуҷҷатҳо бо мақсади такмили низоми амалкунандаи ҳуқуқ ва қонунгузорӣ, самарабахшӣ ва пешгӯии он маънидод карда мешавад.

2. Техникаи қонунгузорӣ – қисми таркибии техникаи ҳуқуқӣ буда, бо техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ хос мебошад ва якдигаро пурра менамоянд. Аммо техникаи қонунгузорӣ нисбат ба техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ васеъ буда, дар худ нисбат ба техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ боз техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо, техникаи мураттабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, тафсир, боздошт ва қатъ амалӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар бар мегирад.

3. Техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ – маҷмӯи восита ва усулҳои таҳия, қабул ва мавриди амал қарор додани санади меъёрии ҳуқуқиро дар бар мегирад, ки санади меъёрии ҳуқуқии қабул шуда, дар маҷмӯъ соҳаи қонунгузориро ташкил медиҳад.

4. Таҳлилҳо нишон дод, ки бо мақсади рушди қонунгузорӣ ва ба талаботи замони муосир мутобиқ намудани санадҳои қонунгузории кишвар, тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» оид ба ҷудо кардани меъёрҳои «техникаи қонунгузорӣ» аз меъёрҳои «техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ» ворид карда шавад. Тавре дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мафҳуми фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ муқаррар гардидааст, (**фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ** – фаъолияти расмии субъекти ҳуқуқэҷодкунанда оид ба таҳия, қабул, интишор ва қатъи амали санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ)[68] бахшида шудааст, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ворид намудани тағйиру иловаҳо, тафсир ва мураттабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар бар нагирифтааст, зеро ин фаъолияти қонунгузорӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, мафҳумҳои зерин ҷиҳати бартараф намудани норасоии мазкур пешниҳод карда мешавад:

- **техникаи қонунгузорӣ** – фаъолияти расмии мақоми қонунгузор буда, қоидаҳои техникӣ-ҳуқуқии ворид намудани тағйиру иловаҳо, мураттабсозӣ, тафсир, боздоштан ва қатъи амали санадҳои қонунгузорӣ;
- **техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ** – фаъолияти расмии мақоми ҳуқуқэҷодкунанда оид ба, қоидаҳои таҳия, қабул ва мавриди амал қарор додани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

[68] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», аз 30 майи соли 2017, №1414, //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2017, №5, қ. 1, мод. 271; соли 2019, №7, мод. 465).

5. Дар асоси тадқиқоти гузаронида муайян карда шуд, ки техникаи ҳуқуқӣ ҷузъи муҳими технологияи ҳуқуқӣ мебошад. Агар технологияи ҳуқуқӣ ба саволи «чӣ тавр ва дар кадом навбат» ҷавоб диҳад, техникаи ҳуқуқӣ ба саволи «бо кадом усул ва воситаҳо» иҷро кардани амалиёти ҳуқуқиро ҷавоб медиҳад.

**Адабиёт:**


1. Эмомалӣ Раҳмон – кафили истиқлолияти миллӣ ва пойдории давлат // Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати 15-умин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Садои мардум, 9 ноябри соли 2009. №128 (2504).
2. Сотиволдиев Р. Ш. Назарияи ҳуқуқ ва давлат–Душанбе,2008. – С. 391.
3. Раҳимов М.З. Таҷассуми ҳуқуқ дар дарки ҷавҳари он аст. Дар коргоҳи қонун –Душанбе, 2005, С.170-171.
4. Раҳимзода М.З. ва Неъматов А.Р.–Техникаи қонунгузорӣ. Душанбе «Бухоро»-2016 С.12.
5. Алексеев С.С. Право: азбука - теория - философия. - С. 106.
6. Бабаев В.К. Правовая система общества // Общая теория права: курс лекций / под ред. В.К. Бабаева. - Н. Новгород, 1993. - С. 100.
7. Венгеров А.Б. Теория государства и права: учебник. - 9-е изд., стер. - М.: Изд-во «Омега-Л», 2013. - С. 493.
8. Власенко Н.А. Законодательная технология: Теория. Опыт. Правила. - Иркутск, 2001. - С. 9.
9. Власенко Н.А. Юридическая техника как комплексная система знаний // Доктринальные основы юридической техники / отв. ред. Н.А. Власенко. - С. 163.
10. Давыдова М.Л. Юридическая техника: проблемы теории и методологии. - Волгоград, 2009. - С.50.
11. Иеринг Р. Юридическая техника / сост. А.В. Поляков. - М., 2008. - С. 34.
12. Ковалев С.М. Философский энциклопедический словарь / гл. редакция: Л.Ф. Ильичев, Н.Н. Федосеев, В.Г.Панов. - М.: Советская энциклопедия, 1983. - С. 682.
13. Карташов В.Н. Законодательная технология: понятие, основные элементы, методика преподавания // Законодательная техника современной России: состояние, проблемы, совершенствование. - Н. Новгород, 2001. - Т. 1. - С. 24 - 31.
14. Кашанина Т. В. Юридическая техника – М. 2008. С 79.
15. Мусаткина А.А. Правотворчество и законодательство // Теория государства и права: учебник /коллектив авторов; отв. ред.А.В. Малько.- 4-е изд., стер.- М.:КНОРУС, 2012.-С. 185.
16. Муромцев Г.И. Юридическая техника: Некоторые теоретические аспекты // Правоведение. - 2000. - № 1. - С. 9.

17. Матузов Н.И., Малько А.В. Теория государства и права: учебник. - М.: Юристъ, 2009. - С. 310. 68

18. Морозова Л.А. Теория государства и права: учебник. - М.: Юристъ, 2002. - С. 309.

19. Обзор науч.-практ. конференции на тему: «Качество закона и проблемы юридической техники» // Журнал российского права. - 2008. - № 2. - С. 150 - 151.

20. Поленина С.В. Качество закона и эффективность законодательства. – М, 1993. С-8.

21. Перевалов В.Д. Теория государства и права: учебник. - М.: Высшее образование, 2005. - С. 186.

22. Пучков О.А. Правотворчество // Теория государства и права: учебник для вузов / отв. ред. В.Д. Перевалов. - 3-е изд., прераб. и доп. - М.: Норма, 2006. - С. 204.

23. Пиголкина А.С. Теория государства и права: учебник / под ред. А.С. Пиголкина, Ю.А. Дмитриева. - С. 435 - 436

24. Тихомиров Ю.А. Теория закона. – М., 1982. – С. 213.

25. Философский энциклопедический словарь. - С.

26. Хабриевой Т.Я. и Власенко Н.А. Юридическая техника: учебное пособие по подготовке законопроектов и иных нормативных правовых актов органами исполнительной власти / под ред.. - М., 2009.

27. Черданцев А.Ф. Теория государства и права. - М., 1999. - С. 366.

28. Чигидин Б.В. Юридическая техника российского законодательства: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2002. – С. 78.

# ПРЕДЕЛЫ ПРИМЕНЕНИЯ АНАЛОГИИ ПРАВА В ГРАЖДАНСКО-ПРАВОВОМ РЕГУЛИРОВАНИИ

**Абдуджалилов А.,**
заведующий отделом частного права ИФПП НАНТ, кандидат юридических наук

**Саидзода Тоджиддин Ниёз,**
соискатель ИФПП НАНТ

**Аннотация:** Статья посвящена теоретическому анализу проблемы аналогии права в гражданско-правовом регулировании. В современных условиях, когда нормотворчество более обращено к гуманистическим началам, значительное место в судебной практике приобрело использование оценочных понятий. В действительности правоприменители сталкиваются с иной ситуацией, при которой гражданский правовой спор необходимо решать не классическими правовыми методами, а опираясь на нравственные категории – добросовестности, разумности и справедливости.

**Ключевые слова**: аналогия права, правоприменение, нравственность, добросовестность, разумность и справедливость.

# ҲУДУДҲОИ ИСТИФОДАИ ҚИЁСИ ҲУҚУҚ ДАР ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ МУОМИЛОТИ ГРАЖДАНӢ

**Абдуҷалилов А.,**
мудири шӯъбаи ҳуқуқи хусусии ИФПП АМИТ, номзади илми ҳуқуқ

**Саидзода Тоҷиддин Ниёз,**
унвонҷӯи ИФПП АМИТ

**Фишурда:** Мақола ба таҳлили назариявии масъалаи қиёси ҳуқуқ дар танзими хуқуқии муомилоти гражданӣ бахшида шудааст. Дар шароити муосир, ки ҳуқуқэҷодкунӣ ба равияҳои гуманистӣ такя менамояд, дар таҷрибаи судӣ мавқеи муайянро истифодаи мафҳумҳои ахлоқӣ ишғол менамоянд. Дар амал ҳуқуқтатбиққунандагон бо холатҳои дигаре дучор меоянд, ки дар он баҳси ҳуқуқии гражданӣ на бо усули классикӣ, балки ба категорияҳои ахлоқӣ – бовиҷдонӣ, оқилӣ ва адолат бояд халлу фасл гардад.

**Вожаҳои калидӣ**: қиёси ҳуқуқ, татбиқи ҳуқуқ, ахлоқ, бовиҷдонӣ, оқилӣ адолат.

# LIMITS OF APPLICATION OF THE ANALOGY OF LAW IN CIVIL LEGAL REGULATION

**Abdujalilov A.,**
head of private law department
IFPP NANT, candidate of legal sciences

**Saidzoda Tojiddin Niyoz,**
Applicant IFPP NAST

**Annotation:** The article is devoted to the theoretical analysis of the problem of the analogy of law in civil law regulation. In modern conditions, when rule-making is more drawn to humanistic principles, the use of evaluative concepts has acquired a significant place in judicial practice. In reality, law enforcers are faced with a different situation in which a civil legal dispute must be resolved not by classical legal methods, but based on moral categories - conscientiousness, reasonableness and justice.

**Keywords:** analogy of law, law enforcement, morality, conscientiousness, reasonableness and justice.

Из содержание статьи 6 Гражданского кодекса Республики Таджикистан становится ясно, что аналогия права применяется тогда, когда для разрешения гражданского спора нет сходность нормы закона или другого нормативного акта, то есть невозможно применить аналогию закона. Из этого следует, что правоприменитель в этом случае должен решать спор в принципиально другом правовом измерении, и руководствоваться общими принципами действующего права. По мнению русского цивилиста Е.Н. Трубецкого, «Аналогия закона есть толкование, известный способ применения старого закона к новому случаю, а аналогия права представляет собой творческий акт, создающий новую норму»[69].

10. Информационные технологии в юридической деятельности: учебник для бакалавров / Под общ. ред. П.У. Кузнецова. – 3-е изд., перераб. и доп. – М.: Юрайт, 2017. – 325 с.

11. Информационные технологии в юридической деятельности: учебное пособие для вузов / Под ред. В.Д. Элькина. – М.: Юрайт, 2018. – 527 с.

12. Комилов Ф.С., Шарапов Д.С. Прикладная информатика (на тадж. яз.). – Душанбе, 2009. – 363 с.

13. Концепция государственной информационной политики Республики Таджикистан. Утверждена Указом Президента Республики Таджикистан от 30 апреля 2008 года, № 451 // Документ предоставлен БД «Законодательство стран СНГ» (с) 2003-2019 СоюзПравоИнформ. [Электронный ресурс] http://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=111330 (Дата обращения: 06.03.2021).

14. Концепция информационной безопасности Республики Таджикистан, утвержденная Указом Президента Республики Таджикистан от 7 ноября 2003 года, № 1175 // Адлия: Централизованный банк правовой информации Республики Таджикистан. Версия 6.0 / Министерство юстиции Республики Таджикистан. – Душанбе, 2021. [Электронный ресурс] http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=129809 (Дата обращения 06.03.2021 г.).

15. Концепция правовой политики Республики Таджикистан на 2018-2028 годы. Утверждена Указом Президента Республики Таджикистан от 6 февраля 2018 года, № 1005. // Документ предоставлен БД «Законодательство стран СНГ» (с) 2003-2019 СоюзПравоИнформ. [Электронный ресурс] http://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=111330 (Дата обращения: 06.03.2021).

16. Концепция прогнозного развития законодательства Республики Таджикистан. Утверждена Указом Президента Республики Таджикистан от 19 февраля 2011 г., № 1021 // Документ предоставлен БД «Законодательство стран СНГ» (с) 2003-2019 СоюзПравоИнформ. [Электронный ресурс] http://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=111330 (Дата обращения: 06.03.2021).

17. Концепция формирования электронного Правительства Республики Таджикистан. Постановление Правительства Республики Таджикистан от 30 декабря 2011 года, № 643 // Адлия: Централизованный банк правовой информации Республики Таджикистан. Версия 6.0 / Министерство юстиции Республики Таджикистан. – Душанбе, 2021. [Электронный ресурс] http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=129809 (Дата обращения: 06.03.2021).

18. Копылов В.А. Информационное право: учебник. 2-е изд., переаб. и доп. – М.: Юристь, 2004. – 512 с.

19. Липень С.В. Информационные технологии в правотворческой деятельности // Lex Rossica. – август 2019. – № 8 (153). – С. 350.

20. О Государственной программе развития и внедрения информационно-коммуникационной технологии в Республике Таджикистан на 2014-2017 годы. Постановление Правительства Республики Таджикистан от 3 июля 2014 года, № 428 // Документ предоставлен БД «Законодательство стран СНГ» (с) 2003-2019 СоюзПравоИнформ. [Электронный ресурс] http://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=111330 (Дата обращения: 06.03.2021).

21. О Государственной программе развития и внедрения информационно-коммуникационных технологий в Республике Таджикистан на 2018-2020 годы. Постановление Правительства Республики Таджикистан от 31 октября 2018 года, № 519 // Документ предоставлен БД «Законодательство стран СНГ» (с) 2003-2019 СоюзПравоИнформ. [Электронный ресурс] http://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=111330 (Дата обращения: 06.03.2021).

22. Об утверждении Государственной программы развития и внедрения информационно-коммуникационных технологий в Республике Таджикистан. Постановление Правительства Республики Таджикистан от 3 декабря 2004 года, № 465 (В редакции постановления Правительства Республики Таджикистан от 1 августа 2011 года, № 384) // Документ предоставлен БД «Законодательство стран СНГ» (с) 2003-2019 СоюзПравоИнформ. [Электронный ресурс] http://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=111330 (Дата обращения: 06.03.2021).

23. Программа развития национальной библиотеки Таджикистана на 2015-2020 годы. Постановление Правительства Республики Таджикистан от 28 февраля 2015 г., № 105. // Адлия: Централизованный банк правовой информации Республики Таджикистан. Версия 6.0 / Министерство юстиции Республики Таджикистан. – Душанбе, 2021. [Электронный ресурс] http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=129809 (Дата обращения: 06.03.2021).

24. Хачатурова С.С. Информационные технологии и их значение в современном мире // Вестник науки и образования. – 2016. – № 6 (18). – С. 165.

25. Чернышев, П.М. Информационные технологии в юридической деятельности // Марийский юридический вестник. – 2016. – № 3 (18). – С. 220.

26. Шарофзода Р.Ш., Шокиров Г.А. Информатизация правотворческой деятельности: опыт Республики Таджикистан и других государств-членов СНГ (на тадж. яз.) // Вестник ТГУПБП. Серия общественных наук. – 2021. – № 4 (89). – С. 130-141.

# УҲДАДОРИҲОИ ШАҲРВАНДОН ТИБҚИ ҚОНУН ДАР НАЗДИ ДАВЛАТ АЗ НИГОҲИ ИБНИ МИСКАВАЙҲ

**Қодирзода С.М.,**
н.и.ҳ., и.в. дотсент, декани факултети сармоягузорӣ ва менеҷменти байналмилалии Донишгоҳи давлатии Данғара
**Тел.:** (+992) 918797507
**E-mail:** saidmuso.kodirov@mail.ru

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур масъалае баррасӣ шудааст, ки тадқиқотҳои дар асри 9 ва 10-ро дар бар мегирад. Дар мақола муаллиф ба таълимоти Ибни Мискавайҳ дар масоили уҳдадориҳои шаҳрвандон мутобиқ ба қонуну аҳкомҳо дар муносибат бо давлат дахл кардааст. Гуфта мешавад, ки Ибни Мискавайҳ доир ба рафтору муносибати шаҳрвандон бо давлат ва ҷамъият чи гуна ба роҳ монад ва бо кадом роҳҳо метавон муносибати шаҳрвандонро тавассути қонун ба давлат барои рушд ва инкишоф таъмин бояд кард, мубоҳиса сурат гирифтааст.

Муаллиф мушикофона вазоифи шаҳрвандон дар назди давлат ва ҷамъият ва баракси он вазифа ва уҳдадориҳои давлатро дар назди шаҳрвандон аз назардиди Мискавайҳ баррасӣ менамояд. Ҳамзамон дар давлатдорӣ масъалаҳои калидии муносиботи давлат ва шаҳрвандонро дар амалӣ намудани ҳокимият, ки дар мулоҳизаҳои Ибни Мискавайҳ мавҷуд буданд, махсус таъкид менамояд ва зарурати татбиқи ғояҳои Мискавайҳро низ дар давлатдорӣ ва танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ имрӯз ҳам аз манфиат холӣ намебошад, баён кардааст. Ба ақидаи муаллиф, Ибни Мискавайҳ дар таълимоташ сохти давлатдории демократиро тарафдор буда, иродаи мардумро дар муқарар намудани сиёсати давлат, қабули қонунҳо ва интихоби роҳбар зарур арзёбӣ менамояд. Ба андешаи муаллиф, Мискавайҳ ин ҳамаро ба хотири иштироки фаъоли мардум дар сиёсат ва барқарор намудани робита ва боварии мардум бо давлат тарафдорӣ менамояд, ки дар шароити имрӯза низ ин дар амалияи аксар давлатҳо мушоҳида мегардад.

**Калидвожаҳо:** Мискавайҳ, сиёсат, давлат, ҳуқуқ, ҷомеа, тарафҳо, омма, ҳукумат, қонун, аҳком, мардум, подшоҳ, раият, ҳокимон, қонуни шаръӣ.

# ОБЯЗАННОСТИ ГРАЖДАН В СООТВЕТСТВИИ С ЗАКОНОМ ПЕРЕД ГОСУДАРСТВОМ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ИБН МИСКАВАЙХА

**Кодирзода С.М.,**
к.ю.н., и.о. доцент, декан факультета инвестиций и международного

менеджмента Дангаринского государственного университета.
**Тел.:** (+992) 918797507
**E-mail:** saidmuso.kodirov@mail.ru

**Аннотация:** В этой статье обсуждаются вопросы, которые включают исследования IX и X веков. В статье автор обращается к учению Ибн Мискавайха об обязанностях граждан в соответствии с законами и правилами во взаимоотношениях с государством. Говорят, что Ибн Мискавейх обсуждал поведение граждан с государством и обществом, а также то, как обеспечить отношения граждан с государством через закон для развития и прогресса.

Автор подробно рассматривает обязанности граждан перед государством и обществом и, наоборот, обязанности и ответственность государства перед гражданами с точки зрения Мискавейха. В то же время в государстве он подчеркивает ключевые вопросы взаимоотношений между государством и гражданами при осуществлении власти, которые существовали во взглядах Ибн Мискавейха, и подчеркивает необходимость реализации идей Мискавейха в государственности и регулирование общественных отношений. По словам автора, Ибн Мискавейх в своих учениях отстаивал структуру демократического государства и считал волю народа необходимой при определении политики государства, принятии законов и выборах лидера. По словам автора, Мискавейх поддерживает все это для того, чтобы активно участвовать в политике и восстанавливать связи с общественностью и доверие к государству, что по-прежнему практикуется в большинстве стран сегодня.

**Ключевые слова:** Мискавейх, политика, государство, право, общество, партии, общественность, правительство, закон, указы, люди, король, гражданин, правители, законы шариата.

## RESPONSIBILITIES OF CITIZENS IN ACCORDANCE WITH THE LAW TO THE STATE FROM THE POINT OF VIEW OF IBN MISKAVAYKH

**Qodirzoda S.M.,**
candidate of juridical sciences, a.a. docent, Dean of the Faculty of Investments and International Management, Dangara State University.
**Phone**: (+ 992) 918797507
**E-mail**: saidmuso.kodirov@mail.ru

**Annotation:** This article discusses issues that include research from the 9th and 10th centuries. In the article, the author refers to the teachings of Ibn Miskawayh about the duties of citizens in accordance with the laws and regulations in relations with the state. It is said that Ibn Miskawayh discussed the behavior of citizens with the state and society, as well as how to ensure the

relationship of citizens with the state through the law for development and progress.

The author examines in detail the duties of citizens to the state and society and, conversely, the duties and responsibilities of the state to citizens from the point of view of Miskaveich. At the same time in the state, he emphasizes the key issues of the relationship between the state and citizens in the exercise of power, which existed in the views of Ibn Miskawayh, and emphasizes the need to implement the ideas of Miskawayh in statehood and the regulation of public relations. According to the author, Ibn Miskawayh in his teachings defended the structure of a democratic state and considered the will of the people necessary in determining the policy of the state, adopting laws and electing a leader. According to the author, Miskawijh supports all this in order to actively participate in politics and restore public relations and trust in the state, which is still practiced in most countries today.

**Keywords:** Miskaweyh, politics, state, law, society, parties, public, government, law, decrees, people, king, citizen, rulers, Sharia law.

Тибқи таълимоти Мискавайҳ ҳокимон ва шаҳрвандон дар чорчубаи аҳком ва қавонин ҳаққи ҳукумат ва насиҳат доранд. Ҳеҷ кадом аз онҳо фаротар аз ҳукми қонунҳои давлат ва шариат аз ҳуқуқ бархурдор нестанд ва интизороти онҳо дар ҳамин маҳдуд аст[106]. Ҳукумат наметавонад фардро ба коре бархилофи дастуроти шаръ мулзам кунад ва фард ҳам наметавонад интизори хориҷ аз ин чорчӯб доштааш бошад. Дар муқобил мардум ҳам ҳақ доранд, ки давлат дар тамомии рафторҳо ва тасмимоти худ ҷониби адолат ва инсоф, дурусткорӣ ва шафқатро муроот кунад. Агар ҳукумат ба вазоифи худ амал накунад ва ё фаротар аз дастуроти шаръ эъмоли ҳокимият намояд, вазифаи итоат аз шаҳрвандон соқит мешавад.

Мискавайҳ се навъи муносибати ҳукумат бо қонуни шаръӣ ва, мутобиқ бо ин се навъи муносибат, се навъ мушорикатро пешбинӣ карда аст.

Тибқи андешаи мутафаккир, агар тасмимот ва рафторҳои ҳукумат бо фазилатҳои мавриди иттифоқи ҷомеа, ки баргирифта аз шаръ ҳастанд, мунтабиқ набошад, робитаи муҳаббат ва шафқат ба хушунат табдил мешавад. Ин вазъи хушунатбор шароити ҳокимро тазъиф мекунад[107]. Дар натиҷа, ҳоким аз чашми шаҳрвандон соқит мешавад. Мискавайҳ чунин ҳокимро ба табиби ғайримутахассис ташбеҳ мекунад, ки муддаии ҳифзи саломатӣ ва эътидоли мизоҷи маризҳо аст, вале дар амал, бо сабаби надоштани донишу таҷрибаи касбӣ мизоҷон аз ӯ рӯ мегардонанд. Ҳоким ҳам агар дар тадбир ва тасмимгириҳои худ шароит ва вижагиҳои мунтабиқ бо шариатро муроот накунад, натанҳо мардум аз ӯ итоат намекунанд, балки аз вай безорӣ ҷуста ва ҳимояти худро аз ӯ бармедоранд[108].

[106] Мискавайҳ. Таҷориб-ул-умам ва таоқиб-ул-ҳумам. Ал-муҷаллад ас-солис. С.237 .
[107] Қодирзода С.М. Мансабҳои хизматии давлатӣ ва вазифаҳои ҳокимон аз назари Ибни Мискавайҳ. С.18., Буризода Э.Б., Қодирзода С.М. Хусусиятҳои хоси баъзе назарияҳои пайдоиши давлат ва ҳуқуқ С. 9.
[108] Мискавайҳ. Ал-ҳавомил ва-аш-шавомил [Матн] / Мискавайҳ. – Қоҳира, 1951. – С.235.

Дар натиҷа, мардум мушорикати худро дар саҳнаи сарнавишти сиёсӣ дар қолаби насиҳат барои ҳоким татбиқ мекунанд. Аз мазмуни андешаи Мискавайҳ дар ин бора чунин хулоса ҳосил мешавад, ки шаҳрвандон аз ҳокиме, ки дорои шароити шаръӣ бошад итоат мекунанд, аммо агар он ҳоким зимни анҷоми рисолати худ ба ҳукми шариат ихтилоф кунад, дар он сурат шаҳрвандон ҳам ҳуқуқ доранд ва ҳам мувазафанд, ки он ҳокимро танқид ва насиҳат кунанд[109].

Дар таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсии Мискавайҳ унвони "мулук" барои ҳокиме аст, ки бар ҳасби ҳуқуқ амал мекунад. Дар сурате, ки тасмимот ва рафторҳои ҳоким бар асоси қонун ва шариат набошад, чунин ҳукумати "ҳукумати ғалаба" (яъне ҳукумати истибдодӣ) ва худи ҳоким "ҳоқими мутағаллиб" (ҳокими золиму ситамгар) мебошад[110]. Дар ҷомеаи диние, ки мардуми он пойбанди шариат ҳастанд, эътиқоди умумӣ бар он аст, ки ҳаргуна машруият ва мушорикат бояд мубтанӣ бар дин бошад; зеро дар ғайри ин сурат ҳамаи таомулҳо ва таовунҳо миёни ҳоким ва шаҳрвандон, ҳам дар байни шаҳрвандон ба бӯҳрон мувоҷеҳ мешаванд. Мискавайҳ дар ҷои дигар ҳокимонро масъули ҳифзи силсилаи маротиби иҷтимоӣ медонад. Ба ақидаи мутафаккир, ҳоким бояд дар асоси принсипи адолат, ки асоси ҳокимияти шаръӣ маҳсуб мешавад, барои ҳифзи маротиби иҷтимоӣ талош намояд:

"Ва чун ин маротиб, маҳфуз ба адолати томма ва мусовоти ҳақиқия набошад ва дар он инҳироф эҷод шавад, фасод ба ӯ руй меоварад, риёсатҳо даст ба даст мунтақил шуда ва корҳо воруна мегардад. Ҳоким ба раёсати тағаллуб мубаддал мегардад ва ба табъи он муҳаббати шаҳрвандон ба адоват табдил гашта ва ҳамаи силсила маротиби риёсатро таҳти таъсир қарор медиҳад[111]. Муҳаббати ахёр (хубон) мубаддал ба душманӣ ва буғзи ашрор (бадон) мубаддал ба муҳаббат мешавад. Ва дар он вақт улфат ба нафрат ва маваддат ба нифоқ табдил мешавад ва ҳар касе ба дунболи манофеи худ меравад, агарчи ба зарари дигарон бошад. Ростӣ аз миёни мардум бармехезад, хайроти муштарак аз мардум дур мешавад. Харҷумарҷе, ки зидди низом аст, доир мешавад, бозори татовул ва тааддӣ ва харобӣ падидор мешавад. Қавонини мардумдорӣ, ки Худованд мураттаб фармуда ва ҳикмат онро лозим дониста, музмаҳил ва нобуд мегардад. Ва иҷтимоъ ва тамаддун ба тафриқа ва гумномӣ ва дар ниҳоят, ба нобудӣ хоҳад кашид[112]".

---

[109] Мискавайҳ. Ал-ҳавомил ва-аш-шавомил [Матн] / Мискавайҳ. – Қоҳира, 1951. – С.107., Шидфар Б.Я. Историк и философ X-XI вв. Ибн Мискавайх и его эпоха. Автореферат дисс.... к.и.н. М., 1962. - С.22.

[110] Мискавайҳ. Ал-ҳавомил ва-аш-шавомил [Матн] / Мискавайҳ. – Қоҳира, 1951. – С.108.

[111] Исоев М. Баъзе мулоҳизахои Мискавайҳ роҷеъ ба ҳикмати кишвардорӣ //Фалсафа дар аҳди Сомониён. Душанбе. 1999. – С. 255., Карнеги Дейл. Как завоевать друзей и оказывать влияние на людей. Душанбе: Дониш, 1991. – С.237.

[112] Таҳзибул ахлоқ, ба нақл аз Фалсафаи назари таърих. Таҷорубул умам, Мискавайҳ, Аҳмад ибни Муҳаммад, тарҷумаи Абулқосими Имомӣ, Теҳрон, Суруш, 1369 ҳ.ш., ҷ 1. С.133

Ба таъбири Мискавайҳ, шароити ёдшуда сабаби мухолифати мардум бо ҳукумат мешавад ва мухолифат ҳам сабаби рамидан ва иллати нафрат ва душманӣ аст[113].

Бинобар эътиқоди Мискавайҳ, қаваму давоми подшоҳӣ бо қонун аст[114]. Дин асос ва подшоҳ нигаҳбони он аст[115]. Бинобар ин, ҳукумат бояд ҳамвора муроқиби дин бошад:

“Ҳокиме, ки нигаҳбони дин аст бояд бедор ва дар кораш муроқиб бошад, корҳоро ба сустӣ наяндозад ва худро ба зиллатҳои фонӣ машғул накунад ва баландмартабагӣ ва ғалабаро ҷуз аз роҳи ҳақиқии он нахоҳад. Зеро агар аз ҳудуди мамлакат ғафлат варзад, халал ва рахна эҷод мешавад, авзои ойин барҳам мехурад, мардум дар шаҳватҳои худ фуру мераванд ва ошубгарон пайдо мешаванд. Дар натиҷа, саодат ба шақоват мубаддал мегардад, ихтилоф ва адоватҳо боло мегирад, тафриқа дар миёни уммат ва миллат бавуҷуд меояд, ғарази шариф ва мақсати воло аз миён меравад, низоми махсусе, ки мақсуди соҳиби қонун аст, аз ҳам мепошад ва сохтаҳои Худованд аз ҳам мерезад”[116]. Дар он вақт аст, ки ба таҷдиди назар ниёз мешавад ва тадбирҳоро ба бозгашт эҳтиёҷ мешавад ва вуҷуди имоми ҳақ ва подшоҳи одил лозим мешавад[117].

Аз маҷмуи дидгоҳҳои Мискавайҳ ба хуби бар меояд, ки дар сурати мутобиқати амалкарди ҳукумат бо дин, мардум вазифа доранд, ки бо ҳукумат ҳамкорӣ ва итоат кунанд. Барои анҷоми ин вазифа, онҳо бояд аз ҳаққи “назорат”и доим бар амалкарди ҳукумат ва ҳокимон бархӯрдор бошанд[118]. Аз маҷмӯи онҷӣ Мискавайҳ дар бораи мушорикат баён кардааст, нуктаҳои зеринро таъкид кардан мумкин аст:

а) Насиҳат: Насиҳат ва панд заминае аст, ки дар сурати инҳирофи ҳукумат, шаҳрвандон метавонанд дар қолаби он ҳузури худро дар сарнавишти сиёсӣ нишон диҳанд.

б) Эъломи инзиҷор ва мухолифат: Ҳаргоҳ ҳукумат аз чорчубаи қонун хориҷ шуд ва бо он мухолифат кард, мардум бо эълони мухолифат ҳузури худро дар арсаи сарнавишти сиёсӣ ва ҳуқуқӣ нишон медиҳанд.

в) Пуштибонӣ ва ҳимоят: Агар ҳукумат дар чорчубаи қавонини мавриди пазириши ҷомеа ба вазоифи худ ба таври шоиста амал кунад, мардум ҳамкори ва таовуни худро бо вай идома медиҳанд.

---

[113] Мискавайҳ. Ал-ҳавомил ва-аш-шавомил [Матн] / Мискавайҳ. – Қоҳира, 1951. – С.179.

[114] Абуалӣ Аҳмад ибни Муҳаммад Мискавайҳ. Ал Ҳикмат-ул-Холидат. Теҳрон 1358 ҳ.ш. С.361

[115] Таҳзибул ахлоқ, ба нақл аз Фалсафаи назари таърих. Таҷорубул умам, Мискавайҳ, Аҳмад ибни Муҳаммад, тарҷумаи Абулқосими Имомӣ, Теҳрон, Суруш, 1369 ҳ.ш., ҷ 1. С.130., Қодирзода С.М. Андешаҳои сиёсӣ, ахлоқӣ ва ҳуқуқии Абӯалӣ Мискавайҳ Розӣ. С. 152.

[116] Идибеков Н.И. Этика Насириддина Туси в свете его теории свободы воли. Душанбе: Дониш, 1987. - С. 57.

[117] Таҳзибул ахлоқ, ба нақл аз Фалсафаи назари таърих. Таҷорубул умам, Мискавайҳ, Аҳмад ибни Муҳаммад, тарҷумаи Абулқосими Имомӣ, Теҳрон, Суруш, 1369 ҳ.ш., ҷ 1. С.129-130.

[118] Қодирзода С.М. Мансабҳои хизматии давлатӣ ва вазифаҳои ҳокимон аз назари Ибни Мискавайҳ. С.418.

г) Назорат: Шаҳрвандонро барои татбиқи ҳуқуқу озодиҳо ва анҷоми вазоифу ӯҳдадоириҳои худ дар мавориди ҳимоят ва насиҳати ҳукумат ва ё мухолифат бо он, лозим аст ҳамвора бар аъмоли ҳукумат назорат дошта бошанд.

Ҳамин тариқ, Мискавайҳ қонунро шоҳкалиди робитаи давлат бо мардум мешуморад ва онро сарчашмаи аслии ҳуқуқӣ-сиёсии ҷомеаи ормонӣ ва матлуби худ мешуморад. Дар баробари ин, як нуктаи муҳиме, ки Мискавайҳ зимни баррасии ин мавзӯъ ба он таваҷҷӯҳ накардааст, чигунагии роҳу усулҳои ташхис ва санҷиши таносуби аъмоли ҳоким ва ё ҳокимият бо шариат мебошад. Ҳол он, ки масъалаи ташхис ва санҷиши таносуби амалкарди ҳоким бо қонун як масъалаи бисёр муҳим ва асосӣ дар мабоҳиси ҳуқуқи умумии мусулмонӣ мебошад. Танҳо нуктае, ки Мискавайҳ мавриди таваҷҷӯҳи худ қарор дода аст ин мебошад, ки дар сурати мушоҳидаи мардум ба рафтори мухолифи қонунӣ ҳоким, метавонанд аз он итоат накунанд ва ё онро азл намоянд. Аммо ин, ки кадом қишри ҷомеа бо чӣ кайфияте бояд инро анҷом бидиҳад, мушаххас нашуда аст.

Бо таваҷҷуҳ ба системаи ҳозира тамомии рафтор ва аъмоли давлатҳо бояд мавриди баррасӣ ва таҳти назорат қарор бигиранд. Вале дар мабони ҳуқуқии Мискавайҳ ин амри муҳим дида намешавад. Ба назар мерасад, Мискавайҳ дар замонае ҳузур дошта аст, ки дар он фазои сиёсии ҳоким ва шароити замона иҷозаи чунин андешаҳоро надода аст[119].

Мискавайҳ, ки дар нигоҳи аввал ба унвони як файласуф ва сиёсатмадор, таърихдон, ҳуқуқдон ва муаллими ахлоқ шуҳрат ёфта аст, аммо вусъати дониш ва биниши вай, ӯро ҳамчун як донишманди тавоно ва доиратулмаориф муаррифӣ мекунад.

Муҳимтарин ақида ва андешае, ки Мискавайҳ дар робита бо ҳуқуқ баён намуда аст, ақидаи ӯ дар бораи робитаи ҳукумат ва ҷомеа мебошад. Аз назари Мискавайҳ, машруият ё худ қонуни будани ҳоким ва ҳукумат тибқи қонун муайян карда мешавад. Яъне, агар фаъолияти ҳукумат мутобиқи омӯзаҳо ва дастуроти аҳкоми шаръӣ бошад. пас чунин ҳукумат қонунӣ, таъйиншуда аз ҷониби Худо мебошад. Ба ибораи дигар, ба ақидаи Мискавайҳ, ҳуқуқ мелок ва меъёри муқарраркунандаи қонунӣ (шаръӣ) ё ғайриқонунӣ (ғайришаръӣ) будани ҳукумат мебошад. Мискавайҳ ба масъалаи нақши мардум дар таъйини ҳоким чандон таваҷҷӯҳ зоҳир накардааст. Мутафаккир нақши меҳварӣ ва калидии мардумро дар “мақбулият”и ҳоким ва ҳукумат мебинад. Тавзеҳи ин нақши калидӣ яке аз муҳимтарин андешаҳои ҳуқуқии мутафаккир мебошад[120]. Чи тавре

[119] Абдулхонов Ф.М., Қодиров С.М., Ҷорубов Ф. Сохтори идоракуни: мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои он. С.270., Буризода Э.Б., Абдулхонов Ф., Қодирзода С.М. Моҳият, зарурат ва маъношиносии ҳукумат аз назари Ибни Мискавайҳ. С.8.

[120] Исоев М. Ҳикмати амалии Мискавайҳ. Душанбе, 2003. – С.122., Иззат Абдулазиз. Ибн Мискавайх фалсафатуҳу ал-ахлоқия ва масодируҳо. Қохира, 1946. – С.80.

Мискавайҳ таълим медиҳад, ҳокимият ва ҳукумат дар сурате дар ҷомеа мавриди таваҷҷӯҳ қарор мегирад, ки мақбули оммаи ҷомеа қарор гирифта бошад, зеро дар баробари мутобиқат бо шариат, ҳукумат инчунин қобили пазириши ҷомеъа низ бошад ва ниёзҳову дархостҳои таъмин карда тавонад.

Ҷавҳари таълимоти Мискавайҳ дар бораи мушорикат ва ҳамкории сиёсиву иҷтимоӣ ин аст, ки инсон ҳамчун мавҷуди табъан маданӣ ва иҷтимоӣ, набояд аз ҷомеа фирор ва каноргирӣ кунад, балки барои расидан ба саодати дунёӣ ва ухроӣ бояд ҳамроҳи дигар шаҳрвандон беҳдошти сарнавишти сиёсӣ ва ҳуқуқии худ дар умури ҳукумати мушорикат ва ҳамкорӣ дошта бошад. Мелок ва меъёри чунин мушорикат аз дидгоҳи Мискавайҳ иборатанд аз: насиҳат, интиқоди камбудиҳо дар фаъолияти ҳукумат, пуштибонӣ, ҳимоят ва назорат.

**Адабиёт:**

1. Абдулхонов Ф.М., Қодиров С.М., Ҷорубов Ф. Сохториидоракуни: мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои он. Ҳафтаи илм. Маводи конфронсияи умумидонишгоҳии илмию амалии ҳайати профессорону омӯзгорон ва аспирантону донишҷӯён бахшида ба “20-солагии Ваҳдати миллӣ” 17-22 апрели соли 2017. Душанбе “ЭР-граф 2018. 346С 269-273с.

2. Мискавайҳ, Абуалӣ Аҳмад ибни Муҳаммад, “Ал ҳавомилу ва шавомил”, дорул кутубил илмия, Байрут, аввал, 200/

3. Мискавайҳ. Таҷориб-ул-умам ва таоқиб-ул-ҳумам. Ал- **муҷаллад** ас-солис. Петербург, 1871. **-** 340 **с.**

4. Исоев М. Баъзе мулоҳизахои Мискавайҳ роҷеъ ба ҳикмати кишвардорӣ //Фалсафа дар аҳди Сомониён. Душанбе. 1999. – С. 250- 260 .

5. Исоев М. Ҳикмати амалии Мискавайҳ. Душанбе, 2003. – 176 с.

6. Иззат Абдулазиз. Ибн Мискавайх фалсафатуҳу ал-ахлоқия ва масодируҳо. Қохира, 1946. -430 с.

7. Идибеков Н.И. Этика Насириддина Туси в свете его теории свободы воли. Душанбе: Дониш, 1987. - 92 с.

8. Карнеги Дейл. Как завоевать друзей и оказывать влияние на людей. Душанбе: Дониш, 1991. - 496 с.

9. Қодирзода С.М. Мансабҳои хизматии давлатӣ ва вазифаҳои ҳокимон аз назари Ибни Мискавайҳ. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон факултети ҳуқуқшиносӣ Кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоасавӣ.Масъалаҳои назариявии амалисозии ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маводи конфренсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ бахшида ба таҷлили рӯзи ҳуқуқи инсон 7-уми декабри соли 2020с. 414-420С.

10. Қодирзода С.М. Андешаҳои сиёсӣ, ахлоқӣ ва ҳуқуқии Абӯалӣ Мискавайҳ Розӣ. Масъалаҳои мубрами идоракунии давлатӣ дар масъалаҳои сиёсат, ҳуқуқ, иқтисод ва сохтори давлатдории ҷомеаи имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷаҳон (Маҷмӯаи мақолаҳои омӯзгозрон ва

магистрантон). Нашри 1. 164С. Саҳ.-154

11. Буризода Э.Б., Қодирзода С.М. Хусусиятҳои хоси баъзе назарияҳои пайдоиши давлат ва ҳуқуқ Идораи давлаӣ, менеҷменти сайёҳӣ ва ҳифзи ҳуқуқ. Маҷалаи илмӣ – амалӣ №1 (01) 2020. С.7-13.

12. Буризода Э.Б., Абдулхонов Ф., Қодирзода С.М. Моҳият, зарурат ва маъношиносии ҳукумат аз назари Ибни Мискавайҳ. Масъалаҳои мубрами идоракунии давлатӣ дар масъалаҳои сиёсат, ҳуқуқ, иқтисод ва сохтори давлатдории ҷомеаи имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷаҳон (Маҷмӯаи мақолаҳои омӯзгорон ва магистрантон). Нашри 1. 164С. Саҳ. 5-13.

13. Шамолов А. Сравнительный анализ этики Абу Хомида Газзоли и Насруддина Туси. Душанбе, 1994.

14. Шидфар Б.Я. Историк и философ X-XI вв. Ибн Мискавайх и его эпоха. Автореферат диссертации канд.ист.наук. М., 1962. - 24 с.

15. Таҳзибул ахлоқ, ба нақл аз Фалсафаи назари таърих. Таҷорубул умам, Мискавайҳ, Аҳмад ибни Муҳаммад, тарҷумаи Абулқосими Имомӣ, Теҳрон, Суруш, 1369 ҳ.ш., ҷ 1.

16. Абуалӣ Аҳмад ибни Муҳаммад Мискавайҳ. Ал Ҳикмат-ул-Холидат. Теҳрон 1358 ҳ.ш. 362 с.

# ОИД БА МАСЪАЛАИ ДЕКРИМИНАЛИЗАТСИЯ КАРДАНИ ТӮҲМАТ ВА ТАҲҚИР ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Зокирзода З.Х.,**
дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва методикаи таълими Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
**Тел.:** (+992) 918-53-59-14
**E-mail:** zafar.khayrullozoda@mail.ru

**Бобохонов Ф.А.,**
муаллими калони кафедраи ҳуқуқ ва методикаи таълими Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, унвонҷӯи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
**Тел.:** (+992) 777-13-75-20
**E-mail:** farodil_ff@mail.ru

**Муқариз:** Аззизода У.А., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда.** Дар мақолаи мазкур масъалаи асосҳои декриминализатсия шудани тухмат ва тахқир дар Ҷумхурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф, дар натиҷаи таҳлили қонунгузории миллӣ ва андешаҳои муҳаққиқон муайян намудааст, ки якчанд асосҳо дар декриминализатсия шудани тухмат ва таҳқир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сабаб гардидаанд. Муаллиф, асосҳои декриминализатсия шудани туҳмат ва таҳқирро таҳлил намуда, бар он назар аст, ки асосҳои муайянгардида, барои декриминализатсия шудани туҳмат ва таҳқир сабаб шудан наметавонанд.

**Калидвожаҳо:** декриминализатсия, асосҳои ҳуқуқӣ, туҳмат, таҳқир, ҳифз, ҳуқуқи инсон, неъматҳои ғайримоддӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон.

# К ВОПРОСУ О ДЕКРИМИНАЛИЗАЦИИ КЛЕВЕТЫ И ОСКОРБЛЕНИЙ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Зокирзода З.Х.,**
доцент кафедры права и методики его преподавания Педагогического института Таджикистана в Раштском районе, кандидат юридических наук
**Тел.:** (+992) 918-53-59-14
**E-mail:** zafar.khayrullozoda

**Бобохонов Ф.А.,**
старший преподаватель кафедры права и методики его преподавания Педагогического института Таджикистана в Раштском районе
**Тел.:** (+992) 777-13-75-20
**E-mail:** farodil_ff@mail.ru

**Рецензент:** Аззизода У.А., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация.** В данной статье рассматриваются основания декриминализации клеветы и оскорбления в Республике Таджикистан. Автор в результате анализа национального законодательства и мнений исследователей выявил ряд причин декриминализации клеветы и оскорбления в Республике Таджикистан. Автор анализирует основания декриминализации клеветы и оскорбления и утверждает, что выявленные основания не ведут к декриминализации клеветы и оскорбления.

**Ключевые слова:** декриминализация, правовая основа, клевета, оскорбление, защита, права человека, нематериальные блага, Республика Таджикистан.

## TO THE QUESTION OF DECRIMINALIZATION OF SLAM AND INSULT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Zokirzoda Z.Kh.,**
associate professor of the department of law and methods of teaching it Pedagogical Institute of Tajikistan in Rasht region, candidate of legal sciences
**Phone:** (+992) 918-53-59-14
**E-mail:** zafar.khayrullozoda@mail.ru

**Bobokhonov F.A.,**
senior lecturer of the department of law and methods of teaching it Pedagogical Institute of Tajikistan in Rasht region
**Phone:** (+992) 777-13-75-20
**E-mail:** farodil_ff@mail.ru

**Reviewer:** Azzizoda U.A., Doctor of Law, Professor

**Annotation:** This article discusses the grounds for decriminalization of slander and insult in the Republic of Tajikistan. The author, as a result of the analysis of national legislation and the opinions of researchers, identified a number of reasons for the decriminalization of slander and insult in Republic of Tajikistan. The author analyzes the grounds for the decriminalization of slander

and insult and argues that the identified grounds do not lead to the decriminalization of slander and insult.

**Key words:** decriminalization, legal framework, slander, insult, protection, human rights, intangible benefits, Republic of Tajikistan.

Криминализатсия ва декриминализатсия чунин падидаҳое ба ҳисоб меравaнд, ки баҳри такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шудаанд. Аммо набояд чунин тағйиротҳо боиси паст задани арзишмандии ҳуқуқу озодиҳои инсон гардад. Арзишмандӣ ва дахлнопазирии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар раванди такмили қонунгузории ҷиноятӣ бояд ба инобат гирифта шаванд. У.А. Азиззода дуруст қайд намудаанд, ки баъди қабули Кодекси ҷиноятӣ соли 1998 зиёда аз 30 қонун оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятӣ қабул карда шудааст. Аммо ворид кардани тағйиру иловаҳои зиёд на танҳо ҳолати қонунгузориро беҳтар намесозад, баръакс бисёр меъёрҳои мухолифро ба вуҷуд меоварад[121]. Дар ин замина метавон қайд намуд, ки яке аз чунин тағйиротҳо ин декриминализатсия кардани туҳмат ва таҳқир мебошад. Яъне, Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз 5 моҳи декриминализатсия шудани туҳмат ва таҳқир дар Федератсияи Россия дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид кардани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз санаи 3.07.2012, №844 туҳмат ва таҳқир аз предмети танзими Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бароварда шуда, дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи $174^1$ дар як модда муқаррар карда шуд. Аммо пас аз 25 рӯзи декриминализатсия кардани туҳмат ва таҳқир дар Тоҷикистон, Федератсияи Россия такроран туҳматро ҳамчун кирдори ҷиноятӣ муқаррар намуд[122]. Пас чаро Ҷумҳурии Тоҷикистон такроран на туҳмат ва на таҳқирро ба Кодекси ҷиноятӣ барқарор накард? Муҳаққиқони ватанӣ ба монанди У.А. Азиззода[123], Т.Ш. Шарипов[124], С.Э. Баҳриддинзода[125], А.И. Сафарзода[126], Ф.А. Мирзоахмедов[127], оид ба криминализатсия ва декриминализатсия кардани чандин моддаҳои мухталифи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон андешаронӣ кардаанд, вале доир ба

[121] Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: монография / [отв. ред. Ф.Т. Тахиров]. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – С. 308.

[122] Зокирзода З.Х., Бобохонов Ф.А. Криминализация и декриминализация клеветы в уголовном законодательстве Республики Таджикистан // Правовая позиция. – 2021. – № 9. – С. 19.

[123] Азизов У.А. Развитие уголовно законодательства Республики Таджикистан. – Душанбе, Ирфон, 2006. – 113.

[124] Шарипов Т.Ш., Хайдарова А.И. Ретроактивность (обратная сила) уголовного закона при декриминализации деяния // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ҷамъиятӣ. – 2018. – № 2. – С. 225.

[125] Бахриддинзода С.Э., Бахриддинова Д.С. Некоторые вопросы усовершенствования уголовного законодательства Республики Таджикистан // Законодательство. – 2016. – № 4 (24). – С. 14 – 16.

[126] Сафарзода А.И., Раҳмонзода М.Такмили қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон оид ба фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2019. – № 1 (41). – С. 67–79.

[127] Мирзоахмедов Ф.А. Криминализация и декриминализация общественно опасных деяний в сфере преступлений против общественной безопасности // Правовая жизнь. – 2017. – №2 (18). – С. 109.

криминализатсия ва декриминализатсия кардани тухмат ва таҳқир таҳқиқоти маҷмӯӣ ва мушаххас гузаронида нашудааст.

Азбаски, қонунгузории кишвар (на гражданӣ ва на ҷиноятӣ) мафҳуми тухмат ва таҳқирро пешбинӣ накардаанд, моро зарур аст, ки каме ба мафҳуму моҳияти тухмат ва таҳқир равшанӣ андозем. Доир ба ин масъала муҳаққиқон андешаҳои мухталиф, ки дар умум як мазмунро ифода мекунанд, баён доштаанд. Кирдорҳои зидиҳуқуқии тӯҳмат ва таҳқир яке аз масъалаҳои муҳим оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ ба ҳисоб мераванд[128]. Ба андешаи Л.А. Раҳмонова тӯҳмат паҳн кардани маълумоти бардурӯғ ва ба ҳақиқат номувофиқ аст, ки шаъну эътибори шахсро паст мезанад[129]. Ба андешаи Ш.К. Ғаюров маълумоти бардурӯғи пастзанандаи шаъну шараф, ки асоси тухматро ташкил медиҳад бояд шахс дидаю дониста дурӯғ гуфта бошад ва маълумот бояд шаъну шараф ё обрӯи шахсро паст занад[130]. И.К. Усмонов қайд мекунад, ки тӯҳмат паҳн кардани маълумоти бардурӯғ, паст задани шаъну шарафи шахси дигар ё паст задани обрӯи ӯ мебошад[131]. Ш.К. Ғаюров дар ҷои дигар қайд менамояд, ки ба маълумоти тӯҳматомез танҳо он маълумотҳое дохил мешаванд, ки на танҳо дурӯғанд, балки шаъну шарафи инсонро паст мезананд ё обрӯи ӯро мерезонанд. Тӯҳмат на танҳо маълумот, балки афкори субъективиро низ ифода мекунад, ки шаъну шарафи инсонро паст мезанад ва обрӯи ӯро бад мекунад. Маълумоти бардурӯғ, ғаразнок ва бадномкунанда бояд ба шахси мушаххас ирсол карда шавад[132]. Таҳқир низ дорои мафҳуму моҳияти худ буда, аз тухмат фарқ мекунад, вале чун тухмат баҳри паст задани шаъну шараф ва эътибори инсон равона карда шудааст. Ба андешаи Ш.К. Ғаюров таҳқир метавонад дар назди омма ва инчунин дар набудани ҷабрдида сурат гирад. Таҳқир ҳамзамон дар ҳолате эътироф карда мешавад, ки баҳодиҳии шахсияти инсон ба воқеият мувофиқ бошад, аммо он дар шакли ношоиста ба амал бароварда мешавад. Ин фарқи байни таҳқир ва тӯҳмат аст. Таҳқир дар суханронии оммавӣ, асарҳои оммавӣ ё васоити ахбори омма вобаста ба иҷрои вазифаи ҷамъиятии ҷабрдида метавонад сурат гирад[133]. Л.И. Қобилова мазмун ва моҳияти таҳқирро чунин шарҳ додааст: таҳқир

---

[128] Зокирзода З.Х., Бобохонов Ф.А. Криминализация и декриминализация клеветы в уголовном законодательстве Республики Таджикистан // Правовая позиция. – 2021. – № 9. – С. 15.

[129] Рахманова Л.А. Уголовная ответственность за клевету и оскорбление – сдерживающий фактор от совершения, данного правонарушения // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 51.

[130] Гаюров Ш.К. Злоупотребление личным информационным правом: проблема адекватности охранительных мер // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 30–31.

[131] Усманов И.К. О моральной сущности вопросов связанных с клеветой и оскорблением // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 80.

[132] Гаюров Ш.К. Злоупотребление личным информационным правом: проблема адекватности охранительных мер // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 31.

[133] Гаюров Ш.К. Злоупотребление личным информационным правом: проблема адекватности охранительных мер // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 32.

метавонад ба таври шифоҳӣ, хаттӣ, бо имову ишора ва ғайра ба амал бароварда шавад. Он метавонад оммавӣ бошад, яъне дар ҳузури бегонагон содир шавад, ғоибона бошад, яъне дар сурати набудани худи ҷабрдида содир карда шавад, ба шарте, ки тарафи гунаҳгор мехоҳад ё дидаю дониста баҳои таҳқиромезро ба ҷабрдида расонад. Баръакси тӯҳмат, гунаҳгор ҳангоми таҳқир далелҳои марбут ба ҷабрдидаро хабар намедиҳад, балки ба сифатҳои шахсӣ, хусусиятҳо, рафтор ва ғайра баҳо медиҳад[134]. Дар ҷои дигар Л.И. Қобилова илова кардааст, ки таҳқири номус ва шаъну шараф инчунин метавонад дар ҳолатҳое сурат гирад, ки ифода ё амалҳои ношоиста бо мурочиати шахсони наздик ба ҷабрдида (масалан, кӯдак, ҳамсар ва ғайра), ки бинобар ҳолатҳои муайян (кӯдакӣ, камақлӣ ва ғайра) рафтори таҳқиромезро бо худ дарк карда наметавонанд. Аммо муносибати махсуси байни ин шахсон ва ҷабрдида имкон медиҳад, ки рафтори гунаҳгор ҳамчун таҳқири ҷабрдида қабул карда шавад. Таҳқири тахассусӣ таҳқирест, ки дар суханрониҳои оммавӣ, асаре, ки ба таври оммавӣ намоиш дода мешавад ё дар васоити ахбори омма вобаста ба иҷрои қурбонии вазифаи ҷамъиятии худ мавҷуд аст[135].

Вобаста ба масъалаи ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз кирдорҳои зиддиҳуқуқие чун тухмат ва таҳқир нисбатан муҳим ба ҳисоб мераванд. Зеро, ин кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ ҳанӯз аз ҳуқуқи зардуштӣ ва мусулмонӣ сарчашма гирифта, ҳамчун рафтори ҷиноятӣ эътироф гардида, барои онҳо ҷазои вазнин таъйин карда мешуд. Дар ҳама сарчашмаҳои ҳуқуқи зардуштӣ ва мусулмонӣ тухмат ва таҳқир кирдорҳои аз рӯйи оқибат хавфнок ҳисобида шуда, бисёр сахт мазаммат гардидаанд. Агар меъёрҳои ҳуқуқи қонунгузории имрӯзаро вобаста ба масъалаи ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ бо сарчашмаҳои таърихӣ муқоиса намоем, маълум мегардад, ки низомҳои таърихӣ-ҳуқуқии Тоҷикистон нисбат ба низоми муосир ба масъалаи ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ диққати ҷиддӣ зоҳир намудаанд[136]. Муҳаққиқон зарари маънавиро ченнашаванда ҳисобида, оқибатҳои зарарро вобаста ба кирдорҳои ҷиноятӣ ба оқибатҳои моддӣ ва ғайримоддӣ ҷудо кардаанд, ки зарари маънавии дар натиҷаи кирдорҳои ҷиноятии ба неъматҳои ғайримоддӣ расонидашаванда ба оқибатҳои ғайримоддӣ дохил

134 Кабилова Л.И. Защита чести, достоинства, деловой репутации от клеветы и оскорблений в законодательстве Республики Таджикистан // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 71.

135 Кабилова Л.И. Защита чести, достоинства, деловой репутации от клеветы и оскорблений в законодательстве Республики Таджикистан // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 71.

136 Зокирзода З.Х., Бобохонов Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – № 4. – С. 224.

мешаванд[137]. Туҳмат ва таҳқир мафҳумҳои ҳуқуқие мебошанд, ки шаъну шараф ва обрӯю эътибори инсонро паст мезананд ва ба инсон зарари маънавӣ мерасонанд. Туҳмат дар маънои маҳдуд паҳн кардани маълумоти бардурӯғ дар барои шахс ва ё гурӯҳи шахсон мебошад. Дар маънои васеъ бошад, туҳмат таснифоти алоҳидаро дарбар мегирад. Ба мисли туҳмати оддӣ, туҳмат тавассути воситаҳои ахбори омма ва интернет, туҳмат ҳангоми шахсро дар содир кардани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин гунаҳгор донистан, туҳмат ҳангоми шахсро дар содир кардани ҷиноятҳои ҷинсӣ гунаҳгор донистан. Дар зери мафҳуми таҳқир бошад, паст задани шаъну шараф ва обрӯю эътибори шахс дар шакли қабеҳ фаҳмида мешавад. Азбаски, мафҳумҳои туҳмат ва таҳқир хусусият, шакл ва таснифоти онҳоро фаро мегирад, бинобар ин бояд мафҳумҳои тӯҳмат ва таҳқир дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ муқаррар карда шаванд.

Тавре муҳақиқон қайд менамоянд, масъалаи декриминализатсия кардани тӯҳмат ва таҳқир яке аз масъалаҳои рӯзмарраи ҳуқуқист, ки таҳлил ва таҳқиқоти ҳамаҷонибаро талаб мекунад. Масъалаи декриминализатсия кардани тӯҳмат ва таҳқир бевосита бо фаъолияти рӯзноманигорӣ (васоити ахбори омма) ва озодии сухан рабт дорад[138]. Барои декриминализатсия кардани туҳмат ва таҳқир то соли 2012 як қатор конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ бо ташабуси намояндагии ВАО ва САҲА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил гардидааст. Тавре намояндаи САҲА дар Тоҷикистон Владимир Пряхин қайд менамояд мавзӯи декриминализатсия кардани тӯҳмат ва таҳқир дар Тоҷикистон нав нест. Дар тӯли 3-4 соли охир ин масъалаи мубрами Тоҷикистон мавзӯи чанд конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, ки бо иштироки васеи ҷомеаи Тоҷикистон баргузор мешаванд, табдил ёфтааст. Аз ҷумла, 24 сентябри соли 2004 САҲА конференсияи 6-уми Осиёи Марказиро оид ба масъалаҳои ВАО баргузор кард, ки мавзӯи он "Мушкилоти асри 21 барои расонаҳои Осиёи Марказӣ: Танзими тӯҳмат ва озодии иттилоот" буд. Дар натиҷаи ин конфронс Эъломияи Душанбе дар бораи тӯҳмат ва озодии иттилоот қабул карда шуд[139]. Сипас иштирокчиёни конференсия масъалаи декриминализатсияро баррасӣ карданд, ки тӯҳмат ва таҳқир бояд декриминализатсия карда шавад ва бо қонунҳои мувофиқ ва маҳдуди муайяншудаи гражданӣ иваз карда шуда, бо ҳифзи "интишори оқилона" ва ҷубронпулӣ ба роҳ монда шавад. Агар дар як муддати кӯтоҳ декриминализатсияи пурра имконнопазир бошад, пас бояд имкони

---

[137] Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И. Камолов З.А., Холиқзода Ш.Л., Зокирзода З.Х., Зиёбоева М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ: қисми умумӣ. Нашри 5-ум, такмилёфта. – Душанбе, 2020. – 223 с.

[138] Иноятов И. Связь и взаимодействие норм гражданского права о защите чести и достоинства с нормами уголовного права о диффомации в отношении средств массовой информации // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 17.

[139] Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 6.

муваққатии боздоштани татбиқи моддаҳоро оид ба бадномкунии шахс ба назар гирифт[140].

Яке аз чунин конференсияҳо дар таърихи 9-10-уми октябри соли 2008 бо иштироки олимони ватанӣ ва роҳбарони сохторҳои гуногун зери унвони "Декриминализатсияи тӯҳмат ва таҳқир - як қадами муҳим барои рушди демократия дар ҷомеа" баргузор карда шудааст. Дар конференсияи мазкур иштирокчиён бо маърӯзаҳои худ оид ба паҳлӯҳои мухталифи декриминализатсияи туҳмат ва таҳқир андешаронӣ карда, мутаассифона аксари онҳо декриминализатсия шудани туҳмат ва таҳқирро дастгирӣ кардаанд. Маҳз ин маърӯзаю пешниҳодҳои иштирокчиёни конференсия баҳри декриминализатсия шудани туҳмат ва таҳқир дар Тоҷикистон равона карда шудааст.

Бояд тазаккур дод, ки ҷавҳари далели аксари иштирокчиёни конференсия баҳри декриминализатсия шудани тӯҳмат ва таҳқир васоити ахбори омма, ҳуқуқи рӯзноманигорон ва озодии сухан мебошад. То ҷое ки мо маълум аст, масъалаи декриминализатсия кардани тӯҳмат ва таҳқир пеш аз ҳама бо ташаббуси кормандони васоити ахбори омма ба миён омадааст, ки онҳо дар мавҷудият ва таъқиби ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тӯҳмат ва таҳқир сахтгирӣ ва беадолатиро дидаанд. Тавре Л.А. Раҳмонова қайд мекунад, то ҷое ки ман фаҳмидам имкони паҳн кардани маълумоти тӯҳматомез дар васоити ахбори омма иҷозат дода шудааст, аммо онҳо ҷавобгарии ҷиноятиро барои чунин амалҳо шадид меҳисобанд ва ба назар гирифта намешавад, ки чунин амалҳо ҳуқуқи инсон ё шахси ҳуқуқиро поймол мекунад[141]. Собиқ сафири САҲА дар Тоҷикистон Владимир Пряхин қайд менамояд, ки қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон барои таҳқир ва тӯҳмат ҷавобгарии ҷиноятиро муқаррар кардааст ва мутаассифона, ин меъёрҳо дар Тоҷикистон истифода мешаванд[142]. Дар ин хусус А. Холиқов қайд мекунад, ки дар аксари кишварҳои ҷаҳон туҳмат ва таҳқир то ҳол бо қонуни ҷиноятӣ манъ карда шудааст. Аммо вақтҳои охир баъзе созмонҳои ҷамъиятии байналмилалӣ зуд-зуд ба танқиди ин муқаррарот ва бо ташаббуси декриминализатсия кардани туҳмат ва таҳқир ва ҳалли қонуни граждани оид ба баҳсҳои марбута шурӯъ карданд. Дар ин самт қадамҳои муайяни амалиро оид ба декриминализатсия кардани туҳмат ва таҳқир мушоҳида кардан мумкин аст. Масалан, дар Босния ва Ҳерсеговина (2002), Гурҷистон (2004), Гана (2001), Шри-Ланка (2002) ва

---

[140] Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 6-7.

[141] Рахманова Л.А. Уголовная ответственность за клевету и оскорбление – сдерживающий фактор от совершения, данного правонарушения // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 50.

[142] Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 7.

Украина (2001) қонунҳо дар бораи декриминализатсия кардани тухмат ва таҳқир қабул шудаанд[143].

Чӣ тавре, ки дар боло матраҳ гардид, иштирокчиёни конференсия барои декриминализатсия кардани тухмат ва таҳқир воситаҳои ахбори омма ва озодии рӯзноманигоронро ҳамчун маҳаки асосӣ қарор медиҳанд. Дар ин радиф озодии сухан низ ба ҳайси яке аз маҳакҳои асосӣ баромад мекунад. Тавре И. Иноятов қайд менамояд дар натиҷаи декриминализатсия кардани тӯҳмат ва таҳқир имкони татбиқи пурраи меъёрҳои конститутсионӣ оид ба озодии сухан васеъ мегардад. Дар натиҷаи аз Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷиикстон хориҷ кардани моддаҳои тӯҳмат ва таҳқир ва муайян кардани танҳо ҷавбгарии гражданӣ-ҳуқуқӣ, зарурати таъсири ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ ба васоити ахбори омма, шароити ҳуқуқии баррасии баҳсҳо дар бораи тӯҳмат ва таҳқир дар мурофиаи гражданӣ дар асоси принсипҳои баробарии тарафҳо такмил дода мешаванд. Сониян, криминализатсия фишори мансабдоронро ба намояндагони васоити ахбори омма аз байн мебарад ва фаъолияти онҳоро коҳиш медиҳад, инчунин дар маҷмуъ ба озодии сухан таъсир мерасонад. Дар раванди баррасии баҳсҳои гражданӣ дар мурофиаи судии ошкоро, он барои рушди ниҳоди адолат имконият фароҳам меорад. Ба ҳамин монанд, шахсони мансабдори алоҳида наметавонанд камбудиҳои фаъолияти худро пинҳон кунанд ва танқидро пешгирӣ кунанд. Ин муқаррарот метавонад омили рушди гуногунандешии афкор дар ҷомеа ва инчунин мубориза бо ҷиноятҳои коррупсионӣ гардад. Илова бар ин, барои тӯҳмат ва таҳқир кардан рӯзноманигоронро ҳабс кардан лозим нест[144].

Дар ин хусус И. Иноятов иброз доштааст, ки амалияи ҳуқуқҳифзкунӣ дар чанд соли охир нишон медиҳад, ки рӯзноманигорон бар асоси меъёрҳои "озодии сухан" амал карда, фаъолияти баъзе шахсони мансабдорро танқид мекунанд. Аммо мақомот, ки танқидро бар асоси меъёрҳои "эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандони дигар" таҳқир мешуморанд ва саъй мекунанд, ки хабарнигоронро ба ҷавобгарӣ кашанд ва ҷуброни зарари маънавиро талаб кунанд. Ин боиси бархӯрди ду мавқеъ (ду принсип) шуд, ки яке аз тарафдорони декриминализатсия кардани тӯҳмат ва таҳқир ва дигаре зидди декриминализатсия кардани тӯҳмат ва таҳқир буданд. Шубҳае нест, ки дар баъзе мавридҳо "моддаҳои тӯҳмат ва таҳқир"-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи муайяни шахсони мансабдорро кафолат медиҳанд ва дар ин асос онҳо талаб мекунанд, ки

[143] Холиков А. Декриминализация клеветы и оскорбления и её влияние на механизмы защиты чести и достоинства человека // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 10–11.

[144] Иноятов И. Связь и взаимодействие норм гражданского права о защите чести и достоинства с нормами уголовного права о диффомации в отношении средств массовой информации // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 20.

рӯзноманигорон ба ҷавобгарӣ кашида шаванд ва ин метавонад ба ҳолат ва рушди озодии сухан дар ҷумҳурӣ таъсири манфӣ расонад[145].

Яке аз далелҳои дигари тарафдорони декриминализатсия шудани тухмат ва таҳқир дар он ифода мегардад, ки гӯё мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми ҳифзи шаъну шарафи инсон баҳси гражданиро аз ҷиноятӣ фарқ карда наметавонистаанд. Тавре И. Иноятов қайд мекунад амалияи ҳуқуқҳифзкунӣ нишон медиҳад, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ на ҳама вақт баҳси гражданиро оид ба ҳифзи шаъну шараф ва парвандаи ҷиноятиро барои тӯҳмат ва таҳқир фарқ мекунанд ва меъёрҳои кодекси ҷиноятӣ оид ба тӯҳмат ва таҳқир на ҳама вақт дуруст шарҳ дода мешаванд. Ҳолатҳое мешаванд, ки дар маҳалли баррасии баҳси гражданӣ барои ҳифзи шаъну шараф парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда мешавад ва ё баръакс[146].

Тарафдорони декриминализатсия шудани туҳмат ва таҳқир дараҷаи пасти хатари ҷамъиятӣ доштани туҳмат ва таҳқирро ба ҳайси яке аз далелҳои худ пешниҳод менамоянд. Дар баробари воситаҳои ахбори омма, ҳуқуқи рӯзноманигорон ва озодии сухан ва дигар далелҳо, дараҷаи хатари ҷамъиятӣ ҳамчун маҳаки декриминализатсия шудани туҳмат ва таҳқир барои аз ҷониби бисёре аз муҳаққиқон пешниҳод шудааст. Тавре М. Газиев қайд намудааст, бо дарназардошти он ки дараҷаи хатари ҷамъиятии тӯҳмат ва таҳқир нисбат ба дигар ҷиноятҳо ба муқобили шахсият ба таври назаррас пасттар аст, ки дар содир кардани онҳо на танҳо манфиатҳои шахсӣ, балки ҷамъиятию давлатӣ низ таъсир мерасонанд (масалан, ҳангоми расонидани зарар ба саломатӣ ё куштор), мо ба хулосае омадем, ки бояд тӯҳмат ва таҳқирро декриминализатсия кунем. Тасниф кардани онҳо ба категорияи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ё ҳалли чунин баҳсҳо бо тартиби ҳуқуқии гражданӣ мувофиқи мантиқ мебошад[147]. Ба андешаи Ш.К. Ғаюров манъкуниҳои ҷиноятӣ ва ҳуқуқӣ ба сӯиистифода аз ҳуқуқҳои шахсии иттилоотии шаҳрвандон таъсир мерасонад. Асоси ин таваҷҷӯҳи давлат меъёри баҳсноки зиёд шудани хатари ҷамъиятӣ, ки ба шаъну шараф ва эътибори кории шахс таҳдид мекунад, мебошад. Дар робита ба чунин таваҷҷӯҳи давлат ба мунокишаҳои хусусӣ, саволҳои зерин ба миён меоянд: То чӣ андоза чунин криминализатсия чораи муносиби муҳофизатӣ аст? Оё бо манъи муқарраротӣ моддаи 174-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдуд шудан мумкин аст? Ба назари муаллиф криминализатсияи паҳн кардани маълумоте, ки шаъну шараф ва эътибори кории шахсро бадном мекунад, аз нуқтаи назари принсипҳои адолат ва

[145] Иноятов И. Связь и взаимодействие норм гражданского права о защите чести и достоинства с нормами уголовного права о диффомации в отношении средств массовой информации // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 17-18.

[146] Иноятов И. Связь и взаимодействие норм гражданского права о защите чести и достоинства с нормами уголовного права о диффомации в отношении средств массовой информации // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 19-20.

[147] Газиев М. Криминологическое обоснование уголовной ответственности за клевету и оскорбление // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 24.

инсондӯстӣ дар моддаҳои 8-9-и КҶ ҶТ пешбинишуда чораи муносиби муҳофизатӣ намебошад[148]. Азбаски ченаки инсонӣ ва амалисозии иттилоотии неъматҳои шахсии ғайримолумулкӣ ба принсипҳои ҳуқуқи гражданӣ асос ёфтааст, пас механизми ҳифзи ин арзишҳо низ бояд ба танзими ҳуқуқии гражданӣ асос ёбад[149]. Оид ба ин масъала С. Романов изҳор медорад, ки дар сатҳи олӣ эътироф карда мешавад, ки бояд ба декриминализатсияи тӯҳмат ва таҳқир диққати махсус дода шавад. Давлат бояд саъй кунад, ки ҳамаи ин масъалаҳо бо тартиби мурофиаи гражданӣ ҳал карда шаванд, ки инро имрӯз таҷрибаи ҷаҳонӣ ва қонунгузории байналмилалӣ исбот мекунанд[150].

М. Мамадшоев бар он назар аст, ки ин моддаҳо афзоиши иштироки фаъолонаи шаҳрвандонро бозмедорад ва ба рушди равандҳои демократӣ халал мерасонад[151]. И. Иноятов андешаҳои худро хулоса карда, тарафдорияшро ба декриминализатсия шудани туҳмат ва таҳқир чунин баён доштааст: раванди декриминализатсия кардани тӯҳмат ва таҳқирро оғоз кардан лозим аст. Ҳамзамон, зарур аст, ки сохторҳои давлатӣ, муҳофизони ҳуқуқ, рӯзноманигорон ва умуман созмонҳои ғайриҳукуматӣ дар ин хусус таҳқиқоти ҳуқуқӣ ва оморӣ гузаронанд[152]. М. Газиев низ декриминализатсия кардани туҳмат ва таҳқирро ҷонибдорӣ карда изҳор медорад, ки таҷрибаи амалӣ оид ба туҳмат ва таҳқир дар Тоҷикистон вуҷуд дорад ва натиҷаҳои ҷолиб медиҳад. Тибқи омори ғайрирасмӣ, дар се соли охир дар Тоҷикистон бар асоси моддаи 135-и Кодекси ҷиноятӣ 8 парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шудааст[153]. Аммо муқобил бар ин андеша Х. Умаров қайд менамояд, ки тибқи маълумоти Маркази иттилоотии ВКД Тоҷикистон тибқи моддаи 135-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (тӯҳмат) мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон дар соли 2006-37 парванда, соли 2007-39 парванда ва дар 9 моҳи соли 2008 -40 парвандаро ба қайд гирифтаанд. Дар мавриди таҳқире, ки дар моддаи 136-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, дар соли 2006-57 парванда, 2007-

---

[148] Гаюров Ш.К. Злоупотребление личным информационным правом: проблема адекватности охранительных мер // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 32.

[149] Гаюров Ш.К. Злоупотребление личным информационным правом: проблема адекватности охранительных мер // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 30.

[150] Романов С. Международные аспекты декриминализации клеветы и оскорбления. Практика имплементации в Республике Таджикистан // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 79.

[151] Мамадшоев М. Диффамация как дамоклов меч // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 48.

[152] Иноятов И. Связь и взаимодействие норм гражданского права о защите чести и достоинства с нормами уголовного права о диффомации в отношении средств массовой информации // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 21.

[153] Газиев М. Криминологическое обоснование уголовной ответственности за клевету и оскорбление // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 25.

54 парванда ва дар 9 моҳи соли 2008 - 60 парванда ба қайд гирифта шудааст[154]. Тавре аз омори мазкур бармеояд, рақамҳо на ба поён, балки сол то сол ба сӯи боло ҳаракат карда истодаанд. Декриминализатсия кардани тухмат ва ба қонунгузории гражданӣ гузаронидани он ҷиддияти ҳифзи ҳуқуқи инсонро зери суол қарор медиҳад, ки ин ба афзоиши оммавии тухмат мусоидат менамояд. Бинобар ин, аз нав криминализатсия кардани тухмате, ки оқибатҳои вазнин дорад (беморӣ, ба худкушӣ расонидан, озод намудан аз кор ва дигар) бо устувор гардонидани низоми исботнамоӣ мувофиқи мақсад мебошад[155].

Дар натиҷаи конференсияи байналмилалии дар мавзӯи «Декриминализатсияи тӯҳмат ва таҳқир - як қадами муҳим барои рушди демократия дар ҷомеа", ки таърихи 9-10 октябри соли 2008 баргузор гардида буд, иштирокчиёни конференсия ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мурочиатнома пешниҳод намуда буданд, ки ба чараёни декриминализатсия шудани тухмат ва таҳқир таъсири зиёд расонидааст. Дар муроҷиатномаи онҳо чунин омада буд: "Бо дарназардошти вазъи мавҷуда, ба Шумо, Ҷаноби Олӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон хулосаҳои зерини иштирокчиёни конференсияро пешниҳод менамоем:

- ҷазои ҷиноятӣ, аз ҷумла ҳабс, аз ҳад зиёд аст ва ба вазнинии ҷиноятҳои марбут ба таҳқир ва тӯҳмат мувофиқ нест ва беасос ба маҳдуд кардани озодии сухан ва муқаррар кардани сензура ва худсензура дар ВАО мусоидат мекунад;

- барои ҷазо додани тӯҳмат ва таҳқир ҷазоҳое, ки дар низоми ҳуқуқи гражданӣ пешбинӣ шудаанд, ба қадри кофӣ мувофиқанд;

- мавҷуд будани дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тотористон моддаи 330 "Таҳқир ба намояндаи мақомот" хилофи меъёрҳо ва амалияи байналмилалӣ мебошад, ки тибқи он мансабдорони баландпоя бояд дар суроғаи худ танқиди бештарро қабул кунанд"[156].

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлили масъалаи асосҳои декриминализатсия кардани тухмат ва таҳқир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маълум гардид, ки дар хориҷ гардидани тухмат ва таҳқир аз Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикстон воситаҳои ахбори омма, рӯзноманигорон ва бархе аз муҳаққиқон низ таъсири калон расонидаанд. Зимни таҳқиқоти масъалаи мавриди назар мо ба чунин хулосаҳо омадем:

1. Тӯҳмат ва таҳқир мафҳумҳои ҳуқуқие мебошанд, ки шаъну шараф ва обрӯю эътибори инсонро паст мезананд ва ба инсон зарари маънавӣ

---

[154] Умаров Х. Некоторые проблемы целесообразности охраны естественных прав граждан Таджикистана уголовно-правовыми средствами // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 75.

[155] Зокирзода З.Х., Бобохонов Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – № 4. – С. 226–227.

[156] Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 84.

мерасонанд. Тӯҳмат дар маънои маҳдуд паҳн кардани маълумоти бардурӯғ дар бораи шахс ва ё гурӯҳи шахсон мебошад. Дар маънои васеъ бошад, тӯҳмат таснифоти алоҳидаро дарбар мегирад. Ба мисли тӯҳмати оддӣ, тӯҳмат тавассути воситаҳои ахбори омма ва интернет, тӯҳмат ҳангоми шахсро дар содир кардани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин гунаҳгор донистан, тӯҳмат ҳангоми шахсро дар содир кардани ҷиноятҳои ҷинсӣ гунаҳгор донистан. Дар зери мафҳуми таҳқир бошад, паст задани шаъну шараф ва обрӯю эътибори шахс дар шакли қабеҳ фаҳмида мешавад. Азбаски, мафҳумҳои тӯҳмат ва таҳқир хусусият, шакл ва таснифоти онҳоро фаро мегиранд, бинобар ин бояд мафҳумҳои тӯҳмат ва таҳқир дар қонунгузор Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ маънидод карда шаванд.

2. Мо ба чунин хулоса омадем, ки туҳмат ва таҳқир соли 2012 дар натиҷаи мавҷудияти чунин асосҳо декриминализатсия карда шудааст:

- Гӯё ҷиноят будани туҳмат ва таҳқир озодии фаъолияти воситаҳои ахбори омма, рӯзноманигорон ва озодии суханро маҳдуд ва поймол мекарда бошад;
- Гӯё туҳмат ва таҳқир предмети танзимии на қонунгузории ҷиноятӣ, балки қонунгузории гражданӣ ва ё маъмурист;
- Гӯё дараҷаи хавфнокии туҳмат ва таҳқир барои ҷомеа пастар аст ва дар амалия кам содир мешаванд;
- Гӯё мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ва муроҷиаткунандагон баҳси гражданиро аз баҳси ҷиноятӣ фарқ карда наметавонистаанд;
- Гӯё ҷазои ҷиноятӣ барои туҳмат ва таҳқир то соли 2012 вазнин буд ва ҷавобгарии гражданӣ барои онҳо басанда будааст.

Вобаста ба асосҳои муайяннамуда, ки дар декриминализатсия шудани тӯҳмат ва таҳқир соли 2012 сабаб гардидаанд, мо бар он назар ҳастем, ки ҳеҷ яке аз ин асосҳо кофӣ нестанд ва барои декриминализатсия шудани туҳмат ва таҳқир асос шуда наметавонанд. Яъне, асосҳои мавриди назарро рӯзноманигорон ва ВАО ҷиҳати ба даст овардани озодии бемаҳдуд дастгирӣ намудаанд.

3. Мо пешниҳод менамоем, ки тӯҳмат ва таҳқир бо дарназардошти дараҷаи хатари ҷамъиятӣ доштан ва ба инсон зарари маънавӣ расонидан дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон такроран ҷиноят эътироф карда шаванд.

**Адабиёт:**

1.Азизов, У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: монография / [отв. ред. Ф.Т. Тахиров]. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – С. 308.

2.Азизов, У.А. Развитие уголовно законодательства Республики Таджикистан [Текст] / У.А. Азиззода. – Душанбе, Ирфон, 2006. – 113.

3.Бахриддинзода, С.Э., Бахриддинова, Д.С. Некоторые вопросы усовершенствования уголовного законодательства Республики

Таджикистан [Текст] / С.Э. Бахриддинзода, Д.С. Бахриддинова // Законодательство. – 2016. – № 4 (24). – С. 14 – 16.

4.Гаюров, Ш.К. Злоупотребление личным информационным правом: проблема адекватности охранительных мер [Текст] / Ш.К. Гаюров // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 30-31.

5.Газиев, М. Криминологическое обоснование уголовной ответственности за клевету и оскорбление [Текст] / М. Газиев // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 24.

6.Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе [Текст] // Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 6.

7.Зокирзода, З.Х., Бобохонов, Ф.А. Криминализация и декриминализация клеветы в уголовном законодательстве Республики Таджикистан [Текст] / З.Х. Зокирзода, Ф.А. Бобохонов // Правовая позиция. – 2021. – № 9. – С. 15.

8.Зокирзода, З.Х., Бобохонов, Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ [Матн] / З.Х. Зокирзода, Ф.А. Бобохонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – № 4. – С. 224.

9.Иноятов, И. Связь и взаимодействие норм гражданского права о защите чести и достоинства с нормами уголовного права о диффомации в отношении средств массовой информации Таджикистан [Текст] / И. Иноятов // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 17.

10.Кабилова, Л.И. Защита чести, достоинства, деловой репутации от клеветы и оскорблений в законодательстве Республики Таджикистан [Текст] / Л.И. Кабилова // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 71.

11.Мамадшоев, М. Диффамация как дамоклов меч [Текст] / М. Мамадшоев // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 48.

12.Мирзоахмедов, Ф.А. Криминализация и декриминализация общественно опасных деяний в сфере преступлений против общественной безопасности [Текст] / Ф.А. Мирзоахмедов // Правовая жизнь. – 2017. – №2 (18). – С. 109.

13.Рахманова, Л.А. Уголовная ответственность за клевету и оскорбление – сдерживающий фактор от совершения, данного правонарушения [Текст] / Л.А. Рахманова // Декриминализация клеветы и

оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 51.

14.Романов, С. Международные аспекты декриминализации клеветы и оскорбления: практика имплементации в Республике Таджикистан [Текст] / С. Романов // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 79.

15.Сафарзода, А.И., Раҳмонзода, М. Такмили қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон оид ба фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ [Матн] / А.И. Сафарзода, М. Раҳмонзода // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2019. – № 1 (41). – С. 67–79.

16.Умаров, Х. Некоторые проблемы целесообразности охраны естественных прав граждан Таджикистана уголовно-правовыми средствами [Текст] / Х. Умаров // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 75.

17.Усманов, И.К. О моральной сущности вопросов связанных с клеветой и оскорблением [Текст] / И.К. Усманов // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 80.

18.Холиков, А. Декриминализация клеветы и оскорбления и её влияние на механизмы защиты чести и достоинства человека [Текст] / А. Холиков // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 10–11.

19.Шарифов, Т.Ш., Хайдарова, А.И. Ретроактивность (обратная сила) уголовного закона при декриминализации деяния [Текст] / Т.Ш. Шарипов, А.И. Хайдарова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ҷамъиятӣ. – 2018. – № 2. – С. 225.

20.Шарипов, Т.Ш., Сафарзода, А.И. Камолов, З.А., Холиқзода, Ш.Л., Зокирзода, З.Х., Зиёбоева, М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ: қисми умумӣ. Нашри 5-ум, такмилёфта [Текст] / Т.Ш. Шарипов, А.И. Сафарзода, З.А. Камолов, Ш.Л. Холиқзода, З.Х. Зокирзода, М.Н. Зиёбоева. – Душанбе, 2020. – 223 с.

# ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН АЗ КОНСТИТУТСИЯИ ТОҶИКИСТОН САРЧАШМА МЕГИРАД

**Сайнозимзода Ф.С.,**
унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел.:** (+992) 918676096
**E-mail**: mr.holov@inbox.ru

**Роҳбари илмӣ:** Насриддинзода Э.С., узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Муқарриз**: Саъдизода Ҷ., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун падидаи нави даврони кунунӣ, ки аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад, мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Муаллиф зимни таҳлили мавзуъ, қайд мекунад, ки тағйиру иловаҳои ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми сентябри соли 1999 ва 22-юми июни соли 2003 тавассути раъйпурсии умумихалқӣ воридгардида, ба ташаккул ва рушди падидаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мамлакат мусоидат намуданд.

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади конститутсионӣ ва сиёсӣ-ҳуқуқӣ дар шароити кунунии Тоҷикистон мавқеи намоёнро касб намудааст. Зеро дар паёмҳои ҳарсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои мубрами сиёсати дохиливу хориҷии мамлакат баррасиву таҳлил шуда, роҳҳои ҳалли онҳо пешниҳод мегарданд.

Бо мақсади баланд бардоштани мақому манзалати падидаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор пешниҳодҳо манзур гардидаанд.

**Вожаҳои калидӣ:** Президент, Паёми Президент, вазъи ҳуқуқии Президент, Конститутсия, Маҷлиси Олӣ (Парламент), Ҳукумат, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, вазъи кишвар, сиёсати дохилӣ, сиёсати хориҷӣ.

# ПОСЛАНИЕ ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН ВЫТЕКАЕТ ИЗ КОНСТИТУЦИИ ТАДЖИКИСТАНА

**Сайнозимзода Ф.С.,**
соискатель кафедры прав человек и сравнительного правоведения юридического факультета Таджиксго национального университета
**Тел.**: (+992) 918676096
**E-mail:** mr.holov@inbox.ru

**Научный руководитель:** Насриддинзода Э.С., член-корреспондент национальной Академии наук Таджикистана, доктор юридических наук, профессор
**Рецензент**: Саъдизода Дж., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация**: В данной статье рассматривается Послание Президента Республики Таджикистан «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» Маджлиси Оли (Парламент) Республики Таджикистан как новое явление современной эпохи, вытекающее из Конституции Республики Таджикистан.

Анализируя тему, автор отмечает, что внесение изменений и дополнений в Конституцию Республики Таджикистан от 26 сентября 1999 года и 22 июня 2003 года путем всенародного референдума способствовало формированию и развитию Послания Президента Республики Таджикистан «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» Маджлиси Оли (Парламент) Республики Таджикистан в стране.

Послание Президента Республики Таджикистан «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» Маджлиси Оли Республики Таджикистан как конституционный и политико-правовой акт в современных условиях Таджикистана. В ежегодных посланиях Президента Республики Таджикистан рассматривается и анализируются актуальные вопросы внутренней и внешней политики страны и предлагаются пути их решения.

В целях повышения статуса и положения института Послания Президента Республики Таджикистан Маджлиси Оли (Парламент) Республики Таджикистан «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» выдвинут ряд предложений.

**Ключевые слова***:* Президент, Послание Президента, правовой статус Президента, Конституция, Маджлиси Оли (Парламент), Правительство, Содружество Независимых Государств, положение в стране, внутренняя политика, внешняя политика.

# ADDRESS OF THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN STEMS FROM THE CONSTITUTION OF TAJIKISTAN

**Sainozimzoda F.S.,**
researcher of the Department of Human Rights and Comparative Law of the Law Faculty, Tajik National University
**Phone**: (+992) 918676096
**E-mail**: mr.holov@inbox.ru

**Research supervisor**: Nasriddinzoda E.S., corresponding Member of the national Academy of Sciences of Tajikistan, doctor of legal Sciences, professor
**Reviewer**: Sadizoda J. Candidate of law, dosent

**Annotation:** This article discusses the Address of the President of the Republic of Tajikistan "On the main directions of the domestic and foreign policy of the republic" Majlisi Oli (Parliament) of the Republic of Tajikistan as a new phenomenon of the modern era, arising from the Constitution of the Republic of Tajikistan.

Analyzing the topic, the author notes that the introduction of amendments to the Constitution of the Republic of Tajikistan dated September 26, 1999 and June 22, 2003 through a national referendum contributed to the formation and development of the Address of the President of the Republic of Tajikistan "On the main directions of the domestic and foreign policy of the republic" Majlisi Oli (Parliament) of the Republic of Tajikistan in country.

Address of the President of the Republic of Tajikistan “On the main directions of the internal and foreign policy of the republic” to the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan as a constitutional and political and legal document in the modern conditions of Tajikistan. In the annual address of the President of the Republic of Tajikistan, current issues of the country's domestic and foreign policy are considered and analyzed and ways to solve them are proposed.

In order to improve the status and position of the institute, the Address of the President of the Republic of Tajikistan to the Majlisi Oli (Parliament) of the Republic of Tajikistan “On the main directions of the domestic and foreign policy of the republic” put forward a number of proposals.

**Keywords:** President, Address of the President, legal status of the President, Constitution, Majlisi Oli (Parliament), Government, Commonwealth of Independent States, situation in the country, domestic policy, foreign policy.

Ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки волотарин ва арзишмантарин дастоварди давлатдорист, зарурати қабули қонуни асосӣ, яъне Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба миён овард.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон санади сиёсӣ-ҳуқуқӣ, ҳуҷҷати сарнавиштсозу ифодагари азму ирода ва нияту орзуҳои неки халқи Тоҷикистон буда, дар марҳилаи хеле ҳассосу мураккаби сиёсии кишвар 6-

уми ноябри соли 1994 аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардид. Конститутсия заминаҳои ҳуқуқии давлат, дахлнопазирӣ ва якпорчагии он, манфиатҳои миллӣ, ҳадафҳои сиёсати дохиливу хориҷии мамлакат, асосҳои иқтисодиву иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон ва таҷзияи ҳокимияти давлатиро муайян сохта, муҳимтар аз ҳама, инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯро арзиши олӣ, халқро сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ эътироф кард ва барои инкишофи минбаъдаи муносибатҳои нави ҷамъиятӣ шароити созгор муҳайё намуд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд[157]. Яке аз меъёрҳои муҳим ва асосии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» мебошад, ки имрӯз он дар байни санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди ҳама соҳаҳои мамлакат мавқеи хоссаро касб намудааст.

Яке аз масъалаҳои муҳимме, ки зимни ироаи паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд, таҳкими ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошанд, ки ин масъала пеш аз ҳама аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маншаъ мегирад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро арзиши олӣ, ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитриашро дахлнопазир эътироф намуда, риоя ва ҳифзи онҳоро ба зиммаи давлат вогузор намуд. Боби 2-юми Конститутсияи кишвар ба ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд бахшида шудааст, ки яке аз калонтарин бобҳои он буда, ҳамагӣ 34 моддаро фаро мегирад[158].

---

[157] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудааст ва ба он 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 тавассути раъйпурсии умумихалқӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд (ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – С.7.

[158] Оид ба ин масъала муфассал ниг.: Насриддинзода Э.С. Нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими принсипи гуманизм ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд // Масъалаҳои назариявии амалисозии ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикисон: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ бахшида ба таҷлили рӯзи ҳуқуқи инсон (7-уми декабри соли 2020) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2020. – С. 10-18.; Насриддинзода Э.С. Нақши Пешвои миллат дар баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа // Ваҳдат, давлат, Президент. Ҷилди XXXIII. – Душанбе: Ирфон, 2021. – С. 6-20.; Насриддинзода Э.С. Нақши парламент дар таъмини волоияти қонун ва таҳкими ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд // Нақши Пешвои миллат дар ташаккул ва таҳкими низоми давлатдории Тоҷикистони навин. – Душанбе, 2021. – С. 97-118.; Насриддинзода Э.С. Фарҳанги ҳуқуқӣ. – Душанбе: Эр–граф, 2016. – 316 с.; Раҳмон Д.С. Ҳуқуқи инсон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тақвиятёбии тафовутҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ: масъалаҳои назарӣ, усулӣ ва амалӣ-ҳуқуқӣ. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Дашанбе. 2019. – 424 с.; Сафаров Б.А. История воплощения концепций и международных стандартов в области прав человека в правовую систему Республики Таджикистан: дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00.01. – Душанбе, 2015. – 366 с.; Диноршоев А.М., Саъдизода Ҷ., Имомова З.Б. Андешаи ҳуқуқи инсон: нигоҳе ба сарчашма, дин ва афкори донишмандон. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 136 с.; Саъдизода Дж. Отражение прав и свобод человека в Конституции Республики Таджикистан. // Вестник Таджикского национального университета. (Научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. №2/8 (215). Душанбе: Сино, 2016. – С. 254-257.; Саъдизода Ҷ. Ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12.00.01. – Душанбе, 2017. – 241 с.; Миралиев И.К. Права человека в условиях формирования правового государства в Республике Таджикистан: дис. ... кан. юрид. наук: 12.00.01. – Душанбе, 2014. – 205 с.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Конститутсия дар як вақт Сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия (Ҳукумат) буда, ҳомии Конститутсия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдориву бардавомии давлат, мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо, риояи шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон мебошад. Аз ин лиҳоз, самтҳои фаъолияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ буда, фарогирандаи соҳаҳои гуногуни ҳаёти мамлакат мебошанд.

Бояд қайд кард, ки падидаи Паёми Сарвари давлат ба парламент оид ба вазъи кишвар ва дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии мамлакат дар конститутсияҳои аксарияти кишварҳои ҷаҳон муқаррар карда шудааст. Дар конститутсияҳои мамлакатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил бошад институти Паёми Президент ба парламент (ба ғайр аз Ҷумҳурии Озорбойҷон) муқаррар гардидааст.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ин падидаи муҳимми сиёсӣ-ҳуқуқӣ бо сабаби вазъи ноороми сиёсии солҳои 90-уми асри гузашта дар кишвар бавуҷудомада, бо гузаштани андаке фурсат, бахусус, пас аз ба имзо расидани «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» рӯйи кор омад. Дар ин хусус К.Т. Мухторов низ қайд менамояд, ки ҳарчанд дар таҷрибаи давлатҳои пасошӯравӣ ин анъана (Паёми Президент ба парламент – С.Ф.) ҳанӯз аз соли 1990 оғоз гардида бошад ҳам, вале дар Тоҷикистон аз ҳисоби вазъи номусоиди сиёсиву оғози ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва минбаъд аз байн рафтани падидаи Президент дар ҷумҳурӣ он дертар ҷорӣ карда шуд[159].

Бо мақсади рушди давлатдории миллӣ, таъмини пойдориву оромии кишвар, сулҳу субот ва ваҳдат, рушди ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва тараққии низоми комилан нави ҷамъиятӣ, мусоидат ба инкишофи демократикунонии минбаъдаи ҳаёти ҷомеа, ба вуқуъ пайвастани дигаргуниҳои куллан ҷадид дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, такмил додани асосҳои конститутсионии ҳокимияти давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсону шаҳрванд ва кафолати онҳо, рушди ниҳодҳои президент ва парламент, се маротиба: 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016 тариқи раъйпурсии умумихалқӣ тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шуданд.

Дар алоқамандӣ бо ин, ба моддаҳои 48, 55 ва 69-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 26-уми сентябри соли 1999) тағйиру иловаҳои дахлдор ворид гардида, дар моддаи 48 муқаррар карда шуд, ки Маҷлиси Олӣ – парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Маҷлиси Олӣ иборат аз ду Маҷлис, Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон аст. Вобаста ба ин тағйиру иловаҳо салоҳиятҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон,

---

[159] Ниг.: Мухторов К.Т. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ: хусусиятҳои сиёсӣ-барномавии он // Паёми Донишкада / Махзани илмӣ. (Маводи Конфронсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Паёми Пешвои миллат – оинаи рушди сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва мадании Тоҷикистон» 19 марти соли 2019 дар Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент). №1/1, 2019. – С. 486.

инчунин гузаронидани ҷаласаҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаҳои алоҳида пешбинӣ ва мушаххас карда шуданд. Банди 1) моддаи 69-и Конститутсияи мамлакат ба Сарвари давлат масъалаи муайян намудани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро вогузор намуд, ки қаблан дар асоси банди 1) моддаи 49 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 1994) масъалаи муайян кардани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар салоҳияти Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон буд.

Дар асоси тағйироти ба моддаи 55-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон воридгардида Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон дар мавридҳои савганд ёд кардан, истеъфо ва шунидани Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин баррасии Паёми Президент дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ, бидуни қабули қарори дахлдор ҷаласаҳои якҷоя мегузарониданд[160]. Сонияи моддаи 55-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (22-юми июни соли 2003) дар таҳрири нав ифода мегардад, ки мувофиқи қисми сеюми моддаи мазкур дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Президент савганд ёд мекунад ва бо Паёми худ дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ баромад менамояд.

Ҳамин гуна, тағйиру иловаҳои ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми сентябри соли 1999 ва 22-юми июни соли 2003 тавассути раъйпурсии умумихалқӣ воридгардида, ба ташаккул ва рушди падидаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии мамлакат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намуданд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо истифода аз салоҳияти конститутсионии хеш мутобиқи қисми сеюми моддаи 55 ва банди 1) моддаи 69-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал 27-уми апрели соли 2000[161] бо Паём «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад карданд ва дар он оид ба вазъи ҳаёти ҷомеа, масъалаҳои умдаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, волоияти қонун, тартиботи ҳуқуқӣ ва мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, сиёсати хориҷии кишвар, инчунин роҷеъ ба дигар масъалаҳои муҳимми ҳаёти мамлакат дидгоҳу назари худро баён намуданд. Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии

[160] Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. (6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд). 26 сентябри соли 1999 дар раъйпурсии умумихалқӣ тағйирот ва иловаҳо дароварда шуд. – Душанбе: Паёми Сомониён, 1999. – 91 с.

[161] Эмомалӣ Раҳмонов. Роҳи мо ба сӯйи ҷомеаи ҳуқуқбунёд. (Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Ш. Раҳмонов ба намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 27 апрели соли 2000). – Душанбе: Ирфон, 2000. – 32 с.

Тоҷикистон, ки 21-уми декабри соли 2021 ироа гардид, 23-юмин Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Мавҷудияти падидаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити кунунӣ собит намуд, ки он дар ҳаёти кишвар муҳим буда, ҳамасола мардуми шарафманди Тоҷикистони соҳибистиқлол Паёми Президенти кишварро мунтазир мешаванд, чунки ба хубӣ эҳсос менамоянд, ки ҳар як Паём дар пасманзараш барои сокинони кишвар паёмадҳои нек доранд ва онҳоро ба фардои дурахшон боз ҳам наздиктар месозад[162].

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи мазмуну моҳияташ масъалаҳои гуногуни ҳаёти кишвар, аз қабили масъалаҳои сиёсиву фарҳангӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ, илму маориф, тандурустӣ, ҷавонону занон, таълиму тарбия, мудофиаи мамлакат, сиёсати хориҷӣ, ҳифзи табиат, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолии кишвар, тақвияти неруи инсонӣ, такмили низоми идоракунии давлатӣ, рушди хизмати давлатӣ, беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ, таҳлили низоми бонкии мамлакат, расидан ба ҳадафҳои стратегии мамлакат дар бахши таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ бахшидани кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, саноатикунонии босуръати кишвар, ҷалби сармоя, ислоҳоти соҳаи об, рушди соҳибкорӣ ва дар маҷмуъ, дигар масъалаҳои муҳимми Тоҷикистони соҳибистиқлолро фаро гирифтааст[163].

Паёми Президенти ҶТ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ҳамчун падидаи муҳимму умдаи давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёди мамлакат мақому эътибори хоссаро касб намудааст. Пас аз ироаи ҳар як Паёми Президенти ҶТ дар ҳаёти давлатӣ-ҳуқуқӣ ва тамоми бахшҳои хоҷагии халқи мамлакат дигаргуниҳои куллан ҷадид ва ҷашмрас ба амал меоянд. Одатан онҳо дар асоси қабул гардидани санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор сурат мегиранд.

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷати расмӣ ва санади сиёсӣ-ҳуқуқӣ буда, барои таҳкими асосҳои сохтори конститутсионӣ, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, баланд бардоштани маърифати сиёсиву ҳуқуқии шаҳрвандон ва фароҳам овардани зиндагии арзанда ба ҳар як фарди кишвар нигаронида шудааст.

Бояд қайд сохт, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳлати ироаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ пешбинӣ нагардидааст. Дар конститутсияҳои як қатор кишварҳо муҳлати ироаи Паёми Президент муқаррар карда шудаанд. Чунончи, дар конститутсияҳои давлатҳои Белорус, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон, Украина,

[162] Насриддинзода Э.С., Сайнозимзода, Ф.С. Таҳлили таърихӣ-ҳуқуқии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – Душанбе, 2021. – № 2 (22). – С. 16.

[163] Раҳмон Д.С., Шерзода Б.С.. Нақши Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули низоми ҳуқуқии миллӣ // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон.– Душанбе, 2021. – № 2 (22). – С. 25.

Федератсияи Россия, Хорватия «ҳарсол» ва дар Конститутсияи Гурҷистон бошад «як маротиба дар як сол» муқаррар гардидаанд.

Мавриди ёдоварист, ки дар соли 2020 Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа нагардид. Зеро худи ҳамон сол Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мутобиқи қисми сеюми моддаи 55 Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон савганд ёд карда, пас аз маросими савгандёдкунӣ оид ба масъалаҳои муҳимми ҳаёти кишвар, бахусус масоили сиёсати дохиливу хориҷии мамлакат ва дурнамои рушди кишвар дидгоҳу назари хешро баён намуданд. Инчунин, Конститусияи мамлакат масъалаи «ҳарсол» баромад намудани Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Паём «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешбинӣ накардааст. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо муқаррар намудааст, ки дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Паёми худ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» баромад менамояд.

Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2000 то соли 2014 ҳар сол дар моҳи апрел ва соли 2015 дар моҳи январ ироа гардиданд. Қобили зикр аст, ки дар солҳои 2016 ва 2021 Президенти кишвар бо ду Паём, ки яке моҳи январ дуюмӣ моҳи декабр ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намуд. Ин таҷриба дар дигар мамлакатҳои ҷаҳон низ дида мешавад. Чунончи, Президенти нахустини Америка Ҷорҷ Вашингтон низ соли 1790 бо ду Паём дар моҳҳои январ ва декабр дар назди конгресс (парламент) баромад кард. Ҳамчунин, президентҳои дигари Америка Франклин Д. Рузвелт, Дуайт Д. Эйзенхауэр, Ричард М. Никсон ва Ҷимми Картер дар як сол ду Паём ба конгресс (парламент), ки яке дар шакли баромад ва дуюмӣ дар шакли пешниҳоди хаттии Паём ирсол намуданд.

Дар Ҷумҳурии Қазоқистон аз соли 1997 сар карда, президентҳои ин кишвар 24 маротиба бо Паём ба халқ муроҷиат карданд, аз ҷумла 21 маротиба – Нурсултон Назарбоев ва 3 маротиба – Қосим-Жомарт Токаев. Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қ. Ж. Токаев 3 Паёми худро дар моҳи сентябр (солҳои 2019-2021) ироа намуд. Президенти нахустини Ҷумҳурии Қазоқистон Н. Назарбоев паёмҳои худро солҳои дахлдор дар моҳҳои январ, феврал, март, апрел, сентябр ва октябр ироа кардааст. Ҳамчунин, ӯ дар як сол бо ду Паём соли 2012 дар моҳҳои январ ва декабр ва соли 2018 моҳҳои январ ва октябр ба халқ муроҷиат карда буд.

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади конститутсионӣ ва сиёсӣ-ҳуқуқӣ дар шароити кунунии Тоҷикистон мавқеи намоёнро касб намудааст. Зеро дар паёмҳои ҳарсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои иқтисодиву

иҷтимоӣ, илму маориф, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, рушди неруи инсонӣ, таъмини адолати иҷтимоӣ, такмили низоми идоракунии давлатӣ, ҳифзи сиҳатии аҳолӣ, рушди сайёҳиву соҳибкорӣ, қонунгузорӣ ва фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, таҳкими муносибатҳои байналмилалӣ, тақвияти ватандӯстиву худшиносии миллӣ, сиёсати давлатии ҷавонону занон, таҳкими истиқлолияти давлатӣ ва ваҳдати миллӣ, таъмини волоияти қонуну тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиаи мамлакат, амнияти ҷомеа ва давлат, муқовимат ба терроризм, экстремизм, коррупсия, муомилоти ғайриқонунии моводи мухаддир ва дигар ҷиноятҳо, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандони мамлакат, инчунин соири масоили мубрами сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ таҳлилу матраҳ шуда, роҳҳои ҳалли онҳо пешниҳод гардиданд.

Бо мақсади баланд бардоштани мақому манзалати Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин пешниҳодҳо манзур карда мешаванд:

1. Бо Паём «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад намудан яке аз салоҳиятҳои истисноии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, вале дар моддаи 69 Конститутсияи кишвар, ки моддаи мазкур ба салоҳияти Президент бахшида шудааст, чунин муқаррарот пешбинӣ нагардидааст. Дар банди 1 моддаи 69 Конститутсияи ҶТ танҳо масъалаи муайян намудани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ аз ҷониби Президенти ҶТ муқаррар шудааст. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, пешниҳод менамоем, ки банди 1 моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1. Ҳарсол бо Паём дар бораи вазъи кишвар, самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад менамояд;».

Бояд хотирнишон сохт, ки дар конститутсияҳои мамлакатҳои ИДМ, аз қабили Белорус, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон, Узбекистон, Украина ва Федератсияи Россия бо Паём баромад намудани Президент дар моддае, ки ба салоҳияти ӯ дахл дорад, ҷойгир шудааст. Дар конститутсияҳои кишварҳои Арманистон ва Молдова бошад роҷеъ ба Паёми Президент моддаи махсус бахшида шудааст.

2. Ба моддаи 64 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми сеюм бо мазмуни зерин илова карда шавад: «Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Конститутсия ва қонунҳо самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳуриро муайян менамояд.».

3. Дар моддаи 55 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- ба қисми якум банди 7 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«7. Шунидани Паёми ҳарсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи вазъи кишвар ва самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ.»;

- банди 7 банди 8 ҳисобида шавад;

- қисми сеюм дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон Президент савганд ёд мекунад.».

4. Дар адабиёти ҳуқуқӣ ва қонунгузории мамлакат навишта шудааст, ки Президенти ҶТ мутобиқи қисми сеюми моддаи 55 ва моддаи 70 Конститутсияи ҶТ бо Паём «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» баромад менамояд, инчунин дар бораи вазъи кишвар ба ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ маълумот медиҳад. Аз таҳлили моддаи 70 Конститутсияи ҶТ маълум гардид, ки дар он иттилое оид ба Паёми Президенти ҶТ дар бораи вазъи кишвар пешбинӣ нагардидааст. Аз ин лиҳоз, пешниҳод мегардад, ки аз моддаи 70 Конститутсияи ҶТ калимаҳои «дар бораи вазъи кишвар ба ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон маълумот медиҳад,» хориҷ карда шаванд.

5. Дар моддаи 10 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»:

- ба қисми якум банди 7 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«7. Шунидани Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи вазъи кишвар ва самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ.».

- банди 7 банди 8 ҳисобида шавад;

- қисми сеюм дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон Президент савганд ёд мекунад.».

6. Аз таҳлили қисми сеюми моддаи 55 ва банди 1 моддаи 69 Конститутсияи ҶТ маълум гардид, ки онҳо дар маҷмуъ бо ҳам алоқамандии зич доранд ва ҳарду модда як мавзуъро танзим менамоянд. Яъне, қисми сеюми моддаи 55 масъалаи Паёми Президенти ҶТ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ва банди 1 моддаи 69 бошад масъалаи муайян намудани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳуриро аз ҷониби Президенти ҶТ муқаррар намудааст. Аз ин лиҳоз, ба инобат гирифта шавад, ки Президенти ҶТ мувофиқи қисми сеюми модди 55 Конститутсияи ҶТ, ҳамчунин тибқи банди 1 моддаи 69 Конститутсияи ҶТ бо Паём «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии ҶТ баромад менамояд.

7. Боби 2 Дастури ҷаласаҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ, ки тартиби гузаронидани ҷаласаҳои якҷояро ҳангоми савганд ёд кардан, истеъфо ва шунидани Паёми Президенти ҶТ танзим намудааст, дар қисмати Паёми Президенти ҶТ ба такмил ниёз дорад. Зеро матни моддаи 19 ба номи боб мутобиқат намекунад. Моддаи 19, ки ба масаълаи тартиби шунидани Паёми Президенти ҶТ бахшида шудааст, ҳамчунин дар он зикр шудааст, ки «Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи вазъи кишвар ба ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон маълумот медиҳад ва масъалаҳоеро, ки заруру муҳим мешуморад, ба муҳокимаи ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд». Масъалаи

зикршуда хуб мешуд, ки дар боб ва ё моддаи алоҳида муқаррар карда мешуд.

Бо ба инобат гирифтани гуфтаҳои боло пешниҳод менамоем, ки дар номи боби 2 калимаҳои «шунидани Паёми Президенти ҶТ» ба калимаҳои «шунидани Паёми Президенти ҶТ «Дар бораи вазъи кишвар, самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ»» иваз карда шуда, моддаи 19 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Моддаи 19.

1. Барои шунидани Паёми Президенти ҶТ «Дар бораи вазъи кишвар, самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» мутобиқи қисми сеюми моддаи 55 ва банди 1 моддаи 69 Конститутсияи ҶТ, қисми сеюми моддаи 10 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи Маҷлиси Олии ҶТ» ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ даъват карда мешавад, ки дар он Президенти ҶТ бо Паёми ҳарсола «Дар бораи вазъи кишвар, самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» баромад менамояд.

2. Шунидани Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи кишвар, самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» бо назардошти талаботи бандҳои 2 ва 3 моддаи 17 ҳамин Дастур баргузор мегардад.».

8. Боби 6 Дастури ҷаласаҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ низ ба такмил ниёз дорад. Аз ин лиҳоз пешниҳод менамоем, ки боби 6 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«БОБИ 6

Тартиби шунидани Паёми Президенти ҶТ «Дар бораи вазъи кишвар, самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ»

Моддаи 34.

Мутобиқи қисми сеюми моддаи 55, банди 1 моддаи 69 Конститутсияи ҶТ ва қисми сеюми моддаи 10 Қонуни конистутсионии ҶТ «Дар бораи Маҷлиси Олии ҶТ» дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ Паёми Президенти ҶТ «Дар бораи вазъи кишвар, самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» шунида мешавад.».

9. Дар ҳар як Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастуру вазифаҳо асосан ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешаванд ва сарбории иҷрои онҳо бар души Ҳукумати мамлакат вогузор шудааст ва табиист, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро дар асоси паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд. Бинобар ин, пешниҳод менамоем, ки ба моддаи 2 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» қисми дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро дар асоси паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи кишвар ва самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд.».

**Адабиёт:**

1. Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. (6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд). 26 сентябри соли 1999 дар раъйпурсии умумихалқӣ тағйирот ва иловаҳо дароварда шуд. – Душанбе: Паёми Сомониён, 1999. – 91 с.

2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудааст ва ба он 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 тавассути раъйпурсии умумихалқӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд (ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.

3. Диноршоев А.М., Саъдизода Ҷ., Имомова З.Б. Андешаи ҳуқуқи инсон: нигоҳе ба сарчашма, дин ва афкори донишмандон. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 136 с.

4. Миралиев И.К. Права человека в условиях формирования правового государства в Республике Таджикистан: дис. ... кан. юрид. наук: 12.00.01. – Душанбе, 2014. – 205 с.

5. Мухторов К.Т. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ: хусусиятҳои сиёсӣ-барномавии он // Паёми Донишкада / Махзани илмӣ. (Маводи Конфронсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Паёми Пешвои миллат – оинаи рушди сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва мадании Тоҷикистон» 19 марти соли 2019 дар Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент). №1/1, 2019. – С. 484-491.

6. Насриддинзода Э.С. Нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими принсипи гуманизм ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд // Масъалаҳои назариявии амалисозии ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ (7-уми декабри соли 2020) // Зери таҳрири д.и.ҳ. профессор Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2020. – С. 10-18.

7. Насриддинзода Э.С. Нақши Пешвои миллат дар баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа // Ваҳдат, давлат, Президент. Ҷилди XXXШ. – Душанбе: Ирфон, 2021. – С. 6-20.

8. Насриддинзода Э.С. Нақши парламент дар таъмини волоияти қонун ва таҳкими ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд // Нақши Пешвои миллат дар ташаккул ва таҳкими низоми давлатдории Тоҷикистони навин. – Душанбе, 2021. – С. 97-118.

9. Насриддинзода Э.С. Фарҳанги ҳуқуқӣ. – Душанбе: Эр–граф, 2016. – 316 с.

10. Насриддинзода Э.С., Сайнозимзода Ф.С. Таҳлили таърихӣ-ҳуқуқии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – Душанбе, 2021. – № 2 (22). – С. 6-19.

11. Раҳмон Д.С. Ҳуқуқи инсон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тақвиятёбии тафовутҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ: масъалаҳои назарӣ, усулӣ ва амалӣ-ҳуқуқӣ. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Дашанбе. 2019. – 424 с.

12. Раҳмон Д.С., Шерзода Б.С. Нақши Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули низоми ҳуқуқии миллӣ // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – Душанбе, 2021. – № 2 (22). – С. 20-33.

13. Сафаров Б.А. История воплощения концепций и международных стандартов в области прав человека в правовую систему Республики Таджикистан: дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00.01. – Душанбе, 2015. – 366 с.

14. Саъдизода Ҷ. Ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12.00.01. – Душанбе, 2017. – 241 с.

15. Саъдизода Дж. Отражение прав и свобод человека в Конституции Республики Таджикистан. // Вестник Таджикского национального университета. (Научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. №2/8 (215). Душанбе: Сино, 2016. – С. 254-257.

16. Эмомалӣ Раҳмонов. Роҳи мо ба сӯйи ҷомеаи ҳуқуқбунёд. (Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Ш. Раҳмонов ба намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 27 апрели соли 2000). – Душанбе: Ирфон, 2000. – 32 с.

# ҲИФЗИ ҲУҚУҚИ ИНСОН АЗ ЗАРАРИ МАЪНАВӢ ДАР НИЗОМИ ҲУҚУҚИИ МУСУЛМОНӢ

**Бобохонов Ф.А.,**
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
**Тел.:** 777137520
**E-mail:** farodil_ff@mail.ru

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур, масъалаи ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ дар низоми ҳуқуқи мусулмонӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф, ҳифзи неъматҳои ғайримоддӣ ва ҳуқуқҳои шахсии инсонро аз зарари маънавӣ дар низоми ҳуқуқи мусулмонӣ таҳлили назариявӣ-таърихӣ намуда, дар асоси сарчашмаҳои ҳуқуқи мусулмонӣ мавриди ҳифз қарор гирифтани ҳуқуқи инсонро аз зарари маънавӣ асоснок намудааст. Дар натиҷаи тадқиқот асоснок карда шудааст, ки низоми ҳуқуқи мусулмонӣ дар Тоҷикистони таърихӣ як давраи дуру дароз амал намуда, бо сарчашмаҳо ва меъёрҳои ҳуқуқии худ ҳифзи ҳуқуқи инсонро аз зарари маънавӣ ба роҳ мондааст.

**Калидвожаҳо:** Ҳифзи ҳуқуқи инсон, зарари маънавӣ, неъматҳои ғайримоддӣ, Қуръон, ҳадисҳо, низоми ҳуқуқи мусулмонӣ.

# ЗАЩИТА ПРАВ ЧЕЛОВЕКА ОТ МОРАЛЬНОГО ВРЕДА В МУСУЛЬМАНСКОЙ ПРАВОВОЙ СИСТЕМЕ

**Бобохонов Ф.А.,**
соискатель кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета,
**Тел.:** 777137520
**E-mail:** farodil_ff@mail.ru

**Аннонтация:** В данной статье рассматривается вопрос защиты прав человека от морального вреда в мусульманской правовой системе. Автор проводит теоретический и исторический анализ защиты нематериальных благ и прав личности от морального вреда в мусульманской правовой системе, а также обосновывает защиту прав человека от морального вреда на основе источников мусульманского права. В результате исследования обосновано, что система мусульманского права в историческом Таджикистане действует давно и своими правовыми источниками и нормами защищает права человека от морального вреда.

**Ключевые слова:** Защита прав человека, моральный вред, нематериальные благо, Коран, хадисы, мусульманская правовая система.

## PROTECTING HUMAN RIGHTS FROM MORAL HARM IN THE MUSLIM LEGAL SYSTEM

**Bobokhonov F.A.,**
camerator of the department of human rights and comparative law of the law faculty of the Tajik national university,
**Phone:** 777137520
**E-mail:** farodil_ff@mail.ru

**Annotation:** This article examines the issue of protecting human rights from moral harm in the Muslim legal system. The author conducts a theoretical and historical analysis of the protection of intangible goods and individual rights from moral harm in the Muslim legal system, and also substantiates the protection of human rights from moral harm based on the sources of Muslim law. As a result of the study, it is substantiated that the system of Muslim law in historical Tajikistan has been operating for a long time and with its legal sources and norms protects human rights from moral harm.

**Key words:** Protection of human rights, moral harm, intangible benefit, Koran, hadith, Muslim legal system.

Зиёда аз навад дарсади аҳолии Тоҷикистонро пайравони дини ислом ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, омӯзиши хуқуқ ва фарҳанги мусулмонӣ дорои аҳамияти махсус буда, ба рушди муносибатҳои ахлоқӣ, динӣ ва ҳуқуқии халқи тоҷик таъсири калон мегузорад.

Омӯзиши низоми ҳуқуқи мусулмонӣ барои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқсозии Тоҷикистони муосир ниҳоят муҳим аст, зеро он дар умқи шуур ва ахлоқ мардуми мо таърихан ҷой гирифтааст. Ҳамзамон нақши он дар инкишофи сиёсати давлатӣ-ҳуқуқии Тоҷикистон назаррас аст ва омӯзишу истифодаи таҷрибаи бойи таърихии танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ аз ҷониби меъёрҳои ҳуқуқи исломӣ дар шароити кунунии рушди ҷомеаи мо манфиати калон дорад[164]. Ба андешаи Б.А. Сафарзода Ислом дар тӯли беш аз 1400 сол ба муносибатҳои ҷамъиятӣ фаъолона таъсир расонада, дорои арзишҳои зиёди ҳуқуқие мебошад, ки инсон ва ҳуқуқҳои ӯро дар сатҳи зарурӣ кафолат додааст[165].

Ҳамчун дини ҷаҳонӣ Ислом бе асоси ҳуқуқии он - ҳуқуқи мусулмонӣ комил намебошад. Маҳз меъёрҳои ҳуқуқии он муносибатҳои ҷамъиятии

[164] Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: монография / [отв. ред. Ф.Т. Тахиров]. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – С. 88.

[165] Сафарзода Б.А. История воплощения концепций и международных стандартов в области прав человека в правовую систему Республики Таджикистан. – Душанбе: 2016. – С. 18.

дар ҷомеаи мусулмонӣ бавуҷудояндаро ба танзим медароранд.[166] Ҳуқуқи мусулмонӣ дар қатори дигар низомҳои ҳуқуқии динӣ ба мисли ҳиндуӣ, яҳудӣ дар кишварҳои зиёди ҷаҳонӣ инкишоф ёфта, дар тамоми ҷумҳуриҳои осиёимиёнагӣ дар давраи тоинқилобӣ амал кардааст.[167]

Ба ақидаи С.А. Старостина «ҳуқуқи динӣ»- ин маҷмӯи қоидаҳои рафтор ва принсипҳои динӣ-ахлоқӣ мебошад, ки дар манбаъҳои динӣ мустаҳкам карда шуда, муносибати инсонро бо Худо ва аъзоёни ҷомеа ба танзим медарорад, ки барои пайравони он ҳатмӣ мебошанд.[168] У.А. Азизов ақидаро дар хусуси низоми ҳуқуқи динӣ будани ҳуқуқи мусулмонӣ дасттгирӣ намуда, қайд менамояд, ки он дар боварӣ ба Худо ифода меёбад. Ҳамзамон ёдовар шудааст, ки дар ҳудуди Тоҷикистони таърихӣ то даврони тоинқилобӣ амал карда, дар ин давра ҷазоҳои ҳуқуқӣ низ хусусияти динӣ доштанд[169]. Дар асолси гуфтаҳои боло қайд кардан зарур аст, ки бавуҷудоӣ ва инкишофи давлати арабӣ аз як кишвари хурд то хилофати бузурги Араб бо пайдоши дини Ислом асри VII ва то асри VIII – X муттаҳид гардонидани халқҳои гуногун бо ин ақидаи давлатӣ ба Худои ягона робитаи зич дорад.[170]

Дар қаламрави Тоҷикистони таърихӣ паҳншавии ҳуқуқи мусулмонӣ хеле суст сурат гирифта, он дар асри IX-X ба анҷом расид. Маълумотҳои таърихӣ собит менамоянд, ки ин ҷараён дар баъзе аз минтақаҳо пас аз асри X низ идома ёфтааст.[171] Дар ин хусус А.Ғ. Холиқов қайд менамояд, ки таърихи ҳазорсолаи халқи тоҷик бо меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ зич алоқаманд буданд ва таълимоту фарҳанги исломӣ то солҳои 20-уми асри XX устувор амал менамуданд ва мардум дар шароити амали меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ зиндагӣ мекарданд[172].

Меъёрҳои ҳуқуқии ин низом танзимкунандаи муносибатҳои мухталифи ҷамъиятӣ буда, дар сарчашмаҳои махсус мутаҳкам гардидаанд. Сарчашмаҳои ҳуқуқи мусулмониро вобаста ба қувваи ҳуқуқиашон ба се гурӯҳ ҷудо кардаанд. Сарчашмаҳои аввалиндараҷаи ҳуқуқи мусулмонӣ - Қуръон ва суннат; сарчашмаҳои дуюминдараҷа иҷмоъ, иҷтиҳод, фатво ва қиёс; сарчашмаҳои сеюминдараҷа - сарчашмаҳои позитивӣ, фармон ва одатҳои халқу милатҳои мухталиф.[173]

---

166 Кангезов М.Р. Институт преступления и наказания в мусульманском праве: дис … канд. юрид. наук. - Краснодар, 2010. – С. 14-15.

167 Об истории возникновения и развития ислама подробно Ниг.: Ислам / авт.-сост. М. Магомерзоев. – М.: ЭкНиго, 2011. – 640 с. : ил. – (Религии мира).

168 Хамон ҷо. – С. 43.

169 Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: монография / [отв. ред. Ф.Т. Тахиров]. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – С. 130; Саъдизода Ҷ. Ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2017. – С.37.

170 Большаков О.Г. История Халифата. Ислам в Аравии. Эпохи великих завоеваний (633 - 656). - Т. 2. - М.: Вост. лит., 2002. – С. 37.

171 Буриев И.Б. Действие мусульманского права на территории дореволюционного Таджикистана (VIII – начало XXвв.). – Душанбе, 1999. – С. 34.

172 Халиков А.Г. Хадис как источник мусульманского права (суннитское направление). – Душанбе, 1998. – С.3.

173 Холиқов А.Ғ. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. Қисми 1. – Душанбе, 2014. – С.109.

Қуръон аз рӯи қувваи ҳуқуқии худ дар ҷои аввал истода, аз 114 сураи он қариб дар 40 фоизаш меъёрҳои ҳуқуқӣ бевосита ва бавосита дида мешаванд ва аз 6225 (баъзан 6236) оят қариб 500 ояти он бевосита меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошанд[174]. Пас аз Қуръон, дар ҷои дуюм нақши суннат[175] дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ҳифзи ҳуқуқи инсон нақши баланд дорад. Ҳадис нақл дар бораи гуфтор, кирдор ва пиндори Паёмбари ислом аст, ки дар он қоидаҳои рафтори муайян пешбинӣ ва ё наҳӣ шудаанд[176]. Ҳадисҳое, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ доранд миқдорашон беш аз ҳазор аст. Дар онҳо бештар сифатҳои инсондӯстӣ, адолатпарварӣ, ҳимояи ҳаққи ҳамсоя ва мазлумон ва ҳолатҳои дигари ҳаётӣ тарғиб гардидаанд [177].

Низоми ҳуқуқии мусулмонӣ ба ҳама ҷанбаҳои ҳаёти инсон, ҳуқуқу озодиҳои ӯ диққати ҷиддӣ зоҳир намуда, дар асоси сарчашмаҳои ҳуқуқӣ онҳоро эътироф, муқаррар ва ҳифз намудааст. Дар ин миён, махсусан ҳуқуқу озодиҳои маънавӣ, ба монанди ҳаёт, саломатӣ, қадру қиммат, обурӯю эътибор, номи нек, озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ объектҳои махсусан ҳифзшавандаи ин низоми ҳуқуқӣ дониста мешаванд.

Яке аз ҳуқуқои фитрии инсон ин ҳуқуқ ба ҳаёт мебошад, ки низоми ҳуқуқии мусулмонӣ доир ба ҳифзи ва таъмини осоиштаи он махсус таваҷҷуҳ карда аст. Ҳуқуқи мусулмонӣ муқаррар намудааст, ки шумо наметавонед инсонро аз ҳаёт ва озодӣ маҳрум созед, магар бо ҳукми қонунии суд[178]. Ба андешаи Шосаидзода Ш.Ш. Ислом аз ибтидо ҳуқуқ ба ҳаёт ва саломатиро нисбат ба тамоми кӯдакон, новобаста аз ҷинс, нажод ва ё баромади онҳо мансуб медонад[179].

Дар сураи Нисо, ояти 92-и Қуръон Худованд фармудааст: «ҳеҷ мӯъминеро нарасад, ки мӯъмини дигарро ҷуз ба хато бикушад. Ва ҳар кас, ки мӯъминеро ба хато бикушад, бояд ки бандае мӯъминро озод кунад ва хунбаҳояшро ба хонаводааш таслим кунад, магар он, ки хунбаҳоро бибахшанд. Ва агар кушташуда мӯъмин ва аз қавмест, ки душмани шумост, фақат бандаи мӯъминеро озод кунад ва агар аз қавмест, ки бо шумо паймон бастаанд, хунбаҳо ба хонаводааш пардохт шавад ва бандаи мӯъминеро озод кунад ва ҳар кас, ки бандае наёбад, барои тавба ду моҳ пай дар пай рӯза бигирад. Ва Худо донову ҳаким аст!»[180]. Дар ин меъёр ҷанбаҳои муҳими ҳуқуқ ба ҳаёт баён гардидааст. Озод кардани ғуломе, додани хунбаҳо, ду моҳ пай дар пай рӯза доштан ҳамчун ҷазо барои шахси гунаҳгор пешбинӣ гардидааст. Аммо ин танҳо дар сурати иштибоҳан (аз

---

[174] Холиқов А.Ғ. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. Қисми 1. – Душанбе, 2014. – С.110.

[175] Сунат - роҳ, равиш, одат,маҷмӯи ҳадисҳо мебошад.

[176] Холиқов А.Ғ. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. Қисми 1. – Душанбе, 2014. – С.111.

[177] Ҳамон ҷо.

[178] Универсальная исламская декларация прав человека [Электронный ресурс]: URL: ru.wikisource.org; Диноршоев Азиз Мусоевич. «Конституционные основы регламентации и реализации прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан» Диссертация на соискание ученой степени доктора юридических наук. Москва – 2015. – С.60.

[179] Шосаидзода Ш.Ш. Ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи кӯдак дар Тоҷикистон. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2020. – С. 43.

[180] Қуръони карим (асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ) [Матн]. – Душанбе: ЭР- граф, 2011. – 4:92.

беэҳтиётӣ) куштани шахс муқаррар шудааст. Дар ин меъёр қасдан куштани инсон маҳкум гардидааст. Аз ҳама чизи ҷолиби диққат ин додани хунбаҳост. Бар андешаи мо ин масъала сирф хусуситяи равонӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дорад ва маҳз баҳри хотирҷамъӣ, аниқтараш барқарор намудани зарари маънавӣ, пардохти зарари иқтисодӣ ва таъминоти иҷтимои ворисони ҷабрдида равона гардидааст.[181] Вобаста ба масъалаи қасдан куштани шахс бошад, Қуръон дар сураи Нисо, ояти 93 муқаррар менамояд, ки «Ва ҳар мӯъминеро барқасд бикушад, ҷазои у ҷаҳаннам аст, ки дар он абадӣ хоҳад буд ва Худо бар ӯ хашм гирад ва лаънаташ кунад ва барояш азобе бузург омода созад!»[182].

Қуръон барои содир намудани куштори барқасдона ҷазои қасос пешбинӣ кардааст. Аз ҷумла Худованд дар ояти 178-и сураи Бақара мефармояд: «Эй касоне, ки имон овардаед, дар бораи куштагон бар шумо қасос муқаррар шуд: озод дар баробари озод ва банда дар баробари банда ва зан дар баробари зан. Пас ҳар кас, ки аз ҷониби бародари худ афв гардад, бояд, ки бо хушнудӣ аз паи адои хунбаҳо равад ва онро ба тарзе некӯ ба ӯ пардозад. Ин ҳукм сабукиву раҳмест аз ҷониби Парвардигоратон ва ҳар кӣ аз он рӯй гардонад, насиби ӯ азобест дардовар!»[183]. Меъёри мазкур низ бахшиш ва пардохти хунбаҳоро пешбинӣ намудааст, ки ишора ба ҳифзи ҳуқуқи инсон мебошад. Дар баробари ин ҳуқуқи мусулмонӣ худкуширо низ маҳкум менамояд[184].

Бояд қайд намоям, ки дар хусуси ҳифзи ҳуқуқи инсон ба ҳаёт ҳадисҳо низ баён шудаанд. Дар мазмуни ҳадисе, ки онро Абӯбакр аз Паёмбари Худо (с) ривоят мекунанд омадааст, агар ду нафар мусалмон бо аслиҳаи худ ба ҷони ҳам афтанд, он ки бикушад ва он ки кушта шавад ҳар ду дар дузаханд. Вақте аз Паёмбар (с) пурсиданд, ки шахси кушанда бале, аммо шахси кушташуда барои чӣ? Дар ҷавоб гуфтанд: шахси кушташуда низ қасди куштор дошт[185]. Дар ҳадиси дигар, ки Абуҳурайра ривоят мекунад, ки Паёмбар (с) аз 7 чизи ҳалоккунанда, ки яке аз онҳо куштани шахси дигар буд, тарсидани мардумро амр кардааст[186].

Аслан доираи кирдорҳое, ки метавонанд бевосита ба шахс зарари маънавӣ расонанд ин амалҳои манъшуда, ба монанди туҳмат, таҳқир ва дурурғ мебошанд. Низоми ҳуқуқии мусулмонӣ нисбат ба масъалаи туҳмат таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда ин амалро яке аз кирдорҳои зишти инсон меҳисобад. Шахсеро барои амали содир накардааш ва ё сухани нагуфтааш гунаҳгор намудан ва ё дар ҳаққи ӯ шаҳодати бардурӯғ додан, яке аз амалҳое мебошад, ки ҳуқуқи мусулмонӣ ҳамчун амалҳои гунаҳгорона донистааст ва барои шахсоне, ки онро содир намудаанд ҷавобгариҳои

---

181 Азизов У.А. Цели наказания по мусульманскому праву в дореволюционном Таджикистане. Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон // Маҷаллаи илмӣ амалӣ. – 2017. - №1(05). – С. 37.

182 Қуръони карим (асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ) [Матн]. – Душанбе: ЭР- граф, 2011. – 4:93.

183 Қуръони карим (асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ) [Матн]. – Душанбе: ЭР- граф, 2011. – 2:178.

184 Зафар Диловар. Диншиносӣ. (Таҳлили сиёсӣ ва иҷтимоӣ). – Душанбе, 2010. – С. 200.

185 Зуюайдӣ З.А. Мухтасари Саҳеҳи Бухорӣ. – Душанбе: ЭР- граф, 2011. – Ҳадиси 23.

186 Зуюайдӣ З.А. Мухтасари Саҳеҳи Бухорӣ. – Душанбе: ЭР- граф, 2011. – Ҳадиси 1200.

гкногкндарачаро пешбинӣ кардаанд. Аз ҷумла Худованд дар ояти 112-и сураи Нисо мефармояд: «Ва ҳар кӣ хато ё гуноҳе кунад, он гоҳ бегуноҳеро ба он муттаҳам созад, албатта бори тӯҳмату гуноҳе ошкорро бар дӯши худ гирифтааст»[187].

Дар мавзӯи туҳмат ва оқибатҳои ҳуқуқии он дар Қуръон муқаррарот ва гуфтаҳои дигаре оварда шудаанд, ки сатҳ ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ин амалро нишон медиҳад ва бо ин роҳ аз пайравони дини ислом даъват менамояд то аз ин амалҳо худдорӣ намоянд. Аз ҷумла ривояти туҳмат кардани Маряммодари Паёмбар Исо бар амали зино ва ҳамилаи беникоҳӣ.[188] Туҳмат кардани Паёмбар Юсуф аз ҷониби Зулайхо ҳамсари Азизи Миср Путифор, ки ба амали зинокорӣ вобаста буд.[189]

Доир ба масъалаи танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба туҳмату таҳқир дар сарчашмаҳои дигари ҳуқуқи мусулмонӣ гуфта шудааст. Ҳадисҳои зиёде мавҷуданд, ки ин амалҳоро маҳкум менамоянд. Чунончи аз Алӣ ривоят аст, ки пурсиданд: чи чиз аз осмон вазнинтар, аз замин васеътар аст? Ӯ дар ҷавоб гуфт: туҳмату буҳтон бастан ба шахси бегуноҳ аз осмон ҳам вазнинтар аст. Ҳақ бошад аз замин васеътар аст[190].

Туҳматро амали сахту сангин ва ниҳоят гунаҳгорона дониста, Худованд дар ояти 4-и сураи Нур мефармояд: «Касонеро, ки занони покро ба зино мутаҳҳам мекунанд ва чаҳор шоҳид намеоваранд, ҳаштод зарба бизанед ва аз он пас ҳаргиз шоҳидиашонро напазиред, ки мардуме фосиқанд»[191]. Баланд будани қадру қиммати шахс ва обрӯю эътибори он дар низоми ҳӯкуки мусулмониро нишондодҳои боло шаҳодат медиҳанд. Махсусан механизми ҳифзи ин объектҳои ҳуқуқии ҳифзшаванда дар ислом ҷолиби диққат мебошанд. Аввалан муқаррар намудани ҷазои ҷиноятӣ ва баъдан шакли ошкоро ва дар ҳузури омаи ҳалқ амали намудани он ҳам хусусияти огоҳнамоию пешгирисозӣ ва ҳам хусусияти тарбияви онро ншон медиҳад. Аз ҷониби дигар, шахси гунаҳгор дар ҷомеа худаш бадном гардида, минбаъд наметавонист дар ҳеҷ куҷое шоҳидӣ диҳад. Ҳатто дар аксари мавридҳо ӯ наметавонист ҳамчун даъвогар даъво пешниҳод намояд.[192] Тавре муҳаққиқон иброз доштаанд, низоми мусулмонӣ тавассути манъи дуои бад, дашном ва масхараи дигарон, шаъну шарафи ҳар як инсонро ҳифз мекунад. Ин низоми ҳуқуқӣ бадгумонӣ, фикри бад нисбати шахси дигар, таъқиб, ҷосусӣ ва туҳматро маҳкум намудааст[193].

Худованд туҳматро ҳамчун кирдори бузурги гунаҳгорона донистааст. Паёмбари Худо (с) фармудаанд: «Агар он чӣ мегӯӣ, дар вай бошад,

[187] Қуръони карим (асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ) [Матн]. – Душанбе: ЭР- граф, 2011. 4:112.
[188] Қуръони карим (асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ) [Матн]. – Душанбе: ЭР- граф, 2011. – 4:156.; Доир ба ин масъала дар сураи Марям низ ривоят шудааст
[189] Доир ба ин дар сураи Юсуф ривоят шудааст.
[190] Муҳаммад Салим. Дурратулвоъизин. Қисми 1-2. – Хуҷанд, 2003. – С.161-162.
[191] Қуръони карим (асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ) [Матн]. – Душанбе: ЭР- граф, 2011. – 24:4.
[192] Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: монография / [отв. ред. Ф.Т. Тахиров]. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – С. 151.
[193] Динуршоев А.М., Саъдизода Ҷ., Имомова З.Б. Андешаи ҳуқуқи инсон:Нигоҳе ба сарчашма, дин ва афкори донишмандон. – Душанбе, 2016. – С.71.

ғайбаташ кардаӣ ва агар набошад, ӯро бӯҳтон кардаӣ»[194]. Дар ояти 58-и сураи Аҳзоб омадааст, ки «Ва касоне, ки мардони мӯъмину занони мӯъминро бе ҳеҷ гуноҳе, ки карда бошанд, меозоранд, тӯҳмату гуноҳи ошкореро бар душ мекашанд»[195]. Дар ин меъёр бори дигар доир ба озор додани шахси бегуноҳ бо туҳмат кардан сухан меравад. Пас бешубҳа метавон гуфт, ки низоми ҳуқуқии мусулмонӣ дар масъалаи ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавие, ки дар натиҷаи туҳмат расонида мешавад, нисбат ба дигар низомҳои ҳуқуқӣ бартарият дошта, инро аз ҷумлаи гуноҳони вазнин медонад.

Кирдори дигаре, ки рӯҳан ба шахс зарари вазнин расонида метавонад ва онро ҳуқуқи мусулмонӣ манъ намудааст масъалаи маҳдуд намудани баробарҳуқуқӣ халқҳо ва миллатҳо вобаста ба озодии виҷдон ва эътиқоди динию мазҳабӣ мебошад. Вайрон намудани муқарраротҳои зикргардида ба шахс метавонад зарари маънавӣ расонад. Нисбат ба ин масъала дар сарчашмаҳои ҳуқуқи мусулмонӣ муқаррароти гуногун мавҷуд аст. Чунончи, Худованд дар ояти 13-и сураи Ҳуҷурот мефармояд: «Эй мардум, мо шуморо аз як марду як зан биёфаридем. Ва шуморо ҷамоъатҳо ва қабилаҳо кардем, то якдигарро бишиносед...»[196]. Дар мавзӯи мазкур ҳадисҳои зиёде низ мавҷуданд, ки аз як ҷониб тарғибгари дини исломро дошта бошанд, аз ҷониби дигар имконияти интихоби эътиқодро ба шахс медиҳанд. Дар ин хусус Ализода С.О. қайд менамояд, ки дар ислом шарту қоидаи асосӣ дар масъалаи озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ дар он ифода меёбад, ки интихоби дин ва умуман боварӣ ба Худо ба эътиқоди ботинии ҳар як инсон асос меёбад. Ҳамзамон, дар меъёрҳои ислом тавассути зӯрӣ водор намудан ба қабули дин, аз ҷумла дини ислом манъ карда мешавад. Рисолати асосӣ дар меъёрҳои ислом на дар бо роҳи зӯрӣ ҷалб намудани пайравон, балки дар муколама, омӯзиш ва муътақид сохтани онҳо ифода меёбад.[197] Вобаста ба масъалаи баробарҳуқуқӣ муҳаққиқони ватанӣ дар такя ба меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ иброз доштаанд, ки аз рӯи омилҳои нажод, ҷинс, ранги пуст ва ё эътиқоди динӣ байни инсонҳо набояд нобаробарӣ маҷуд бошад[198]. Б.А. Сафаров қайд кардааст, ки исломи ибтидоӣ баробарии тамоми аъзоёни ҷомеаро эътироф мекард. Дар оинномаи ҷомеаи Мадина принсипи озодии виҷдон ва фарқ нагузоштани инсонҳо аз рӯи эътиқод баён гардида буд[199]. Ин андешаҳо масъалаи эътирофи баробарҳуқуқиро дар низоми ҳуқуқи мусулмонӣ равшан

[194] Ҳадиси мазкурро Муслим ривоят кардааст. Ниг: Зайд Умар Абдуллоҳ. Омӯзиши ҳадис. – Душанбе, 2005. – С.65.

[195] Қуръони карим (асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ) [Матн]. – Душанбе: ЭР- граф, 2011. – 33:58.

[196] Қуръони карим (асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ) [Матн]. – Душанбе: ЭР- граф, 2011. – 49:13.

[197] Ализода С.О. Ташаккул ва инкишофи озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ дар Тоҷикистон. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2020. – С.37.

[198] Диноршоев А.М., Саъдизода Ҷ., Имомова З.Б. Андешаи ҳуқуқи инсон:Нигоҳе ба сарчашма, дин ва афкори донишмандон. – Душанбе, 2016. – С.69.

[199] Сафаров Б.А. Формирование раннего исламского государства. – Душанбе, 2011. – С.150-151; Диноршоев А.М., Саъдизода Ҷ., Имомова З.Б. Андешаи ҳуқуқи инсон: Нигоҳе ба сарчашма, дин ва афкори донишмандон. – Душанбе, 2016. – С.72.

месозанд. Доир ба масъалаи баробарҳуқуқӣ дар низоми ҳуқуқии мусулмонӣ А.Ғ.Холиқов андешаи нисбатан равшантарро пешниҳод кардааст, ки дар натиҷаи хулосаи меъёрҳои Қуръон баён гардидааст. Ба андешаи муҳақиқ Қуръон баробарии инсонҳоро дар се самт муайян кардааст: 1) баробарӣ дар асли инсоният; 2) баробарӣ дар ҳуқуқ ва таколиф; 3) баробарӣ дар назди додгоҳҳо ва иҷрои қонунҳо[200].

Муҳақиқ Велизода С.О. масъалаи ташаккул ва инкишофи озодии виҷдон ва эътиуоди диниро дар Тоҷикистон мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода, ба чунин хулоса омадааст: Якум, дар ислом шарту қоидаи асосӣ дар масъалаи озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ дар он ифода меёбад, ки интихоби дин ва умуман боварӣ ба Худо ба эътиқоди ботинии ҳар як инсон асос меёбад. Дуюм, дар меъёрҳои ислом тавассути зӯрӣ водор намудан ба қабули дин, аз ҷумла дини ислом манъ карда мешавад. Сеюм, бинобар сабаби нисбат ба динҳои асосии ҷаҳонӣ дертар ба вуҷуд омадани ислом, дар он муқаррарот оид ба муносибати таҳаммулпазирона доштан бо намояндагони дигар адён мустаҳкам гардидааст. Чорум, дар ислом баргаштан аз дин иҷозат дода намешавад. Чунин кирдор гуноҳи бузург ҳисобида шуда, дар хусуси ҷаҳолати инсон шаҳодат медиҳад[201].

Масъалаи дигаре, ки дар низоми ҳуқуқи мусулмонӣ амали ношоиста ва маҳдудкунандаи ҳуқуқи шахс бад ин амалҳои шахс вобаста ба озодии бастани ақду никоҳ буд. Вобаста ба одату анъана ва қоидаҳои авлодии паҳнгашта маҳдуд будани ҳуқуқ ва имконияти амалнамудани озодии занон дар самти баамалбарорории ҳуқуқи никоҳ бараъло эҳсос мегардид. Чунончи, дар ояти 19-и сураи Нисо омадааст: «Эй касоне, ки имон овардаед, барои шумо ҳалол нест, ки занонро бо зӯр мерос баред ва онҳоро маҷбуран нигоҳ доред, то қисмате аз он чизеро, ки (қаблан) ба онҳо додаед, ба даст оваред» [202].

Бухорӣ дар хусуси сабаби нузули ин оят мефармояд: «Чунин буданд, ки вақте марде мемурд, наздикони вай ба занаш (аз дигарон) ҳақдортар буданд. Агар касе аз онҳо мехост (ва он зан ба вай маъқул мешуд), ӯро ба занӣ мегирифт, (вале агар аз вай хушашон намеомад), ё ӯро ба шахси дигаре ба занӣ медоданд ва ё (то фаро расидани маргаш) вайро ба ҳамон ҳол нигоҳ медоштанд. Онҳо ба он зан аз аҳли хонаводааш ҳақдортар буданд[203]. Аз ин андешаҳо маълум мегардад, ки дар ин айём ба зан ҳамчун мол ва ашё муносибат мегардид ва нисбати ӯ ҳар гуна фишор, зӯроварӣ ва хушунатҳои равонӣ, ҷисмонӣ, молӣ ва ҳатто шаҳвониро раво медиданд. Зан ҳаргиз ҳаққи тасмим гирифтан ва ҳатто бозгашт ба хонаводаи қаблии худро надошт.

---

[200] Холиқов А.Ғ. Ҳуқуқи исломӣ. – Душанбе, 2011. – С.98. Диноршоев А.М., Саъдизода Ҷ., Имомова З.Б. Андешаи ҳуқуқи инсон: Нигоҳе ба сарчашма, дин ва афкори донишмандон. – Душанбе, 2016.- С.72.

[201] Вализода С.О. Ташаккул ва инкишофи озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ дар Тоҷикистон. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2020. – С.160.

[202] Қуръони карим (асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ) [Матн]. – Душанбе: ЭР- граф, 2011. – 4:19.

[203] Зуюайдӣ З.А. Мухтасари Саҳеҳи Бухорӣ. – Душанбе: ЭР- граф, 2011. – ҳадисҳои 4579, 6948.

Доир ба муносибатҳои оилавие, ки дар натиҷаи онҳо эҳтимоли зарари маънавӣ расидан мавҷуд аст, масъалаи муносибат бо ҳамсар, худдорӣ намудан аз истифодаи зуроварӣ дар оила, маҳдуд намудани ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкии ҳамсар, маҳдуд намудани ҳуқуқҳо ва имкониятҳои аъзоёни дигари оила ва ғ. ба шумор мераванд. Дар ин маврид дар ҳадисе Паёмбар мефармояд: «Комилтарини мӯъминон аз рӯи имон хушрафтортарини онҳост ва беҳтарини шумо хушрафтортарини шумо бо занонашон мебошанд»[204]. Дар ин ҷо, ҳифзи ҳуқуқи занон аз зарари маънавю молумулкӣ ва эҳтирорми ҳуқуқи зан ҳамчун аъзои комилҳуқуқи оила талқин гардидааст. Дар ин хусус Анас ривоят мекунад, ки Паёмбар фармудаанд: «Касе, ки дӯст дорад ризқу рӯзияш фарох гардад ва умраш тӯлонӣ шавад, бояд ки ӯ силаи раҳмашро (алоқаву робита бо наздиконро) пайваста бидорад»[205].

Муноқиша ва хушунати оилавӣ низ боиси ба аъзои оила расидани зарари маънавӣ мегардад ва шариат ба ин масъала низ таваҷҷуҳ намудааст. Дар ояти 34-и сураи Нисо гуфта шудааст: «Ва он занонро, ки аз нофармонияшон бим доред, панд диҳед ва аз хобгоҳашон дурӣ кунед ва бизанедашон. Агар фармонбардорӣ карданд, аз он пас дигар роҳи зулм пеш нагиред. Ва Худо баландпояву бузург аст!».[206] Нишондодҳои муқаррарроти мазкур маънои онро надорад, ки мард ҳар тавре, ки дилаш хост ҳамон тавр занро задан гирифта, зери лату куб қарор диҳад. Набояд мард барои таҳқиқи ғаразҳои шахсӣ ва ҷомаи амал пӯшонидани мақсадҳои дигари худ, аз қабили интиқомгирӣ ва ҳамаҷониба саркӯб намудани зан, аз ин василаи тарбиявӣ суиистифода намояд ва боргоҳи беолоиши хонаводаро ба шиканҷагоҳе табдил диҳад[207]. Дар мавриди дигар дар Қуръон оид ба масъалаи хушунат ва зуроварии оилавӣ омадааст: «Агар аз нотинҷии миёни зану шӯй огоҳ шудед, доваре аз касони мард ва доваре аз касони зан бифиристед. Агар он дуро қасди ислоҳ бошад, Худо миёнашон мувофиқат пайдо мекунад, ки Худо донову огоҳ аст»[208]. Мактаби ҳуқуқии ҳанафӣ, ки асосгузораш Абӯҳанифа Нуъмон ибни Собит мебошад, дар ҳолатҳои бадрафтории мард ба зан, раво доштани хушунат дар зиндагӣ, надодани нафақаи зан дар вақти муайян ва монанди ин ҳолатҳо, занро ҳуқуқдор намудааст, ки ба додгоҳ муроҷиат намояд[209].

Масъалаи дигаре, ки ба номус ва шаъну шарафи шахс таъсири манфӣ мерасонад ва асос барои рӯёнидани твовнони зарари маънавӣ мегардад содир намудани кирдори таҷовус ба номус ва ё зино мебошад Дар натиҷаи ин кирдор на танҳо ба худи зан, балки ба аҳли оилаи ӯ низ зарари маънавӣ мерасад.

---

[204] Ҳадиси Тирмизӣ 1162. Абдушарифи Боқизода. Фиқҳи исломӣ бар асоси мазҳаби Ҳанафӣ. – Душанбе, 2008. – С.533.
[205] Зайд Умар Абдуллоҳ. Омӯзиши ҳадис. – Душанбе, 2005. – С.19.
[206] Қуръони карим (асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ) [Матн]. – Душанбе: ЭР- граф, 2011. – 4:34.
[207] Абдушарифи Боқизода. Фиқҳи исломӣ бар асоси мазҳаби Ҳанафӣ. – Душанбе, 2008. – С.629-630.
[208] Қуръони карим (асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ) [Матн]. – Душанбе: ЭР- граф, 2011. – 4:35.
[209] Абдушарифи Боқизода. Фиқҳи исломӣ бар асоси мазҳаби Ҳанафӣ. – Душанбе, 2008. – С.618.

Дар Қуръон ва суннат меъёрҳои зиёде дар мавриди маҳкум намудани амали зино пешбинӣ шудааст. Қуръон ин амалро чунин маҳкум намудааст: «Ва ба зино наздик машавед. Зино коре зишт ва роҳе нописанд аст!»[210]. Зино ҳамчун амали гунаҳгорона дар ҳадисҳо низ маҳкум гардидааст. Абуҳурайра ва Зайд ибни Холид ривоят мекунад, ки ду нафаре бо даъво ба назди Паёмбар (с) омаданд. Яке гуфт: писарам дар хонаи ин нафар муздур[211] буд ва бо занаш зино кардааст. Ман шунида будам, ки ҷазои фарзандам сангсор кардан аст, ба ӯ сад гусфанд ва як каниз пешниҳод намудам. Аммо аҳли илм мгуянд, ки ҷазои фарзанди ту сад зарба шалоқ ва муддати як сол бадарға кардан аст ва ҷазои он зан бошад сангсор кардан. Паёмбар (с) фармудан: Қасам ба Худо, ки ҷуз китоби Худо дар миёни шумо қазоват накунам. Ба ту сад гусфанд ва каниз баргардонида мешавад ва ҷазои фарзанди ту сад зарба шалоқ ва як сол бадарға аст ва агар он зан гуноҳро эътироф кунад ӯро сангсор кардан мебояд[212].

Дар хусуси ҷазо додани шахси зинокор Худованд дар ояти 2-и сураи Нур мефармояд, ки «Зану марди зинокорро ҳар якро сад зарба бизанед. Ва агар ба Худову рӯзи қиёмат имон доред, мабод, ки дар ҳукми Худо нисбат ба он ду раҳмдил гардед. Ва бояд, ки ба ҳангоми шиканҷа карданашон гурӯҳе аз мӯъминон ҳозир бошанд»[213]. Чун кирдори зикршуда амали ба ҷамои исломӣ таъсиррасон ба шумор мерафт, ҳуқуқи исломӣ онро расидани зарари маънавӣ ба кулли аъзоёни ҷомеаи исломӣ медонистанд. Аз ин рӯ ҳар яку аъзои ҷамъият метавонист ба муқобили амали мазкур даъво пешниҳод кунад ва ҷазои мувфиқро нисбати шахсонит гунаҳкор талаб намояд. Маҳз аз ҳамин сабаб татбиқи ҷазо нисбати шахсони гунаҳгор дар кирдори зинокорӣ хусусияти омавӣ дошт ва дар ҳузури ҷамъият баргузор карда мешуд. Яъне дар вақти татбиқи ҷазо бояд шахсони зиёд ҷамъ меомаданд. Аз ҷониби дигар чунин усусли татбиқ намудани ҷазо мақсади тарс додани дигар аъзои ҷамъиятро дошт ва пешгирии содиршавии кирдори мазкурро дар ҷамъияти исломӣ тақозо менамуд. дар асоси гуфтаҳои боло метавон иброз дошт, ки низоми ҳуқуқи мусулмонӣ ҳифзи ҳуқуқи инсонро аз зарари маънавӣ пеш аз расонидани зарар роҳандозӣ карда истодааст роҳи пешгирӣ намудани онро бо усулҳои гуногун ба роҳ мондааст. Дар Қуръон на танҳо ҳуқуқи шахсони озод, балки ҳуқуқи канизон ва ё шахсони имконияти маҳдуди ҳуқуқӣ дошта[214] низ ҳифз гардидааст. Қадру қиммат, номи нек ва обурӯю эътибори шахсии онҳо ба тариқи дахлдор ҳифз мегардид ва механизми барқарор намудани онҳо пешбинӣ гардида буд. Чунончи, дар ояти 33-и сураи Нур гуфта мешавад: «Ва канизони худро агар хоҳанд, ки парҳезгор бошанд, ба хотири сарвати дунявӣ ба зино маҷбур накунед. Ҳар кас, ки ононро ба зино водорад, Худо

---

[210] Қуръони карим (асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ) [Матн]. – Душанбе: ЭР- граф, 2011. – 17:32.
[211] Муздур – мардикор, ки кор карда, музд мегирад.
[212] Зуюайдӣ З.А. Мухтасари Саҳеҳи Бухорӣ. – Душанбе: ЭР- граф, 2011. – Ҳадиси 1190.
[213] Қуръони карим (асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ) [Матн]. – Душанбе: ЭР- граф, 2011. – 24:2.
[214] Каниз – хизматгорзан ва ё зани харидашудаест, ки дар хонадони дигарон кор хизматгорӣ мекард. Чунин муқаррар шуда буд, ки соҳибхона метаовнист бо канизи худ оиладор шавад.

барои он канизон, ки ба маҷбурӣ ба он кор водор гаштаанд, бахшояндаву меҳрубон аст!»[215].

Аз гуфтаҳои боло маълум мегардад, ки сарчашмаҳои ҳуқуқи мусулмонӣ дар баробари манфиатҳои дигари ҳифзшаванда шаъну шараф ва эътибори шахсро бо истифода аз ҳама тарзу усулҳо ҳифз менамояд. Барои инсон ҳолати равонии ӯ ва шаъну шарафаш арзишҳои муҳим мебошанд. Шаъну шараф бо роҳи муқаррар намудани ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва манъ намудани амалҳои туҳмат, ҳақорат ва дуруғ, ки нисбати шахс оқибатҳои вазнини руҳию равониро ба миён меорад манъ карда шудаанд. Дар миёни амалҳои зикршуда масхара яке аз кирдорҳи зишт ба ҳисоб меравад ва аз ин рӯ, ислом нисбат ба ин масъала нигоҳи сахт доранд[216]. Дар Қуръон вобаста ба ҳолати мазкур чунин омадааст: «Эй касоне, ки имон овардаед, мабод, ки гурӯҳе аз мардон гурӯҳи дигарро масхара кунад, шояд он масхарашудагон беҳтар аз онҳо бошанд. Ва мабод, ки гурӯҳе аз занон гурӯҳи дигарро масхара кунад, шояд он масхарашудагон беҳтар аз онҳо бошанд. Ва аз ҳам айбчӯӣ макунед ва якдигарро ба лақабҳои зишт махонед. Бад аст унвони фисқ пас аз имон овардан. Ва касоне, ки тавба намекунанд, худ ситамкоронанд»[217]. Чунин намуди зарари маънавӣ дар қонунгузории замони муосир дар шакли таҳқир баён шудааст. Пас, маълум мегардад, ки амали мазкур аз қадим кирдори зишт дониста мешуд ва сарчашмаи худро аз низомҳои таърихии ҳуқуқӣ мегирад. Танзими ҳуқуқии кирдори мазкур дар сарчашмаҳои дигари ҳуқуқи усулмонӣ низ пешбинӣ шудааст. Чунончи дар ҳадисе, ки онро Абдуллоҳ ибни Умар ривоят кардааст, гуфта мешавад: «Мусалмон касест, ки мусалмон аз забон ва дасташ дар амон бошад»[218]. Дар меъёрҳои зикргардида дар баробари манфиатҳои дигари ҳифзшаванда ҳифзи ҳуқуқҳои инсон аз зарари маънавӣ низ дар назар дошта шудааст. Чун ҳар озоре, ки ба шахс мерасад оқибатҳои зарари маънавиро низ дар пай дорад ва дар ҳама низомҳои ҳуқуқӣ, махсусан низоми ҳуқуқи мусулмонӣ роҳу восита ва усулҳои махсуси ҳифзнамоӣ ва барқарору ҷуброн намудани онро муқаррар ва пешбинӣ намудааст.

Чун қонунгузории муосир кирдори таҳқиру ҳақорат дар низоми ҳуқуқи мусулмонӣ амали бад ва маҳкумшаванда дониста мешавад. Чунончи, дар ҳадисе, ки онро Абдуллоҳ ибни Масъуд ривоят мекунанд гуфта мешавад: «Дашном додани мусалмон фисқ ва ҷанг кардан бо вай куфр аст»[219]. Дар асоси нишондодҳои ҳадиси мазкур дашном додани шахс амали куфр дониста мешавад ва агар амал дар ҳуқуқи мусулмонӣ куфр

[215] Қуръони карим (асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ) [Матн]. – Душанбе: ЭР- граф, 2011. – 24:33.

[216] Диноршоев А.М. Конституционные основы регламентации и реализации прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан. Диссертация на соискание ученой степени доктора юридических наук. – Москва, 2015. – С.62.

[217] Қуръони карим (асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ) [Матн]. – Душанбе: ЭР- граф, 2011. – 49:11.

[218] Зуюайдӣ З.А. Мухтасари Саҳеҳи Бухорӣ. – Душанбе: ЭР- граф, 2011. – ҳадиси 10. Саҳеҳи Муслим, ҳадиси 2121.

[219] Зуюайдӣ З.А. Мухтасари Саҳеҳи Бухорӣ. – Душанбе: ЭР- граф, 2011. – Ҳадиси 46.

дониста шавад, шахси содиркунандаи он гунаҳгор дониста шуда амали ӯ маҳкум мегардад ва сазовори ҷазо мебошад.

Ҳадисҳои дигаре низ ҳастанд, ки бевосита ҳифзи обурӯю эътибори шахсро иникос менамоянд. Чунонси дар ҳадисе, ки аз Абӯҳурайра ривоят мешавад Паёмбар фармоянд: «касе, ки бар зиммаи вай аз бародари мусулмонаш зулме аз шарафу обрӯ ва ё чизи дигаре бошад, пеш аз он, ки рӯзе бияёд ки на дирҳмае ва на диноре дошта бошад, имрӯз бахшиш бихоҳад вагарна аз гуноҳи мазлум ба золим зам карда мешавад»[220]. Дар ин ҳадис пурра доир ба зарари маънавӣ сухан карда шудааст. Тибқи ин меъёр, агар шахсе ба нафари дигар дар натиҷаи зулм кардан ба шарафу обрӯи шахс зарар расонида бошад бояд фавран бахшиш бипурсад, вагарна гуноҳи шахси зарардида ба шахси зараррасонанда зам мегардад.

Аслан аксарияти амалҳои гунаҳгоронае, ки боиси расидани зарари маънавӣ ба шахс мегарданд ба ҳаёту саломатӣ, моликият, шаъну шараф ва эътибори шахс дар ҷомеа алоқамандӣ доранд. Яке аз ҷанбаи асосӣ ин ҳаёти хусусии ӯ мебошад. Дар ҳаёти хусусии инсон тамоми сиру асрор ва манфиатҳои шахсию маънавии ӯ дохил мешаванд. Ҳар як шахс сири ҳаёти оилавӣ ва шахсии худро муқаддас мешуморад ва ҳифз менамояд. Ин доираи ҳуқуқу манфиатҳо табиатан ба ӯ тааллуқ дошта, аз инсон ҷудонопазир мебошанд. Дар натиҷаи халалдор кардани ин ҳуқуқҳо, ба монанди ошкор кардани сири шахсӣ, оилавӣ ва дахолат кардан ба ҳаёти хусусии инсон зарари маънавии зиёд расонида мешавад. Таҳлили маводҳо нишон дод, ки низоми ҳуқуқии мусулмонӣ ба ин масъала таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардааст. Эътироф гардидани ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ дар низоми ҳуқуқи мусулмонӣ дар адабиётҳои ҳуқуқии ватанӣ низ баён гардидааст[221]. Танзими ҳуқуқии манфиатҳои мазкури ҳуқуқӣ дар ҳама сарчашмаҳои ҳуқуқи мусулмонӣ ба роҳ монда шудаанд. Чунончи, дар Қуръон ояти 27-и сураи Нур пешбинӣ гардидааст: «Эй касоне, ки имон овардаед, ба хонае ғайр аз хонаи худ бе он, ки иҷозат талабида ва бар сокинонаш салом карда бошед, надароед. Ин барои шумо беҳтар аст, бошад, ки панд гиред!»[222]. Ин меъёр дахлнопазирии манзилро танзим намудааст.

Аз мазмун ва ишораҳои баъзе меъёрҳо бармеояд, ки низоми ҳуқуқи мусулмонӣ масъалаи принсипи ҷавобгарии фардиро муқаррар кардааст. Шахси бегуноҳеро бо кирдори содирнакардааш ба ҷавобгарӣ кашидан ва ҷазо додан, аз ҷумлаи амалҳои вазинтарини расонандаи зарари маънавӣ ба ҳисоб меравад. Худованд дар сураи Сабо, ояти 25 фармудааст: «Бигӯ: Агар мо гуноҳе кунем, шуморо пурсиш намекунанд ва агар шумо гуноҳе кардед моро пурсиш нахоҳанд кард». Илова бар ин дар сураи Фотир, ояти 18

---

[220] Зуюайдӣ З.А. Мухтасари Саҳеҳи Бухорӣ. – Душанбе: ЭР- граф, 2011. – Ҳадиси 1118.
[221] Диноршоев А.М., Саъдизода Ҷ., Имомова З.Б. Андешаи ҳуқуқи инсон: Нигоҳе ба сарчашма, дин ва афкори донишмандон. – Душанбе, 2016. – С.69.
[222] Қуръони карим (асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ) [Матн]. – Душанбе: ЭР- граф, 2011. – 24:27.

гуфта шудааст: «Ҳеҷ кас бори гуноҳи дигареро бар дӯш накашад...».[223] Мазмуни ин ду меъёр гувоҳӣ аз принсипи ҷавобагрии фардӣ медиҳад.

Дар ривояте омадааст, ки Худованд дар он аз гуноҳони кабира хабар додааст. Мутобиқи он хуни ноҳақ резонидан, зино кардан, мусалмонеро бо забон дашном додан, шаҳодати дурӯғ додан, аз хешон силаи раҳмро буридан, моли мардумро ба зур хурдан ва тарозуро кам кардан, мусалмонеро бе ваҷҳ[224] зарб кардан ва дар байни зану шавҳар ҷудоӣ андохтан аз ҷумлаи гуноҳони кабира мебошанд[225]. Ин ривоятро чунин шарҳ додан мумкин аст: резонидани хуни ноҳақ – ҳуқуқ ба ҳаёт ва саломатиро вайрон карда ба шахс зарари маънавӣ мерасонад; зино кардан – ҳуқуқ ба номуси шахсро вайрон карда, ба шахс зарари маънавӣ мерасонад; дашном додан ва шаҳодати бардурӯғ бошад – ҳуқуқ ба шаъну шарафи шахсро вайрон карда, ба ӯ зарари маънавӣ мерасонад; аз хешон силаи раҳмро буридан – ҳуқуқҳои оилавиро вайрон карда, ба аъзоёни оила зарари маънавӣ мерасонад; моли мардумро ба зур хурдан ва тарозуро кам кардан – ҳуқуқ ба моликияти шахсро вайрон карда, ба ӯ зарари моддӣ ва маънавӣ мерасонад; бе ваҷҳ зарб задан – ҳуқуқ ба саломатии шахсро вайрон мекунад ва ба ӯ зарари маънавӣ мерасонад; дар байни зану шавҳар ҷудоӣ андохтан – ҳуқуқҳои оилавии зану мардро поймол карда, ба онҳо зарари маънавӣ мерасонад.

Ҳамин тавр, низоми ҳуқуқии мусулмонӣ яке аз низомҳои бонуфузи ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад, ки нисбат ба масъалаи эътирофи ҳуқуқҳои фитрии инсон ва ҳифзи онҳо диққати махсус зоҳир кардааст. Дар натиҷаи таҳлилҳо маълум гардид, ки дар низоми ҳуқуқии мазкур ҳуқуқҳои шахсии маънавӣ, ки халалдоркунии онҳо боиси зарари маънавӣ мегарданд, ба таври равшан дар сарчашмаҳои ҳуқуқӣ муқаррар гардидаанд. Тавре муҳақиқон иброз доштаанд сарчашмаҳои ҳуқуқи мусулмонӣ ҳамдигарфаҳмию муносибати некбинонаро дар ҷомеа талқин намуда, бо ҳар роҳу васила осоишу хушбахтии инсонҳоро талаб мекунанд. Ҳуқуқҳои фарзанд, хешовандон, ҳамсоя, ғулом, фақир, мискин, мусофир ва дигар категорияҳои инсон дар ҳамаи сарчашмаҳои ҳуқуқи мусулмонӣ таъкид мешаванд. Таҳлили мавзуъ нишон дод, ки ҳуқуқи мусулмонӣ озодиҳо ва ҳуқуқҳои шахсии инсонро дар мадди аввал қарор дода, бештар ба масъалаи эътироф ва ҳифзи ҳуқуқи шахсии маънавии инсон таваҷҷуҳ намудааст.

**Адабиёт:**

1. Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: монография / [отв. ред. Ф.Т. Тахиров]. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – 368 с.

[223] Қуръони карим (асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ) [Матн]. – Душанбе: ЭР- граф, 2011. – 35:18.
[224] Ваҷҳ – сабаб, далел, асос.
[225] Муҳаммад Салим. Дурратулвоъизин. Қисми 1-2. – Хуҷанд, 2003. – С.103.

2. Азизов У.А. Цели наказания по мусульманскому праву в дореволюционном Таджикистане. Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон // Маҷаллаи илмӣ амалӣ. – 2017. - №1(05). – С. 32-39.

3. Абдушарифи Б. Фиқҳи исломӣ бар асоси мазҳаби Ҳанафӣ. – Душанбе, 2008. – 672 с.

4. Холиқов А.Ғ. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. – Душанбе, 2014. – 380 с.

5. Большаков О.Г. История Халифата. Ислам в Аравии. Эпохи великих завоеваний (633 - 656). - Т. 2. - М.: Вост. лит., 2002. – 294 с.

6. Буриев И.Б. Действие мусульманского права на территории дореволюционного Таджикистана (VIII – начало XXвв.). – Душанбе, 1999. – 199 с.

7. Вализода С.О. Ташаккул ва инкишофи озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ дар Тоҷикистон. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2020. – 188 с.

8. Диноршоев А.М. Конституционные основы регламентации и реализации прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан Диссертация на соискание ученой степени доктора юридических наук. – Москва – 2015. – 420 с.

9. Диноршоев А.М., Саъдизода Ҷ., Имомова З.Б. Андешаи ҳуқуқи инсон: Нигоҳе ба сарчашма, дин ва афкори донишмандон. – Душанбе, 2016. – 136 с.

10. З. Диловар. Диншиносӣ. (Таҳлили сиёсӣ ва иҷтимоӣ). – Душанбе, 2010. – 153 с.

11. Зуюайдӣ З.А. Мухтасари Саҳеҳи Бухорӣ. – Душанбе: ЭР- граф, 2011. – 668 с.

12. Зайд У.А. Омӯзиши ҳадис. – Душанбе, 2005.

13. Кангезов М.Р. Институт преступления и наказания в мусульманском праве: дис … канд. юрид. наук. - Краснодар, 2010. – 149 с.

14. Қуръони карим (асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ) [Матн]. – Душанбе: ЭР- граф, 2011. – 640 с.

15. Муҳаммад С. Дурратулвоъизин. Қисми 1-2. – Хуҷанд, 2003.

16. Сафаров Б.А. Формирование раннего исламского государства. – Душанбе, 2011. – 200 с.

17. Сафарзода Б.А. История воплощения концепций и международных стандартов в области прав человека в правовую систему Республики Таджикистан. – Душанбе, 2016. – 370 с.

18. Саъдизода Ҷ. Ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2017. – 241 с.

19. Халиков А.Г. Хадис как источник мусульманского права (суннитское направление). – Душанбе, 1998. – 151 с.

20. Шосаидзода Ш.Ш. Ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи кӯдак дар Тоҷикистон. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2020. – 235 с.

# ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНӢ; МУРОФИАИ СУДИИ КОНСТИТУТСИОНӢ; ҲУҚУҚИ МУНИСИПАЛӢ (ИХТИСОС: 12.00.02) – КОНСТИТУЦИОННОЕ ПРАВО; КОНСТИТУЦИОННЫЙ СУДЕБНЫЙ ПРОЦЕСС; МУНИЦИПАЛЬНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.02)

## ВОЛОИЯТИ ҚОНУН – АРЗИШИ АСОСИИ ДАВЛАТИ ДЕМОКРАТӢ, ҲУҚУҚБУНЁД, ДУНЯВӢ ВА ИҶТИМОӢ

**Зариф Ализода,**
Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ

**Фишурда:** Дар мақола волоияти қонун ҳамчун арзиши асосӣ ва муҳими ҷомеа, аҳамият ва муҳимияти он дар амалишавии қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, суботу устуворӣ ва пешрафту тараққиёти ҷомеа мавриди таҳқиқу таҳлил қарор дода шудааст.

**Калимавожаҳо:** Волоияти қонун, эътироф ва эҳтироми қонун,; риоя ва иҷрои қонун,; қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ, кирдорҳои ҷиноятӣ ва маъмурӣ.

## ВЕРХОВЕНСТВО ЗАКОНА – ОСНОВНАЯ ЦЕННОСТЬ ДЕМОКРАТИЧЕСКОГО, ПРАВОВОГО, СВЕТСКОГО И СОЦИАЛЬНОГО ГОСУДАВРСТВА

**Зариф Ализода,**
помощник Президента Республики Таджикистан по правовым вопросам, доктор юридических наук

**Аннотасия:** В статье исследуется верховенство закона как важный и основной ценность общества, его значения в реализации законности и правопорядка, спокойствию и стабильности, продвижению и развитие общества.

**Ключевые слова:** Верховенство закона, признание и уважение закону, соблюдение и исполнение закона, законность, правопорядок, правовая культура населения, уголовные и административные деяния.

# THE ROLE OF LAW IS THE MAIN VALUE OF THE DEMOCRATIC, LAW - BASED, SECULAR A SOCIAL STATE

**Zarif Alizoda,**
assistant to the President of the Republic of Tajikistan on legal issues, Doctor of Law

**Anotation:** This article examines the role of law as a significant and main value of a society, it's importance to ensure the justice, law and order, peace, stability, prosperity and development of a society.

**Keywords:** Rule of law, acknowledgment and respect for the law, fulfilment and implementation of the law, legitimacy, law and order, legal culture of the people, criminal and administrative acts.

Волоияти қонун ба сифати арзиши муҳими ҷомеа яке аз унсури сохтори конститутсионӣ мебошад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доимо дар бораи таъмину таҳкими волоияти қонун дар ҷомеа таъкид менамоянд. Аз ҷумла, дар яке аз суханрониҳои худ иброз доштанд, ки «кишвари мо роҳи эъмори ҷомеаи ҳуқуқбунёдро интихоб намудааст, ки яке аз ғояҳои асосии он таъмини волояти қонун ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад»[226].

Вожаи «волоият» дар забони тоҷикӣ маънои «боло», «олӣ», «авлавият» ва «бартари»-ро ифода мекунад[227]. Ин вожа бо маъноҳои дар боло зикргардида, волоияти қонунро низ ифода мекунад, зеро қонун дорои чунин нишонаҳои мебошад.

Якум, қонун дар умум (конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо (кодексҳо)) санади аз ҳама болои (олии) ҳуқуқӣ мебошад, ки аз ҷониби мақоми олии қонунгузор ва намояндагии давлат бо тартиби махсус қабул мегардад.

Дуюм, масъалаҳои муҳими ҷомеаро (ташкилу фаъолияти давлат (ҳокимияти давлатӣ), муайян кардани доира ва қоидаҳои созмонёбӣ ва иштироки ниҳодҳои сиёсӣ дар идоракунии ҷомеа ва давлат, танзими ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои шаҳрвандон ва дигарҳо)-ро танзим мекунад ва иҷрои онҳоро таъмин менамояд.

Сеюм, ҳуқуқвайронкуниҳо, аз ҷумла, кирдорҳои ҷиноятӣ ва маъмуриро муқаррар менамоянд, барои онҳо ҷазоҳоро пешбинӣ мекунад.

Чорум, дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии давлат боло, олӣ будани қонунро ифода мекунад. Масалан, дар қисми дуюми моддаи нуҳуми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудааст,

---

[226] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ш. Душанбе, 22 декабри соли 2017, «Шарқи озод»; 2017- С. 39-40.

[227] Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Дар 2 ҷилд. Ҷилди 1 - Душанбе: 2008 – С. 282.

ки дар он қонунҳо ҷои аввалро ишғол мекунанд[228]. Мутобиқи қисми сеюми ҳамин модда, тартиби ҷойгиршавии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар қисми дуюми моддаи мазкур қувваи ҳуқуқии онҳоро муайян менамояд[229]. Яъне қонунҳо дар ҷои аввал қарор доранд ва дорои қувваи воло, олӣ мебошанд.

Волоияти қонун ҳамчун арзиши асосӣ ва муҳими ҷомеа дорои хусусиятҳои зерин мебошад: 1) Ҳамчун принсипи фаъолияти ҷомеа, низоми сиёсии он, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мебошад. Ин принсип талаб менамояд, ки дар ҷомеа қонун ҳукмрон бошад, эътибору эҳтиром ва риояву иҷрои меъёрҳои он ба ҷо оварда шаванд. 2) Ҳамчун асоси низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад. Ҳамон тавре дар боло қайд гардид, дар ин низом қонунҳо дар ҷои аввал қарор доранд ва ҳангоми ба миён омадани мухолифат байни меъёрҳои қонунҳо ва меъёрҳои санадҳои зерқонунӣ, қонунҳо бартарият доранд. 3) Ҳамчун талабот оид ба риоя ва иҷрои дахлдори қонунҳо мебошад. Ин талабот ҳамчун принсип ва яке аз унсури сохтори конститутсионӣ дар қисми дуюми моддаи 10-уми он чунин баён гардидааст: «Давлат ва ҳамаи мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо вазифадоранд Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро риоя ва иҷро намоянд»[230] .

Гуфтаҳои боло саволеро ба миён меорад, ки ҷавоби он вобаста ба мавзӯи пешниҳодшуда зарур мебошад. Сухан сари он меравад, ки байни ду истилоҳ, яъне «волоияти қонун» ва «қонуният» чӣ умумият ва чӣ тафовут вуҷуд дорад ё ҳардуи онҳо як чизро ифода мекунанд. Ин истилоҳҳо ба ҳам хело наздик мебошанд, вале як чиз нестанд, тафовут байни онҳо дида мешавад. Қонуният ҳамчун принсип, талабот оид ба риоя ва иҷрои қонунҳо тақозо менамояд, ки дар ҷомеа қонунҳо аз ҷониби ҳама - давлат ва мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор, ниҳодҳои сиёсию иҷтимоӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва ҷисмонӣ риоя ва иҷро карда шаванд. Ин талабот дар моддаҳои нуҳум ва наваду сеюми Конститутсия ифода гардидааст[231].

«Волоияти қонун» бошад, ба андешаи мо, нисбат ба «қонуният» васеъ мебошад ва дар худ қонуниятро низ дар бар мегирад. Мафҳуми вожаи «волоияти қонун» ба ғайр аз «қонуният» эътирофу эҳтироми қонунро низ дар бар мегирад[232]. Вожаи «эътироф» тибқи Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ «чизеро қабул кардан»-ро ифода мекунад. Вожаи «эҳтиром» бошад, «муҳтарам шуморидан», «соҳибэҳтиром донистан»-ро[233] дар худ инъикос менамояд. Воқеан, қонун санаде мебошад, ки ҷомеа онро бояд қабул намояд ва онро ба сифати арзиши муҳуми ҷомеа эҳтиром кунад. Ба ғайр аз ин, волоияти қонун ҳамчун арзиши асосӣ ва муҳими ҷомеа, ки барои оромиву осудагӣ, қонунияту тартибот, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва дар

[228] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2017, №5, қ.1. мод. 271.
[229] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2017, №5, қ.1. мод. 271.
[230] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе: «Ганҷ», 2016.
[231] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе: «Ганҷ», 2016.
[232] Вожаи «эътирофу эҳтиром»-и қонун дар қонунгузорӣ кам истифода мешавад
[233] Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Дар 2 ҷилд. Ҷилди 1 - Душанбе: 2008 – С. 676

маҷмӯъ, суботу рушди ҷомеа равона шудааст, тақозо мекунад, ки ҷомеа онро қабул дошта бошад ва онро эҳтиром кунад[234].

Волоияти қонун ба ғайр аз эътирофу эҳтиром ва риояву иҷрои қонун, инчунин дар ҷомеа, дар афкори умум волоият ва қудрати тамоми низоми ҳуқуқи мавҷударо ифода мекунад. Ҷомеа (аксарияти аъзои он) эътиқод ва эътимод ба он дорад, ки ҳуқуқи мавҷуда риоя ва иҷро мегардад ва дар ҷомеа адолату ҳақиқат ҳукмронӣ мекунад.

Волояти қонун ҳамчун арзиши асосӣ ва муҳими ҷомеа ва амалишавии ҳамаҷонибаи он дар ҷомеа як давраи муайянеро талаб мекунад, ки дар он тадбирҳои зиёди мақсаднок, пай дар пай ва пайваста бояд қабул ва иҷро карда шаванд. Ба ин тадбирҳо, аз ҷумла инҳоро дохил кардан мумкин аст. Якум, дарки зарурат ва аҳамияти волоияти қонун. Бояд аъзои ҷомеа дарк намояд, ки волоияти қонун, эътирофу эҳтиром ва риояву иҷрои он ба манфиати тамоми ҷомеа мебошад, бе қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ дар ҷомеа суботу оромӣ ва пешрафту тараққиёт ғайриимкон аст.

Дуюм, баланд бардошта сатҳи фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ, то ки аъзои ҷомеа зарурат ва муҳимияти волоияти қонунро дарку ҳазм намояд ва аз он истифода барад. Бо ин мақсад дар мамлакат барномаҳои зиёд қабул гардидаанд. Аз ҷумла, Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии аҳолӣ барои солҳои 2020-2030; Барномаи миллии пешгирии ҳуқуқваронкунӣ дар байни ноболиғон барои солҳои 2020-2024; Барномаи давлатии муқовимат бо ҷинояткорӣ барои солҳои 2021-2030 ва дигарҳо. Қобил ба зикр аст, ки баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ вобаста аст ба сатҳи фарҳанги умумии аҳолӣ, зеро фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ ба фарҳанги умумӣ алоқаманд буда, қисми таркибии он мебошад.

Фарҳанги умумии аҳолӣ таҳкурсии фарҳанги ҳуқуқӣ буда, рушди он ба пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёт – иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ вобаста аст. Бе рушду тараққии ин соҳаҳои ҳаёт сатҳи фарҳанги умумӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ баланд намегардад. Бинобар ин, рушди фарҳанги ҳуқуқӣ дар алоқамандӣ, ҳамоҳангӣ, таъсири байниҳамдигарӣ марҳила ва марҳила пеш меравад.

Сеюм, ташаккул (ба вуҷуд овардани) муҳити оштинопазир нисбат ба қонунвайронкуниҳо дар ҷомеа. Чунин муҳит дар ҷомеа ҳамон вақт ҳукмрон мегардад, ки агар дар он эътирофу эҳтиром ва риояву иҷрои қонун ба ҳукми анъана табдил ёбад.

Чорум, фаъолияти самарноки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, дигар сохтору мақомоти давлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳар як фарди ҷомеа дар пешгирӣ, муқовимат ва мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳо, аз ҷумла кирдорҳои ҷиноятӣ.

Панҷум, танзими ҳамаҷониба ва пурраи масъалаҳои муҳими ҳаёти ҷомеа тавассути қонунҳо, таҳия ва қабули қонунҳои мукаммал ва ҷавобгӯ ба талаботи замон ва манфиати одамон, иштироки васеи шаҳрвандон дар

---

[234] Масалан, вожаи «эътироф» дар якчандҷои конститутсия омадааст (дебоча, моддаҳои 5, 10, 15) вожаи «эҳтиром» дар моддаҳои 11 ва 42 пешбинӣ шудааст.

муҳокимаи лоиҳаи қонунҳо, озмоиши пешакии лоиҳаҳои қонунҳо ҳангоми зарурат бо мақсади мукаммал намудани механизми иҷроиши онҳо.

Чораву тадбирҳои зикргардида, ба фикри мо, барои таъмину таҳкими волоияти қонун дар ҷомеа ва суботу рушди он мусоидат хоҳанд кард.

**Адабиёт:**

1. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2017, №5, қ.1. мод. 271.

2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе: «Ганҷ», 2016.

3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ш. Душанбе, 22 декабри соли 2017- «Шарқи озод»; 2017- С. 39-40.

4. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Дар 2 ҷилд. Ҷилди 1 - Душанбе: 2008 – С. 282.

# НИЗОМИ ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶТ ҲАМЧУН ИЛМИ ҲУҚУҚШИНОСӢ ВА ФАННИ ТАЪЛИМӢ

**Имомов А.,**
профессори кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, н.и.ҳ.
**Тел.:** (+992) 918 61 40 36

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур дар низоми ҳуқуқии ҶТ ҷойи хоса доштани ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мафҳуми он ҳамчун илми ҳуқуқшиносӣ ва фанни таълимӣ, таносуби байни онҳо таҳқиқ карда шудааст. Равшанӣ андохтан ба ин масоилҳо имкон медиҳад, ки нақши илм ва фанни таълимии ҳуқуқи конститутсионӣ дар омӯзиш ва таҳқиқи меъёрҳо ва муносибатҳои ҳуқуқии конститутсионӣ ошкор карда шавад. Дар мақола барои боз ҳам мукаммал ва рушди онҳо андешаҳо баён ёфтаанд.

**Калидвожаҳо:** Конститутсия, илм ва фанни ҳуқуқи конститутсионӣ, мафҳум, моҳият, таъинот, низом, мукаммалнамоӣ, инкишоф, таҳқиқ, омӯзиш.

# СИСТЕМА КОНСТИТУЦИОННОГО ПРАВА РТ КАК НАУКА И УЧЕБНАЯ ДИСЦИПЛИНА

**Имомов А.,**
профессор кафедры конституционного права юридического факультета ТНУ, к.ю.н.
**Тел.:** (+992) 918 61 40 36

**Аннотация:** В настоящей статье исследована особое место конституционного права РТ в системе права, её понятие как юридическая наука и учебная дисциплина, их соотношение. Прояснение этих вопросов дает возможность показать роль науки и учебной дисциплины конституционного права в изучении и исследовании нормы и конституционно- правовые отношения. В статье высказаны соображения по поводу их развитие и совершенствование.

**Ключевые слова:** Конституция, конституционное право как юридическая наука и учебная дисциплина, понятие, сущность, предназначение, система, совершенствование, развитие, исследование, изучение.

# THE SYSTEM OF CONSTITUTIONAL LAW OF THE RT AS A SCIENCE AND ACADEMIC DISCIPLINE

**Imomov A.,**
professor of the Department of Constitutional Law of the Faculty of Law of TNU, Ph.D.
**Phone:** (+ 992) 918 61 40 36

**Annotation:** This article explores the special place of the Constitutional Law of the Republic of Tajikistan in the system of law, its concept as a legal science and academic discipline, their relationship. The clarification of these issues makes it possible to show the role of the science and academic discipline of constitutional law in the study and study of the norm and constitutional legal relations. The article expresses considerations regarding their development and improvement.

**Key words:** Constitution, constitutional law as a legal science and academic discipline, concept, essence, purpose, system, improvement, development, research, study.

Ҳар соҳаи ҳуқуқ дар раванди омӯзиш дар донишгоҳҳои ихтисосии ҳуқуқӣ бо се мазмун: илми ҳуқуқшиносӣ, соҳаи ҳуқуқ ва фанни таълимӣ фаҳмида мешавад. Истилоҳи «ҳуқуқи конститутсионӣ» - **ҳамчун соҳаи ҳуқуқи ҶТ,** яъне низоми меъёрҳои ҳуқуқӣ, қоидаҳои дар конститутсия, қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷой дошта ва доираи муайяни муносибатҳои ҷамъиятиро танзимкунанда; **ҳамчун илми ҳуқуқшиносӣ,** маҷмуи донишҳо дар бораи ҳуқуқи конститутсионии амалкунанда, ки тавассути китобу мақолаҳои илмии бешумор ифода ёфтаанд; **ҳамчун фанни таълимӣ,** асосҳои дониш дар бораи ҳуқуқи конститутсионии амалкунанда ва ҳолати илм, мавзӯи фанни таълимӣ дар ҷузъи ҳуқуқшиносии донишгоҳҳои олии мамлакат, вобаста ба самти ихтисосии онҳо омӯхта мешавад. Аммо дар таҷрибаи таълим ва омӯзиши он аксар вақт ба мафҳум ва мазмуни соҳа ва илми ҳуқуқшиносӣ эътибор дода шуда, ба самти сеюм – ҳамчун фанни таълимӣ услубу роҳҳои мукаммал гардонидани омӯзиши онҳо камтар эътибор дода мешавад.

Барои равшанӣ андохтан ба ин масъала бояд манбаъ, сарчашмаи ташаккулёбии ҳар сеи мафҳумҳои номбаршуда муайян карда шаванд. Дар аввал бояд эътироф карда шавад, ки самтҳои мазкур аз як реша оғоз ёфта, аз он сарчашма мегиранд. Номи ин соҳа ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, тибқи он ба сарчашмаи асосии онҳо ишора карда шудааст. Яъне решаю таҳкурсӣ ва сарчашмаи асосии онҳо конститутсия мебошад. Ҳамзамон конститутсия сарчашмаи ҳамаи дигар соҳаҳои ҳуқуқи ҷумҳурӣ низ мебошад. Зеро ки конститутсия дар шаклу мазмун ва ҳаҷми мухтасар ё муфассали ба он хос мавзӯи танзими ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқи миллиро дарбар гирифтааст. Бе чунин манбаи устувори ҳуқуқӣ ҳеҷ як соҳаи ҳуқуқ ташкил ёфта, амал карда наметавонад. Агар

чунин қонунияти таъсиси соҳаҳои ҳуқуқ риоя нагардад, соҳаи мазкур қалбакӣ ва бе манбаи конститутсионӣ дониста шуда, дер ё зуд барҳам меёбад. Мисол, бо барҳамёбии сохтори шӯравӣ, меъёрҳои ҳуқуқи давлатӣ дар бораи сохтмонӣ шӯравӣ, дар бораи ҳуқуқи колхозӣ ва чандин падидаҳои ҳуқуқии соҳаҳои дигар ва муносибатҳои онҳо танзимкунанда, барҳам ёфтанд.

Қайд кардан лозим аст, ки ҳадди конститутсионии муайянсозии мавзӯи танзимнамоии соҳаҳои ҳуқуқ гуногун буда, тибқи аҳамият ва дурнамои рушди муносибатҳои ҷамъиятии дахлдор муайян мегардад. Муносибатҳои ҷамъиятии ба баъзе соҳаҳои ҳуқуқ дахлдор, ба монанди ҳуқуқи конститутсионӣ, дар конститутсия нисбатан муфассал танзим ёфта, баъзе онҳо мухтасаранд. Сарфи назар аз ин, тибқи рушди танзими муносибатҳои конститутсионӣ, онҳо дар низоми қонунгузории миллӣ мавқеи хос ва дурнамои равшан доранд[235].

Муносибатҳои ҷамъиятии соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ тавассути меъёрҳои конститутсионӣ доираи васеи муносибатҳои сиёсӣ, ё ки муносибатҳои ҷамъиятие, ки дар робита бо идораи корҳои давлат ва ҷомеа ба вуҷуд меоянд, танзим карда мешаванд. Меъёрҳои конститутсионӣ муносибатҳои ҷамъиятӣ-сиёсиро дар робита бо раванди инкишофи онҳо танзим намуда, барои рушди минбаъдаи онҳо мусоидат менамоянд. Албатта ҳуқуқи конститутсионӣ вазифаи танзими ҳамаи доираи фаъолияти ҷамъият ва ниҳодҳои онро надорад. Аз ҳама муҳимтар барои ҳуқуқи конститутсионӣ муқаррар кардани асосҳои муносибатҳои сиёсии нерӯи буньёдкорона мебошад. Ин омил ба амалҳои номатлуби сохторҳои ҷамъиятие, ки дар таъсис ва фаъолияти худ ба кирдорҳои миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабӣ роҳ медиҳанд ва ё барои ғасби ҳокимият даъват менамоянд, манъ гузоштанро тақозо мекунад.

Дар адабиёти илмӣ ва таълимӣ тибқи аҳамияти муҳими меъёрҳо ва муносибатҳои ҳуқуқӣ-конститутстионӣ, ҳуқуқи конститутсионӣ соҳаи намоёни ҳуқуқи миллӣ шуморида мешавад. Вале ин ҳолат ба ҳуқуқи конститутсионӣ нисбат ба дигар соҳаҳои ҳуқуқ ягон бартарӣ ё имтиёз намедиҳад ва фақат дар низоми ҳуқуқи миллӣ мавқеи фарогир доштан ва таъсири муайяни онро ба дигар соҳаҳои ҳуқуқ ифода мекунад. Ҷойи намоёни ҳуқуқи конститутсионӣ дар низоми ҳуқуқи миллӣ на фақат ба доираи фарогири муносибатҳои ҷамъиятӣ ва меъёрҳои онҳоро танзимкунанда, балки бо аҳамияти онҳо низ робита дорад. Меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, ки доираи васеи муносибатҳои сиёсӣ, сохтори ҷамъиятӣ, сохтори миллӣ – давлатӣ ва марзию маъмурӣ, тартиби таъсис ва фаъолияти мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллиро танзим менамоянд, дар низоми меъёрҳои ҳуқуқии ҷумҳурӣ ҷойи намоён доранд. Меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ дар бораи вазъи ҳуқуқии инсон ва

[235] Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Нашри чорум. –Душанбе. 2017. –с. 15-70.

шаҳрванд, низоми ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд ва кафолатҳои онҳо низ аз ҳамин қабиланд[236].

Илова ба ҳолатҳои қайдёфта, гуфтан лозим аст, ки алоқаи ҳуқуқи конститутсиониро бо дигар соҳа ва илмҳои ҳуқуқӣ ҳамчун таъсири яктарафа ва накши онро чун муайянкунанда донистан, дуруст нест. Дар асл ҳамаи соҳаи ҳуқуқ ва илмҳои ҳуқуқӣ дар шакл ва услубҳои ба онҳо хос бо якдигар дар робита буда, комъёбӣ ва рушди соҳаи алоҳида ва илми онро таҳқиқ ва омӯзанда, ба дигар соҳа ва илмҳои ҳуқуқии миллӣ мусбӣ таъсир мерасонад ва баръакс нуқсон ва қафомонии як соҳа ва илм ба соҳа ва илмҳои ҳуқуқии дигар сабаб шуда метавонад. Ҷойи Ҳуқуқи конститутсионии ҶТ дар низоми ҳуқуқии миллӣ дар ҳамин раванд қарор дорад.

Ҳолатҳои қайдёфта шаҳодат медиҳанд, ки ҳуқуқи конститутсионӣ бо Конститутсия дар пайвандии устувор амал мекунад, аммо ҳуқуқи конститутсионӣ ва конститутсияро айнан шуморидан мумкин нест. Конститутсия санади олии ҳуқуқии мустақиман амалкунандаест, ки доираи муносибатҳои ҷамъиятии танзимнамоии он хеле фарох ва қатъӣ муайян аст, меъёрҳои он ба ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқи миллии амалкунанда дар ҳадди гуногун дахл доранд. Ҳуқуқи конститутсионӣ ҳамчун илми ҳуқуқшиносӣ муносибатҳои ҷамъиятии ҳуқуқии конститутсионӣ ва меъёрҳои ҳуқуқи конститутсиониро дар ҳолати динамикӣ, доираи муносибатҳо, вазифаи меъёрҳо ва падидаҳои ҳуқуқии конститутсиониро дар низоми ҳуқуқи конститутсионӣ ва рушди онҳо тавассути қонунҳо муайян мекунад ва меомӯзад.

Доираи фарогирии мавзӯҳои соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ нисбат ба ҳадди конститутсионии танзими онҳо фарохтар мебошанд. Меъёрҳои Конститутсияи ҶТ дар хусуси ҷойи Маҷлиси Оли ва Президенти ҶТ дар низоми ҳокимияти давлатӣ, тартиби интихоби онҳо, доираи ваколатҳо, шаклҳои фаъолияти Маҷлиси Олӣ, фаъолияти қонунгузории он ва баъзе дигар масоилҳои ба онҳо дахлдор танзим шудаанд. Илова ба ин дар қонунҳои конститутсионӣ ва баъзе қонунҳои ҷорӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ хусусан, дар астури палатаҳо, Дастури палатаҳо, Низомномаи слхторҳои таркибии палатаҳо, аз ҷумла, слхторҳои таркибии палатаҳо, аз ҷумла, Низомномаи Дастгоҳи палатаҳои Маҷлиси Олии ҶТ масъалаҳои мазкур муфассал танзим шудаанд. Ҳамзамон баъзе масъалаҳо дар Конститутсия хеле мухтасар ифода шудаанд. Масалан, дар бораи падидаи худидораи маҳаллӣ дар қисми шашуми моддаи 78 фақат дар як ҷумла гуфта шудааст, ки «Мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ҷамоат аст, ки тартиби ташкил, ваколат ва фаъолияти онро қонун танзим менамояд». Доир ба ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд ба худидораи маҳаллӣ меъёр мавҷуд нест. Ҳоло ки ҳуқуқи мазкур ба ҳамаи сохтори ҷамъиятӣ хос буда, тавассути амалӣ шудани он сохторҳои худидораи маҳаллӣ ташкил ва амал мекунанд. Ҳуқуқи мазкур дар конститутсияи бисёр давлатҳо пешбинӣ

[236] Алимов С.Ю., Диноршоев А.М., Салохиддинова С.М. Конституционное право Республики Таджикистан. Учебник. Под общей ред. Диноршоева А.М. –Душанбе. 2017. –с. 8-58.

шуда, заминаи устувори конститутстионии ба роҳ мондани худидораи маҳаллӣ гаштааст. Мисол, дар Конститутсияи Федератсияи Русия дар моддаҳои 3, 12, 15, 32, 33, 46, 68 ва хусусан дар боби 8 (моддаҳои 130-133) мустақилияти мақомоти худидора доираи ваколатҳои он, вазифаҳои худидораи маҳаллӣ, шаклҳои амали кардани худидора, марзи амалӣ кардани худидора, ҳуқуқи мустақилона идора кардани моликияти мунисипиалӣ, ҳукуқи онҳо ба ҳимояи судӣ ва ғайра танзим ёфтааст. Ва дар ҳамин замина низоми қонунгузории ФР дар бораи худидораи маҳаллӣ амал мекунад. Аз ҷумла, Қонуни Федералии Русия «Дар бораи усулҳои умумии худидораи маҳаллӣ дар Федератсияи Русия» аз 28 августи соли 1995, «Дар бораи таъмини ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандони ФР ба интихоб кардан ва интихоб шудан ба мақомоти худидораи маҳаллӣ» аз соли 1996 ва чандин фармонҳои Президенти ФР ва қонуну қарорҳои субъектони ФР дар бораи таъсиси худидораи маҳаллӣ ва ваколатҳои онҳо, бо тағйиру иловаҳо амал мекунанд[237]. Дар ислоҳоти минбаъдаи Конститутсияи ҶТ ҳуқуқи шаҳрвандонро ба худидора ва мавқеи конститутсионии мақомоти худидораи маҳаллиро равшан ва муфассал танзим намудан барои рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва устувор гаштани ҳокимиятдории халқ мусоидат мекунад.

Оид ба мафҳуми илми ҳуқуқи давлатӣ (ҳуқуқи конститутсионӣ), таносуби ҳуқуқи давлатӣ ҳамчун соҳа бо илми ҳуқуқи давлатӣ ва вазифаҳои он ҳанӯз дар давраи шуравӣ фикру мулоҳизаҳои гуногун баён меёфтанд. Бисёре аз олимон предмети омӯзиши илми ҳуқуқи давлатиро бо предмет ва услуби танзими ҳуқуқи давлатӣ як мешумориданд[238]. Баъзе аз онҳо илова кардани ҳадафҳои идроки илмиро низ зарур медонистанд, яъне илми ҳуқуқи давлатӣ пеш аз ҳама татбиқи амалии меъёрҳои ҳуқуқӣ-давлатиро дар ҳаёти иҷтимоии ҷомеа равшан мекунад.

Илми ҳуқуқи давлатиро баъзе олимон – **давлатшиносӣ**, баъзеи дигар – **ҳуқуқшиносӣ** меномиданд, ки ба нуқсони чунин таъриф ҳамон вақт эътибор дода шуда буд. Воқеан, мафҳумҳои давлатшиносӣ ва ҳуқукшиносӣ нисбат ба мафҳуми ҳуқуки давлатӣ мафҳумҳои фарогир ва самтҳои илмие мебошанд, ки нисбат ба соҳаи ҳуқуқ васеъ мебошанд. Предмети таҳқиқи давлатшиносӣ ва ҳуқуқшиносӣ кулли мавзӯҳои ба давлат ва ҳуқуқ алоқаманд, сарфи назар аз ягон самти мушаххаси фаъолияти давлат ва соҳаи ҳуқуқ мебошад. Яъне онҳо ҳамаи он чӣ, ки ба давлат ва ҳуқуқ дахл доранд дарбар мегиранд[239]. Ҳуқуқи конститутсионӣ ҳамчун илми ҳуқуқӣ чунин хусусияти фарогир надорад ва мавзӯҳои таҳқиқу омӯзиши он дар доираи конститутсия ва қонунгузории миллӣ дар ҳадди муайян равшан карда шудааст.

Олимони давлатшиноси шӯравӣ предмети омӯзиши илми ҳуқуқи давлатиро сохтори ҷамъиятӣ мешумориданд, ки мувофиқи он ҳар як

[237] Баглай М.В. Конституционное право Российской Федерации. Учебник. -7-е изд. –М.: 2008. -15-30.

[238] Советское государственное право. Учебник. Под ред. А.И.Лепешкина. –М.: 1971. –С. 34-37; Советское государственное право. Учебник. Под ред. С.С.Кравчука. –М.: 1975. –с. 3-7; Тот же учебник. 2-е изд. –М.: 1985. –с. 3-10.

[239] Курс Советского государственного права. Учебник. Под ред. Б.В.Щетинина и А.Н.Горшенева.Учеб. пособие. –М.: 1971. –с. 46-53.

давлат дар ҷомеа қарор дошта берун аз он вуҷуд дошта наметавонад. Ҷомеа бошад аз ибтидо вуҷуд дошт ва дар ҳамаи муҳити муайяни таърихӣ амал карда метавонад. Ва ба мафҳуми сохтори ҷамъиятӣ ҳамаи мавзӯҳое, ки соҳаи ҳуқуқ танзим ва илми ҳуқуқи давлатӣ меомӯзад, ҷой медоданд. Аз ҷумла, сохтори давлатӣ, шакли он, вазъи ҳуқуқии шаҳрванд, низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ғайра. Албатта чунин мавқеъ аз самти назариявӣ далелнок буд, аммо аз самти амалӣ ба воқеияти ҷомеаи сотсиалистӣ чандон созгор набуд. Дар мақолаи мазкур асосан ба ду самти мафҳуми ҳуқуқи конститутсионӣ – ҳамчун илми ҳуқуқшиносӣ ва фанни таълимӣ эътибор дода шудааст.

Ҳуқуқи конститутсионии ҶТ ҳамчун соҳаи ҳуқуқ ва фанни таълимӣ асоси илмӣ дорад. Дастовардҳои илмии олимон оид ба меъёрҳо ва падидаҳои ҳуқуқии конститутсионӣ бояд дар фаъолияти қонунгузорӣ ифода ёфта, ба ҳамаи мутахасиссони соҳа маълум бошад. Агар соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ аз меъёрҳои амалкунандаи дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама дар конститутсия, дигар қонунҳои миллӣ, фармонҳои Президент, хулосаҳои Суди конститутсионӣ ва дигар сарчашмаҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷой дошта, иборат бошад, илми ҳуқуқи конститутсионӣ дар китобҳо (китобҳои дарсӣ ва рисолаҳои илмӣ), мақолаҳо, маърӯза ва гузоришҳои илмӣ ифода меёбад.

Вазифаҳои илми ҳуқуқи конститутсионӣ иборат аз маҷмӯи донишҳо дар бораи ҳуқуқи конститутсионии амал кардаистода ҳамчун соҳаи ҳуқуқ, санадҳои ҳуқуқии аз он иборат, дар бораи қонуниятҳои таъсири меъёрҳои ҳуқуқии конститутсионӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, ташаккули предмети танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ бо назардошти ҳам маҷмӯаи меъёрҳои мавҷуда, ва ҳам ақидаҳо, консепсияҳои дар ҷомеа ҷой дошта ба зуҳуроти ҳуқуқӣ-конститутсионии дахлдор мебошад[240].

**Илми ҳуқуқи конститутсионӣ** меъёрҳои соҳаи мазкур, таҷриба ва қонуниятҳои татбиқи онҳо, доираи васеи муносибатҳои ҷамъиятии онҳо танзимкунандаро меомӯзад. Сарчашмаҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, пеш аз ҳама масъалаҳои ба конститутсия дахл дошта, меъёрҳо ва падидаҳои ҳуқуқии конститутсионӣ, раванди пайдоиш ва инкишоф, таҷрибаи ба амал татбиқ кардани онҳо барои илми ҳуқуқи конститутсионӣ аҳамияти муҳим доранд. Эътибори махсус ба асосҳои вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, таъсиси ҷомеаи шаҳрвандӣ, воситаҳои амали гардонидани ҳокимияти давлатӣ зоҳир карда мешавад. Илми ҳуқуқи конститутсионӣ муносибатҳои номбаршударо таҳлил ва ҳолати рушди соҳаи мазкурро муайян менамояд. Ва ҳамаи онҳо предмети илми ҳуқуқи конститутсионӣ мебошанд. Дар омӯзиши меъёрҳо, сарчашмаҳо, падидаҳои ҳуқуқи конститутсионӣ майлонҳо ва қонуниятҳои рушд ва хусусиятҳои онҳо дар ҶТ муайян карда мешавад. Дар китобҳои дарсӣ ҳолати рушди таҳқиқотҳои илмии ҳуқуқи конститутсионӣ нишон дода шуда, ба масоилҳои мубрами соҳа шинос ва оид ба роҳҳои мукаммал гардонидани меъёрҳо ва падидаҳо мулоҳизаҳои илмӣ баён карда мешаванд. Ба таҷрибаи бои мамлакатҳои хориҷӣ дар

[240] Авакьян С.А. Конституционное право России. Т.1. Учебный курс. 2–е изд. М.: 2007. –с.117-120.

таҳлилу таҳқиқи муносибатҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ мурочиат карда шуда, ба услубҳои омӯзиши онҳо эътибор дода мешаванд. Оид ба самтҳои мусбӣ ва манфии онҳо хулосаҳо таҳия карда шуда, дар таҷриба самтҳои мусбиро ошкор ва барои мубодила тавсия карда мешаванд.

Дар раванди омӯзиши меъёрҳо ва падидаҳои ҳуқуқи конститутсионӣ услубҳои гуногун ба кор бурда мешаванд[241]. **Услуби диалектикӣ** - услуби асосии самараноки таҳлили равандҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа, муайян кардани алоқаи ҳуқуқи конститутсионӣ бо таҷрибаи ҷамъиятӣ, амали намудани ҳокимияти давлатӣ ва рушди давлатдорӣ мебошад. Он асоси назариявӣ барои тафсири ҳуқуқи конститутсионии ҶТ ҳамчун ҳуқуқи типи таърихӣ хизмат мекунад. Услуби диалектикӣ зуҳурот ва дараҷоти ҳуқуқи конститутсиониро дар ҳаракат, дар робита бо рушди сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ғайра дар ҷомеа таҳлил менамояд. Он зиддиятҳоро дар рушди ҷомеа дар асоси дараҷаи умумифалсафии – ягонагии қонун ва мубориэаи мутақобила ошкор менамояд. Дар заминаи услуби мазкур дигар услубҳои мушаххаси илмии таҳқиқот пайдо мегарданд[242].

Услуби таҳлили расмӣ-ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки мазмуни маводи таҳқиқшаванда тавассути услубҳои зерин равшан карда шавад: услуби **қиёсӣ-ҳуқуқӣ** ҳамчун воситаи ошкор кардани тарҳи аз ҳама самараноки танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ; **услуби расмии мантиқӣ** – таҳлили маводи меъёрии таҳқиқшавандаест, ки аз равшан кардани моҳият ва аҳамиятнокии қонун ё дигар санади ҳуқуқӣ-конститутсионӣ вобаста ба мазмуни хоси он иборат аст[243]; услуби **таърихӣ** имкон медиҳад, ки падидаҳои ҳуқуқии конститутсионӣ дар ҷараёни пайдоиш ва инкишофи онҳо омӯхта шаванд; услуби **мураттабӣ (системӣ) -** таркиби ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқ ҳамчун низоми қисмҳои бо ҳам алоқаманд эътироф гардида, омӯхта шаванд; услуби **оморӣ,** барои муайян кардани самаранокии амали меъёр ва падидаҳои ҳуқуқии конститутсионӣ ёрӣ медиҳад; услуби **сотсиологии мушаххас**, ки тавассути он афкори ҷамъиятӣ омӯхта шуда, санҷишҳо гузаронида мешавад; услуби **забоншиносӣ,** ки тавассути он меъёрҳои ҳуқуқии конститутсионӣ аз рӯи риояи қоидаҳои забони қонунгузорӣ санҷида мешаванд.

Дар асоси услубҳои мазкури омӯзиши зуҳуроти ҷамъиятӣ, илми ҳуқуқи конститутсионӣ дар рушди ҳуқуқи конститутсионӣ нақши фаъол мегузорад, чунки дар ҳамин замина таклифҳо оид ба такмили меъёр ва падидаҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ пешниҳод мекунад. Хусусан, таклифҳое, ки тавассути омӯзиши таҷрибаи сохтмони давлатӣ, фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, сохторҳои ҷамъиятӣ, ҳолати риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва ғайра пешниҳод мегарданд, аҳамияти калон доранд.

Дар раванди таҳқиқ ва омӯзиши меъёр ва падидаҳои ҳуқуқии конститутсионӣ илми ҳуқуқи конститутсионӣ ба низоми сарчашмаҳое

---

[241] Козлова Е.И., Кутафин О.Е. Конституционное право России. 3-изд. –М.: -2002. –с. 34-39.

[242] Конституционное право Республики Казахстан. Учебник. Сост. А.Т.Ащеулов. –Алматы. 2001. –с. 44-45.

[243] Алимов С. Ю., Диноршоев А.Д., Салохидинова С.М. Конституционное право Республики Таджикистан. Учебник. Под ред. Диноршоева А.М. –Д.: 2017. –С.52-53.

такъя мекунад, ки аз асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, конститутсия, қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки меъёрҳои ҳуқуқи конститутсиониро дарбар мегиранд, таҷрибаи амали меъёрҳо ва падидаҳои ҳуқуқии конститутсионӣ дар мамлакатҳои гуногун иборат мебошад. Дар илми ҳуқуқи конститутсионии ҶТ аксар вақт ғайр аз сарчашмаҳои ватанӣ, адабиёти илмию таълимии дар Русия, Қазоқистон ва дигар давлатҳо бо забони русӣ нашр шуда, васеъ истифода мешавад. Ин омил чанд сабаб дорад: бо забони илмии русӣ шинос будани олимони тоҷик; дастрас будани адабиёти ҳуқуқӣ бо забони русӣ; умумӣ будани бисёр омилҳо ва усулҳои илмии ҳуқуқи конститутсионӣ дар ин мамлакатҳо ва таҷрибаи ташкил ва фаъолияти мақомоти давлатӣ; дар як фазои ҳуқуқӣ қарор доштани низоми ҳуқуқии ин мамлакатҳо; умумияти мафҳумҳо ва дараҷаҳои илмии ҳуқуқи конститутсионӣ ва ғайра.

Тавассути омӯзиши омилҳои номбурда олимон масоилҳои назариявии ҳуқуқи конститутсиониро кор карда мебароянд, андешаҳои худро оид ба масъалаҳои умумӣ ва мушаххаси илми ҳуқуқӣ конститутсионӣ баён менамоянд. Дар рисолаҳо ва мақолаҳои илмии сершумор ба таври танқидӣ дараҷа ва падидаҳои гуногуни конститутсионӣ таҳлилу таҳқиқ мешаванд. Дар натиҷаи баҳсу талошҳо олимон ғояҳои куҳнаро инкор ва нави илмиро асоснок мекунанд, ки ба такмили назария ва таҷрибаи ҳуқуқи конститутсионӣ равона карда шудаанд.

Дар байни сарчашмаҳои илми ҳуқуқи конститутсионӣ – конститутсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавқеи хоса доранд, зеро ки онҳо дар як вақт сарчашмаи соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ мебошанд. Тағйиру иловаҳои аз самти илмӣ асоснок карда шуда ба конститутсия ва қонунҳо, онҳоро ҷавобгӯи талаботи давр нигоҳ медорад. Дар ин раванд ба назар гирифтани пешниҳоду тавсияҳои асосноки олимону мутахассисон (коршиносон, машваратчиён ва ҳоказо) барои баланд шудани сифати қонунҳо ва афзудани таъсири онҳо ба таҷриба аҳамияти муҳим доранд. Хусусан, тағйиру иловаҳои конститутсия бояд илман асоснок ва аз иддаоҳои замонасозӣ озод бошад. Конститутсия бо ҳеҷ ваҷҳ набояд ба олоти ифодаи ирода ва манфиати шахсе ё гурӯҳе табдил гардад, балки ҳамеша ба манфиати кулли мардум мувофиқ бошад.

Мафҳуми соҳа ва илми ҳуқуқи конститутсионӣ дар алоқамандӣ буда, муносибатҳои ҷамъиятии танзими меъёрҳои ҳуқуқии конститутсионӣ – мавзӯи омӯзиши илм, барои соҳа мавзӯи танзимнамоӣ мебошад. Дар ҳамин замина таносуби мафҳумҳои ҳуқуқи конститутсионӣ ҳамчун илм ва ҳамчун соҳаи ҳуқуқро мухтасар ин тавр ифода кардан мумкин аст: Ҳуқуқи конститутсионии ҶТ ҳамчун соҳаи ҳуқуқ маҷмӯаи меъёрҳои ҳуқуқии конститутсионие мебошад, ки муносибатҳои муайяни ҷамъиятиро муқаррар ва танзим мекунад, илми ҳуқуқи конститутсионӣ бошад меъёрҳо ва муносибатҳои мазкурро таҳқиқ ва меомӯзад. Онҳо бо якдигар узван пайванд мебошанд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ вариантҳои гуногуни таърифи мафҳуми илми ҳуқуқии конститутсионӣ вомехӯранд, ки моҳиятан ҳаммазмун буда, фақат бо баъзе ҷузъиёт фарқ мекунанд. Мисол ба назари профессор А.Т.Ашеулов

«Илми ҳуқуқи конститутсионӣ – ин низоми мафҳумҳои илмӣ, дараҷот, усулҳо, тасавурот дар бораи мазмун ва нақши меъёрҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ мебошанд, ки дар асоси татбиқи муносибатҳои ҳуқуқии конститутсионӣ, асосҳои таъсиси ҷомеа, давлат, ҳолати шахс, олот ва шаклҳои амалӣ кардани ҳокимияти давлатиро мустаҳкам ва танзим менамоянд»[244]. Таърифи мазкур дар шакли абстрактӣ дода шуда, барои муайян кардани мазмун ва таъиноти он шарҳи махсуси ихтисосӣ зарур аст.

Таърифи зерини илми ҳуқуқи конститутсионӣ, ки профессор С.А.Авакьян додааст, нисбатан муфассалу далелнок мебошад: «Илми ҳуқуқи конститутсионӣ – ин маҷмӯаи донишҳо дар бораи ҳуқуқи конститутсионии амалкунанда ҳамчун соҳаи ҳуқуқ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии аз он иборат, дар бораи қонунияти таъсири меъёрҳои конститутсионӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, ташаккули предмети танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ бо назардошти маҷмӯаи ҳам меъёрҳои мавҷуда, ҳам ақидаҳо, консепсияҳои дар ҷомеа мавҷуда ва ба зуҳуроти ҳуқуқи конститутсионӣ дахлдор мебошад»[245]. Дар таърифи мазкур таъкиди ба назар гирифтани ақидаҳо, консепсияҳои дар ҷомеа ҷой дошта, барои ташаккули предмети танзими ҳуқуқии конститутсионӣ зарурӣ боиси таваҷҷуҳ ва эътибор мебошад.

Дар китоби дарсии дастаҷамъонаи «Конституционное право Республики Таджикистан» чунин таърифи мухтасари илми ҳуқуқи конститутсионӣ дода шудааст: «Илми ҳуқуқи конститутсионӣ низоми донишҳо, афкор, усулҳо, тасаввурот дар бораи ҳуқуқи конститутсионӣ ҳамчун соҳаи ҳуқуқ ва муносибатҳои ҷамъиятии он танзимкунанда мебошад»[246]. Таърифи мазкур вазифаи асосии илми ҳуқуқи конститутсионӣ – таҳқиқ ва омӯзиши меъёрҳо ва муносибатҳои ҳуқуқии конститутсиониро беэътибор гузоштааст.

Дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои илмию таълимӣ дар бораи ҳуқуқи конститутсионӣ чунин таърифи илми Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад. «Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон – илми ҳуқуқӣ буда, мафҳум, предмет, меъёрҳо ва муносибатҳои ҳуқуқии конститутсионӣ, таълимот дар бораи Конститутсия, меъёрҳои ҳуқуқии конститутсионии асосҳои сохтори конститутсионӣ, сохтори ҷамъиятӣ, асосҳои ҳолати ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, сохтори давлатӣ ва маъмурию ҳудудӣ, низоми мақомоти давлатӣ, тартиби таъсис ва фаъолияти онҳоро мустаҳкам ва танзимкунанда, тартиби ташкил ва фаъолияти мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, мазмун, таъинот ва хусусиятҳои муносибатҳои ҷамъиятии ҳуқуқии конститутсиониро дар раванди пайдоиш ва инкишоф таҳқиқ ва меомӯзад»[247].

Омӯхтани фанни **ҳуқуқи конститутсионӣ** дар нақшаҳои таълимии ҳамаи факультетҳои ҳуқуқшиносии донишгоҳҳо **ҳамчун фанни таълимӣ** пешбинӣ шудааст. Омӯзиши соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ дар заминаи

[244] Конституционное право Республики Казахстан. Учебник. –с. 44.
[245] Авакьян С.А. Конституционное право России. Учебник. –С.117.
[246] Алимов С.Ю., Диноршоев А.М., Салохидинова С. М. –С.49.
[247] Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –С.59.

ҳолатҳои назариявӣ қарор дорад, ки мазмуни илми ҳуқуқи конститутсионӣ аз онҳо иборат аст. Низоми ҳолатҳои назариявии илме, ки бо ҳаҷми ақали зарурӣ ва барои омӯхтани донишҷӯён тавсия мешавад, ба хусусияти моҳияти соҳа ва падидаҳои он кифояткунанда аст ва барои пайдо кардани лаёқати дар таҷриба татбиқ кардани меъёрҳои соҳа муҳим мебошанд, онҳо дар маҷмӯъ мазмуни фанни таълимии ҳуқуқи конститутсиониро ташкил медиҳанд. Инъикоси универсалии низом ва мазмуни фанни таълимӣ, китоби дарсие мебошад, ки бо ҳамин сифат мақомоти ваколатдори давлатӣ тавсия кардааст. Барои равшан кардани мазмун ва таъиноти фанни Ҳуқуқи конститутсионии ҶТ ҳамчун фанни ҳуқуқшиносӣ ду ҳолати зеринро ба эътибор гирифтан муҳим аст: таносуби ҳуқуқи конститутсионӣ бо дигар фанҳои таълимии бо он наздик, муайян кардани низоми фанни ҳуқуқи конститутсионӣ ва вазифаҳои асосии он. Фанни Ҳуқуқи конститутсионии ҶТ бо чандин фанҳои ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама бо назарияи умумии давлат ва ҳуқуқ, таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон, ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи парлумонӣ ва ғайра наздик мебошад.

Барои муайян кардани фарқи масъалаҳои дар ҳуқуқи конститутсионӣ ва назарияи умумии давлат ва ҳуқуқ омӯхташаванда чунин омилҳоро ба эътибор гирифтан муҳим аст. Масалан, барои ҳуқуқи конститутсионӣ ва назарияи умумии давлат ва ҳуқуқ фаслҳое ба монанди усулҳо ва шаклҳои сохтори давлатӣ, соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳокимиятдории халқ умумӣ мебошанд. Масъалаҳои дар фанни ҳуқуқи конститутсионӣ омӯхташаванда дар назарияи давлат ва ҳуқуқ муайян кардани табиати иҷтимоӣ, ошкор кардани гуногуншаклӣ, қонуниятҳои умумии ҳамкорӣ ва рушд иборат аст. Дар раванди омӯзиши ҳуқуқи конститутсионӣ вазифа аз он иборат аст, ки мазмуни мушаххас, самтҳои хусусиятнок, хислатҳои падидаҳои мазкур, ки маҳз ба давлати Тоҷикистон ҳамчун яке аз намудҳои давлат ва ҳуқуқи либералӣ демократӣ хос мебошад, таҳқиқ карда шавад.

Фанни ҳуқуқи конститутсионӣ бо фанни таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон алоқамандӣ дорад. Чандин мавзӯҳои фанни ҳуқуқи конститутсионӣ дар робита бо таърихи давлат ва ҳуқуқ омӯхта мешаванд. Масалан, мавзӯҳои соҳибихтиёрии ҶТ, мухторияти вилоятӣ, низоми сохтори маъмурии ҳудудӣ, падидаи шаҳрвандӣ ва ғайраҳоро дар ҳуқуқи конститутсионӣ бе муроҷиат ба таърихи бавуҷудоӣ ва рушди онҳо васеъ кушода додан мураккаб аст. Хусусан, омӯзиши давраҳои ташаккули давлатдории навини тоҷик, давраи шӯравии пайдоиш ва рушди он, ноил гаштан ба соҳибихтиёрии воқеии Тоҷикистон ва таъмини устувории инкишофи он мавзӯҳои бо ҳам умумии ҳар ду фанни мазкур мебошанд.

Тарҳи фарқгузории масъалаҳои мазкур, тибқи ҷудо кардани ҳуқуқи амалкунанда аз меъёрҳое мебошад, ки то ин вақт амал мекарданд. Агар барои фанни таърихи давлат ва ҳуқуқ таҳлили шароит ва сабабҳои пайдоиши ин ё он падидаи ҳуқуқии конститутсионӣ асосӣ бошад, пас барои фанни ҳуқуқи конститутсионӣ ошкор кардани моҳият ва хусусияти падидаҳои ҳуқуқии конститутсионии амалкунанда муҳим буда, маводҳои таърихӣ бо он мақсад истифода бурда мешаванд, ки онҳо барои чуқур дарк кардани моҳият ва таъиноти меъёрҳои амалкунанда ёрӣ мерасонанд.

Фанни ҳуқуқи конститутсионӣ бо фанни ҳуқуқи парлумонӣ хеле наздик аст ва он асосҳои моддии ҳуқуқи парлумониро муфассал танзим менамояд. Фанни ҳуқуқи конститутсионӣ тартиби таъсис, таркиб, ваколат, шаклҳои фаъолияти Маҷлиси Олӣ, тартиби қабули қонунҳоро муфассал меомӯзад. Фанни ҳуқуқи парлумонӣ дар баробари омӯзиши мавзуҳои мазкур ҳамчунин масъалаҳои вазъи ҳуқуқии аъзоёни парлумон (аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон), нақши сохторҳои палатаҳо (Шурои палатаҳо, роҳбарони палатаҳо, кумита ва комиссияҳо, Дастгоҳи палатаҳо), фраксия ва гурӯҳҳои вакилон, раванди қонунгузориро аз оғози пешниҳоди лоиҳаи қонун то қабул ва ба имзорасии он муфассал меомӯзад. Хусусан, раванди ташкил ва гузаронидани иҷлосияҳо, баррасӣ ва қабули қонунҳо, роҳҳои бартарафсозии ветои Маҷлиси миллӣ ва ветои Президент омӯхта мешавад. Фанни Ҳуқуқи парлумонии ҶТ баробари ин бештар тартиби ташкил ва гузаронидани ҷаласаҳои палатаҳо ва кумитаю комиссияҳои онҳо, раванди қонунгузорӣ ва ҳамкории палатаҳо дар ин самт, роҳҳои бартарафсозии ихтилофи байни палатаҳо доир ба қабули қонун, яъне масъалаҳои хислати мурофиавиро меомӯзад. Сарфи назар аз ин омил фанни ҳуқуқи конститутсионӣ ва фанни ҳуқуқи парлумонӣ бо якдигар тавман алоқаманд ва ҳамдигарро пурра мекунанд.

Таркиби ҳар як фанни ҳуқуқӣ иборат аз низоми ба худ хос мебошад, ки дар пайдарҳамии муайян падидаҳои муҳими ҳуқуқиро дарбар гирифта, дар маҷмӯъ мавзӯи (предмети) илми соҳаи ҳуқуқро ташкил менамоянд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд ёфтааст, ки низоми ҳуқуқи конститутсионӣ бояд мувофиқи низоми ҳуқуқи конститутсионӣ ҳамчун соҳаи ҳуқуқ: бо ба эътибор гирифтани нақши ин ё он падидаҳои ҳуқуқи конститутсионӣ дар ҳаёти ҷомеа; дар заминаи талаботи услуби таълим ва омӯзиши худи фан қарор гирад.

Низоми фанни ҳуқуқи конститутсионӣ ба назари мо бояд тавре ташкил ёбад, ки барои чуқур равшан кардани моҳияти иҷтимоӣ ва аҳамияти падидаҳои ҳуқуқии конститутсионӣ дар сохтмони ҷомеаи либералӣ-демократӣ имкон диҳад; он бояд барои ҳарчи пурра кушодани хусусияти предмети илми ҳуқуқи конститутсионӣ, алоқаҳои он бо дигар илмҳои соҳавӣ ва фарқ гузоштан аз фанҳои таълимии ба он наздик имкон диҳад; он набояд ба такрори мавзӯҳои ба ҳуқуқи конститутсионӣ ва дигар фанҳо умумӣ роҳ диҳад; пайдарҳамии қатъии мантиқиро дар гузориши маводҳои таълимӣ таъмин намояд (масалан, маводҳои оид ба шаҳрвандӣ набояд пеш аз меъёрҳои ҳуқуқӣ дар бораи киро шаҳрванди Тоҷикистон донистан, асосҳои пайдо кардани шаҳрвандӣ ва маҳрум шудан аз онро муайян кардан, омӯхта шавад).

Дар низоми ҳуқуқи конститутсионии ҶТ дар бораи ҷой ва аҳамияти Дебочаи Конститутсия мухтасар маълумот дода мешавад. Матни дебоча гарчи хеле мухтасар аст, бо вуҷуди ин он ҳолатҳои калидии назариявии сиёсӣ-ҳуқуқиро дарбар мегирад ва барои дарк ва омӯхтани моҳияти фаслҳои дигари фанни ҳуқуқи конститутсионӣ муҳиманд. Дар илми ҳуқуқи конститутсионии ҶТ қисми Муқаррароти интиқолӣ них зуҳуроти нав буда, дар раъйпурсии конститутсионии соли 2003 дар Конститутсияи ҶТ ҷой

пайдо карда, дар раъйпурсии соли 2016 дар таҳрири нав тасдиқ шудааст. Қисми мазкур дар анҷоми матни Конститутсия ҷой дода шудааст. Аммо ба фасл ё қисми Конститутсия дахл доштан, ё дар таркиби Конститутсия ҷойи мустақил доштани он ишора карда нашудааст. Фанни Ҳуқуқи конститутсионии ҶТ дар асоси дастовардҳои илмӣ, қиёси падидаи мазкур бо таҷрибаи танзими конститутсионии он дар баъзе мамлакатҳо онро ба донишҷӯён барои омӯзиш пешкаш мекунад.

Бо назардошти омилҳои мазкур, дар асоси нақшаҳои таълимӣ низоми фанни Ҳуқуқи конститутсионии ҶТ аз инҳо иборат аст. Фасли якум ба масъалаҳои назариявӣ амалии мафҳуми предмет, сарчашмаҳо, меъёрҳо ва муносибатҳои ҳуқуқии конститутсионӣ, низоми ҳуқуқи конститутсионӣ ҳамчун соҳаи ҳуқуқ ва ҳамчун илм бахшида шудааст. Вазифаи фасли мазкур иборат аз кушода додани мафҳуми предмети ҳуқуқи конститутсионӣ, равшани андохтан ба хусусият ва хислати муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки меъёрҳои соҳаи ҳуқуқи мазкур танзим менамоянд. Инчунин дар ин фасл масъалаҳои муносбатҳои ҳуқуқии конститутсионӣ, меъёрҳои онҳоро танзим кунанда, сарчашмаҳо ва робитаи ҳуқуқи конститутсионӣ бо дигар соҳаҳои ҳуқуқи миллӣ омӯхта мешавад.

Фасли дуюм таълимот дар бораи Конститутсия, мафҳум моҳият, хусусиятҳои ҳуқуқӣ-сиёсӣ, пайдоиш ва инкишоф, нақши Конститутсияи ҶТ дар таъмини пойдории соҳибихтиёрии Тоҷикистон, таносуби он бо дигар қонунҳои миллӣ, бо санадҳои эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ, риоя ва иҷрои талаботи конститутсия ва қонунҳо бахшида шудааст. Дар ҳамин фасл тартиби тағйиру илова дохил кардан ба конститутсия омӯхта мешавад. Фаслҳои якум ва дуюм хислати назариявии омӯзишӣ дошта, барои низоми Ҳуқуқи конститутсионӣ ҳамчун илм ва фанни таълимӣ хос мебошад. Бо ҳамин сабаб дар байни низоми ҳуқуқи конститутсионӣ ҳамчун соҳаи ҳуқуқ аз як тараф ва илми ҳуқуқшиносию фанни таълимии ҳуқуқи конститутсионӣ тафовут ҷой дорад.

Фасли сеюми фанни мазкур ба омӯзиши асосҳои сохтори коститутсионӣ бахшида шуда, дар он хусусиятҳои сохтори ҷамъиятӣ ва давлатии ҶТ, рамзҳои давлатӣ, арзиши олӣ донистани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он, дахлнопазирии ҳуқуқҳои фитрии инсон, вазифаи давлат оид ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, соҳибихтиёрии халқ ва шаклҳои зуҳуроти он, сохтори ҷамъиятӣ ва эътирофи дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ инкишоф ёфтани он, сохти ҳудудии давлат ва марзию маъмурии он, соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии Тоҷикистон муқаррар карда шудаанд. Дар асоси усули таҷзияи ҳокимияти давлатӣ қарор гирифтани низоми ҳокимияти давлатӣ, эътибори олии ҳуқуқии конститутсия, ҷойи санадҳои эътирофшудаи ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ, асосу шаклҳои моликият, кафолати ҳифзи ҳуқуқи онҳо ва истифодаи самараноки моликияти истисноии давлат дар ин фасл омӯхта мешаванд. Ҳамчунин масъалаҳои тағйирнопазирии шакли идораи ҷумҳурӣ, тамомияти арзӣ, моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва иҷтимоии давлат дар ҳамин фасл таҳлилу таҳқиқ ва омӯхта мешаванд.

Дар фасли чоруми фанни Ҳуқуқи конститутсионии ҶТ вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии инсон ва шаҳрванд, роҳҳои амалӣ шудани ҳуқуқу озодиҳо, асосҳои шаҳрванди ҶТ донистани шахс, тартиби соҳиб шудан ба шаҳрвандӣ ва маҳрум гаштан аз он, ҳолати душаҳрвандӣ ва бешаҳрвандӣ, низоми ҳуқуқу озодиҳои фитрӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва кафолатҳои онҳо, ҳатмӣ будани иҷрои вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд, тартиби маҳдудшавии ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон дар ҳолатҳои вазъияти фавқулодда муқаррар гардида, омӯхта мешаванд. Бояд қайд кард, ки дар сатҳи соҳа ва илми ҳуқуқи конститутсионӣ на ҳамаи низоми ҳуқуқу вазифаҳои инсон ва шаҳрванд, балки фақат ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои асосӣ танзим ва омӯхта мешаванд.

Фасли панҷум ба таҳқиқ ва омӯзиши сохтори марзӣ-давлатӣ ва марзию маъмурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар он мафҳум ва шаклҳои сохтори марзӣ-давлатӣ, соҳибихтиёрии давлатӣ ва шаклҳои амалӣ гаштани он, нишона ва хусусиятҳои давлатҳои ягона (унитарӣ), иттифоқӣ (федеративӣ) ва давлати иттифоқии мураккаб (конфедератсия), таъинот ва фарқияти онҳо аз ҳамдигар омӯхта мешаванд. Мафҳум ва усулҳои мухторият, намудҳои онҳо ва вазъи ҳуқуқии конститутсионии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таҳлил ва омӯхта мешавад. Ҳамчунин дар фасли мазкур масъалаҳои мафҳум, моҳият ва усулҳои сохтори марзию маъмурӣ равшан карда шуда, намудҳо ва низоми воҳидҳои марзию маъмурии Тоҷикистон, тартиби ташкил ва тағйир додани онҳо таҳлилу таҳқиқ мегардад ва андешаҳо дар хусуси боз ҳам мукаммал гардонидани низоми амалкунандаи он баён карда мешаванд.

Дар фасли шашуми фанни Ҳуқуқи конститутсионии ҶТ мавзӯи ҳуқуқи интихобот ва низоми интихобот дар Тоҷикистон омӯхта мешавад. Падидаи ҳуқуқи интихобот ҳамчун воситаи асосии ташкили ҳокимиятдории халқ, интихоби Президент, интихоботи мақомоти олӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, роҳи интихоби вакилони Ҷамоати шаҳрак ва деҳот мебошад. Масъалаҳои низоми интихобот ва усулҳои асосии он, шартҳои пешбарӣ ва интихобшавӣ, интихобӣ набудан ва раванди ташкил ва гузаронидани интихобот таҳқиқ ва омӯхта мешаванд. Асоси ҳуқуқӣ-конститутсионии падидаи интихобот дар бобҳои 1, 2, 3 ва 4 Конститутсияи ҶТ, се қонуни конститутсионӣ ва як қонуни ҷорӣ ва санадҳои зерқонунии дар асоси онҳо қабул гашта, танзим шудааст. Дар қиёс ба конститутсияҳои қаблии ҷумҳурӣ, дар Конститутсияи соли 1994 оид ба танзими ҳуқуқи интихобот боб ё фасли махсус ҷой надорад. Бо вуҷуди ин, дар боби алоҳидаи фанни Ҳуқуқи конститутсионии ҶТ падидаи ҳуқуқ ва низоми интихобот омӯхта мешавад. Ва дар ҷараёни такмили минбаъдаи Конститутсия, дар фасли махсус танзим намудани ҳамаи масъалаҳои ба интихобот дахлдор, яке аз роҳҳои мукаммал кардани асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии падидаи ҳуқуқ ва низоми интихобот дар ҶТ мебошад.

Дар робита ба ин масъалаҳо бояд қайд кард, ки мувофиқи Конститутсия падидаи интихобот ва раъйпурсии умумихалқӣ роҳи ифодаи олии бевоситаи ҳокимиятдории халқ мебошад. Муқаррар карда шудааст, ки шаҳрванд аз синни 18 ҳуқуқи иштирок дар раъйпурсӣ дорад ва

баргузории раъйпурсӣ тибқи қонуни конститутсионӣ сурат мегирад. Таъини раъйпурсӣ ваколати Маҷлиси намояндагон мебошад. Аммо дар нақшаҳои таълимӣ ва китобҳои таълимии фанни Ҳуқуқи конститутсионии ҶТ одатан, ягон фасл ё боб ба омӯзиши раъйпурсӣ бахшида намешавад. Чунин мавқеъ бо он асоснок карда мешавад, ки гуё тартиби ташкил ва гузаронидани интихобот ва раъйпурсӣ аз рӯи усулҳо ва тартиби ягона сурат мегирад ва бинобар ин барои алоҳида танзим ва омӯхтани падидаи раъйпурсӣ ҳоҷат набошад. Албатта ин масъала баҳснок буда, хулосаҳои илмии асоснокро тақозо менамояд.

Дар фасли ҳафтуми фанни Ҳуқуқи конститутсионии ҶТ низом ва тартиби таъсис ва фаъолияти мақомоти давлатӣ омӯхта мешавад, ки ҳаҷман фарогир аст. Хусусияти ин фасл аз он иборат аст, ки дар он меъёрҳои чандин бобҳои Конститутсия (3, 4, 5, 6, 8 ва 9) таҳқиқ ва омӯхта мешаванд. Дар онҳо асосҳои ташкил ва фаъолияти Маҷлиси Олӣ, Президент, Ҳукумат, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, Суд ва Прокуратура танзим карда шудаанд. Танзими муфассали вазъи ҳуқуқии мақомоти мазкур дар қонунҳои конститутсионӣ ҷой дорад. Фанни Ҳуқуқи конститутсионии ҶТ мавзӯҳои мазкурро дар заминаи Конститутсияи соли 1994 ва тағйиру иловаҳои солҳои 1999, 2003 ва 2016, қонунҳои конститутсионӣ, баъзе қонунҳои ҷорӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор ва сарчашмаҳои илмию таълимӣ меомӯзад. Бо мақсади омӯхтани таҷрибаи кори мақомоти давлатӣ дар нақшаҳои таълимии донишгоҳҳои ҳуқуқӣ соатҳои таҷрибаомӯзӣ ҷудо карда шудаанд. Тарҳи ҳозираи мақомоти ҳокимияти давлатии ҶТ, усулҳои ташкилёбӣ, шаклҳои фаъолият ва салоҳият, робитаҳои байниҳамдигарии онҳо дар заминаҳои нави ҳуқуқӣ-конститутсионӣ қарор гирифтаанд ва хусусиятҳои хос доранд. Мисол, дар тарҳи таъсис ва фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, оид ба ташкили мақомоти худидораи маҳаллӣ ишора карда шудааст, вале танзими ба тафсили он дар меъёрҳои конститутсия ҷой надорад. Сарфи назар аз ин, дар фанни ҳуқуқи конститутсионӣ мавзӯи вазъи ҳуқуқии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот – Ҷамоат алоҳида омӯхта мешавад[248]. Ва инчунин ду шохаи ҳокимияти маҳаллии давлатӣ: ҳокимияти намояндагӣ ва ҳокимияти иҷроия дар ҳамбастӣ муқаррар шудаанд, ки дар воқеъ моҳияти намояндагии ҳокимияти маҳаллиро хеле коста гардонидааст.

Ба ҳамин тариқ, фанни таълимии Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз самти илмию амалӣ муносибатҳо ва меъёрҳои ҳуқуқӣ-конститутсиониро дар ҷараёни пайдоиш, рушд ва амал меомӯзад. Дар амали гаштани ҳадафи мазкур нақши илми ҳуқуқи конститутсионӣ хеле калон буда, тавассути услубҳои илмие, ки дар боло ишора шуд, меъёрҳо ва муносибатҳо, пайдоиш ва инкишофи падидаҳои ҳуқуқӣ-конститутсиониро таҳлилу таҳқиқ, бо қонунгузории конститутсионии мамлакатҳои хориҷӣ қиёс, бартарӣ ё нуқсони онҳоро ошкор ва таклифҳо барои мукаммал намудани онҳо пешниҳод менамояд.

---

[248] Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –С. 741-760.

**Адабиёт:**

1. Авакьян С.А. Конституционное право России. Т.1. Учебный курс. 2–е изд. М.: 2007. –с.117.
2. Алимов С. Ю., Диноршоев А.Д., Салохидинова С.М. Конституционное право Республики Таджикистан. Учебник. Под ред. Диноршоева А.М. –Д.: 2017. –С.52-53.
3. Баглай М.В. Конституционное право Российской Федерации. Учебник. -7-е изд. –М.: 2008. -15-30.
4. Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Нашри чорум. –Душанбе. 2017. –с. 15-70.
5. Козлова Е.И., Кутафин О.Е. Конституционное право России. 3-изд. –М.: -2002. –с. 34-39.
6. Конституционное право Республики Казахстан. Учебник. Сост. А.Т.Ащеулов. –Алматы. 2001. –с. 44-45.
7. Курс Советского государственного права. Учебник. Под ред. Б.В.Щетинина и А.Н.Горшенева.Учеб. пособие. –М.: 1971. –с. 46-53.
8. Советское государственное право. Учебник. Под ред. А.И.Лепешкина. –М.: 1971. –С. 34-37;
9. Советское государственное право. Учебник. Под ред. С.С.Кравчука. –М.: 1975. –с. 3-7.

# МАФҲУМ ВА ТАСНИФБАНДИИ САРДОРИ ДАВЛАТ

**Сулаймонзода М.С.,**
н.и.ҳ., дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел:** (+992) 904238888
**E-mail:** sulaymonzoda.m@gmail.com

**Роҳбари илмӣ:** Диноршоев А.М., доктори илми ҳуқуқ, профессор
**Муқарриз:** Гадоев Б.С., доктори илми ҳуқуқ, профессор

**Фишурда:** Дар мақола мафҳум, моҳият ва таснифбандии сардори давлат мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Омӯзиш ва таҳлили институти сардори давлат дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ актуалӣ буда, дар илми ҳуқуқи ватанӣ ва хориҷӣ вобаста ба мақоми конститутсионӣ ва ҳамзамон мансабдори баландтарин, мавқеи олии ҳуқуқии онро дар зинаҳои мақомоти давлатӣ ишғол кунанда ва намояндагии олии кишварро дар сиёсати дохилӣ ва муносибатҳо бо дигар давлатҳо амалӣ менамояд мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Хусусиятҳои асосии сардори давлат дар ҳама давлатҳо, новобаста аз намудҳо, ифодакунандаи ваҳдати миллӣ, рамзи давлат, муаррификунандаи давлат дар арсаи байналмилалӣ, вазифаҳои муҳимтарини давлатиро дар ҳаёти сиёсии дохилии кишвар иҷро менамояд, мебошад. Инчунин, дар баъзе давлатҳои динӣ, сардори давлат пешвои рӯҳонӣ, роҳбари дин ва ғайра мебошад. Дар тамоми давлатҳои демократӣ рушдёфта ҳокимияти давлатӣ дар асоси принсипи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ба ҳокимияти қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ асос ёфтааст.

**Калитвожаҳо:** сардори давлат, монарх, президент, ҷумҳурӣ, парламент, интихобот, ҳокимияти иҷроия, қонунгузор, таҷзияи ҳокимияти давлатӣ.

# ПОНЯТИЕ И КЛАССИФИКАЦИЯ ГЛАВЫ ГОСУДАРСТВА

**Сулаймонзода М.С.,**
к.ю.н., доцент права конституционный юридический факультет Таджикского национального университета
**Тел.:** (+992) 904238888
**E-mail:** sulaymonzoda.m@gmail.com

**Научный руководитель:** Диноршоев А.М., доктор юридических наук, профессор
**Рецензент:** Гадоев Б.С., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация:** В статье рассматриваются понятие, сущность и классификация главы государства. Изучение и анализ института главы государства актуально в отечественного и зарубежного конституционного права. В зависимости от конституционного статуса и одновременно высшего должностного лица, его высшего правового положения на уровне государства и высшего представительства во внутренней политике и отношениях с другими государствами. Основными чертами главы государства во всех странах, независимо от вида, является выражение национального единства, символ государства, представительство государства на международной арене, выполнение важнейших государственных функций во внутриполитической жизни. Также в некоторых религиозных странах глава государства является духовным лидером, религиозным деятелем и так далее. Во всех развитых демократиях государственная власть основана на принципе разделения государственной власти на законодательную, исполнительную и судебную.

**Ключевые слова:** глава государства, монарх, президент, республика, парламент, выборы, исполнительная власть, законодательная власть, разделение государственной власти.

## CONCEPT AND CLASSIFICATION OF THE HEAD OF STATE

**Sulaimonzoda M.S.,**
PhD in Law, Associate Professor of Law Constitutional Law Faculty of the Tajik National University
**Phone:** (+992) 904238888
**E-mail:** sulaymonzoda.m@gmail.com

**Scientific adviser:** Dinorshoev A.M., Doctor of Law, Professor
**Research supervisor**: Gadoev B.S., doctor of legal Sciences, professor

**Annotation:** The article deals with the concept, essence and classification of the head of state. The study and analysis of the institution of the head of state is relevant in domestic and foreign constitutional law. Depending on the constitutional status and at the same time the highest official, his highest legal position at the state level and the highest representation in domestic politics and relations with other states. The main features of the head of state in all countries, regardless of species, is the representation of national unity, the symbol of the state, the representation of the state in the international arena, performs the most important state functions in the domestic political life of the country. Also, in some religious countries, the head of state is the spiritual leader, the head of religion and so on. In all developed democracies, state power is based on the principle of separation of powers into legislative, executive, and judicial branches.

**Key words:** head of state, monarch, president, republic, parliament, elections, executive power, legislature, separation of state power.

Дар ҳамаи давлатҳои муосир институти сардори давлат вуҷуд дорад, ки пайдоиши он ҳамзамон бо пайдоиши давлат ва шаклҳои ташкили ҳаёти ҷамъиятӣ алоқаманд мебошанд. Институти сардори давлат қисми таркибии механизми амалӣ намудани ҳокимияти давлатӣ ба шумор меравад. Сардори давлат - шахси мансабдор (мақоми давлатӣ) аст, ки одатан дар зинаи низоми мақомоти давлатӣ мақоми баландтаринро ишғол мекунад ва давлатро дар сиёсати дохилӣ ва муносибатҳои хориҷӣ намояндагӣ мекунад.

Реквизитсия - талаботе, ки дар давраи ҷанг мақомоти низомӣ сараввал ба мақомоти маҳаллӣ пешниҳод мекарданд, то ҳама чизро ба артиш расонанд: ин амал дар як кишвари душман - ройгон, дар кишвари худ агар моликияти шахсе бошад - бар ивази он расид (квитансия) дода мешуд, ки баъдан арзиши молу мулки реквизитсияшуда аз ҷониби хазина пардохт карда мешуд[288].

Реквизитсия ин гузаштани соҳибияти молу мулк ба дасти давлат аст. Одатан дар вақти офати миллӣ бо розигии соҳиби он ва бидуни он рух медиҳад. Дар лаҳзаи анҷом ёфтани ин офат, моликият метавонад ба соҳибони пешина баргардонида шавад (дереквизитсия). Реквизитсия аз хариди маҷбурӣ бо он фарқ мекунад, ки молу мулки реквизитсияшуда нигоҳ дошта мешавад[289].

Зери мафҳуми реквизитсия дар Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ чунин раванд фаҳмида мешавад, ки реквизитсия (аз калимаи лотинии reguisitio –

---

284 Ниг.: Нам К., Горбачев Д. Конституционные гарантии охраны права собственности // Хозяйство и право. – 1997. – №11. – С. 121-126.

285 Маҳмудов М.А., Тағойназаров Ш.Т., Бобоҷонов И.Ҳ., Бадалов Ш.К. Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум). – Душанбе: «ЭР-граф», 2010. – С. 629.

286 Ниг.: Гринь Е.В. Принудительное прекращение прав на земельные участки: теория и практика правового регулирования: дис. … канд. юрид. наук. – Краснодар, 2012. – 203 с.

287 Ниг.: Контрразведывательный словарь. – М., 1972. – С. 31.

288 Ниг.: Павленков Ф. Словарь иностранных слов, вошедших в состав русского языка. СПб., 1907. – С. 25.

289 Ниг.: Бизнес. Толковый словарь. – М.: «ИНФРА-М», Издательство «Весь Мир». Грэхэм Бетс, Барри Брайндли, С. Уильямс и др. Общая редакция: д.э.н. Осадчая И.М.,1998. – С. 25.

талабот) – аз ҷониби давлат бо додани арзишаш бо таври маҷбурӣ барои эҳтиёҷоти давлат ё ҷамъият аз молки гирифтани чизу чора мебошад. Ин чорабинӣ танҳо дар мавридҳо ва бо тартиби муайянкардаи қонун иҷозат дода мешавад[290].

Ба андешаи Қ.Ш. Қурбонов дар м. 266 КГ ҶТ асос ва шартҳои реквизитсия пешбинӣ шудааст, ки тибқи он дар ҳолатҳои зерине молу мулк реквизитсия карда мешавад:

1) офати табиӣ;

2) садама;

3) касалиҳои сироятӣ (эпидемия);

4) муромурии ҳайвонот (эпизоотия);

5) дигар ҳолатҳои мустасно фавқулода[291].

Бо дарназардошти баъзе аз хусусиятҳои реквизитсия дар КГ ҶТ муаллифони дигар Маҳмудов М.А., Тағойназаров Ш.Т., Бобоҷонов И.Ҳ., Бадалов Ш.К. тартиб ва шартҳои ин асоси қатъ гардидани ҳуқуқи моликиятро дар чунин шакл пешниҳод менамоянд:

1) дар ҳолатҳои мустасно фавқулода;

2) тибқи қарори мақомоти ваколатдори давлатӣ мутобиқи тартиб ва шартҳои муқаррарнамудаи қонун;

3) ба манфиати ҷомеа;

4) бо пардохти арзиши молу мулк;

5) боиси қатъи ҳуқуқи моликият мегардад[292].

Ба андешаи М.М. Соҳибзода ва М. Тоҷиддинов реквизитсия дорои аломатҳои зерин аст:

- он дар ҳолатҳои махсус, аз ҷумла ҳолатҳои мустасно фавқулода анҷом дода мешавад;

- амалӣ гардидан ва анҷом додани реквизитсия пеш аз ҳама дар асоси санади маъмурие, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ қабул гардидааст, сурат мегирад;

- молу мулки реквизитсияшуда музднок ва ба манфиати ҷомеа аз молик гирифта мешавад;

- кафолати ҳуқуқи молик ҷиҳати талаби молу мулк баъд аз бартараф шудани ҳолати бавуҷудомада, агар он осеб надида бошад[293].

Бояд ёдовар шуд, ки реквизитсия саравval танҳо бо мақсади мусодираи молу мулки шаҳрвандон барои эҳтиёҷоти ҳарбӣ ва дар ҳолати ҷанг анҷом дода мешуд. Мувофиқи м. 52 Конвенсияи Гаага дар бораи қонунҳо ва урфу одатҳои ҷанг дар хушкӣ аз соли 1907 реквизитсия танҳо барои эҳтиёҷоти артиш, ки минтақаеро ишғол кардаанд анҷом дода

[290] Ниг.: Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ / Зери таҳрири Раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, проефссор, Маҳмудов М.А. – Душанбе: «ЭР-граф», 2012. – С. 397.

[291] Ниг.: Қурбонов Қ.Ш. Ҳуқуқи граждании: қисми 1 (китоби дарсӣ). – Душанбе: «ЭР-граф», 2014. – С. 346.

[292] Ниг.: Маҳмудов М.А., Тағойназаров Ш.Т., Бобоҷонов И.Ҳ., Бадалов Ш.К. Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум). – Душанбе: «ЭР-граф», 2010. – С. 629.

[293] Ниг.: Соҳибзода М.М., Тоҷиддинов М.А. Реквизитсия ҳамчун асоси қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин // Қонунгузорӣ. – 2021. – №4(44). – С. 70-80.

мешавад ва он дар умум набояд барои қонеъ кардани ниёзҳои давлати ҷангҷӯ нигаронида шуда бошад.

Ҳама гуна реквизитсия бояд бо пули нақд пардохт карда шаванд ва агар ин имконнопазир бошад, молу мулки гирифташаванда барӯйхат гирифта шуда, бо ҳуҷҷате тасдиқ карда шавад ва дар мухлати наздиктарин пардохт карда шавад. Муқаррароти ба ин монанд дар Конвенсияи Женева оид ба ҳифзи аҳолии маҳаллӣ дар ҳолати ҷанг (Женева, 12 августи соли 1949)[294] низ дарҷ гардидааст.

Дар Иттиҳоди Шӯравӣ аз соли 1927 вобаста ба масъалаи реквизитсия ва мусодираи моликияти шаҳрвандон қонуни махсус амал мекард[295]. Қонуни номбурда тартиби гузаронидан ва музднок гирифтани моликиятро муқаррар менамуд. Аз ҷумла, муқаррар карда шудааст, ки барои ҳар як реквизитсия дар рӯзи мусодираи молу мулк, намояндаи мақомоти давлатӣ санади махсус тартиб медиҳад, ки дар он маълумоти зерин дарҷ мегардид: зикри асосҳои ҳуқуқии реквизитсия; вазифа; ном ва насаби шахси реквизитсиякунанда; номи молик ва маҳалли ҷойгиршавии молу мулки реквизитсияшаванда ва ғайра.

Дар асоси қонуни болозикр бояд дар лаҳзаи гирифтани молу мулк намояндаи мақомоти ваколатдори давлатӣ, соҳиби молу мулк ва ду шоҳиди дигар барои имзо намудани ҳуҷҷати реквизитсия ҳозир бошанд. Пас аз ба имзо расидани ҳуҷҷати реквизитсия як нусхаи он дар дасти молик ва нусхаи дигараш дар мақомоти анҷомдиҳандаи реквизитсия нигоҳ дошта мешуд. Ҳамчунин дар ҳамин қонун мухлати пардохти арзиши молу мулки гирифташаванда низ муқаррар гардида буд, ки пардохт на дертар аз як моҳ аз лаҳзаи гирифтани молу мулк амалӣ гардад.

Ҳамин тавр, аз нуқтаи назари қонунгузорӣ таҳлили маълумоти таърихӣ бояд далел ва роҳнамо барои ҳалли мушкилоти реквизитсия - барои муфассал расмӣ гардонидани он бошад.

Айни ҳол дар адабиётҳои ҳуқуқӣ вобаста ба масъалаи реквизитсия дар шароити муосири моликиятдорӣ, миёни олимон баҳсҳои гуногун мавҷуд аст. Бештари таҳлилҳо андешаҳои ибрознамудаи ин муҳаққиқонро атрофи паҳлуҳои мухталифи реквизитсия ба монанди рӯйхати молу мулки реквизитсияшаванда, мақоми ваколатдори анҷомдиҳандаи он, мухлат ва лаҳзаи пардохти арзиши молу мулки реквизитсияшаванда ва ғайра рӯйи кор овардаанд.

Баъди мустақил гардидани ҷумҳуриҳои собиқ, реквизитсия дар қонунгузории миллии ҳар як кишвар ба таври алоҳида муқаррар гардид. Аз ҷумла, дар қонунгузории миллии мо, мафҳуми реквизитсия пас аз қабул гардидани қисми якуми КГ ҶТ ба вуҷуд омад. Реквизитсия аввал ҳамчун асоси қатъ гардидани ҳуқуқи моликияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар

---

294 Конвенции о защите гражданского населения во время войны (Женева, 12 августа 1949 г.) // СПС «Грант Платформа Ғ1».

295 Закон «О реквизиции и конфискации имущества: Сводный закон, утвержденный Постановлением ВЦИК и СНК 28 марта 1927 года // Собрание узаконений и распоряжений рабоче-крестьянского правительства РСФСР. – 1927. – №28. – Ст. 248.

қатори дигар асосҳо дар м. 259 КГ ҶТ ва ба таври алоҳида бошад дар м. 266 КГ ҶТ муқаррар гардидааст.

Ба андешаи Қ.Ш. Қурбонов ва Ғафорзода И.А. шартҳои реквизитсия инҳо мебошанд:

- дар ҳолаҳои мустасно фавқулода;
- тибқи қарори мақомоти ваколатдори давлатӣ мутобиқи тартиб ва шартҳои муқаррарнамудаи қонун;
- ба манфиати ҷомеа;
- бо пардохти арзиши молу мулк;
- боиси қатъ гардидани ҳуқуқи моликият мегардад[296].

Айни замон дар асоси муқаррароти м. 266 КГ ҶТ реквизитсия ин аз ҷониби давлат ба манфиати ҷомеа гирифтани молу мулки молик бо пардохти пурраи арзиши он дар ҳолати офатҳои табиӣ, садама, касалиҳои сироятӣ (эпидемия), муромурии ҳайвонот (эпизоотия) ва дигар ҳолатҳои мустасно фавқулода фаҳмида мешавад.

Мутобиқи қ. 2 ва 3 ҳамин модда оид ба нархе, ки мутобиқи он ба молик арзиши молу мулки реквизитсияшуда пардохта мешавад, ба суд муроҷиат намудан мумкин аст. Шахсе, ки молу мулки ӯ реквизитсия шудааст, ҳақ дорад баъди қатъи ҳолат, ки вобаста ба он нисбати молу мулкаш реквизитсия анҷом дода шуда буд, баргардонидани молу мулки осеб надидаашро талаб намояд ва дар сурати радди он ба суд муроҷиат кунад.

Аз ин муқаррарот, маълум мегардад, ки қонун рӯйхати муфассали шартҳоро, ки истифодаи реквизитсияро талаб мекунанд, танзим намекунад. Масалан, мушаххасии молу мулки гирифташаванда ва ҳолатҳои дигаре, ки ҳамчун ҳолати фавқулодда пазируфта мешаванд. Ҳамзамон дар мафҳуми ҳуқуқии реквизитсия ибораи «дигар ҳолатҳои мустасно фавқулодда» дарҷ гардидааст, ки то як андоза номуайяниро ба бор меорад.

Дар робита ба ин, ба андешаи Н.И. Таскин наметавон розӣ шуд, зеро вай қайд мекунад, ки танҳо мавҷудияти баъзе аз ҳолатҳо дар амал ба татбиқи муқаррароти меъёри номбурда имкон медиҳад[297]. Ҳамзамон ӯ қайд менамояд, ки таҳти мафҳуми «дигар ҳолатҳои мустасно фавқулодда» қоидаҳои дигари реквизитсия фаҳмида мешавад. Ба он дохил мешавад: кӯшишҳои зуран тағйир додани сохтори конститутсионии давлат, ғасб ё тасарруфи ҳокимият, исёни мусаллаҳона, бетартибиҳои оммавӣ, амалиётҳои террористӣ, муҳосира ё тасарруфи объектҳои махсусан муҳим ё минтақаҳои алоҳида, омодакунӣ ва фаъолияти гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ, муноқишаҳои байнимиллӣ, мазҳабӣ ва минтақавӣ, анҷом додани амалҳои дорои хусусияти зӯроварӣ дошта, таҳдид ба ҳаёт ва амнияти шаҳрвандон, фаъолияти муқаррарии мақомоти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ. Аммо дар байни ҷорӣ намудани ҳолати

[296] Ниг.: Қурбонов Қ.Ш., Ғафорзода И.А. Ҳуқуқи гражданӣ: қисми 1 (китоби дарсӣ). – Душанбе: «ЭР-граф», 2014. – С. 346-347.

[297] Ниг.: Таскин Н.И. Реквизиция как один из случаев принудительного прекращения права собственности на земельные участки // Юрист. – 2003. – №3. – С. 36.

фавқулодда ва реквизицияи эҳтимолӣ, ҳадди ақал дар сатҳи қонунгузорӣ, робитаи мустақим муқаррар нашудааст[298].

Масъалаи муайян намудани рӯйхати мушаххаси молу мулки реквизитсияшаванда таваҷҷуҳи олимони дигарро низ ба худ бештар ҷалб намудааст. Масалан, Е.Н. Афанасева қайд менамояд, ки имрӯзҳо, институти реквизитсия омӯзиши бодиққат ва иловагиро тақозо мекунад. Ҳамин тариқ, тавсия дода мешавад, ки муқаррароти моддаи марбут ба реквизитсия рӯйхати мушаххаси молу мулки реквизитсияшавандаро дошта бошад. Илова бар ин, падидаи реквизитсия ба дигар санадҳои ҳуқуқие, ки ин рӯйхатҳоро дар бар мегиранд, истинод надорад, ки ин боиси баҳсҳои зиёд мегардад[299].

Ба андешаи мо дар моддаи марбут ба реквизитсия муқаррар намудани номгӯи молу мулки реквизитсияшаванда ғайриимкон аст. Зеро дар муомилоти гражданӣ ҳаҷми молу мулки дар муомилоти озоди байни субъектҳо қарордошта ниҳоят зиёд буда, маҷмӯи онҳоро дар м. 266 КГ ҶТ ё қонунҳои соҳавӣ пешбинӣ намудан ба талабот мувофиқ намебошад.

Нуқтаи дигари баҳсноки падидаи реквизитсия дар байни муҳаққиқон ин ба моликияти давлатӣ гузаштан ва ё нагузаштани молу мулки дар натиҷаи реквизитсия гирифташуда мебошад. Масъалаи мазкур бевосита аз худи мафҳуми реквизитсия сарчашма мегирад. Аз ҷумла, давлат молу мулке, ки барои манфиати ҷамъиятӣ реквизитсия мекунад, арзиши пурраи онро сараввал ба молик пардохт менамояд. Дар ин лаҳза пас аз пардохти арзиши пурраи он давлат молики ин молу мулк маҳсуб меёбад ё не?

Дар робита ба ин В.П. Мозолин зикр менамояд, ки «реквизитсия - ин гузариши соҳибии моликият ба дасти давлат аст»[300]. Инчунин В.А. Ситюгина бошад қайд месозад, ки реквизитсия асоси қатъ гардидани ҳуқуқ ба моликиятро ташкил медиҳад. Аз тарафи дигар, он яке аз фактҳои ба даст овардани моликияти давлатӣ ба молу мулки реквизитсияшуда мебошад[301].

Бояд зикр кард, ки ҳолати ҳуқуқии молу мулки реквизитсияшуда, махсусан пурра ба моликияти давлатӣ гузаштан ва ё дар соҳибияту истифодаи давлат вале дар ихтиёрдории молики пештара боқӣ мондани он муайян карда шавад. Зеро аз як тараф давлат молу мулки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро бо дарназардошти арзиши бозориаш дар лаҳзаи реквизитсия пурра пардохт менамояд. Аз тарафи дигар реквизитсия ба сифати факти қатъгардии ҳуқуқи моликият дар м. 259 КГ ҶТ дарҷ гардидааст. Аз хотир, мантиқан ҳам дуруст аст, ки ҳуқуқи моликият ба молу мулки реквизитсияшуда пас аз ҷуброни арзиши он ба молик, пурра ба моликияти давлат мегузарад. Ҳамин тавр, ҳолати мазкур ҳуқуқи моликиятии шахсони

---

[298] Ниг.: Таскин Н.И. Конфискация земельного участка: проблемы соотношения гражданского и земельного законодательства // Правовые вопросы недвижимости. – 2006. – №2. – С. 25.

[299] Ниг.: Афанасьева Е. Н. Реквизиция: гражданско-правовой аспект: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. Томск, 2009. – 26 с.

[300] Ниг.: Мозолин В.П. Право собственности в РФ в период перехода к рыночной экономике. – М., 1992. – 176 с.

[301] Ниг.: Сытюгина В.А. Реквизиция: проблемы правового регулирования // Юридическая наука. – 2011. – №2. – С. 74-79.

воқеӣ ва ҳуқуқиро нисбат ба ин молу мулк қатъ гардонида, мавқеи реквизитсияро ҳамчун факти қатъкунандаи ҳуқуқи моликият дубора устувор месозад.

Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории мамлакатҳои хориҷа доир ба масъалаи реквизитсия ба ҳам шабоҳат дошта, ба моликияти давлатӣ гузаштан ва ё нагузаштани молу мулки реквизитсияшударо муқаррар намесозанд. Дар ин миён мавқеи Кодекси граждании Ҷумҳурии Украина (минбаъд - КГ ҶУ) фарқкунанда арзёбӣ гардида, масъаларо мушаххасан танзим намудааст.

Аз ҷумла, дар қ. 3, м. 353 КГ ҶУ муқаррар гардидааст, ки молу мулки реквизитсияшуда ба моликияти давлатӣ мегузарад ва ё нобуд карда мешавад. Албатта дар чунин ҳолат мавқеи реквизитсия бори дигар ҳамчун асос барои қатъ гардидани ҳуқуқи моликият устувор гардида, ҳолати молу мулки реквизитсияшуда низ пурра мушаххас мегардад. Дар робита ба ин барои такмили қонунгузорӣ дар масъалаи реквизитсия ва бартараф намудани гуногунфаҳмӣ, инчунин баҳс атрофи масъалаи мазкур, хуб мешуд дар м. 266 КГ ҶТ ҳолати мазкур дар таҳрири зайл ифода ёбад: «Молу мулки реквизитсияшуда ба моликияти давлатӣ мегузарад ё несту нобуд карда мешавад». Чунки бо муқаррар гардидани мушаххасии ҳолати молу мулки реквизитсияшуда, факти қатъкунанда будани реквизитсия дар қонунгузории миллӣ таъмин мегардад.

Тавре ки ба мушоҳида мерасад, дар қ. 1, м. 266 КГ ҶТ барои гирифтани моликият аз молик, ҷуброни арзиши он ҳамчун усули ягона пешбинӣ гардидааст. Метавон зикр намуд, ки ғайр аз ҷуброни арзиши молу мулки реквизитсияшаванда, инчунин воситаи дигари қонеъ намудани талаботи молик - бо ризоияти молик ба ӯ пешниҳод намудани молу мулки дигари баробарарзиш, мавҷуд аст. Зеро дар натиҷаи таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ оид ба падидаи реквизитсия бо қонунгузории мамлакатҳои хориҷӣ усули мазкур ҳамчун воситаи дигари қонеъ намудани манфиатҳои моликон ба назар мерасад.

Дар Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ чунин пешбинӣ гардидааст, ки дар қарор оид ба реквизится бояд ноҳияе, ки ин чорабинӣ дар он мавқеъ гузаронида мешавад, категорияи молу мулке, ки реквизится карда мешавад, тарзи гузаронидани реквизится ва ғайра. Арзиши молу мулки реквизитсяшударо дар тӯли як моҳ он мақомоте медиҳад, ки чизу чораи реквизитсяшуда ба фоидаи вай меравад[302].

Масалан, дар қ. 3, м. 51 Кодекси замини Федератсияи Россия (минбаъд - КЗ ФР), муқаррар гардидааст, ки дар ҳолате, ки баргардонидани қитъаи замини реквизитсияшуда ғайриимкон бошад, ба молик арзиши бозории он ҷуброн карда мешавад, ё тибқи хоҳишаш ба ӯ қитъаи замини дигари баробарарзиш дода мешавад. Ҳамчунин, қ. 5, м. 353 КГ ҶУ муқаррар менамояд, ки ҳангоми реквизитсияи молу мулк, соҳиби пештараи он

[302] Ниг.: Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ / Зери таҳрири Раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, проефссор, Маҳмудов М.А. – Душанбе: «ЭР-граф», 2012. – С. 397.

метавонад ба ивази он молу мулки дигарро талаб намояд, агар ин имконпазир бошад.

Аз ин лиҳоз дар қ. 1, м. 266 КГ ҶТ ҳамчун усули дигари қонеъ намудани талаботи молик ҷиҳати реквизитсия намудани молу мулки ӯ, дуруст мебуд агар ибораи «ё ба молик молу мулки дигари баробарарзиш дода мешавад» муқаррар гардад.

Масъалаи дигар ин мақоми ваколатдори анҷомдиҳандаи реквизитсия ба шумор меравад. Мақоми ваколатдор ин мақомоте ба ҳисоб меравад, ки дар асоси қарори Ҳукумати ҶТ барои иҷрои ҳадафҳо ва ваколатҳо дар ин ва ё он самт муайян гардидааст. Агар ба Қонуни ИҶШС соли 1927 «Дар бораи реквизитсия ва мусодираи молу мулк» назар андозем, дар м. 5 мақоми ваколатдори анҷомдиҳандаи реквизитсия Маҷлиси иқтисодии ҶШСФР муқаррар гардида буд [с. 17][303]. Аммо дар м. 266 КГ ҶТ мақоми ваколатдори баамалбарорандаи реквизитсия ба таври махсус муқаррар нагардидааст.

Дар асоси м. 1, ва қ. 4, м. 14 Қонуни ҶТ «Дар бораи сармоягузорӣ» аз 15 марти соли 2016, №1299[304] қарор дар бораи реквизитсия аз ҷониби Ҳукумати ҶТ қабул карда мешавад. Дар мафҳуми реквизитсия, ки дар Қонуни мазкур муқаррар гардидааст, мақоми ваколатдори анҷомдиҳандаи реквизитсия Ҳукумати ҶТ муайян гардидааст. Меъёри мазкур доир ба қабули қарори мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба амалӣ намудани реквизитсия фаҳмиши маҳдудро ба бор меорад. Барои он ки муқаррароти м. 266 КГ ҶТ ба таври васеъ мақомоти ваколатдори давлатиро барои ба амал баровардани реквизитсия пешбинӣ менамояд. Айни ҳол дар амалия метавонад реквизитсияи молу мулк тибқи қарори Ҳукумати ҶТ ва ҳалномаи судҳо амалӣ карда шавад.

Ҳамзамон реквизитсияи молу мулке, ки дар сатҳи маҳал мавҷуд аст, зарурат ба қарори ҳукумати марказӣ надорад, чунки метавонад тибқи қарори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ анҷом дода шавад. Аз ин сабаб бо мақсади танзими дурусти ҳолати мазкур ва бартараф намудани гуногунфаҳмӣ пешниҳод карда мешавад, ки бо қарори махсуси Ҳукумати ҶТ доираи мақомоти ваколатдоре, ки дар асоси қарори онҳо реквизитсия анҷом дода мешавад, муқаррар гардад.

Паҳлуи дигари баҳсноки падидаи реквизитсия ин кафолати ҳифзи манфиатҳои моликони молу мулки реквизитсияшаванда мебошад. Дар қ. 2 ва 3, м. 266 КГ ҶТ кафолатҳои иловагии ҳифзи ҳуқуқи соҳиби молу мулки реквизитсияшаванда муқаррар гардидааст. Тибқи меъёрҳои қисмҳои моддаи болозикр, оид ба нархе, ки мутобиқи он ба молик арзиши молу мулки реквизитсияшуда пардохта мешавад, ба суд муроҷиат намудан мумкин аст. Шахсе, ки молу мулки ӯ реквизитсия шудааст, ҳуқуқ дорад баъди қатъ гардидани ҳолат, ки вобаста ба он нисбати молу мулкаш

[303] Ниг.: Федотова О.В. Актуальные проблемы правового регулирования // Актуальные проблемы частного права. – 2020. – №2. – С. 15-21.

[304] Қонуни ҶТ «Дар бораи сармоягузорӣ» аз 15 марти соли 2016, №1299 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 2016. – №3. – Мод. 152; 2018. – №1547.

реквизитсия анҷом дода шуда буд, баргардонидани молу мулки осеб надидаашро талаб намояд ва дар сурати радди он ба суд муроҷиат кунад.

Ҳамзамон меъёрҳои ба ин монанд, ҷиҳати ҳифзи манфиатҳои сармоягузорон дар қ. 8 ва 9, м. 14 Қонуни ҶТ «Дар бораи сармоягузорӣ» аз 15 марти соли 2016, №1299[305] дарҷ гардидааст. Мутобиқи он шахсе, ки молу мулкаш реквизитсия карда шудааст, ҳуқуқ дорад пас аз қатъ гардидани амали ҳолатҳое, ки боиси реквизитсия гардидаанд, баргардонидани молу мулки нигоҳдошташударо талаб намояд ва дар сурати барнагардонидани он ба суд муроҷиат намояд.

Сармоягузор метавонад қонунӣ будани мақсади истифодаи экспроприатсия ва реквизитсия, арзёбии арзиши молу мулки экспроприатсия ва ё реквизитсиягардида ва расмиётеро, ки мақомоти давлатӣ ҳангоми татбиқи экспроприатсия ва реквизитсия риоя намудаанд, дар судҳои ҶТ, инчунин дар суди ҳакамӣ, суди байналмилалии арбитражӣ ва арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ мавриди баҳс қарор диҳад.

Тавре ки дар меъёрҳои дар боло овардашуда мушоҳида мегардад, онҳо бо мақсади ҳифзи манфиатҳои моликон нигаронида шудаанд. Мутаассифона КГ ҶТ ва Қонуни мазкур муносибати молу мулкии тарафҳоро ҳангоми баргардонидани молу мулк ба молики собиқи худ, муайян накардааст. Доир ба ин масъала дар назарияи ҳуқуқи граждани андешаи ҷолиби олимон низ мавҷуд аст. Масалан, М.Г. Масевич чунин андеша дорад, ки ҳангоми баргардонидани ашё ба соҳибони худ, онҳо бояд ҷуброни гирифтаашонро бо дарназардошти коҳиш ёфтани арзиши молу мулк ҳангоми гирифтани он бо мақсадҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, баргардонад. Ҳисоботи эҳтимолии байни соҳиби собиқ ва нав бояд тибқи созишномаи тарафайн ва дар сурати баҳс - аз ҷониби суд сурат гирад[306].

Андешаи мазкур аз як тараф ба барқароркунии ҳуқуқи моликиятии моликони пештара ва бо мақсади ҳифзи манфиатҳои молу мулкии онҳо нигаронида шуда бошад, аз тарафи дигар он падидаи реквизитсияро ҳамчун факти қатъ гардидани ҳуқуқи моликият истисно менамояд. Ба бар ҳол он барои танзими одилонаи муносибатҳои молу мулкӣ дар миёни соҳибони пештара ва молики нав ҳангоми баргардонидани молу мулк, механизми самаранок ба ҳисоб рафта, қобили ҷонибдорӣ мебошад.

Бо дарназардошти андешаҳои дар боло овардашуда, барои танзими одилонаи муносибатҳо ҳангоми баргардонидани молу мулки реквизитсияшуда аз ҷониби давлат ба молики собиқи он, пешниҳод карда мешавад, ки дар м. 266 КГ ҶТ қисми алоҳида бо мазмуни зерин илова карда шавад: «Ҳангоми баргардонидани молу мулки реквизитсияшуда ҳуқуқи моликиятии молик нисбати он барқарор гардида, ҳамзамон уҳдадор аст, ки маблағҳои пулӣ ва молу мулки дар робита ба реквизитсия гирифтаашро бо дарназардошти коҳиш ёфтани арзиши молу мулки талабкардааш, баргардонад».

---

305 Қонуни ҶТ «Дар бораи сармоягузорӣ» аз 15 марти соли 2016, №1299 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 2016. – №3. – Мод. 152; 2018. – №1547.

306 Ниг.: Гражданское право России: курс лекций. – Ч. 1. – М.: Юрид. лит., 1996. – С. 203.

Ҳамин тавр, молик ҳуқуқи моликиятии худро нисбат ба молу мулки реквизитсияшуда ба даст оварда, барқарор менамояд ва дар навбати дигар бо баргардонидани маблағҳои пулӣ ва дигар молу мулке, ки ҳангоми реквизитсия гирифта буд, иҷрои уҳдадории худро таъмин месозад. Аз як тараф меъёри мазкур ҳифзи манфиатҳои молу мулкии моликонро кафолат диҳад, аз тарафи дигар барои танзими одилонаи муносибатҳои молу мулкии молики собиқ ва молики нав, мусоидат менамояд.

Дар натиҷаи таҳлили мавзӯи мазкур, яъне падидаи реквизитсия дар қонунгузории граждании муосир хулосаҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

1. Реквизитсия тибқи муқаррароти қонунгузорӣ бо қарори мақомоти давлатӣ барои манфиатҳои таъхирнопазири ҷамъиятӣ ва бо ҷуброни ҳатмӣ аз моликияти хусусии молик маҷбуран гирифтани молу мулки ӯ мебошад. Реквизитсия асоси анъанавии ҳама гуна низомҳои ҳуқуқии қатъ намудани ҳуқуқи моликияти хусусии шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ мебошад.

2. Реквизитсия танҳо дар ҳолатҳои дорои хусусияти фавқулодда (офати табиӣ, садама, паҳншавии бемориҳои сироятӣ (эпидемия), муромурии ҳайвонот (эпизоотия) ва ғайра иҷозат дода мешавад ва метавонад танҳо ба манфиати ҷамъият сурат гирад. Чунин тартиби гирифтани молу мулк тибқи қарори мақомоти ваколатдори давлатӣ анҷом дода мешавад.

Бо дарназардошти як қатор масъалаҳои дар боло матраҳгардида, ҷиҳати такмил додани м. 266 КГ ҶТ пешниҳод карда мешавад, ки моддаи мазкур дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

1) «1. Дар ҳолати офатҳои табиӣ, садама, касалиҳои сироятӣ (эпидемия), муромурии ҳайвонот (эпизоотия) ва дигар ҳолатҳои воқеан фавқулодда, барои манфиатҳои ҷамъиятӣ молу мулк аз молик тибқи қарори мақомоти ваколатдори давлатӣ ва шартҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ маҷбуран гирифта шуда, ба молик арзиши ин молу мулк пардохт мегардад ва ё бо ризоияти ӯ молу мулки дигари баробарарзиш дода мешавад.

2. Молу мулки реквизитсияшуда ба моликияти давлатӣ мегузарад ё нобуд карда мешавад.

3. Баҳогузорӣ, ки мутобиқи он ба молик арзиши молу мулки реквизитсияшуда пардохта мешавад, ба суд шикоят кардан мумкин аст.

4. Шахсе, ки молу мулки ӯ реквизитсия шудааст, ҳуқуқ дорад, баъди қатъ ҳолат, ки вобаста ба он нисбати молу мулкаш реквизитсия анҷом дода шуда буд, баргардонидани молу мулки осеб надидаашро талаб намояд ва дар сурати радди он ба суд муроҷиат намояд.

5. Ҳангоми баргардонидани молу мулки реквизитсияшуда ҳуқуқи моликиятии молик нисбати он барқарор гардида, ҳамзамон молик уҳдадор аст, ки маблағҳои пулӣ ва ашёи дар робита ба реквизитсия гирифтаашро бо дарназардошти коҳиш ёфтани арзиши молу мулки талабкардааш, баргардонад».

2) Моддаи 14 Қонуни ҶТ «Дар бораи сармоягузорӣ» аз 15 марти соли 2016, №1299 кафолати ҳуқуқҳои сармоягузорро ҳангоми экспроприатсия ва реквизитсия муқаррар намудааст. Азбаски Қонуни мазкур муносибатҳои

соҳавии марбут ба сармоягузориро ба танзим медарорад, бинобар ин пешниҳод карда мешавад, ки дар дар қ. 8, м. 14 калимаҳои «Шахсе, ки» ба калимаҳои «Сармоягузоре, ки» иваз карда шавад. Зеро қ. 8, м. 14 Қонуни ҶТ «Дар бораи сармоягузорӣ» аз 15 марти соли 2016, №1299 ба меъёри қ. 3, м. 266 КГ ҶТ мувофиқат намуда, такрорёбии меъёрҳоро ба вуҷуд овардааст.

**Адабиёт:**

1. Афанасьева Е.Н. Реквизиция: гражданско-правовой аспект: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. Томск, 2009. – 26 с.

2. Бизнес. Толковый словарь. – М.: «ИНФРА-М», Издательство «Весь Мир». Грэхэм Бетс, Барри Брайндли, С. Уильямс и др. Общая редакция: д.э.н. Осадчая И. – М., 1998. – 421 с.

3. Гражданское право России: курс лекций. – Ч. 1. – М.: Юрид. лит., 1996. – 304 с.

4. Гринь Е.В. Принудительное прекращение прав на земельные участки: теория и практика правового регулирования: дис. … канд. юрид. наук. – Краснодар, 2012. – 203 с.

5. Закон «О реквизиции и конфискации имущества: Сводный закон, утвержденный Постановлением ВЦИК и СНК 28 марта 1927 года // Собрание узаконений и распоряжений рабоче-крестьянского правительства РСФСР. – 1927. – №28. – Ст. 248 (утратило силу).

6. Конвенции о защите гражданского населения во время войны (Женева, 12 августа 1949 г.) // СПС «Грант Платформа Ғ1».

7. Контрразведывательный словарь. – М., 1972. – 321 с.

8. Қонуни ҶТ «Дар бораи сармоягузорӣ» аз 15 марти соли 2016, №1299 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 2016. – №3. – Мод. 152; 2018. – №1547.

9. Қурбонов Қ.Ш. Ҳуқуқи граждании: қисми 1 (китоби дарсӣ). – Душанбе: «ЭР-граф», 2014. – С. 346.

10. Қурбонов Қ.Ш., Ғафорзода И.А. Ҳуқуқи гражданӣ: қисми 1 (китоби дарсӣ). – Душанбе: «ЭР-граф», 2014. – С. 346-347.

11. Мозолин В.П. Право собственности в РФ в период перехода к рыночной экономике. – М., 1992. – 176 с.

12. Нам К., Горбачев Д. Конституционные гарантии охраны права собственности // Хозяйство и право. – 1997. – №11. – С. 121-126.

13. Павленков Ф. Словарь иностранных слов, вошедших в состав русского языка. СПб., 1907. – 251 с.

14. Сергеев А.П. Гражданское право: учебник // Под ред. Сергеева. – В 3-х томах 2-е изд. / М.: Проспект, 2020. – 235 с.

15. Сытюгина В.А. Реквизиция: проблемы правового регулирования // Юридическая наука. – 2011. – №2. – С. 74-79.

16. Таскин Н.И. Реквизиция как один из случаев принудительного прекращения права собственности на земельные участки // Юрист. – 2003. – №3. – С. 36-40.

17. Таскин Н.И. Конфискация земельного участка: проблемы соотношения гражданского и земельного законодательства // Правовые вопросы недвижимости. – 2006. – №2. – С. 25-31.

18. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ / Зери таҳрири Раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, проефссор, Маҳмудов М.А. – Душанбе: «ЭР-граф», 2012. – С. 397.

19. Федотова О.В. Актуальные проблемы правового регулирования // Актуальные проблемы частного права. – 2020. – №2. – С. 15-21.

20. Маҳмудов М.А., Тағойназаров Ш.Т., Бобоҷонов И.Ҳ., Бадалов Ш.К. Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум). – Душанбе: «ЭР-граф», 2010. – С. 629-670.

21. Соҳибзода М.М., Тоҷиддинов М.А. Реквизитсия ҳамчун асоси қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин // Қонунгузорӣ. – 2021. – №4(44). – С. 70-80.

# ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ВА КРИМИНОЛОГИЯ; ҲУҚУҚИ ИҶРОИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТӢ (ИХТИСОС: 12.00.08) – УГОЛОВНОЕ ПРАВО И КРИМИНОЛОГИЯ; УГОЛОВНО-ИСПОЛНИТЕЛЬНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.08)

## МАФҲУМ, МОҲИЯТ ВА ХУСУСИЯТИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТӢ ҲАМЧУН ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚӢ

**Азиззода У.А.,**
мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Шодизода Н.М.,**
унвонҷӯйи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур масъалаҳои мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди алоҳидаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ таҳқиқ гардида, дар асоси адабиёти зиёди таърихӣ, назариявӣ ва соҳавӣ-ҳуқуқӣ аз ҷониби муаллифон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллифон кушидаанд махсусияти ҷазои ҷиноятиро ҳамчун намуди махсуси ҷавобгарии ҳуқуқӣ таҳлил намуда, алоқамандию ҳамбастагии онро бо дигар намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ошкор намоянд.

Ҳамзамон кушиш карда шудааст, то ҷазо ва як қатор чораҳои дигари дорои хусусияти ҳуқуқи ҷиноятӣ, шакли амалисозии ҷавобгарии ҷиноятӣ дар фарқият бо дигар намуди чунин чораҳои ҳуқуқӣ баррасӣ гарданд.

Муаллифон бар он назаранд, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ дар навбати худ, василаи амалисозии сиёсати ҷиноятӣ ва яке аз роҳҳои мубориза бо ҳуқуқвайронкунӣ мебошад, ки онро қонунгузорӣ пешбинӣ намудааст. Дар ин замина баъзе аз масъалаҳои самаранокии ҷазои ҷиноятӣ ва умуман ҷавобгарии ҳуқуқӣ низ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст ва хулосаҳои илман асоснок низ пешниҳод гардидаанд, ки мумкин аст барои назарияи ҳуқуқэъҷодкунӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ манфиатнок бошанд.

**Калидвожаҳо:** ҳуқуқвайронкунӣ, ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ҷиноят, ҷазои ҷиноятӣ, сиёсати ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, қонуни ҷиноятӣ, меъёри ҳуқуқ, санксия, муносибати ҳуқуқӣ, маҷбуркунии давлатӣ.

# ПОНЯТИЕ, СУЩНОСТЬ И ОСОБЕННОСТИ УГОЛОВНОГО НАКАЗАНИЯ КАК ЮРИДИЧЕСКАЯ ОТВЕТСТВЕННОСТЬ

**Азиззода У.А.**,
заведующей кафедрой теории и истории государства и права Таджикского национального университета, доктор юридических наук, профессор

**Шодизода Н.М.,**
соискатель Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан

**Аннотация:** В статье авторами на основе исползование многочисленных теоретческих, исторических и правовых источников глубоко рассматриваются и исследуются вопросы понятие, сушность и особенности уголовной наказании как отделный вид правовой ответственности. Авторы старались исследовать особенности уголовного наказания как особый вид правовой ответственности и выявит степень и грань отличии и взаимосвяз наказания с другими видами правовой ответственности.

На этом основании авторы пришли к выводы, что уголовная наказания в свою очередь является способом осуществлении уголовно-правовой политики и противостоянии правонарушении, которые предусмотрены законодательством. На этом основании авторами рассмотрены некоторые проблемы повышении эффективности уголовного наказания в отделности, и правовой ответственности в целом. Также предложены научно обоснованные заключений и предложений, которые могут быть использованы в законотворческой и правовприменительной практике.

**Ключевые слова:** правонарушение, юридическая ответственность, преступление, уголовное наказание, уголовно-правовая политика, уголовный закон, нормы права, санкция, правовые отношения, государственное принуждение**.**

# CONCEPT, ESSENCE AND FEATURES OF CRIMINAL PUNISHMENT AS LEGAL LIABILITY

**Azizzoda U.A.,**
head of the department of theory and history of state and law of the Tajik national university, doctor of law, professor

**Shodizoda N.M.,**
applicant of the National Center of Legislation
under the President of the Republic of Tajikistan

**Annotation:** In the article, the authors, based on the use of numerous theoretical, historical and legal sources, deeply consider and study the issues of the concept, essence and features of criminal punishment as a separate type of legal responsibility. The authors tried to explore the features of criminal punishment as a special type of legal responsibility and reveal the degree and facet of the difference and the relationship of punishment with other types of legal responsibility.

On this basis, the authors came to the conclusion that criminal punishment, in turn, is a way to implement criminal law policy and counter the offense that are provided for by law. On this basis, the authors considered some problems of increasing the effectiveness of criminal punishment in particular, and legal liability in general. Scientifically substantiated conclusions and proposals are also proposed, which can be used in legislative and law enforcement practice.

**Keywords:** offense, legal liability, crime, criminal penalty, criminal policy, criminal law, rule of law, sanction, legal relationship, state coercion.

Ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз мавзӯи бунёдӣ ва хеле муҳимми илми ҳуқуқшиносӣ ба ҳисоб меравад. Таҳқиқу омӯзиши институти мазкури ҳуқуқӣ дар баробари категорияҳои тартиботи ҳуқуқӣ ва ҳуқуқвайронкунӣ омухта мешаванд. Ҳамзамон зерсохторҳои институтҳои мазкур, ки дар илми ҳуқуқшиносӣ аллакай ҳамчун институтҳои алоҳидаи ҳуқуқӣ ташаккул ёфтаанд ин категорияҳои “ҷиноят” ва “ҷазо” мебошанд[307]. Таҳқиқи падидаи мазкури ҳуқуқӣ танҳо дар ҳамбастагӣ ва омезиш бо институтҳои дигари ҳуқуқӣ, ба монанди, тартиботи ҳуқуқӣ, ҳуқуқвайронкунӣ, ҳуқуқэъҷодкунӣ, амали ҳуқуқ, татбиқи ҳуқуқ ва м.и. самарабахш мегарданд.

Омӯзиши падидаи мазкури ҳуқуқӣ хусусияти амалӣ низ дорад, чун сатҳу дараҷаи қонуният ва самаранокии кору фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳамчунин вазъи ҳуқуқӣ ва дараҷаи пуштибонии ҳуқуқии аъзои ҷомеа аз ҳар гуна кирдорҳои зараровари шахсони ҷудогона ва худсарии мақомоти давлатӣ, аз бисёр ҷиҳат вобаста ба он аст, ки чи гуна мушкилоти мавҷуда дар самти ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар ҷомеа ҳаллу фасл мегарданд[308].

Дар адабиёт ва таълифоти бештари муаллифони ҳуқуқшинос таъкид шудааст, ки ҷавобгари ҳуқуқӣ метавонад танҳо дар чаҳорчӯби муносибатҳои ҳуқуқӣ вуҷуд дошта бошад ва татбиқ гардад. Субъекти онҳо

[307] Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: Монография. Отв. редактор Ф.Т. Тахиров. – Душанбе, 2015. – С. 11-12.

[308] Макаров А.В. Уголовная ответственность и наказания: проблемы соотношения уголовно-правовых категорий // Вестник Чит ГУ. – 2011. – № 12 (79). – С. 37.

аз як тараф, шахси ҳуқуқвайрони содирнамуда ва аз тарафи дигар, давлат, шахси мансабдор ва мақоми салоҳиятдори давлатӣ маҳсуб меёбанд[309] .

Намуди асосӣ ва нисбатан вазнини ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазои ҷиноятӣ мебошад. Чун институти асосии ҳуқуқӣ ва мушкилоти замони муосир самти ҳуқуқтатбиқсозӣ омӯзиши мафҳум ва моҳияти ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо, мушкилот ва баланд бардоштани самаранокии он таҳқиқоти хосаи назариявӣ ва амалиро тақозо менамояд.

Бояд зикр намуд, ки дар робита ба фаҳмиши ҷавобгарии ҷиноятӣ ва моҳияти он дар илми ҳуқуқшиносӣ миёни муҳаққиқон ягонафикрӣ вуҷуд надорад. Қисме аз муҳаққиқон ба ин назаранд, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ – ин уҳдадории шахси ҷиноятсодирнамуда мебошад, ки дар муқобилаш чораҳои маҷбурсозӣ аз ҷониби давлат истифода бурда мешаванд. Яъне, ба ибораи дигар, дар сурати содир намудани ҷиноят, шахси ҷиноятсодирнамуда бо чораҳои дахлдори маҷбуркунии давлатӣ нисбат ба худ рӯ ба рӯ мегардад (Я. М. Брайнин, М. И. Карпушин, В. И.Курляндский)[310].

Мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар назарияи давлат ва ҳуқуқ ба тариқи мухталиф арзёбӣ мегардад. Ба андешаи Ш.М. Исмоилов ҷавобгарии ҳуқуқӣ – ин як намуди масъулият аст, ки дар татбиқи чораҳои маҷбурсозии ҳуқуқӣ ба шахси гунаҳкор барои содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ ифода меёбад[311]. Р.Ш. Сотиволдиев бар он назар аст, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ – намуди ҷавобгарии иҷтимоӣ мебошад, ки барои ҳуқуқвайронкунӣ ва бо истифодаи чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз ҷониби субъектони босалоҳият татбиқ мешавад[312]. В.И. Гойман-Червонюк қайд менамояд ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ маънои онро дорад, ки ҳуқуқу озодиҳои субъекти ҳуқуқвайронкунӣ тавассути ҷазо маҳрум ва ё маҳдуд карда мешавад. Вай барои гунаҳгор уҳдадории нави ҳуқуқиро ба вуҷуд меорад, ки барои ин пеш аз ҷиноят вуҷуд надошт, субъекти ҷиноят ҳатман бояд ногувориҳои ҷазоро таҳаммул намояд[313]. Нуқтаи назари зикргардида баҳсталаб аст, зеро, аз он метавон чунин хулоса баровард, ки ҷавобгарӣ - таҳаммул намудани чораҳоест, ки аз тарафи суд нисбат ба субъекти ҷиноят таъйин мегарданд ва аммо ҷазои амалии содир намудани ҷиноят, сарзаниш ва оқибатҳои қарорҳои қабулнамудаи суд ҷузъи ҷавобгарии ҷиноятӣ ба ҳисоб намеравад. Ба ин далел, ҳақ ба ҷониби С.Н. Братус аст, ки менависад: “Ҷавобгарӣ – ин алакай иҷрои уҳдадорӣ бо роҳи маҷбуркунӣ мебошад. Уҳдадорӣ метавонад ҳам иҷро гардад ва ҳам метавонад иҷро нагардад. Вале вақте, ки ҷавобгарӣ фаро мерасад ва замоне, ки механизми маҷбуркунӣ фаъол мегардад, барои шахси уҳдадор дар баробари иҷроиши

309 Уголовное право России. Части Общая и Особенная: курс лекций //Под. ред. А.И. Рарога, Г.А.Есакова, А.И.Чучаева, В.П.Степалина. – М.: Проспект, 2007. – С. 82.

310 Брайнин Я. М. Уголовная ответственность и ее основания в советском праве. – М., 1963. – С. 25.

311 Исмоилов Ш.М., Сотиволдиев, Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни соҳаи ҳуқуқ ва иқтисод.– Душанбе: Деваштич, 2008. –295 с.

312 Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – Душанбе: Сино, 2018. –784 с.

313 Гойман-Червонюк В.И. Очерк теории государства и права. – М., 1996. – С. 35.

он интихоби дигар боқӣ намемонад. Дар чунин ҳолат, шахси уҳдадор наметавонад амал ва ё беамалиеро, ки ҷузъи муҳтавои уҳдадории амалишаванда аст, иҷро намояд[314]”.

Нуқтаи назари дигар дар ин робита, иборат аз он аст, ки ҷавобгарӣ ва ҷазо бо ҳам айният доранд (И.С. Самошенко, М.Х. Фарукшин[315]. Дар мавриди мазкур, ҷавобгарии ҷиноятӣ ба сифати истифодаи санксия баррасӣ мегардад. Чунин фаҳмиш ва дарки ҷавобгарии ҷиноятӣ, бо инкишоф ва рушди ҳуқуқи ҷиноятӣ дар асри XIX мутобиқат дорад. Имрӯз қонуни ҷиноятӣ, зимни аз ҳам ҷудо шумурдани озод будан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо, категорияҳои мазкурро ду категорияи аз ҳам фарққунанда меҳисобад.

Бархе аз муаллифон ва донишмандон, вуҷуд доштани ҷавобгарии ҷиноятии позитивиро инкор менамоянд. Вале баръакси чунин муаллифону донишмандон, гурӯҳи дигари муҳаққиқон ба ин нукта таъкид менамоянд, ки дар марҳалаи ибтидоӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ, дар шакли падидаи позитивӣ зоҳир мегардад ва дар ин миён ҷавобгарии ҷиноятии ретроспективӣ, бояд ҳамчун яке аз шаклҳои ғайримуқаррарии амалишавии падидаи позитивӣ арзёбӣ гардад. Дар баробари ин, муаллифоне низ вуҷуд доранд, ки табиати ягонаи ҷавобгарии ҷиноятиро эътироф менамоянд. Ба назари онҳо, табиати ягонаи ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳам асоси позитивӣ (мусбат) ва ҳам унсури негативиро (манфиро) дарбар мегирад.

Ҷазо унсури аслии ҷавобгарии ҷиноятӣ маҳсуб мешавад. Ба ғайр аз ҷазо, ҷавобгарӣ, ҳамчунин унсурҳои дигаре, аз ҷумла, сарзаниши амали шахси гунаҳгорро, ки дар мисоли содир гардидани ҳукми айбдоркунии эътибори қонунӣ гирифтаи суд зоҳир мегардад, дарбар мегирад. Ҳукме, ки аз номи давлат тавассути суд содир мешавад, амали содиршудаеро, ки ҷиноят номида мешавад ва ҳамчунин шахси содирнамудаи кирдори ҷиноятиро, ки ҷинояткор номида мешавад арзёбӣ мекунад.

Қисми зиёде аз муаллифон, доштани доғи судиро, ҳамчун яке аз сифатҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ арзёбӣ менамоянд, зеро доғи судӣ, барои шахс оқибат ва натиҷаҳои ҳуқуқии нисбатан зиёдтар, аз ҷумла, оқибатҳои ҳуқуқии вобаста ба маҳдудкунии ҳуқуқро доро мебошад. Шахсони дорои доғи судӣ, аз ҳаққи кор дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ маҳрум мебошанд. Ба онҳо иҷозатнома оид ба доштани силоҳи оташфишон дода намешавад, доштани доғи судӣ, метавонад боиси эътирофи ретсидив ва ғайра гардад.

Институти дигаре, ки дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳайси чораҳои маҷбурии дорои хусусияти ҳуқуқи ҷиноятӣ пешбинӣ гардидааст ин чораҳои

---

[314] Карпушин М.П., Курляндский, В.И. Уголовная ответственность и состав преступления. – М.,1984. – С. 39.

[315] Братусь С.Н. Юридическая ответственность и законность. – М.,1976. – С. 103.

маҷбурии дорои хусусиятҳои тиббӣ дошта ба шумор меравад[316]. Бархе аз донишмандон, чораҳои маҷбуркунии дорои таъсири тарбиявӣ ва чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббиро ба унсурҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ нисбат медиҳанд[317]. Бар хилофи ин, олимон ва муаллифони дигар ба ин боваранд, ки чораҳои маҷбуркунии дорои хусусияти тиббӣ ҷузъи чораҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ба ҳисоб намераванд, зеро мақсади аслии онҳо на ҷазо додан балки тарбият ва табобату муолиҷаи шахс мебошад. Чунин чораҳо маъмулан дар нисбати шахсони номукаллафи дорои мушкилоти равонӣ ва ҳамчунин нисбат ба шахсоне, ки шароб ва маводи мухаддир истеъмол менамоянд, ба кор бурда мешаванд. Дар сурати истифодаи чунин чораҳо нисбат ба шахсони номукаллаф, ҳеҷ зарурате нест, ки дар хусуси доштани ҷавобгарӣ сухан гуфта шавад. Зеро шахси ҳуқуқвайронкунанда, дар чунин вазъият қобилияти дарки хусусият ва мақсади ниҳоии чораҳои таъйиншавандаро надорад.[318]

Ба гумон аст, ки чунин ақида дуруст ҳисобида шавад. Зеро дар амал қонунгузор ҳам ҷазо ва ҳам чораи дорои хусусияти ҳуқуқи ҷиноятиро ба ҳолатҳои содиркунии ҷиноят алоқаманд меҳисобад. Лекин ҳолати мазкур маънои баҳсноки ифоди мазмуни қонуни ҷиноятиро надорад. Ба ҳамин тариқ, чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббиро мумкин аст ҳамчун шакли ҳуқуқи ҷиноятии маҷбуркунии давлатӣ муайян кард, ки мазмуни он дар табобати мачбурии шахсони номукаллаф ва дигар шахсоне, ки дар қ. 1 м. 97 КҶ ҶТ гуфта шудаанд, ифода мегардад[319]. Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ қайд шудааст, ки аз рӯи табиати ҳуқуқиашон чораҳои характери тиббидошта ҷазо нест (аломати негативӣ), ё ин ки тасдиқ карда мешавад, ки аз рӯи табиати ҳуқуқиашон ин чораҳо, чораҳои маҷбуркунии давлатӣ ба ҳисоб мераванд (аломати позитивӣ). Аммо бо чунин таҳлилнамоӣ, моҳияти чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ, табиати ҳуқуқии онҳо маълум намегардад.

Ҳамин тавр, чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ ва чораҳои маҷбуркунии тарбиявӣ, дар баробари ҷазо будан, ҳамчунин як шакли ба худ хоси татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ ба ҳисоб мераванд. Дар қонунгузорӣ, чораҳои мазкур, ҳамчун "чораҳои дигари дорои хусусияти ҳуқуқи ҷиноятӣ" муайян гардидаанд, Дар адабиёти соҳавӣ шартан татбиқ накардани ҷазо, мавқуф гузоштани адои ҷазо нисбати занони ҳомила ва заноне, ки кӯдакони то 8-сола доранд низ ба ин гурӯҳи чораҳо дохил менамоянд.

---

[316] Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И. Камолов З.А., Холиқзода Ш.Л., Зокиров З.Х., Зиёбоева М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ: қисми умумӣ. Китоби дарсӣ // Нашри 5-ум, такмилдодашуда. – Душанбе, 2020. – С. 205.
[317] Самощенко И.С., Фарукшин М.Х. Ответственность постсоветскому законодательству. – М.,1971. – С. 69.
[318] Багрий-Шахматов Л.В. Уголовная ответственность и наказание. – Минск, 1976. – С. 17.
[319] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон[Захираи электронӣ]// Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Манбаи дастрасӣ: URL: http: //mmk.tj (санаи муроҷиат: 11.08.2021).

Аз рӯи далелу асосҳои истифода, чораҳои дорои хусусияти ҳуқуқи ҷиноятиро метавон ба ду гурӯҳ тақсим намуд:

1) чораҳое, ки онҳо дар ҳолати содир гардидани ҷиноят ба кор бурда мешаванд. Ба таври дигар, чораҳое, ки онҳо татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ ба ҳисоб меравand;

2) чораҳое, ки аз рӯи дигар асос ва далел ба кор бурда мешаванд ва онҳо робитае ба ҷавобгарии ҷиноятӣ надоранд.

Аз ҷумла, чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ ва чораҳои маҷбурии дорои таъсири тарбиявӣ метавонанд ба сифати яке аз шаклҳои амалисозии ҷавобгарии ҷиноятӣ шинохта шаванд. Асоси ба кор бурдани онҳо, содир гардидани кирдори дарбаргирандаи тамоми аломатҳои таркиби ҷиноят ба ҳисоб меравад. Чораҳои мазкур метавонанд нисбат ба шахсоне, ки аз рӯи дигар асосҳо ҷиноят содир менамояд, яъне ноболиғоне, ки аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод мебошанд ва ҳамчунин нисбат ба касоне, ки баъд аз содир намудани ҷиноят мушкили равонӣ пайдо намудаанду ба ин далел татбиқи ҷазо нисбат ба онҳо номумкин аст, амалӣ гардонида шаванд. Бинобар ин, мафҳуми "чораи дорои хусусияти ҳуқуқи ҷиноятӣ, дар муқоиса бо мафҳуми "шакл (чораи) татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ" як мафҳуми нисбатан васеътар ва умумитар мебошад.

Ба назари бархе аз муаллифон, ҷавобгарии ҷиноятӣ ба таври куллӣ як навъ муносибати ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад. Дар айни ҳол лаҳзаи оғози муносибатҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ба лаҳзаи эълон гардидани ҳукми айбдоркунанда тавассути суд нисбат дода мешавад[320]. Бар асоси нуқтаи назари дигар, лаҳзаи фарорасии ҷавобгарии ҷиноятӣ, аз лаҳзаи содир гардидани кирдори хавфнок аз сӯи шахс, яъне содир намудани ҷиноят шурӯъ мегардад. Ин на фақат ба хотири он аст, ки дар ин замон миёни шахси ҷиноят содирнамуда ва давлат муносибати ҳуқуқи ҷиноятӣ ташаккул меёбад, балки инчунин ба он далел аст, ки дақиқан дар ин замон мақомоти тафтишотӣ ва суд вуҷуд доштани тамоми унсурҳои ҷиноятро ҳангоми содир намудани ҷиноят, ретсидиви ҷиноят ва дигар шароиту ҳолатҳои зарурӣ барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси гумонбар ва таъини ҷазои сазовор нисбат ба вайро муайян менамоянд. Мо бо нуқтаи назари маъмул дар илм, ки мутобиқи он муносибатҳои ҳуқуқи ҷиноӣ ҳамчун маҷмӯъи ҳуқуқ ва уҳдадориҳо аз лаҳзаи содир шудани ҷиноят ба вуҷуд меоянд ва ҷиноят факти юридикӣ ҳисобида шуда, муносибатҳои ҳуқуқиро эҷод менамояд, мувофиқем. Ҷавобгарии ҷиноятӣ дар чаҳорчӯби муносибати ҳуқуқӣ татбиқ мегардад. Зеро яке аз субъектҳои муносиботи ҳуқуқӣ – ҷинояткор аз лаҳзаи ба вуҷуд омадани муносиботи ҳуқуқӣ, аз сӯи давлат уҳдадор ба таҳмили ҷазо мегардад, вале ҷавобгарӣ тавре, ки қаблан ишора шуд, на аз уҳдадорӣ, балки аз таҳмили амалии ҷазо иборат мебошад.

---

320 Звечаровский М. Меры уголовно-правового характера: понятие, система, виды //Законность. – 1999. – №3. – С. 35.

Ҷавобгарӣ як қисми муносибати ҳуқуқиро ташкил медиҳад ва он аз замони нуфузи қонунӣ гирифтани ҳукми айбдоркунанда фаро мерасад. Муносибати ҳуқуқӣ он вақт ба итмом мерасад, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ дар он замон ба итмом мерасад. Яъне, он пас аз бардоштани доғи судӣ поён меёбад.

Дар робита ба моҳияти муносиботи ҷиноятӣ, дар адабиёти муосири ҳуқуқӣ ду нуқтаи назари аслӣ вуҷуд дорад. Мувофиқи назари аввал муносибатҳои шаклгирифта дар миёни давлат ва шахси даст ба кирдори ҷиноятӣ зада муносибатҳои ҷиноятӣ эътироф мегарданд. Баъзе аз муаллифон ин муносиботро муносиботи муҳофизатии ҷиноятӣ мешуморанд. Муҳтавои нуқтаи назари дуюм аз он иборат аст, ки муносибатҳои ҷиноятӣ ғайр аз доштани хусусияти муҳофизатӣ ҳамчунин нақши танзимкунандагиро низ иҷро менамоянд.

М.П. Карпушин ва В.И.Курляндский бо ишора ба нақши ба низомдарории муносибатҳои ҳуқуқӣ таъкид менамоянд: “Меъёри ҳуқуқие, ки ҷанбаи маҷбуркунӣ надошта бошад, меъёр нест ва он арзише надорад. Қувваи ҳуқуқии меъёр на фақат аз эътибори маънавию ахлоқии он, балки гоҳҳо аз эътибори аз ин ҳам баландтар – имкони ҷавобгарӣ барои риоят нашудани он иборат мебошад. Дар ғайри ин сурат, қисмати танзимкунандагию ҳифзнамоии меъёр заиф хоҳад буд ва мустаҳкаму қавӣ ба назар намерасад. Санксия ва ҷавобгарӣ, ба меъёр ҷанбаи ҳатмӣ будани онро медиҳад... Меъёри рафтор аз ин ҷиҳат натиҷабахшу самаранок мегардад, ки барои риоят накардани он ҷавобгарӣ муқаррар шудааст. Аз ин ҷиҳат, набояд чунин тасаввур шавад, ки фақат як қисми меъёр (ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муқарраршаванда) муносибатҳои иҷтимоиро танзим менамояд. Аммо як қисми меъёре, ки барои риоя накардани он ҷавобгарӣ пешбинӣ менамояд, муносибатҳои иҷтимоиро танзим намекунад. Ҳолати мазкур, хосси тамоми меъёр ва соҳаҳои ҳуқуқ мебошад”[321].

Вале далелҳои пешниҳодкардаи М.П. Карпушина ва В.И. Курляндский баҳсбарангез мебошанд. Муносибатҳои ҳуқуқие, ки дар миёни ширкаткунандагони онҳо ба вуҷуд меоянд, тавассути қонуни ҷиноятӣ муҳофизат мегарданд. Кодекси ҷиноятӣ низоми принсипан нави меъёрҳоро дар бар мегирад, ки ба андозаи назаррас ба воқеиятҳои кунунии ҷинояткорӣ, талаботҳои мубориза бо намуду шаклҳои нави ҷиноятҳо, талаботи сиёсати ҷиноятии Тоҷикистони муосир мувофиқат менамояд[322]. Аммо уҳдадориҳо дар мавриди доштани рафтори қонунӣ, на фақат дар Кодекси ҷиноятӣ, балки дар санадҳои меъёрии дигар низ пешбинӣ ва муқаррар шудаанд. Аз ҷумла, уҳдадориҳое аз қабили накуштан, нарасонидани зарари ҷисмонӣ (озори ҷисмонӣ), ғорат накардан нисбат ба ҳуқуқи мутлақи шахс ба ҳаёт ( м.18 Конститутсияи ҶТ), нисбат ба дахлнопазирии манзил (м. 22 Конститутсияи ҶТ), моликияти шахсӣ (м. 32 Конститутсияи ҶТ) ва ғайра уҳдадориҳои мутаносиб шуморида мешаванд. Вазифаи расонидани кумак ба бемор, ба уҳдадорӣ ва вазифаҳои коркунони соҳаи тиб ва қасами Гиппократу Сино вобаста мебошад, ки онро ҳар хатмкунандаи муассисаи олии тиббӣ ёд мекунад. Дар бисёр мавридҳо, уҳдадории

[321] Казаченко И. Я. Санкции за преступления против жизни и здоровья. – Томск,1987. – С. 45.
[346] Добрынин Ю.В. Классификация компьютерных преступлений, взгляд хакера и юриста [Электронный ресурс] / Ю.В. Добрынина. — Режим доступа: http://www.securitylab.ru/analytics/241577.php (дата обращения: 07.05.2022).

таъсири беруна ба васоити, мавҷҳои магнитӣ, зарбаҳои механикӣ), ки мо онро воридшавӣ ба иттилоот муайян мекунем, мувофиқат намекунанд[347].

**Дошта гирифтани иттилооте, ки ба воситаи алоқаи компютерӣ фиристода мешавад**-дар ҳолати бо воситаи почтаи электронӣ ирсол намудани иттилоот ба суроғаи шахси дигаре, ки истифодабарандаи он мебошад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ ин масъала аз ҷониби олимони соҳа пурра баррасӣ нагардидааст, вале вобаста ба масоили гирифтани иттилооте, ки ба воситаи алоқаи компютерӣ фиристода мешаванд, таърифҳои гуногун дода мешаванд Масалан, олимон М.В.Богомолов, ва В. Наумов бар он андешаанд, ки асоси ғайри қонуни этироф намудани «дошта гирифтани иттилооте, ки ба воситаи алоқаи компютерӣ фиристода мешаванд», чун қоида, набудани иҷозати махсус (яъне санксия) аз мақомтҳои дахлдори ҳифзи ҳуқуқ мебошад[348]. Дар воқеъ гирифтани иттилоотӣ таввасути алоқаи компютерӣ фиристодашаванда ва ё тавассути воситаҳои техникӣ гирифтан, тасҳеҳ ва сабт кардани намудҳои гуногуни сигналҳо, ки бо ҳар гуна каналҳои техникии алоқа пахш мегарданд иҷозати махсусро талаб менамояд. Масалан дар асоси талаботи моддаи 23 Конситутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳрамияти мукотиба, суҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобироти шахс таъмин карда мешавад, ба истисної мавридҳое, ки дар қонун нишон дода шудааст. Ҳамчунин дар бораи ҳаёти шахсии инсон бе розигии ӯ ҷамъ намудан, нигоҳ доштан, истифода ва паҳн кардани маълумот манъ аст[349].

Дар натиҷа, ба хулоса омадан мумкин аст, ки ҳоло дар ҶТ муносибатҳо дар соҳаи истифодабарии компютерҳо вуҷуд дошта, онҳо хусусияти техногенӣ пайдо мекунанд. Масалан, имрӯз системаи андозро бидуни технологияи компютерӣ, тасаввур кардан имконнопазир аст, албата чунин муносибатҳо бояд тавассути қонуни ҷиноятӣ ҳифз карда шаванд ва қонунгузор ба ин ниёзи ба вуҷуд омада бо як қатор меъёрҳои нави ҳуқуқи ҷиноятӣ ба таври кофӣ бо меъёрҳои мушахас посух диҳад.

Ҳамин тавр ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоотии компютерӣ метавонад оқибатҳои дигари вазнинтарро ба бор орад, бинобар ин, қисми 3-юми моддаи 301 КҶ ҶТ дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

1. Дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ, агар ин кирдор боиси нобудшавӣ ва ё басташавӣ, иттилоот гардида бошад;

2. Ҳамин кирдор аз ҷониби шахсе, ки аз мақоми хизматиаш истифода мебарад, инчунин аз ҷониби шахсе, ки ба компютер, системаи компютерӣ ё шабакаи онҳо дастрасӣ дошта бошад, содир шуда бошад.

---

[347] Воробьев В. В. Преступления в сфере компьютерной информации (юридическая характеристика составов и квалификация): Дис... к-та юрид. наук. - Н. Новгород, 2000 – С-88.

[348] Богомолов М.В. Уголовная ответственность за неправомерный доступ к охраняемой законом компьютерной информации. Красноярск, 2002. С. 68.; Наумов В. Отечественное законодательство в борьбе с компьютерными преступлениями. URL:http://www.hackzone.ru/articles/a5.html (дата обращения: 28.03.2022);

[349] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 (бо охирин тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003, 22 майи соли 2016) [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 64 с.

Дар воқеъ истифодаи ваколатҳои мансабӣ ё касбии шахс имкони ғайриқонунӣ эътироф намудани дастрасӣ ба иттилооти компютериро истисно намекунад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳуқуқи шахс барои дастрасӣ ба маълумоти дар компютер буда хусусияти умумӣ надошта, танҳо дар робита бо асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба вуҷуд меояд.

**Адабиёт:**


1. Богомолов М.В. Уголовная ответственность за неправомерный доступ к охраняемой законом компьютерной информации.
2. Красноярск, 2002. С. 68.; Наумов В. Отечественное законодательство в борьбе с компьютерными преступлениями. URL:http://www.hackzone.ru/articles/a5.html (дата обращения: 28.03.2022);
3. Воробьев В. В. Преступления в сфере компьютерной информации (юридическая характеристика составов и квалификация): Дис... к-та юрид. наук. - Н. Новгород, 2000 – С-88.
4. Давлатзода К.Д. Масоили таърихӣ ва назариявии ташаккули ҷиноятҳои компютерӣ / К.Д. Давлатзода // Қонунгузорӣ. - 2021. -№4 (44). - С.92-93.
5. Дворецкий М.Ю. Преступления в сфере компьютерной информации (уголовно-правовое исследование): Дисс. канд. юрид. наук. - Волгоград, 2001. - С. 72.
6. Добрынин Ю.В. Классификация компьютерных преступлений, взгляд хакера и юриста [Электронный ресурс] / Ю.В. Добрынина. — Режим доступа: http://www.securitylab.ru/analytics/241577.php (дата обращения: 07.05.2022).
7. Карпов В.С. Уголовная ответственность за преступления в сфере компьютерной информации. Дис. канд. юрид. наук, Красноярск, 2002. - С. 87
8. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации /Отв. Ред. В.М. Лебедев. - М., 2000. - С. 560.
9. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 (бо охирин тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003, 22 майи соли 2016) [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 64 с.
10. Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот» аз 18 июни соли 2008 таҳти № 411. Сомонаи расмии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Захираи электронӣ]. www. mmk. tj. (санаи муроҷиат: 07.05.2022)
11. Пашин С.А. Квалификации преступлений в сфере компьютерной информации. М., 1998. С.10.
12. Уголовное право России. Особенная часть. Отв. Ред. Б.В. Здравомыслова. - М., 1996. С.353.
13. Чупров А.Ю. Уголовно-правовые механизмы регулирования отношений в сфере электронной коммерции. Автореф. дис... д-ра юрид. наук. -Москва, 2015. – С.14
14. https://www.vkd.tj/ (санаи муроҷиат: 07.05.2022)

# ЭКСТРЕМИЗМИ ИТТИЛООТӢ ВА АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ МУБОРИЗА БО ОН

**Қурбонзода Б.Ш.,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ
**Тел.:** (+992) 988-20-55-00
**E-mail:** behruz.qurbonzoda@mail.ru

**Роҳбари илмӣ:** Сафарзода А.И., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Тақриздиҳанда:** Ахмедов Н., мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва зиддикоррупсионии факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур муаллиф ба масоили яке аз таҳдидҳои хатари глобалӣ экстремизм, алалхусус экстремизми иттилоотӣ қайд намудааст. Гуфта шудааст, ки экстремизми иттилоотӣ ба асосҳои сохти конститутсионӣ, амнияту осоиштаи давлату ҷомеа, тамомияти арзӣ, ғасби ҳокимият ва бо роҳи зӯрӣ нигоҳ доштани он, вайрон кардани фаъолияти муътадили мақомоти давлатӣ, муассисаҳо, ташкилотҳои новобаста аз шакли моликият, мансубият ва тобеият ва дигар идораҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд хавфу хатари ҷиддӣ дорад. Имрӯз экстремизм ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа таъсири худро расонида истодааст. Исботи ин андеша ҳодисоту воқеаҳое мебошанд, ки айни замон дар чунин кишварҳо, аз қабили Сурия, Либия, Ироқ, Афғонистон ва ғайра ҷараён доранд. Ҳамчунин, дар мақола фикру андешаҳои олимон вобаста ба зуҳуроти экстремизм ва хатару таҳдидҳои он зикр шудааст. Ба ғайр аз ин, аз ҷониби муаллиф санадҳои меъёри-ҳуқуқие, ки бо ҳама гуна шаклҳои зуҳуроти экстремизм, аз ҷумла экстремизми иттилоотӣ мубориза мебаранд, мавриди омӯзишу таҳлил намудааст.

**Калидвожаҳо:** терроризм, экстремизм, экстремизми иттилоотӣ, асосҳои сохти конститутсионӣ, тамомияти арзӣ, фаъолияти экстремистӣ, амнияти давлат, ахлоқи ҷамъиятӣ, саломатии аҳолӣ, ғасби ҳокимият, таъмини соҳибихтиёрӣ ва ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд.

# ИНФОРМАЦИОННЫЙ ЭКСТРЕМИЗМ И ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ ЕГО ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ

**Курбонзода Б.Ш.,**
кандидат юридических наук, доцент кафедры уголовного права, криминологии и противодействия коррупции юридического факультета ТГУПБП
**Тел.:** (+992) 988-20-55-00
**E-mail:** behruz.qurbonzoda@mail.ru

**Научный руководитель:** Сафарзода А.И., доктор юридических наук, доцент

**Рецензент:** Ахмедов Н., заведующая кафедрой уголовного права, криминалистики и предотвращении коррупции юридического факультета ТГУПБП, кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация:** В данной статье автор уделяет внимание одной из угроз глобального экстремизма, особенно информационного экстремизма. Информационный экстремизм подрывает основу конституционного строя, безопасности и мира государства и общества, территориальной целостности, узурпации и насильственном удержании власти, нарушении нормального функционирования государственных органов, учреждений, организаций независимо от форм собственности, принадлежности и подчиненности, права и свободы человека и гражданина. Сегодня экстремизм затрагивает все сферы жизни общества. Доказательством тому являются события, происходящие в настоящее время в таких странах как Сирия, Ливия, Ирак, Афганистан и других. Также в статье рассматриваются взгляды ученых на явление экстремизма, его опасности и угрозы. Кроме того, автор изучил и проанализировал нормативно-правовые акты, противодействующие всем формам экстремизма, в том числе информационному экстремизму.

**Ключевые слова:** терроризм, экстремизм, информационный экстремизм, основы конституционного строя, территориальная целостность, экстремистская деятельность, безопасность государства, общественная нравственность, здоровье населения, узурпация власти, обеспечение суверенитета, прав и свобод человека и гражданина.

# INFORMATION EXTREMISM AND THE LEGAL BASIS FOR COUNTERING IT

**Kurbonzoda B.Sh.,**
PhD in Law, Associate Professor of the Department of Criminal Law, Criminology and Anti-Corruption, Faculty of Law, TSULBP
**Phone:** (+992) 988-20-55-00
**E-mail:** behruz.qurbonzoda@mail.ru

**Scientific adviser:** Safarzoda A.I., Doctor of Law, Associate Professor
**Reviewer:** Akhmedov N., Head of the Department of Criminal Law, Criminalistics and Prevention of Corruption of the Faculty of Law, TSULBP, Candidate of Law, Associate Professor

**Annotation:** In this article, the author pays attention to one of the threats of global extremism, especially information extremism. Information extremism undermines the basis of the constitutional order, security and peace of the state and society, territorial integrity, usurpation and forcible retention of power, disruption of the normal functioning of state bodies, institutions, organizations, regardless of ownership, affiliation and subordination, rights and freedoms of man and citizen. Today, extremism affects all spheres of society. Proof of this are the events currently taking place in countries such as Syria, Libya, Iraq, Afghanistan and others. The article also discusses the views of scientists on the phenomenon of extremism, its dangers and threats. In addition, the author studied and analyzed the legal acts counteracting all forms of extremism, including informational extremism.

**Keywords:** terrorism, extremism, informational extremism, the foundations of the constitutional order, territorial integrity, extremist activity, state security, public morality, public health, usurpation of power, ensuring sovereignty, human and civil rights and freedoms.

Дар замони имрӯзаи мо экстремизм ба як вабои аср табдил шуда, ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ хатари бузургро эҷод кардааст.

Экстремизм проблемаи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба шумор рафта, дар ҳар навъе, ки зуҳур кунад, ба амнияти шахсият ва ҷомеа, сохти конститутсионӣ, ахлоқи ҷамъиятӣ, саломатии аҳолӣ ва тамомияти арзии давлат таҳдид мекунад. Исботи ин андеша ҳодисоту воқеаҳое мебошанд, ки айни замон дар чунин кишварҳо, аз қабили Сурия, Либия, Ироқ, Афғонистон ва ғайра ҷараён доранд[350].

[350]Курбонзода Б.Ш. Уголовная ответственность за организацию экстремистского сообщества в Республике Таджикистан: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Б.Ш. Курбонзода. – Душанбе, 2018. – С.10.

Дар асоси тадқиқотҳои илмию назарӣ олимони соҳаи ҳуқуқшиносӣ вобаста ба мафҳум ва моҳияти экстремизм фикру ақидаҳои худро иброз намудаанд. Масалан, ба ақидаи А.В. Петрянин «Экстремизм – ин вазъи муборизаи сиёсии ҷиноятӣ буда, барои зарар расонидан ба амнияти ҷамъиятӣ, асосҳои сохти конститутсионӣ, ба муқобили сулҳу амнияти инсоният дар асоси ангезаҳои сиёсӣ, идеологӣ, нажодӣ, миллатгароӣ ва динӣ мебошад»[351]. Ба ақидаи А.Г. Хлебушкин «Истилоҳи ифротӣ маънои баромадан аз чорчӯба ё меъёри муайяншуда»-ро ифода мекунад.[352] Г.Н. Чеботарев мафҳуми экстремизмро чунин муқаррар кардааст: «Экстремизм мувофиқи одобу ахлоқ ин як падидаи номатлуб дар он тарғиб кардани ғояҳо ва ақидае, ки қатъиян зидди одобу ахлоқ, қоидаю меъёре, ки дар ҷамъият мақбул, писандида ва умумист ва аксар маврид боиси содир намудани ҳаракатҳои ғайриҳуқуқии зӯроварӣ мегардад, мебошад»[353]. Аз нуқтаи назари Р. О. Кочергин экстремизм як шакл, тафаккур, мафкура аст, на ин ки фаъолият[354]. Ба фикри олими дигар Ҷ.М. Маҷидзода экстремизм зуҳуроти мураккаби иҷтимоӣ буда, дар худ 3 шохаи асосӣ дорад:

1. Экстремизми идеологӣ, ки аз базаи экстремистҳо иборат аст;

2.Фаъолияти экстремистӣ, ки амалӣ гардонидан ва ба ҳаёт татбиқ намудани идеологияи экстремистӣ мебошад;

3. Ташкилоти экстремистӣ, ки шакли иҷтимоии фаъолияти ташкилоти экстремистӣ аст[355].

А. П. Кузнецов дар кори худ оид ба мафҳуми экстремизм пешниҳод мекунад, ки «Экстремизм қобилияти ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёти инсонӣ ворид шуданро дорад, тамомияти арзӣ ва амнияти давлатро барбод медиҳад, ғояҳои баробарҳуқуқии мардумро вайрон мекунад»[356].

Дар назария ва илми ҳуқуқи ҷиноятӣ яке аз намудҳои экстремизм ин экстремизми иттилоотӣ мебошад. Экстремизми иттилоотӣ таҳдиду хатар ба асосҳои сохти конститутсионӣ, амнияту осоиштаи давлату ҷомеа, тамомияти арзӣ, ғасби ҳокимият ва бо роҳи зӯрӣ нигоҳ доштани он, вайрон кардани фаъолияти муътадили мақомоти давлатӣ, муассисаҳо, ташкилотҳои новобаста аз шакли моликият, мансубият ва тобеият ва дигар идораҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дорад.

---

351 Петрянин А.В. Противодействие преступлениям экстремистской направленности: уголовно-правовой и криминологический аспекты: дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.08 / А.В. Петрянин. – М., 2014. – С.191.

352Хлебушкин А.Г. Преступный экстремизм: понятие, виды, проблемы криминализации и пенализации: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / А.Г. Хлебушкин. – Саратов, 2007. – С.18-19.

353Чеботарев Г.Н. Нравственно-правовые основания борьбы с экстремизмом. Правовые основы противодействия экстремистской деятельности / Г.Н. Чеботарев // Материалы Всероссийской научно-практической конф. – Тюмень, 2011. – С.11.

354Кочергин Р. О. Противодействие молодежному экстремизму: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Р. О. Кочергин. – Ростов н/Д, 2008. – С.102.

355Маджидзода Дж.З. Противодействие терроризму и экстремизму (Курс лекций). – Душанбе: «Нашри Мубориз», 2016. – С.28.

356Кузнецов А. П. Экстремизм: понятие, признаки, сущность // Преступность, организованная преступность и проблемы безопасности : [сборник статей / редкол.: А.И. Долгова (отв. ред.) и др.]. М., 2010. – С.119.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти мамлакатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид намудаанд, ки «Террорист ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад»[357].

Вобаста ба ин, зуҳуроти даҳшатноку нафратовари терроризму экстремизм, ки аксаран таҳти шиорҳои диниву мазҳабӣ сурат мегирад, аз дини мубини ислом истифода бурда, ҷавонону наврасонро ба доми фиреб афтондан, соҳиби пули муфт гаштан, ваъдаҳои бардурӯғ, зиндагии хуб кардан ба гурӯҳҳои террористию экстремистӣ ҷалб мекунанд. Таблиғотчиёни дорои ақидаи террористию экстремистӣ аз вазъияти иҷтимоӣ ва ақидаи динии шаҳрвандон моҳирона истифода бурда, аз тариқи технологияи муосир, телефонҳои мобилию воситаҳои интернетӣ ва дар ҷойҳои ҷамъиятӣ онҳоро ба сӯи ҳадафҳои нопоки худ бо ҳар роҳу васила ба худ хос ба қатлу куштор ва бераҳмию разилӣ мебаранд. Онҳо махсусан ҷавонони тануманду ба варзиш шуғл дошта, фаъолу худбовару бовиқорро меҷӯянд, то дар оянда ба ҳайси афсарони худ бемалол истифода намоянд.

Боиси таассуф аст, ки аз ҷониби як қатор созмонҳои байналмилалӣ доираҳо ва давлатҳову фондҳо ошкоро маблағгузорӣ гардидани созмонҳои террористиву ифротгаро, поймолшавии ҳуқуқи инсон, аҳволи тоқатфарсо ва дар роҳи муҳоҷират ба давлатҳои Аврупо дар баҳрҳо ғарқ шудани ҳазорон нафар гурезаҳо, аз ҷумла занону кӯдаконро нодида мегиранд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ин авбои аср ҳамеша мубориза оштинопазир бурда, дар ин асно якчанд санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ қабул кардааст.

Яке аз санадҳои муҳимтарини муборизабаранда бо экстремизм ин Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Мувофиқи моддаи 6-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғасби ҳокимият ва ё тасарруфи салоҳияти он манъ аст. Тибқи моддаи 7-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳудуди Тоҷикистон тақсимнашаванда ва дахлнопазир мебошад. Соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии Тоҷикистонро давлат таъмин менамояд. Тарғиб ва амалиёти ҷудоиандозӣ, ки ягонагии давлатро халалдор мекунад, манъ аст. Дар моддаи 8-и Қонуни мазкур чунин омадааст, ки “Таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсие, ки нажодпарастӣ, миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё барои бо зӯрӣ сарнагун кардани сохтори конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват менамоянд, манъ аст. Дар Тоҷикистон фаъолияти ҳизбҳои сиёсии дигар давлатҳо, таъсиси ҳизбҳои хусусияти миллӣ ва динидошта, инчунин маблағгузории ҳизбҳои сиёсӣ аз ҷониби давлатҳо ва созмонҳои хориҷӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандони хориҷӣ манъ аст”. Дар моддаи

[357]Паёми Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [манбаи электронӣ]. URL: http://president.tj/node/10585 (санаи истифодабарӣ: 24.02.2022).

26-и он бошад, ҳар кас ҳуқуқ дорад муносибати худро нисбат ба дин мустақилона муайян намояд, алоҳида ва ё якҷоя бо дигарон динеро пайравӣ намояд ва ё пайравӣ накунад, дар маросим ва расму оинҳои динӣ иштирок намояд. Мувофиқи моддаи 27-и Қонуни асосии мамлакат шаҳрванд ҳуқуқ дорад дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ бевосита ва ё ба воситаи вакилонаш иштирок намояд ва тибқи моддаи 30-и ҳамин Қонун чунин зикр шудааст, ки "Ба ҳар кас озодии сухан, нашр, ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахбор кафолат дода мешавад. Таблиғот ва ташвиқоте, ки бадбинӣ ва хусумати иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ ва забониро бармеангезанд, манъ аст"[358].

Тибқи моддаи 1-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба экстремизм" аз 2-юми январи соли 2020 таҳти №1655 мафҳумҳои асосӣ муқаррар шуда, дар он мафҳуми нави экстремизм пешбинӣ шудааст, ки чунин омадааст: "Экстремизм - ифодаи мафкура ва фаъолияти экстремистие, ки барои бо роҳи зӯроварӣ ва амалҳои дигари зиддиқонунӣ ҳал намудани масъалаҳои сиёсӣ, ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ, миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ва динӣ (мазҳабӣ) равона карда шудааст".

Ғайр аз ин, дар Қонуни мазкур як мафҳум ё истилоҳи наве пешбинӣ шудааст, ки номи он муқовимат ба экстремизм мебошад ва шарҳи мафҳуми он чунин аст: "Фаъолияти мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва шахсони мансабдори онҳо, инчунин шахсони дигари ҳуқуқӣ, ки ба ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини соҳибихтиёрӣ, тамомияти арзӣ ва амнияти давлат, ошкор кардани сабабу шароити ба зуҳуроти экстремизм мусоидаткунанда, инчунин барои огоҳонӣ, ошкор, пешгирӣ, рафъ ва қатъ намудани фаъолияти экстремистӣ ва аз байн бурдани оқибатҳои он равона карда шудааст".

Мувофиқи моддаи 3-и ҳамин Қонун фаъолияте, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон экстремистӣ ҳисобида мешавад, инҳо мебошанд: бо зӯрӣ сарнагун кардан ва ё тағйир додани сохтори конститутсионӣ, вайрон ва халалдор кардани соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин мусоидат кардан ба чунин кирдорҳо, барангехтани кинаю адовати нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ, динӣ (мазҳабӣ) ва муноқишаҳои иҷтимоӣ, инчунин тарғиби махсусият ва бартарии шаҳрвандон аз нигоҳи муносибати онҳо ба дин (мазҳаб), забон, мансубияти онҳо ба миллат, нажод ё маҳал ба таври оммавӣ ё бо истифодаи воситаҳои ахбори омма ё содир кардани ин ҳаракатҳо бо роҳи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он, амалҳое, ки ба ноустувор сохтани

[358]Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/content/%D0%BA%D0%BE%D0%BD%D1%81%D1%82%D0%B8%D1%82%D1%83%D1%82%D1%81%D0%B8%D1%8F%D0%B8-%D2%B7%D1%83%D0%BC%D2%B3%D1%83%D1%80%D0%B8%D0%B8-%D1%82%D0%BE%D2%B7%D0%B8%D0%BA%D0%B8%D1%81%D1%82%D0%BE%D0%BD (санаи истифодабарӣ: 24.02.2022).

амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудаанд, амалҳое, ки ба ғасб ё аз худ кардани ваколатҳои ҳокимият равона шудаанд, ташкил кардани гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ ё иштирок дар онҳо, паст задани шаъну эътибори миллӣ, вайрон кардани ҳуқуқ, озодӣ, манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд вобаста ба мансубияташ ба гурӯҳи иҷтимоӣ, нажод, миллат, қавм, маҳал, дин (мазҳаб) ва забон ё муносибати ӯ ба дин, ҷалб намудан барои иштирок дар амалҳои экстремистӣ, инчунин омӯзондани мафкураи экстремистӣ, монеъ шудан ё маҷбур кардан ба тағйир додани хусусияти фаъолияти қонунии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунӣ, комиссияҳои интихоботӣ, ташкилот, иттиҳодияҳои дигар ва шахсони мансабдори онҳо, истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он нисбат ба кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ё ташкилоти дигари давлатӣ ва наздикони онҳо бо мақсади қасос гирифтан барои он амалҳое, ки бо иҷрои фаъолияти хизматӣ вобаста бошад ё ин ки хатари истифодаи зӯроварӣ вобаста ба ин асосҳо, ташвиқот ва ба намоиши оммавӣ гузоштани нишон, парчам ё рамзи дигари ташкилотҳои аз ҷониби суд экстремистӣ эътирофшуда, даъвати оммавӣ барои иҷро намудани амалҳои экстремистӣ ё интишори маводи экстремистӣ, инчунин тайёр кардан ва нигоҳ доштани онҳо бо мақсади паҳн намудан, нашр ва (ё) паҳн кардани маводи чопӣ, аудиоӣ, видеоӣ ва маводи дигари дорои хусусияти экстремистӣ дар воситаи ахбори омма, шабакаи интернет, воситаи алоқаи барқӣ.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба экстремизм” вобаста ба пешгирии экстремизми иттилоотӣ дарҷ шудааст, ки дар Қонуни қаблан мубориза бо экстремизм ягон муқаррарот пешбинӣ нагардида буд.

Чунончӣ, тибқи қисмҳои 1 ва 2 моддаи 17-и Қонуни мазкур ҳангоми дар шабакаи интернет ва шабакаҳои дигари телекоммуникатсионӣ ошкор намудани тарғиби экстремизм, аз ҷумла иттилооте, ки ба бетартибиҳои оммавӣ, иштирок дар чорабиниҳои оммавӣ, ки ба вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ меорад, ба амалигардонии фаъолияти дигари экстремистӣ даъват мекунад, дастрасӣ ба чунин иттилоот фавран қатъ ё маҳдуд карда мешавад. Қатъ ё маҳдуд кардани дастрасӣ ба иттилоот барои пешгирии таблиғоти экстремизм дар шабакаи интернет ва шабакаҳои дигари телекоммуникатсионӣ аз ҷониби Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таъмин карда мешавад[359].

---

[359]Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба экстремизм” [манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/content/%D2%9B%D0%BE%D0%BD%D1%83%D0%BD%D0%B8-%D2%B7%D1%83%D0%BC%D2%B3%D1%83%D1%80%D0%B8%D0%B8-%D1%82%D0%BE%D2%B7%D0%B8%D0%BA%D0%B8%D1%81%D1%82%D0%BE%D0%BD-%D0%B4%D0%B0%D1%80-%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B0%D0%B8-%D0%BC%D1%83%D2%9B%D0%BE%D0%B2%D0%B8%D0%BC%D0%B0%D1%82-%D0%B1%D0%B0-%D1%8D%D0%BA%D1%81%D1%82%D1%80%D0%B5%D0%BC%D0%B8%D0%B7%D0%BC (санаи истифодабарӣ: 24.02.2022).

Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17-уми майи соли 2004 таҳти №35 як қатор кирдорҳое, ки вобаста ба ҷамъият хавфнокии экстремизм дар ҷамъият пайдо шуданд, криминализатсия карда шуданд. Аз ҷумла, моддаи 307(1) - Даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ), моддаи 307(2) - Ташкили иттиҳоди экстремистӣ (ифротгароӣ), моддаи 307(3) - Ташкили фаъолияти ташкилоти экстремистӣ (ифротгароӣ). Бояд гуфт, ки дар солҳои 2007-2011 шаҳрвандони ҶТ барои таҳсили динии ғайриқонунӣ дар дохил ва хориҷи кишвар таълим мегирифтанд ва таҳдиду хатарҳо ба асосҳои сохти конститутсионӣ, амнияти давлат, тамомияти арзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва поймол кардани ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ворид мекарданд, ҷавобгарии ҷиноятӣ бо моддаи нав 307(4) - Ташкили таълим ё гурӯҳи таълимии хусусияти динии экстремистидошта[360].

Ҳамин тавр, мубориза бурдан бо экстремизм, алалхусус бо экстремизми иттилоотӣ вазифаи ҷонии ҳар як фарди ба нангу номуси давлату миллат буда, баҳри решакан намудани ин хатари глобалӣ чораҳои пешгирикунанда андешидашуда, ки барои огоҳонии паҳншавии мафкураи экстремизм ва фаъолияти экстремистӣ, инчунин, огоҳонӣ, ошкор, пешгирии фаъолияти экстремистӣ саҳм гузошта шавад.

**Адабиёт:**

1. Курбонзода Б.Ш. Уголовная ответственность за организацию экстремистского сообщества в Республике Таджикистан: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Б.Ш. Курбонзода. – Душанбе, 2018. —212 с.
2. Петрянин А.В. Противодействие преступлениям экстремистской направленности: уголовно-правовой и криминологический аспекты: дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.08 / А.В. Петрянин. – М., 2014. – 501 с.
3. Хлебушкин А.Г. Преступный экстремизм: понятие, виды, проблемы криминализации и пенализации: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / А.Г. Хлебушкин. – Саратов, 2007. – 215 с.
4. Чеботарев Г.Н. Нравственно-правовые основания борьбы с экстремизмом. Правовые основы противодействия экстремистской деятельности / Г.Н. Чеботарев // Материалы Всероссийской научно-практической конф. – Тюмень, 2011. – 172 с.
5. Кочергин Р. О. Противодействие молодежному экстремизму: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Р. О. Кочергин. – Ростов н/Д, 2008. – 233с.
6. Маджидзода Дж.З. Противодействие терроризму и экстремизму (Курс лекций). – Душанбе: «Нашри Мубориз», 2016. – 252 с.

[360]Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/content/%D0%BA%D0%BE%D0%B4%D0%B5%D0%BA%D1%81%D0%B8-%D2%B7%D0%B8%D0%BD%D0%BE%D1%8F%D1%82%D0%B8%D0%B8-%D2%B7%D1%83%D0%BC%D2%B3%D1%83%D1%80%D0%B8%D0%B8-%D1%82%D0%BE%D2%B7%D0%B8%D0%BA%D0%B8%D1%81%D1%82%D0%BE%D0%BD (санаи истифодабарӣ: 24.02.2022).

7. Кузнецов А. П. Экстремизм: понятие, признаки, сущность // Преступность, организованная преступность и проблемы безопасности : [сборник статей / редкол.: А.И. Долгова (отв. ред.) и др.]. М., 2010. – 248 с.

8. Паёми Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [манбаи электронӣ]. URL: http://president.tj/node/10585 (санаи истифодабарӣ: 24.02.2022).

9. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/content/%D0%BA%D0%BE%D0%BD%D1%81%D1%82%D0%B8%D1%82%D1%83%D1%82%D1%81%D0%B8%D1%8F%D0%B8-%D2%B7%D1%83%D0%BC%D2%B3%D1%83%D1%80%D0%B8%D0%B8-%D1%82%D0%BE%D2%B7%D0%B8%D0%BA%D0%B8%D1%81%D1%82%D0%BE%D0%BD (санаи истифодабарӣ: 24.02.2022).

10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба экстремизм" [манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/content/%D2%9B%D0%BE%D0%BD%D1%83%D0%BD%D0%B8-%D2%B7%D1%83%D0%BC%D2%B3%D1%83%D1%80%D0%B8%D0%B8-%D1%82%D0%BE%D2%B7%D0%B8%D0%BA%D0%B8%D1%81%D1%82%D0%BE%D0%BD-%D0%B4%D0%B0%D1%80-%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B0%D0%B8-%D0%BC%D1%83%D2%9B%D0%BE%D0%B2%D0%B8%D0%BC%D0%B0%D1%82-%D0%B1%D0%B0-%D1%8D%D0%BA%D1%81%D1%82%D1%80%D0%B5%D0%BC%D0%B8%D0%B7%D0%BC (санаи истифодабарӣ: 24.02.2022).

11. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/content/%D0%BA%D0%BE%D0%B4%D0%B5%D0%BA%D1%81%D0%B8-%D2%B7%D0%B8%D0%BD%D0%BE%D1%8F%D1%82%D0%B8%D0%B8-%D2%B7%D1%83%D0%BC%D2%B3%D1%83%D1%80%D0%B8%D0%B8-%D1%82%D0%BE%D2%B7%D0%B8%D0%BA%D0%B8%D1%81%D1%82%D0%BE%D0%BD (санаи истифодабарӣ: 24.02.2022).

# ТАРАФИ ОБЪЕКТИВИИ ҒОРАТГАРӢ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Мирзоев Қ.Х.,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия
**Тел.:** (+992) 988949405
**E-mail:** qobil9498@mail.ru

**Роҳбари илмӣ:** Шарипов Т.Ш., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Муқарриз:** Сафарзода А.И, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур тарафи объективии ғоратгарӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳангоми навиштани мақолаи таҳлилшаванда муқаррароти қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба масоили тарафи объективии ҷинояти ғоратгарӣ ва фикру ақидаҳои олимон доир ба масоили мазкур дида баромада шудааст. Дар асоси таҳлили гузаронидашуда вобаста ба тарафи объективии ғоратгарӣ, аз тарафи муаллиф пешниҳодоти муайян оид ба такмилдиҳии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғоратгарӣ, оварда шудаанд, аз он ҷумла ба андешаи мо зарурияти дар мафҳуми тасарруф дохил намудани аломати ройгон гирифтани молу мулк эҳтиёҷот нест зеро: мафҳуми луғавии ройгон “муфт ба даст даровардан”, “муфт”, “бепул” – ро ифода мекунад, вале дар амалияи судӣ чунин аломат ҳангоми қисман пардохт намудани молу мулки тасарруфшуда низ мавҷуд буда метавонад; аломати ройгониро аломати дигари тасарруф, ба монадӣ боғараз, дар бар мегирад, яъне ройгон яке аз паҳлуҳои мақсади ғаразнок ба ҳисоб меравад.

**Калидвожаҳо:** Кодекси ҷиноятӣ, қонунгузории ҷиноятӣ, тарафи объективӣ, ғоратгарӣ, ошкоро, ҷавобгарии ҷиноятӣ, тасарруф, молу мулки ғайр, ғайриқонунӣ соҳиб шудан, зуроварӣ, таҳдид, ройгон.

# ОБЪЕКТИВНАЯ СТОРОНА ГРАБЕЖА В СООТВЕТСТВИИ С УГОЛОВНЫМ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Мирзоев К.Х.,**
ассистент кафедры уголовного права и противодействие коррупции
**Тел.:** +992 988949405
**E-mail:** qobil9498@mail.ru

**Научный руководитель**: Шарипов Т.Ш., доктор юридических наук, профессор

**Рецензент:** Сафарзода А.И, доктор юридических наук, профессор

**Аннотация:** В данной статье исследуются объективная сторона состава грабежа в соответствии с уголовным законодательством Республики Таджикистан. При написании анализируемой статьи были рассмотрены положения законодательства Республики Таджикистан об объективной стороне состава грабежа и мнения ученых по этим вопросам. На основании проведённого анализа объективной стороны грабежа, автором приведены определенные предложения по совершенствованию уголовной ответственности за грабеж, в частности по нашему мнению в понятие хищение не обязательно указать на безвозмездное изятие имущества так как: словарное значение бевозмездного изятие означает “бесплатное изятие”, “бесплатность”, но в судебной практике такой признак может иметь место и при частчином погащении похищенного имущества; признак безвозмездности поглашается другим признаком хищения, как корысть, то есть безвозмездность является одной из сторон корысти.

**Ключевые слова**: Уголовый кодекс, уголовное законодательство, объективная сторона, грабеж, открытость, уголовная ответственность, хищение, чужое имущество, незаконное изъятия, насилие, угроза, безвозмездность.

## THE OBJECTIVE SIDE OF ROBBERY IN ACCORDANCE WITH THE CRIMINAL LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Mirzoev Q.KH.**,
assistant of the criminal and anti-corruption law department
**Phone:** +992 988949405
**E-mail:** qobil9498@mail.ru

**Research supervisor:** Sharipov T.Sh., Doctor of Law, Professor.
**Reviewer:** Safarzoda A.I., Doctor of Law, Professor

**Annotation**: This article examines the objective side of the elements of robbery in accordance with the criminal legislation of the Republic of Tajikistan. When writing the analyzed article, the provisions of the legislation of the Republic of Tajikistan on the objective side of the elements of robbery and the opinions of scientists on these issues were considered. Based on the analysis of the objective side of robbery, the author makes certain proposals for improving criminal liability for robbery, in particular, in our opinion, the concept of theft does not necessarily indicate the gratuitous seizure of property, since: the dictionary meaning of gratuitous seizure means “free seizure”, “free of charge”, but in judicial practice, such a sign can also occur with partial redemption of stolen property; the sign of gratuitousness is extinguished by another sign of theft, like self-interest, that is, gratuitousness is one of the sides of self-interest.

**Keywords:** Criminal Code, objective side, robbery, openly, criminal responsibility, criminal liability, theft, property, illegal seizure, violence, threats, gratuitousness.

Тарафи объективии ҷиноят ин тарафи зоҳирии кирдори ба ҷамъият хавфнок мебошад. Ин амалест, ки дар олами объективӣ таҷассум ёфта, ба объекти аз ҷониби қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзкунанда зарар мерасонад ё чунин таҳдидро ба миён меорад[361]. Тарафи объективии ҷиноят аз кирдор (ҳаракат ё беҳаракатӣ), оқибати барои ҷамъият хавфнок ва аз робитаи сабабии байни кирдор ва оқибати барои ҷамъият хавфнок иборат аст.

Тарафи объективии ғоратгарӣ мутобиқи қ.1 м.248 КҶ ҶТ ҳамчун ошкоро тасарруф кардани молу мулки ғайр муайян гардидааст.

Масъалаи дар бораи мафҳуми тасарруф солҳои охир дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ боиси баҳсҳои гуногун гардидааст. Аммо аксарияти олимон бар он ақидаанд, ки дар қонуни ҷиноятӣ мустаҳакам шудани чунин мафҳум ба фаъолияти мақомоти ҳуқуқтатбиқкунанда таъсири мусбӣ мерасонад. Дар КҶ ҶТ дар қ.1 эзоҳи м.244 муайян мешавад, ки таҳти мафҳуми тасарруф дар моддаҳои Кодекси мазкур ғайриқонунӣ, боғараз, ройгон гирифтан ва (ё) ситонидани молу мулки ғайр ба фоидаи гунаҳгор ё дигар шахсон дар назар дошта шудааст.

Дар баробари ин дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба чунин тарз муайян намудани мафҳуми тасарруф олимон бо назари танқидӣ муносибат намуда иброз медоранд, ки дар он баъзе аз эродҳои вобаста ба аломатҳо ва мафҳуми тасарруф, ки дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ баён шудаанд ба назар гирифта нашудааст.

Аз ҷумла чунин назари танқидӣ ба аломати аввали тасарруф-ғайриқонунӣ гирифтан ва (ё) ситонидани молу мулки ғайр таалуқ дорад. Дар адабиётҳо аломати мазкур одатан ҳамчун дар гунаҳгор мавҷуд набудани ҳуқуқ ба молу мулки тасарруфшаванда ва манъ карда шудани чунин кирдорҳо бо қонуни ҷиноятӣ маънидод мегардад[362]. Аммо, аз ҷой надошани ҳуқуқи гунаҳгор ба молу мулки тасарруфшаванда худи дар мафҳуми тасарруф нишон дода шудани "молу мулки ғайр" шаҳодат медиҳад. Манъ карда шудани содир намудани чунин кирдорҳо бошад ин аломати ҷинояти дилхоҳ на ин ки танҳо тасарруф ба ҳисоб меравад. Ба андешаи М.Д. Лисова аломати ғайриқонунӣ, ки ба мафҳуми тасарруф ворид шудааст ягон мазмун надорад, зеро аз таърифи он маълум мешавад, ки ҳатто агар аломати ғайриқонуниро аз он ихтисор созем ҳам тасарруф қонунӣ буда наметавонад[363]. Аломати мазкур масалан ҳатто дар мафҳуми

[361] Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. Зери таҳрири Р.Ҳ. Раҳимзода ва И. Бобоҷонзода. – Душанбе: Эр граф, 2019. – С.128

[362] Российское уголовное право. Особенная часть М., СПАРК, 1998. − С. 141; Российское уголовное право. Особенная часть. −М., Юрист, 1997. −С. 142

[363] Лысова М.Д. Логико-структурный анализ понятий и признаков преступлений в действующем Уголовном кодексе РФ // Государство и право. 1997. № 12. − С. 74-78.

одамкушӣ (қ.1 м.104 КҶ ҶТ) номбар нашудааст. Ҳамин тавр, аломати ғайриқонунӣ дар мафҳуми тасарруф изофагӣ мебошад.

Чунин эрод ба аломати дигари тасарруф-ройгон гирфтани молу мулки ғайр низ тааллуқ дорад. Ба андешаи мо зарурияти дар мафҳуми тасарруф дохил намудани аломати ройгон гирифтани молу мулк эҳтиёҷот нест зеро: мафҳуми луғавии ройгон “муфт ба даст даровардан”, “муфт”, “бепул”[364]-ро ифода мекунад, вале дар амалияи судӣ чунин аломат ҳангоми қисман пардохт намудани молу мулки тасарруфшуда низ мавҷуд буда метавонад; аломати ройгониро аломати дигари тасарруф, ба монанди боғараз, дар бар мегирад , яъне ройгон яке аз паҳлуҳои мақсади ғаразнок ба ҳисоб меравад.

Аломати сеюми тасарруф ин гирифтан ва (ё) ситонидани молу мулки ғайр ба фоидаи гунаҳгор ё дигар шахсон шуморида мешавад. Бо шарофати аломати мазкур тарафи объективии тасарруф аз рӯи қонун акнун бе асосҳои кофӣ тавассути се ҳаракат тавсиф мегардад: 1) гирифтани молу мулк; 2) ситонидани молу мулк; 3) гирифтан ва ситонидани молу мулк ба фоидаи гунаҳгор ё шахси дигар.

Вобаста ба ин тасдиқи мазкур оид ба он ки усули асосии тасарруф “гирифтани молу мулк аз молик ё соҳиби дигар”[365] ба ҳисоб меравад, бо қонун мувофиқ нест. Гирифтан ин на усули тасарруф, балки ҳаракате мебошад, ки ҳангоми тасарруф ҷой дорад.

Инчунин ақидаи он олимоне, ки ба аломати тарафи объективии тасарруф танҳо “гирифтан”-и молу мулкро мансуб медонад[366], ба матни эзоҳи қ.1 м.244 КҶ ҶТ мувофиқат намекунад. Ақидае низ иброз мешавад, ки “гирифтан ҳама вақт бо ситонидани молу мулки ғайр ба фоидаи гунаҳгор алоқаманд мебошад”[367]. Агар ин чунин мебуд қонунгузор ҳангоми муайян намудани мафҳуми тасарруф пайвандаки “ё”-ро байни калимаҳои “гирифтан” ва “ситонидан” истифода намебурд.

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ андешае низ ҷой дорад, ки мувофиқи он “гирифтан” ва “ситонидан”-и молу мулки ғайр барои луздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ҳатмӣ буда, ҳангоми азонихудкунӣ ё исрофкорӣ танҳо “гирифтан”-и молу мулк ба фоидаи шахсони мазкур хос мебошад[368]. Аммо дар чунин ҳолат мумкин аст ба хулоса омад, ки танҳо “гирифтан”-и молу мулк ҳангоми тасарруф бархилофи муқаррароти қ.1 эзоҳи м.244 КҶ ҶТ ҷой дошта наметавонад.

[364] Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ ҷилди 2 – Душанбе, 2008. – С–168.

[365] Уголовный кодекс Российской Федерации. Научно-практический комментарий. М., Юридическая литература, 1998. С. 349

[366] Уголовное право. Особенная часть. – М., ИНФРА-НОРМА, 1998. – С. 199.

[367] Кауфман Л.Д., Максимов СВ. Уголовная ответственность за преступления в сфере экономики. – М., Юр Инфо, 1996. – С. 75

[368] Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации. – М., Юрист, 1996. – С. 398; Уголовное право Российской Федерации. Особенная часть. М., Юрист. С. 140; Владимиров В.А., Ляпунов Ю.И. Ответственность за корыстные посягательства на социалистическую собственность. – М., Юридическая литература, 1986. – С. 28

Мувофиқи боз як ақидаи дигар “гирифтан”-и молу мулк ҳангоми ҳам азонихудкунӣ ва исрофкорӣ ва ҳам қаллобӣ сурат мегирад[369]. Аммо аз чунин ҳолат низ бармоеяд, ки ягон то аз шакли тасарруф танҳо бо “ситонидан”-и молу мулки ғайр тавсиф шуда наметавонад. Чунин хулоса низ бо муқаррароти дар қ.1 эзоҳи м.244 КҶ ҶТ муайяншуда дуруст намеояд.

Ҳамин тавр, дар қ.1 эзоҳи м.244 КҶ ҶТ барои тавсиф намудани тарафи объективии тасарруф истифода шудани “гирифтан ва (ё) ситонидан” ба гумон аст, ки ба таври кофи асоснок бошад.

Ҳангоми таҳлили аломатҳои тасарруф дар қ.1 эзоҳи м.244 КҶ ҶТ ибораи дигар “ба фоида гунаҳгор ё дигар шахсон” низ омадааст. Қонунгузор мехоҳад ё намехоҳад аммо ибораи мазкур аввалан ҳадди байни тасарруф ва муваққатан гирифтани молу мулки ғайрро, ки дар ин маврид низ молу мулк “ба фоида гунаҳгор ё дигар шахсон” мегузарад, аз байн мебарад. Дуюм, ифодаи дар матни қонун истифодашуда “ё дигар шахсон” бемаъно ба назар мерасад. Барои банду басти тасарруф аҳамият надорад, ки кадом шахс аз тасарруфи молу мулк “фоида” ба даст меоварад шахси тасарруфро содир намуда ё дигар шахсон.

Аломати ҳатмии субъективии тасарруф мувофиқи қ.1 эзоҳи м.244 КҶ ҶТ мақсади ғаразнок ба ҳисоб меравад. Аммо ҳатмӣ будани чунин аломат барои баъзе аз намудаҳои тасарруф шубҳаовар мебошад. Чунки дар КҶ ҶТ як қатор меъёрҳои дигар оид ба тасарруф муқаррар шудаанд, ки аломатҳои тасарруф барои онҳо низ ба пуррагӣ татбиқ мегардад. Масалан, ба онҳо метавон тасарруфи маводи радиоактивӣ (м.194 КҶ ҶТ), тасарруфи силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ва воситаҳои таркиш (м.199 КҶ ҶТ), тасарруфи воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ ё ҳаммонанди (аналоги) онҳо (м.202 КҶ ҶТ)-ро дохил намуд. Расман чи тавре аз қ.1 эзоҳи м.244 КҶ ҶТ бармеояд, мақсади ғаразнок ба монади дигар аломатҳои тасарруф барои ҷиноятҳои зикршуда низ ҳатмӣ мебошанд. Бо чунин назардошт аз ҷумла дар Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ “Дар бораи таҷрибаи судӣ доир ба парвандаҳои марбут ба тасарруф ва гардиши ғайриқонунии силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ва воситаҳои таркиш” аз 2 октябри 2003 омадааст, ки “таҳти мафҳуми тасарруфи силоҳи оташфишон, қисмҳои такмилкунандаи он, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ё воситаҳои таркиш бояд ғайриқонунӣ, боғараз, ройгон гирифтан ва (ё) ситонидани ашёи зикршуда ба фоидаи гунаҳгор ё дигар ашхос фаҳмида шавад” (б.16). Аммо баъзе аз олимон андеша доранд, ки мақсади ғаразнок ҳангоми содир шудани тасарруфи силоҳ, маводҳои радиоактивӣ ҳатмӣ намебошад[370].

---

[369] Гладков В.А. Уголовно-правовая охрана права собственности // –Труды МГЮА. 1999. № 4. – С. 109-110.

[370] Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации. – М., Юрист. – С. 527, 538. См. также: Практикум по уголовному праву. – С. 293; В.П. Тихий. Ответственность за хищение огнестрельного оружия, боевых припасов и взрывчатых веществ по советскому уголовному праву. Харьков: в школа, 1976. – С. 90-91

Ғайр аз ин мақсади ғаразнок ба сифати аломати ҳатмӣ дар таркиби тасарруфи ҳуҷҷат, штамп, муҳр (м.339 КҶ ҶТ) номбар нашудааст.

Ҳамин тавр, на ҳама аломатҳои тасарруф, ки дар қонун зикр шудаанд, барои ҳама ҳолатҳои тасарруф ягона ва умумӣ мебошанд. Масалан, мақсади ғаразнок ҳангоми дуздӣ ҳатмӣ буда, он на ҳама вақт дар мавриди тасарруфи воситаҳои нашъадор ҳатмӣ аст; ройгон ҳангоми қаллобӣ ҳатмӣ буда, аммо ҳангоми тасарруфи маводҳои радиоактивӣ шарт нест.

Чи тавре маълум мешавад, аломатҳои дар қонунгузорӣ муайяншудаи тасарруф чандон муккаммал ва асоснок нестанд. Бинобар он ба андешаи мо хуб мебуд агар қонунгузор аз тариқи умумӣ муайян намудани мафҳуми тасарруф даст мекашид. Бар ивази кӯшиши дар қонунгузорӣ муайян намудани мафҳуми умумии тасарруф маҳдуд сохтани он бо мафҳуми ҷиноятҳои мушаххас: дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва ғ-ра ба мақсад мувофиқ мебуд. Дар баробари ин имконияти дар қонун истифода шудани “тасарруф” ҳамчун мафҳуме, ки асосан ҷиноятҳоеро, ки тарафи объективии онҳо тасарруфи молу мулки ғайрро дар бар мегирад, мумкин мебуд.

Тарафи объективии ғоратгарӣ кирдореро дар бар мегирад, ки ҳангоми он тасарруф ба таври ошкоро сурат мегирад. Тарафи объективии ғоратгарӣ аз тарафи қонунгузор ҳамчун таркиби моддии ҷиноят сохта шудааст, яъне он аз ҳаракати барои ҷамъият хавфнок ва оқибати барои ҷамъият хавфнок, инчунин робитаи сабабии байни ҳаракат ва оқибат иборат мебошад. Хусусияти тарафи объективии ғоратгарӣ усули содир намудани он ба ҳисоб меравад. Дар қонун ғоратгарӣ ҳамчун ошкоро тасарруф намудани молу мулки ғайр муайян шудааст.

Мафҳуми ошкоро содир намудани тасарруф ҳамчун усули содир намудани ҷиноят аломати асосии фарқкунандаи ғоратгарӣ ба ҳисоб меравад. В.А. Владимиров баён медорад, ки ошкоро усули гирифтани молу мулк аз соҳиби ҷабрдида ба ҳисоб меравад, вақте тасарруф дидаву дониста баръало барои ҷабрдида ё дигар шахсони ҳузурдошта содир мешавад[371].

Мафҳуми ошкоро ҳангоми тасарруф дар Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ “аз 25 июни соли 2004 “Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ,қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ” дода шудааст, ки мутобиқи он “ошкоро тасарруф кардани молу мулки ғайр, ки дар м.248 КҶ ҶТ пешбинӣ гардидааст, ин чунин тасарруфе мебошад, ки дар ҳузури соҳибмулк ё дигар шахсе, ки молу мулк дар ихтиёраш мебошад, ё ин ки дар пеши назари шахсони бегона содир шуда, шахси содиркунандаи ин ҷиноят дарк намояд, ки шахсони дар ин маврид ҳузурдошта хусусияти ғайриқонунӣ будани ҳаракатҳои ӯро фаҳмиданд, новобаста аз он ки оё онҳо дар пешгирӣ намудани ин ҳаракатҳо чора меандешиданд ё не.(б.4)

Агар шахси дар вақти ғайриқонунӣ кашида гирифтани молу мулки ғайр ҳузурдошта, ғайриқонунӣ будани ин ҳаракатҳоро намефаҳмид, ё ин

[371]Владимиров В.А. Квалификация похищений личного имущества. − М., Юрии. лит., 1974. − С. 23

ки вай хеши наздики гунаҳгор буда, аз ҳамин сабаб охирин чунин ҳисоб мекард, ки дар рафти гирифтани молу мулк аз тарафи ин шахс ба муқобилият дучор намешавад, ҳаракатҳои содиршуда бояд чун дуздӣ банду баст карда шавад. Агар шахси номбаршуда барои пешгирӣ намудани тасарруф чора андешида бошад (масалан, қатъ кардани ин ҳарактаҳои ғайриқонуниро талаб карда бошад), дар ин ҳолат ҷавобгарии гунаҳгор барои ҳаракатҳои содиршуда бо м.248 КҶ ҶТ ба амал меояд(б.5).

Ҳамин тавр, ошкоро тасарруф намудани молу мулки ғайр бо се лаҳзаи асосӣ муайян мешавад:

1) тасарруф ҳама вақт дар ҳузури ҷабрдида ё шахси сеюм, шахсони бегона нисбат ба молу мулки тасарруфшаванда содир мешавад;

2) гунаҳгор дарк менамояд, ки ошкоро амал намуда истодааст, яъне мефаҳмад, ки ҳолати содир намудани ҷиноят ба ҷабрдида ё шахсони сеюм имконият медиҳад ки на фақат хусусиятҳои зиддиҳуқуқӣ будани кирдорҳои ӯро дарк намоянд, балки барои тасарруфи молу мулк монеъ шаванд, ӯро дастгир намоянд, аммо инро сарфи назар месозад;

3) ҷабрдида ё шахсони сеюм, шахсони бегона нисбат ба молу мулки тасарруфшаванда ва шарики гунаҳгор ҳисобнашаванда дарк менамоянд, ки молу мулк тасарруф шуда истодааст.

Ду аломати аввал асосӣ, нақши ҳалкунанда дошта, аломати сеюм бошад нақши иловагӣ дорад ва дар як қатор ҳолатҳо мумкин аст умуман ҷой надошта бошад.

Ғоратгарӣ инчунин ошкоро ҳисобида мешавад, вақте ки то ба охир расидани тасарруфи пинҳони оғозгардида ҷабрдида далели тасарруф шуда истодани молу мулкро дарк менамояд, ки ин барои гунаҳгор ҳам айён мебошад[372]. Масалан: суд муайян намуд, ки шаҳрванд Д, санаи 20.12.2017 сол тахминан соати 17:00 ҳангоми дар назди маркази дилхушии «Шоҳона» воқеъ, дар суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Қазоқон қарор доштанаш бо мақсади ғоратгарӣ, яъне ошкоро тасарруф намудани молу мулки ғайр аз дасти ноболиғ «а», як адад телефони мобилӣ тамғаи «Самсунг Гранд Прайма», арзишаш 400 сомонӣ бударо тасарруф намуда, аз ҷойи ҳодиса ғайб задааст, ки дар натиҷа ба шаҳрванд Н. маблаги 400 (чорсад) сомонӣ зарари моддӣ расонидааст[373]. Дар мисоли дигар К. С. санаи 06 апрели соли 2018 тахминан соатҳои 23, 30 дақиқа, такроран бо маслиҳати пешакӣ бо ҳамроҳии ноболиғон Ю. Ф. ва Д. И. бо мақсади ошкоро тасарруф намудани молу мулки ғайр, ҳангоми дар дохили автомошинаи тамғаи «Мерседес Бенс» дар назди тарабхонаи «Сафарӣ», воқеъ дар кӯчаи Маяковскийи шаҳри Душанбе ҳаракат намуданашон, автомошинаро дар роҳи калони мошингард нигоҳ дошта, ноболиғон К. С. ва Ю. Ф. аз рӯи маслиҳати пешакӣ ба назди С. О. рафта, аз дасти шаҳрванд як адад телефони мобилии тамғаи «Айфон-6» бо арзиши 3500 сомониро бо тариқи

[372] Ераксин В.В. Ответственность за грабеж. – М., Юрии, лит., 1972. – С. 33

[373] Бойгонии суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе // Парвандаи ҷиноятии № 1-105/18.

ошкоро тасарруф намуда, аз ҷойи ҳодиса ғайб задаанд, ки дар натиҷаи ин кирдори ҷиноятиашон ба шаҳрванд С. О. ба маблағи умумии 3500 (се ҳазору панчсад) сомонӣ зарари ҷиддии молу мулкӣ расонида шудааст. Бо ҳукми суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе аз 05 июли соли 2018, К. С. бо моддаи 248 қисми 2 бандҳои «а,б,в»-и КҶ ҶТ пешбинишуда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуд[374].

Ҳамчун ғоратгарӣ тасарруф мумкин аст танҳо дар ҳолатҳое банду баст карда шавад, ки вақте он дар ҳузури ҷабрдида ё шахси молу мулк дар ихтиёри ӯ буда, ё шахсони бегона содир гардида, гунаҳгор дарк намояд, ки шахсони мазкур хусусиятҳои ҳаракатҳои ӯро дарк менамоянд, аммо ӯ чунин ҳолатро сарфи назар менамояд.

Ҳангоми ғоратгарӣ ҷабрдида дар фарқият масалан, аз қаллобӣ хусусиятҳои зиддиҳуқуқӣ будани ҳаракатҳои ҷиноятткорро дарк месозад, ҳангоми қаллобӣ бошад ҷабрдида дар натиҷаи гумроҳӣ худ ихтиёран молу мулкро дода чунин мешуморад, ки гунаҳгор дар асосӣ қонун амал намуда истодааст.

Аломати дигари ҳатмии тарафи объективии ғоратгарӣ ин оқибати барои ҷамъият хавфнок ба ҳисоб меравад. Вазнинии воқеии оқибати ҷиноят, яъне зарари бо ҷиноят расонидашуда яке аз омилҳои муҳими муайянкунандаи ба ҷамъият хавфноки ҷиноят баромад менамояд. Расман оқибати кирдор мумкин аст ба се намуд ҷудо карда шавад:

1) оқибатҳои бевосита дар қонун зикршуда;

2) оқибатҳое, ки гарчанде дар қонун номбар нашуда бошанд ҳам аммо ба ҷавобгарии гунаҳгор таъсир мерасонанд;

3) оқибатҳое, ки аз нуқтаи назари қонуни ҷиноятӣ барои баҳои ҳуқуқии ғоратгарӣ аҳамият надоранд.

Барои таҳлили мо намуди аввали оқибат аҳамият дорад, чунки ғоратгарӣ бо расонидани зарар алоқаманд мебошад. Агар зарар ба миқдори калон расонида шуда бошад он ҳамчун аломати банду баст кунандаи қ.2 м.248 КҶ ҶТ ҳисоб мешавад.

Аломати сеюми тарафи объективии ғоратгарӣ ин робитаи сабабӣ байни кирдор ва оқибат мебошад. Он ҳамчун шарти зарурии ҷавобгарии ҷиноятӣ ба шумор меравад.

Робитаи сабабӣ- ин робитаи объективона мавҷудбудаи байни кирдори ғоратгар ва оқибатҳои фаро расида мебошад, ки он ҳангоми ҷой доштани се критерия муқаррар карда мешавад:

1) доираи вақт- кирдори содиршуда аз рӯи вақт пеш аз фаро расидани оқибати хавфнок содир мешавад;

2) критерияи имконпазирӣ – оқибатҳои хавфноки чунин намуд ҳангоми содиршавии кирдорҳои чунин хусусият имконпазир аст;

---

[374] Бойгонии суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе // Парвандаи ҷиноятии № 3916/18.

3) критерияи зарурият – маҳз содир гардидани кирдор бо ногузирӣ ҳангоми шароитҳои мазкур боиси фаро расидани оқибатҳои хавфнок дар намуди зарари фаро расида мегардад.

Ба қатори аломатҳои ҳатмии тарафи объективии ғоратгарӣ қонунгузор чунин аломатҳоро ба монадӣ ҷой, вақт, восита ва олот, шароити содиршавии ҷиноятро дохил накардааст. Аммо муайян намудани ин аломатҳо дар ҳар як ҳолати мушаххаси содиршавии ғоратгарӣ тасаввурроти пурратарро дар бораи дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят ва гунаҳгор ба вуҷуд оварда метавонад ва мумкин аст ҳангоми таъин намудани ҷазо ба инобат гирифта шавад.

Мутобиқи Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ “аз 25 июни соли 2004 “Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ,қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ” ғоратгарӣ дар мавриде тамомшуда эътироф мешавад, ки агар молу мулк гирифта шуда бошад ва гунаҳгор барои аз рӯи салоҳдиди худ истифода бурдан ё ихтиёрдорӣ намудани он (масалан, молу мулки тасарруфшударо ба манфиати худ ё ба манфиати дигарон равона кунад, ё аз рӯи ғараз бо дигар тарз онро ихтиёрдорӣ наояд) имконияти воқеӣ дошта бошад (б.8).

Ҳаракатҳои ғайриқонуние, ки барои гирифтани молу мулки ғайр бе мақсадҳои ғаразнок, балки масалан, бо мақсади муваққатан истифода бурдану минбаъд ба соҳибмулк баргардонидан ё ин ки бинобар ҳуқуқи воқеӣ ё эҳтимолӣ доштан ба ин молу мулк, равона карда шудаанд, таркиби ҷинояти ғоратгариро ташкил намедиҳад. Бо назардошти ҳолатҳои кор чунин ҳаракатҳо ҳангоми ҷой доштани асосҳо бояд бо м.334 КҶ ҶТ ва дигар моддаҳои он банду баст карда шаванд.

Дар ҳолатҳое, ки агар ғайриқонунӣ кашида гирифтани молу мулк ҳангоми авбошӣ, таҷовуз ба номус ё ин ки дигар ҳаракатҳои ҷиноятkorона, содир шуда бошад, бояд муайян карда шавад, ки шахс бо кадом мақсад ин молу мулкро кашида гирифтааст.

Агар шахс мақсади ғаразнокро пеша карда бошад, ҳаракатҳои содиркардаи ӯ вобаста ба тарзи гирифтани молу мулк бояд, барои маҷмуи ҷиноятҳо мувофиқан чун ҷинояти муқобили моликият ва авбошӣ, таҷовуз ба номус ё дигар ҷиноят банду баст карда шаванд.

Хавфнокии баланди ҷамъиятии ғоратгарӣ нисбат ба дуздӣ, азонихудкунӣ, исрофкорӣ ё қаллобӣ дар дағаливу густохии он ифода мегардад, аз ин ҷо хавфнокии ҳам кирдор ва ҳам шахсияти ғоратгар зиёдтар мебошад. Молу мулки ғайрро тасарруф намуда гунаҳгор дарк менамояд, ки атрофиён хусусиятҳои ҷиноятии кирдори ӯро дарк месозанд, аммо ба ин нигоҳ накарда ӯ аз идомаи содир намудани ҷиноят бознаистода бештар ногаҳонӣ будани кирдори худ, имконияти зуд ғайб задан аз ҷойи ҷиноят, беҷуръатии шоҳидони кирдор, ки барои монеъ шудан ба содиршавии ҷиноят метарсанд ба инобат мегирад. Дағалии ҷиноятkor ҳам дар ҳолатҳое, ки тасарруфи молу мулк дар ҳузури ҷабрдида ва ҳам дар

ҳолатҳое ки ғоратгарӣ дар ҳузури шахсони сеюм, шахсони бегона нисбат ба молу мулки тасарруфшаванда содир мешавад, яктарз зоҳир мешавад. Ғайр аз ин, бояд онро ба назар гирифт, ки ошкоро тасарруф намудани молу мулк имконияти нисбати ҷабрдида ва шахсони дигар истифода шудани зӯровариро истисно наменамояд. Ҳангоми ошкоро тасарруф намудан ҷабрдида одатан дарк менамояд, ки аз молу мулкашро гирифта истодаанд. Мавҷуд будани чунин дарксозӣ дар ҷабрдида мумкин аст дар ӯ хоҳиши монеъ шудан ба тасарруфро ба вуҷуд орад. Чунин монеъшавӣ дар навбати худ метавонад боиси аз тарафи ғоратгар истифода шудани зуроварӣ нисбати дорандаи молу мулк бо мақсади гирифтани он гардад[375].

Ҳарактаҳои ғоратгар одатан бо беҳаёӣ, муносибати беэҳтиромона ба ҷабрдида ва шоҳидони имконпазир фарқ мекунад, ки ин аз густохии махсуси ҷинояткор дарак медиҳад. Гунаҳгор дар содир намудани ғоратгарӣ дарк месозад, ки ҳаракатҳои ӯ барои ҷабрдида ва шахсони дигар ки метавонанд ба ӯ монеъ шаванд ё ӯро дар ҷои ҷиноят дастгир созанд, аён аст. Бар замми ин шоҳидони содиршавии ғоратгарӣ мумкин аст гунаҳгорро фош намоянд, ба сифати шоҳид баромад кунанд. Ҳамаи инро дарк намуда ғоратгар боз имконияти истифода шудани зуроварӣро барои гирифтани молу мулки ғайр ё бартараф намудани монеъшави шоҳидони содиршавии ҷиноят истисно наменамояд[376].

Дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷинояти баррасишаванда аз бисёр ҷиҳат бо имконияти воқеии истифодашавии зӯроварӣ вобастагӣ дорад. Аммо зуроварӣ ё таҳдиди истифода шудани он ҳама вақт амалӣ намешавад. Зӯроварӣ аз ҷониби ғоратгар одатан барои бартараф намудани муқобилияти ҷабрдида бо роҳи таъсиррасонии ҷисмонӣ ё руҳӣ ба ӯ ё шахсони дигар истифода мешавад. Масалан ҳамин тавр, Судшаванда А, бо ҳамроҳии рафиқаш Ш., санаи 01-уми апрели соли 2018 тахминан соати 21:40 дақиқа аз рӯи маслиҳати пешакӣ ва нақшаи таҳрезӣ кардаашон, ҳайати гурӯҳи шахсонро ташкил дода, бо мақсади ғоратгарӣ, яъне ошкоро тасарруф намудани молу мулки ғайр бо истифодаи зӯроварӣ барои саломатӣ ва ҳаёт хавфнок нест, дар суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Гипрозем рӯбарӯи бинои 9 ошёнаҳо қарор доштанашон мебинанд, ки шаҳрванд М, дар истгоҳи автомобилгард истодааст. Сипас, аз фурсати муносиб истифода бурда, бо роҳи фиреб бо ӯ ҳамсуҳбат шуда, бо баҳонаи ба хизмати ҳарбӣ ӯро ба ҷойи торикӣ бурда, нисбати шаҳрванд М, зӯроварӣ истифода намуда, аз кисааш як адад телефони мобилии тамғаи «Самсунг 4-1», як адад телефони мобилии тамғаи Нокиа-Х-1 ва маблағи пулии 1300 сомониро тасарруф намуда, аз ҷойи ҳодиса ғайб мезананд, ки дар натиҷа бо ин кирдорашон ба шаҳрванд М, ба маблағи 2300 сомонӣ

[375] Релаксин В.В. Ответственность за грабеж. – М., Юрии, лит., 1972. – С. 24-25.

[376] Севрюков А.П. Хищения имущества: криминологические и уголовно-правовые аспекты. – М., 2004.– С.138.

зарари ҷиддии молу мулкӣ расонидаанд. Бо ҳукми суд нисбати Ш., ва А, бо моддаи 248 кисми 2 бандҳои «б,в,г» КҶ ҶТ ҷазои ҷиноятӣ таъин гардид[377].

Ошкоро тасарруф намудани молу мулки ғайр аломати ҳатмии ғоратгарӣ ба ҳисоб меравад. Тасарруф ошкоро эътироф мешавад агар он дар ҳузури молик ё дигар шахсе, ки молу мулк дар ихтиёраш мебошад содир гардида, онҳо далели содиршавии ҷиноятро дарк намоянд. Усули ошкоро тасарруф намудан дар ҳолатҳое ҷой дорад, ки вақте на танҳо гунаҳгор, балки ҷабрдида, инчунин дигар шахсони ҳузурдошта баръало самти ҷинояткорона доштани кирдорҳои дар ҳузури онҳо содиршавандаро дарк намоянд.

Ҳангоми мавҷуд будани асосҳои ҳуқуқӣ барои пешниҳод намудани талаби молу мулкии гунаҳгор ба ҷабрдида гузаштани молу мулк ба соҳиби дигар таркиби ғоратгариро ташкил намедиҳад.

Агар ҳолатҳои кор чунин бошад, ки ҷинояткор бо роҳи фиреб ё суйистифода аз боварӣ молик ё соҳиби дигари молу мулкро бовар кунонад, ки ихтиёран ба ӯ молу мулкро диҳанд, ин ҷо низ таркиби ғоратгарӣ ҷой надорад. Бо ин ғоратгарӣ аз қаллобӣ фарқ менамояд, ки ҳангоми содиршавии охирин қаллоб бо роҳи фиреб ё суйистифодаи боварӣ ҷабрдидаро ба қонунӣ будани талаботҳои худ бовар мекунонад. Баръакс, агар ҷабрдида баръало барои гунаҳгор дарк намояд, ки шахси додани молу мулкро талабкунанда дар асл бархилофи боваркунонии ӯ нисбат ба молу мулк ягон ҳуқуқ надорад, аммо бо сабаби тарси зери зуроварӣ қарор гирифтан молу мулкро диҳад чунин ҳолат таркиби ғоратгариро дорад, чунки молу мулк ба соҳибии гунаҳгор бархилофи иродаи ҷабрида мегузарад.

**Адабиёт:**

1. Бойгонии суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе // Парвандаи ҷиноятии № 1-105/18.
2. Бойгонии суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе // Парвандаи ҷиноятии № 1-383/2018
3. Бойгонии суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе // Парвандаи ҷиноятии № 3916/18.
4. Владимиров В.А. Квалификация похищений личного имущества. − М., Юрии, лит., 1974. − 208 с.
5. Гладков В.А. Уголовно-правовая охрана права собственности // −Труды МГЮА. 1999. № 4. − 107-113 с.
6. Ераксин В.В. Ответственность за грабеж. − М., Юрии, лит., 1972. – 128 с.
7. Кауфман Л.Д., Максимов СВ. Уголовная ответственность за преступления в сфере экономики. − М., Юр Инфо, 1996. − 290 с.

[377] Бойгонии суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе // Парвандаи ҷиноятии № 1-383/2018

8. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации. − М., Юрист, 1996. −824 с. Уголовное право Российской Федерации. Особенная часть. М., Юрист. С. 559; Владимиров В.А., Ляпунов Ю.И. Ответственность за корыстные посягательства на социалистическую собственность. − М., Юридическая литература, 1986. – 224 с.

9. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации. − М., Юрист.1996 – 824 с. См. также: Практикум по уголовному праву. − 293 с. В.П. Тихий. Ответственность за хищение огнестрельного оружия, боевых припасов и взрывчатых веществ по советскому уголовному праву. Харьков: в школа, 1976. – 128 с.

10. Лысова М.Д. Логико-структурный анализ понятий и признаков преступлений в действующем Уголовном кодексе РФ // Государство и право. 1997. № 12. − 253-259 с.

11. Российское уголовное право. Особенная часть М., СПАРК, 1998. – 495 с. Российское уголовное право. Особенная часть. −М., Юрист, 1997. − 454 с.

12. Севрюков А.П. Хищения имущества: криминологические и уголовно-правовые аспекты. − М., 2004. – 352 с.

13. Уголовное право. Особенная часть. − М., ИНФРА-НОРМА, 1998. – 516 с.

14. Уголовный кодекс Российской Федерации. Научно-практический комментарий. − М., Юридическая литература, 1998. – 1152 с.

15. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ ҷилди 2 − Душанбе, 2008. − 950 с.

16. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. Зери таҳрири Р.Ҳ. Раҳимзода ва И. Бобоҷонзода. – Душанбе: Эр граф, 2019. – 550 с.

# ТАҲЛИЛИ ҲУҚУҚӢ-ҶИНОЯТИИ ОБЪЕКТ ВА ПРЕДМЕТИ ВАЙРОН НАМУДАНИ ДАХЛНОПАЗИРИИ МАНЗИЛ

**Файзиев Спитамен Абдулҳақович,**
унвонҷӯйи шӯъбаи давлату ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳоваддинов, Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Тел.**: (+992) 770000550
**E-mail:** spitamen_f@mail.ru

**Роҳбари илмӣ:** Маҷидзода Ҷ.З., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Корманди шоистаи Тоҷикистон
**Муқарриз:** Маҳмадшозода Ф.А., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур объекти вайрон намудани дахлнопазирии манзил ва худи калимаи манзил таҳқиқ карда шудааст. Дар мақола инчунин мафҳуми предмети вайрон намудани дахлнопазирии манзили истиқоматӣ, ки барои бандубаст арзиши махсус дорад баррасӣ карда мешавад. Вайрон намудани дахлнопазирии манзил бо расонидани таъсири ҷинояткорона ба предмети муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки манзил аст, сурат мегирад. Ҳамзамон дахлнопазирии ҳаёти шахсиро вайрон мекунад. Табиист, ки бе дахолат ба манзил вайрон кардани дахолатнопазирии ҳаёти шахсӣ ғайриимкон аст, аз ин рӯ, чунин дахолат таъсири ҷинояткорона ба предмети муносибатҳои ҷамъиятӣ равона гардидааст. Яке аз мушкилотҳои ҷиддӣ ин «гуногунфаҳмӣ» дар қисмати муаянсозии истилоҳот дар таърифи предмети вайрон намудани дахлнопазирии манзил мебошад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ то ҳол баҳсҳо дар бораи мафҳуми ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил идома доранд. Инчунин нуқтаи назари таҳқиқотчиёни ватанӣ ва хориҷӣ оид ба мафҳуми калимаи «манзили» таҳлил ва мавриди омӯзиш қарор дода шудааст, зеро барои фаҳмидани ин калима равиши ягона вуҷуд надорад, бинобар ин дар татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ на танҳо дар қонуни ҷиноятӣ мушкилот ба миён меояд, балки дар дигар соҳаҳои хукук низ. Барои бандубасти дурусти ҷинояти вайрон намудани дахлнопазирии манзил муқаррар намудани объект ва предмети он зарур аст. Вобаста ба ин, дар мақола равишҳои гуногун вобаста ба муайян намудани объект ва предмети вайрон кардани дахлнопазирии манзил таҳлил карда шудааст.

**Калидвожаҳо:** объекти ҷиноят, дахлнопазирӣ, предмети ҷиноят, манзил, даромадан ба манзил, дахлнопазирии манзил, вайрон намудан, ғайриқонунӣ даромадани ба манзил, муносибатҳои ҷамъиятӣ, субъекти ҷиноят, қонуни ҷионятӣ, мафҳум, аломат.

# УГОЛОВНО-ПРАВОВОЙ АНАЛИЗ ОБЪЕКТА И ПРЕДМЕТА НАРУШЕНИЯ НЕПРИКОСНОВЕННОСТИ ЖИЛИЩА

**Файзиев Спитамен Абдулхакович,**
**с**оискатель кафедры государства и права Института философии, политологии и права имени А.М. Баховаддинова, Национальная академия наук Республики Таджикистан
**Тел.:** (+992) 770000550
**E-mail:** spitamen_f@mail.ru

**Научный руководитель:** Маджидзода Дж.З., доктор юридических наук, профессор, Заслуженный работник Таджикистана
**Рецензент:** Махмадшозода Ф.А., кандидат юридических наук

**Аннотация:** В данной статье исследован объект нарушения неприкосновенности жилища и само слово «жилище». В статье также исследуется понятие предмета нарушения неприкосновенности жилища, имеющего особую ценность. Нарушение неприкосновенности жилища совершается путем преступного воздействия на предмет общественных отношений, которым является жилище. В то же время это нарушает неприкосновенность личной жизни. Естественно, не проникая в жилище невозможно нарушить неприкосновенность личной жизни, поэтому криминальное воздействие сосредоточено на предмете общественных отношений. Одной из серьезных проблем выступает терминологический «разнобой» в части определения предмета нарушения неприкосновенности жилища. В правовой литературе до сих пор продолжаются споры о понятии права неприкосновенности жилья. Также анализируются и изучаются разные точки зрения отечественных и зарубежных исследователей по поводу определения слова «жилище», так как нет единого подхода в понимании указанного слова, то возникают проблемы в применении нормативных правовых актов не только в уголовном праве, но и других юридических отраслях. Для правильной квалификации преступления нарушения неприкосновенности жилища необходимо установление ее предмета и объекта. В связи, с чем, в статье анализируются различные подходы к определению объекта и предмета нарушения неприкосновенности жилища.

**Ключевые слова:** объект преступления, неприкосновенность, предмет преступления, жилище, проникновение в жилище, неприкосновенность жилища, нарушение, незаконность проникновения в жилое помещение, общественные отношения, субъект преступления, уголовный закон, понятие, признак.

# CRIMINAL AND LEGAL ANALYSIS OF THE OBJECT AND THE SUBJECT OF THE VIOLATIONS OF THE HOME INVIOLABILITY

**Fayziev Spitamen Abdulhaqovich,**
applicant of the Department of State and Law, Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A.M. Bahovaddinov, National academy of sciences of the Republic of Tajikistan
**Phone:** (+992) 770000550
**E-mail:** spitamen_f@mail.ru

**Academic adviser:** Majidzoda J. Z., doctor of legal sciences, professor, Honored Worker of Tajikistan
**Reviewer:** Mahmadshozoda F.A., candidate of legal sciences

**Abstract:** In a scientific article, the object of violation of the inviolability of the home and the word “dwellings” itself are investigated. The article also examines the concept of the subject of violation of the inviolability of a dwelling, which is of particular value. Violation of the inviolability of the dwelling is committed by criminal influence on the subject of social relations, which is the home. At the same time, it violates privacy. Naturally, without entering dwelling it is impossible to violate the inviolability of personal life, therefore the criminal impact is focused on the subject of public relations. One of the serious problems is the terminological “inconsistency” in the definition of the subject of violation of the inviolability of the home. In the legal literature, disputes about the concept of the right to the inviolability of housing are still ongoing. Also, different points of view of domestic and foreign researchers regarding the definition of the word “dwelling” are analyzed and studied, since there is no single approach to understanding this word, problems arise in the application of normative legal acts not only in criminal law, but also in other legal branches. For the correct qualification of a crime, violation of the inviolability of a home, it is necessary to establish its subject and object. In this connection, the article analyzes various approaches to the definition of the object and the subject of violation of the inviolability of the home.

**Keywords:** object of crime, inviolability, subject of a crime, dwelling, penetration into a dwelling, inviolability of a dwelling, violation, illegality of entry into a dwelling, public relations, subject of a crime, criminal law, concept, sign.

Сохти таркибии ҳар як ҷиноят аз чор унсури асосӣ – объект, тарафи объективӣ, субъект ва тарафи субъективии ҷиноят иборат мебошад[378]. Бандубасти дурусти ҷиноятҳо бе муайян кардани объекти ҷиноят

[378]Кудратов Н.А Ҷиноятҳо ба муқобили ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд. — Душанбе, 2013 г., – 16 с.

ғайриимкон аст. Муайян намудани объекти ҷиноят ба мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда имконият медиҳад, ки моҳияти кирдорҳои ба ҷамъият хавфнок дуруст дарк карда шавад. Дар адабиёти илмӣ ба сифати объекти ҷиноят бештар муносибатҳои ҷамъиятӣ эътироф мегарданд. Ҳамин тавр, дар адабиёти илмӣ объекти ҷиноят – «муносибатҳои ҷамъиятие дониста мешаванд, ки аз ҷониби қонунгузории ҷиноятӣ ҳифз мегарданд»[379].

Сохтори муносибатҳои ҷамъиятӣ робитаи иҷтимоиеро дар бар мегирад, ки субъектҳое, ки байни онҳо ин робита вуҷуд дорад ва инчунин мавзӯе, ки муносибатҳо дар бораи он ташаккул меёбанд. Нақши предмет (ашё) дар он аст, ки он барандаи муносибатҳои муайяни ҷамъиятӣ буда, ҳамчун асос муносибатҳои байни одамон хизмат мекунад, доираи муайянкунандаи мавқеи субъектҳо дар робитаи мушаххас, хусусияти фаъолияти онҳо дар ин мавзӯъ. Ҳамин тариқ, таҷовуз ба ашё ҳамеша таҷовуз ба муносибате мебошад, ки нисбати ин ашё дода шудааст.

Объект муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки дахлнопазирии манзилро таъмин мекунад, дар ин ҳолат ҳуқуқи шахс барои амалисозии ҳаёти шахсии худ дар манзилаш мебошад. Ҳамин тавр вақте, ки дахлнопазирии манзил вайрон мегардад, дахолатнопазирии ҳаёти шахсии истиқоматкунандагони он вайрон карда мешавад. Ҳангоми вайрон намудани дахлнопазирии манзил ду ҳуқуқи конститутсионии шаҳрванд: ҳуқуқ ба манзил ва ҳуқуқ ба даҳлнопазирии манзил вайрон карда мешаванд.

Дахлнопазирии манзил бояд на танҳо дар ҳолатҳое таъмин карда шавад, ки шахс соҳибмулк бошад ё ин манзилро тибқи шартномаи иҷора ё дигар асосҳои ҳуқуқӣ ишғол намояд, балки инчунин ҳангоми истифодаи воқеии манзил (бе ба расмиятдарории ҳуқуқ ба бино). Масалан, бе қарори суд дар хонаи худсарона сохташуда, кофтуков гузаронидан мумкин нест[380].

Ҳуқуқ ба манзил ва ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил бо ҳам алоқаманд мебошанд, аммо аз якдигар тафовут доранд. Агар субъект ҳуқуқ ба манзил дошта бошад, пас ӯ, бешубҳа дорои ҳуқуқи дахлнопазирии манзил мебошад. Аммо бояд қайд намуд, ки ҳатто дар ҳолатҳои қатъ гардидани ҳуқуқ ба манзил ҳуқуқи дахлнопазирии манзил қатъ намегардад, ин ҳуқуқи шахсро танҳо дар асоси санади судӣ маҷбуран қатъ намудан мумкин аст.

Мавриди зикр аст, ки иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба таъмини дахлнопазирии манзили шахсони воқеӣ ё шахси ҳуқуқӣ мебошанд, аз ҷумла: давлат, мақомоти ваколатдори он, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, коллективҳои меҳнатӣ, шаҳрвандон, хориҷиён, шахсони бе шаҳрвандӣ. Субъектҳои муносибатҳои ҷамъиятие, ки бо вайрон кардани дахлнопазирии хона алоқаманданд, аз як тараф шахсоне мебошанд, ки ҳуқуқи истифода, соҳибӣ ё ҳуқуқи молумулкӣ ба манзили истиқоматӣ доранд, аз тарафи дигар шахсони воқеие мебошанд, ки ба синни

[379] Сафаров А.И., Саидов Ш.Н., Кудратов. Н.А. Ҷиноятҳои иқтисодӣ: воситаи таълимӣ. – Душанбе 2015 с., – 6 с.

[380]Лопаткина Н. Реализация принципа неприкосновенности жилища в уголовном судопроизводстве / Н. Лопаткина // Рос, юстиция. 2003 г. № 11., – 51 с.

ҷавобгарии ҷиноятӣ расида, ҳуқуқи дахлнопазирии манзилро вайрон намудаанд.

Баррасии объекти ҷиноят ҳамчун муносибатҳои ҷамъиятӣ ба шарҳи мантиқии механизми расонидани зарар ба он имкон медиҳад. Таъсири ҷиноятӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ танҳо тавассути таъсири мустақим ба ҳама унсурҳои муносибатҳо амалӣ карда мешавад: ба субъекти муносибат масалан, дар куштор; ба предмети муносибат, масалан дар ҷиноятҳои зидди моликият; дар натиҷа вайрон гаштани ҳуқуқҳои тарафи дигар, саркашӣ аз хизмати ҳарбӣ.

Объекти ҷиноятро ба таври амудӣ ба умумӣ ва ба таври уфуқӣ дар сатҳи объекти бевосита бошад ба объекти асосӣ, иловагӣ ва факултативӣ ҷудо мекунанд.

Тибқи андешаи А.И.Чучаев, объекти умумии ҷиноят ин маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад, ки таҳти ҳимояи қонуни ҷиноятӣ қарор доранд. А.Н. Красиков қайд менамояд, ки зери мафҳуми умумии ҷиноятҳо маҷмӯи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд фаҳмида мешавад. Мавқеи баррасии объектҳои умумӣ, натиҷа ва намудии ҷиноятҳо ҳамчун муносибатҳои иҷтимоӣ, тавре ки дар боло қайд гардид, асоснок мебошанд.

Ҳангоми муайян намудани объекти бевосита, муҳаққиқон нуқтаи назари гуногунро изҳор мекунанд. В.Н. Винокуров[381], В.Н. Шелестюков[382] чунин мешуморанд, ки объекти бевоситаи вайрон намудани дахлнопазирии манзил имконияти шахс барои озодона амалӣ кардани ниёзҳои моддӣ ва маънавии худ мебошад, ки ба ҳаёти шахсии ӯ тааллуқ доранд. Чунин имкониятро ба шахс ҳуқуқ ба манзил таъмин менамояд, ки ба ҳуқуқи субъективии дахлнопазирии манзил табдил меёбад. Нуқтаи назари мазкур баҳснок мебошад, зеро чунин ниёзҳои шахс на танҳо дар манзил, балки дар як бино (офис, қаҳвахона ва ғайра) амалӣ кардан мумкин аст.

Бештари муҳаққиқон ҳангоми таҳлили объекти бевоситаи вайрон намудани дахлнопазирии манзил назарияи муносибатҳои ҷамъиятиро дастгирӣ менамоянд.

Тибқи ақидаи В.Ю. Малахова, Р.И. Расулов объекти бевоситаи ин ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки ҳангоми аз ҷониби шаҳрванд амалӣ намудани ҳуқуқ ба манзил ба вуҷуд меоянд[383].

Ба андешаи Э.Ю. Авшеев объекти бевоситаи ин ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки ҳифзи манзилро аз воридшавии ғайриқонунӣ таъмин мекунанд.

Ба андешаи мо, объекти бевоситаи ин ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти шахсии шахс мебошад (маҳрамона, оилавӣ, тиҷоратӣ ва ғайра), ки тавассути амалӣ намудани талабот ба манзил ба

---

[381]Винокуров В. Значение непосредственного объекта преступления, предусмотренного ст. 139 УК РФ, для определения понятия «жилище» / В. Винокуров, В. // Уголовное право. 2006. № 1. – 18 с.

[382] Шелестюков В. Н. Значение непосредственного объекта преступления, предусмотренного ст. 139 УК РФ, для определения понятия «жилище» // Уголовное право. 2006. № 1. Указ. соч., – 53 с.

[383] Малахова В. Ю. Уголовно-правовая охрана неприкосновенности жилища в Российской Федерации: дис. канд. юрид. наук / В. Ю. Малахова; Моск. акад. МВД России. – М., 2001. – 66 с.

вуҷуд меоянд. Вайрон намудани дахлнопазирии манзил пеш аз ҳама ба вайрон намудани ҳаёти шахсии инсон, ки дар дохили манзил ба вуҷуд меояд, равона гардидааст.

Зери мафҳуми ҳаёти шахсӣ дар ин маврид бояд фаъолияти ҳаётии шахс дар соҳаи оилавӣ, шахсӣ ва муносибати маҳрамона фаҳмида шавад, ки таҳти назорати давлат, созмонҳо ва шаҳрвандон қарор дошта наметавонад. Ҳаёти шахсӣ дар манзил амалӣ мегардад ва танҳо ба як шахс тааллуқ дорад, ки танҳо ӯ метавонад мустаъқилона доира ва ҳудуди онро, аз ҷумла маълумоти маҳрамона ва дигар маълумотҳоро дар бораи зиндагӣ муайян намояд[384]. Илова бар ин, ҳаёти тиҷоратии шахс метавонад қисман дар манзил сурат гирад.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ инчунин се намуди объекти бевоситаро ҷудо менамоянд (таснифоти "уфуқӣ"): асосӣ, иловагӣ ва факултативӣ. Зарурат ба чунин таснифот вақте ба миён меояд, ки ҳамон як ҷиноят ҳамзамон якчанд муносибатҳои ҷамъиятиро вайрон мекунад.

Муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки предмети объекти ҷинояти баррасишаванда метавонанд объекти факултативии ин ҷиноят бошанд. Дар қ.2 м. 147 КҶ ҶТ барои вайрон кардани дахлнопазирии манзил, ки бо истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он содир шудааст, ҷавобгарӣ пешбинӣ гардидааст. Дар ин ҳолат, зарар ба муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи ҳаёти шахсӣ, ки тавассути манзил таъмин карда мешаванд, инчунин муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки дахлнопазирии ҷисмонӣ ва рӯҳии инсонро таъмин месозанд, расонида мешавад. Дар сурати вайрон кардани ҳуқуқи дахлнопазирии манзил аз ҷониби шахс бо истифода аз мақоми хизматӣ (қ. 3 м. 139 КҶ ҶТ) дар баробари объекти асосӣ инчунин ба муносибатҳои ҷамъиятие заррар расонида мешавад, ки фаъолияти мӯътадили мақоми давлатиро, ки дар он ин шахс фаъолият менамояд, таъмин мекунад.

Дар сурати вайрон кардани дахлнопазирии манзил бо истифода аз мақоми хидматӣ, объекти факултативӣ метавонад муносибатҳои ҷамъиятӣ бошанд, ки манфиатҳои қонунӣ ва тартиби фаъолияти корхонаҳо ва ташкилотҳои ғайридавлатии тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратиро таъмин кунанд.

Дар сурати вайрон кардани дахлнопазирии манзил, молу мулк вайрон ё нест карда шавад ё ба саломатӣ зарари миёна ва вазнин расонида шавад, пас дар ин ҳолат баҳодиҳии мустақили ҳуқуқӣ-ҷиноятиро тақозо менамояд. Ҳамин тавр объекти ҷиноят аломати асосии таркиби ҷиноят бошад, пас предмети ҷиноят аломати факултавии ҷиноят мебошад. Аммо, бояд предмети муносибатҳои ҷамъиятиро аз предмети ҷиноят, ки метавонад бо ҳама гуна унсурҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ алоқаманд бошад, фарқ кардан лозим. Мавҷудияти предмети ҷиноят тибқи м. 147-и КҶ ҶТ баҳснок аст. В.Ю.Малахова, Е.Ю. Авшеев. дар таҳқиқоти диссертатсионии худ чунин мешуморанд, ки манзил, бешубҳа, метавонад

[384] Шевченко И. А. Уголовно-правовая охрана неприкосновенности частной жизни: автореф. дис. ... канд. юрид. наук / И. А. Шевченко. – Красноярск, 2005. – 23 с.

ба предмети ҷиноят мансуб дониста шавад[385]. Ҳамин тавр, мушкилот дар фаҳмиши якхела оид ба манзил ба вуҷуд меояд, аз як тараф, он ҳамчун предмети ҷиноят, аз тарафи дигар ҳамчун макони содир гардидани ҷиноят тавсиф мегардад.

Ба андешаи муҳаққиқон, мушаххас намудани муҳтавои мафҳуми "манзил" барои бандубасти дурусти моддаи баррасишаванда муҳим мебошад. Тибқи луғати С.И. Ожегов "манзил" - як биное, ки дар он зиндагӣ мекунанд, метавон зиндагӣ кард[386] тавсиф дода мешавад.

Дар қонунгузории амалкунанда мафҳуми "манзил" бори аввал дар м. 147 КҶ ҶТ дар соли 2004 бо Қонуни ҶТ "Дар бораи ворид намудани тағйирот ва иловаҳо ба баъзе санадҳои қонунгузории вобаста ба ратификатсияи Конвенсия оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ" ворид гардид.

Мувофиқи моддаи мазкур дар зери мафҳуми манзил дар ҳамин ва дигар моддаҳои КҶ ҶТ хонаи истиқоматии фардӣ бо биноҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматии ба он дохилшаванда, бинои истиқоматӣ новобаста аз шакли моликият ба фонди манзил дохилшаванда, ки барои истиқомати доимӣ ё муваққатӣ мувофиқ аст, ҳамчунин дигар бино ё сохтмони ба фонди манзил дохилнашаванда, вале барои истиқомати муваққатӣ таъин гардидааст, фаҳмида мешавад.

Бояд қайд намуд, ки мавҷудияти меъёрҳои гуногун, рӯйхати васеи ашёи марбут ба манзил, дар амал мухолифатҳо ва душвориҳои гуногунро дар тафсири ин мафҳум ба вуҷуд меоранд. Ҳамин тариқ, масъалаи тасниф кардани биноҳое, ки ба фонди манзил дохил намешаванд, хеле мушкил аст. Ба ин гуна биноҳо хонаҳое дохил мешаванд, ки бо мақсадҳои иқтисодӣ сохта шудаанд, аммо бо тартиби муқарраргардида ба қайд гирифта нашудаанд ва бинобар ин қонунан мақоми бинои истиқоматиро надоранд; биноҳои худсарона ё иншооти сохтмони нотамом, ки барои зиндагӣ истифода мешаванд. Дар амалияи судӣ чунин ҳолат рух дода буд, ки маҳкумшуда П. бо тариқи ҳимоячии худ аз рӯи ҳукми судӣ, шикояти кассатсионӣ ва назоратӣ пешниҳод намуда, ишора кард, ки хонае, ки ӯ ба он ғайриқонунӣ ворид гашта буд аз ҷониби комиссияи давлатӣ қабул нагардидааст ва ба фонди манзил дохил карда нашуда буд. Мавҷудияти объектҳое, ки ба фонди манзил дохил карда нашудаанд, аз ҳад зиёд мебошанд, зеро бинобар монеаҳои бюрократӣ, бисёр одамон бо он мушкилот дучор мегарданд, ки биноҳои худро қонунӣ карда наметавонанд. Солҳои зиёд одамон дар хонаҳое, ки ба истифода дода нашудаанд, зиндагӣ мекунанд. Масалан, бинобар инкишофи ба суръати аз нав сохта шудани биноҳои шаҳри Душанбе, ҳолатҳое зиёде ба назар мерасанд, ки то итмом нарасидани сохтмон ва супоридани бино ба комиссияи қабул, аз тарафи

[385] Авшеев Э. Ю. Уголовно-правовая охрана права не неприкосновенность жилища: автореф. дис. ... канд. юрид. наук / Э. Ю. Авшеев ; Ростов, юрид. ин-т МВД. – Ростов на/Д, 2005г., – 8 с.
[386] Ожегов С. И. Словарь русского языка: 70 000 слов / С. И. Ожегов; под ред. Н. Ю. Шведовой. 21-е изд.,перераб. и доп. – М., 1989 г., – 197 с.

шаҳрвандон, утоқҳои алоҳидаи ба онҳо дар асоси танҳо шартномаи сохтмони ҳиссагӣ дар истиқомати манзил, бе гирифтани ҳуҷҷатҳои расмӣ, аз ҷумла шиносномаи техникӣ, таъмир карда, кӯчида зиндагӣ мекунанд. Аксарияти чунин ҳолатҳо вазъи душвори иқтисодии шаҳрванд, ки бе гирифтани ҳуҷҷатҳои расмӣ ба ҳуҷраи истиқоматии худ мекӯчад, мебошад.

Бисёр таҳқиқотчиён мафҳуми “манзил”-ро хеле васеъ шарҳ медиҳанд. Масалан, И.Л. Петрухин мафҳуми “манзил”-ро на танҳо ба утоқҳои истиқоматӣ, балки ба ҷойҳои умумӣ (долон, ошхона, ҳаммом, балкон), таххона ва болохона, веранда, биноҳои ёрирасон, биноҳои ёрирасони маишӣ, хайма, мошин, утоқи алоҳида дар беморхона, шикор, хонаи боғ, гаражи шахсӣ, купе, кабина, ҳуҷраҳо дар меҳмонхона, осоишгоҳ, хонаи истироҳат[387], меҳисобанд.

Таҳқиқотчиёни дигар инчунин ба манзил меҳмонхона, санатория, хонаи истироҳат, пансионат, хаймазанӣ, дигар биноҳои шабеҳ, инчунин кабинаи пароход, купеи қатора, гараж, ҳамчун манзил бо роҳи ғайриқонунӣ дохил шудан ба автомобил, хаймаи сайёҳӣ ва дигар биноҳое, ки шахс муваққатан дар он қарор дорад, дохил менамоянд[388].

В.Н. Шелестюков, В.Н. Винокуров манзилро ҳамчун бинои истиқоматии инфиродӣ, ки ба он манзилҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ дохил карда шудаанд, бинои истиқоматӣ новобаста аз шакли моликият, ҳам ба фонди манзил дохил карда шудаанд ва ҳам ба он дохил нашудаанд, барои истиқомати доимӣ ё муваққатӣ мувофиқ ё мутобиқ кардашуда, инчунин дигар биноҳо ё иншооти ҳамсоя ба манзил ва қисми ҷудонашавандаи он, ки барои истиқомати муваққатӣ пешбинӣ шудааст, мувофиқ ё мутобиқ карда шудааст, новобаста аз истиқомати воқеӣ, инчунин макони будубоши муваққатиро дохил менамояд[389]. Ҳангоми тавсифи мафҳуми “манзил”, муҳаққиқон мундариҷаи аломати “мувофиқат” чунин мазмунро дохил мекунанд: а) мутобиқшавӣ барои шабгузаронӣ ва ҷойгиршавии амволи муайян дар он барои қонеъ кардани ниёзҳои рӯзмарра; б) набудани дастрасии озод ба бино (мавҷудияти деворҳо, дарҳо). Аммо аз рӯи чунин хусусият комилан биноҳо ба манзил дохил мешаванд: гараж, таххона ва ғайра. Ҳамин тавр, хусусияти “мувофиқ будан” ё “мувофиқат кардан”-и манзил барои зиндагӣ дар маънои ҳуқуқии ҷиноятӣ наметавонад ба таърифи мафҳуми “манзил” дохил карда шавад.

Агар калимаи “манзил”, тарҷума аз калимаи русӣ “жилище”, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, истифода бурда мешавад, аз рӯйи тарҷумаи фарҳангӣ баррасӣ намоем, маълум мешавад, ки тарҷумаи калимаи мазкур мафҳуми пурраи, он чизеро ки бо забони русӣ рост меояд,

---

[387]Петрухин И. Л. Личная жизнь: пределы вмешательства. С. 94; Петрухин И. Л. Личные тайны: (человек и власть) / И. Л. Петрухин; Ин-т государства н права Рос. акад. наук. – М., 1998 г. – 95 с.

[388] Бондарь И. В. Тайна частной жизни н право граждан на неприкосновенность жилища: техн.-юрид. аспекты формулирования / И. В. Бондарь // Проблемы юридической техники : сб. ст. / под ред. В. М. Баранова. – Н. Новгород, 2000 г. – 49 с.

[389] Шелестюков В. Н. Уголовно-правовые средства обеспечения неприкосновенности жилища: автореф. дис. канд. юрид. наук/В. Н. Шелестюков. – Красноярск, 2006 г. – 9 с.

дар бар намегирад. Инчунин калимаи “манзил” дар забони тоҷикӣ дигар маъноро ҳам дар бар мегирад. Аз ҷумла мутобиқи Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ зери таҳрири Д. Саймиддинов, С.Д.Холматова, С. Каримов, вожжаҳои “манзил” ва “манзилгоҳ” якреша буда, баробар ба маънои бинои истиқоматӣ, хонаи истиқоматӣ, ҳуҷраи истиқоматӣ, ҷои истиқомат, истгоҳ, ҷойи истодан боз маънои қабристон (манзили охират), ҷойи дафн, қабр пешбинӣ шудааст[390].

Фарҳанги ислоҳоти ҳуқуқ зери таҳрири академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон М.А. Маҳмудов, калимаи “манзил”-ро дар алоҳидагӣ тамоман баррасӣ намекунад ва танҳо бо ҳамроҳи дигар калима аз ҷумла, “манзили идоравӣ” бо маънои навъи истиқоматие, ки ба фонди манзили дар ихтиёри ҳукуматҳои маҳаллӣ, вазоратҳо, комитетиҳои давлатӣ, идораҳо таъллуқ дошта, ба фонд манзили идоравӣ дохил мешавад, қайд мекунад[391]. Лекин калимаи русии “жилище” дар фарҳанги мазкур ҳамчун калимаи “истиқоматгоҳ” бо маънои “дар ҳуқуқи конститутсиони ҷойи интихоб шудае дар назар дошта мешавад, ки махсус барои зиндагии озоди инсон таъйин шудааст. Мафҳуми констутсионӣ-ҳуқуқии “истиқоматгоҳ” аз “манзили истиқоматӣ” васеътар аст, зеро он на фақат ҳонаҳои истиқоматӣ (дигар қисмҳои ба он мансуб), балки дигар иншоотеро дар бар мегирад, ки барои зистан чун анъана истифода мешаванд (масалан, капаҳои лӯлиён, ялангиҳо ва ғайра). Таҷрибаи суди хориҷӣ ба истиқоматгоҳҳои мувофиқи конститутсияи ҳифзшаванда манзилгоҳҳои худсохт, шалашҳоро низ дохил мекунад, ки агар онҳо ба сифати хона барои зиндагии инсон хизмат мекунад. Бо андешаи олими мазкур меҳмонхона, беморхона, маҳбас- ҳамчун истиқоматгоҳ ба ҳисоб намераванд. Илова бар ин академик М.А. Маҳмудов калимаи “Истиқоматгоҳи иловагӣ” ҳамчун сохтмони алоҳидае, ки ба муҳлати дуру дарози хизмат пешбинӣ шуда, ҳамагӣ ва ё на кам аз нисфи он барои зиндагӣ таъйин гардидаастро, муайян мекунад[392]. Чунин нуқтаи назар, яъне ҳаммаънои калимаи русии “жилище” ба калимаи тоҷикии «истиқоматгоҳ», ки пурра мафҳуми калимаи мазкурро дар бар мегирад, дар таҳқиқотҳои худ олимони соҳаи филология ва ҳуқуқшиносӣ тарафдор мебошанд[393]. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ зери тахрири Сайфиддин Назарзода ва дигар олимон, калимаи “манзил”-ро ҳамчун ҷои - фуруд омадан, фуромадгоҳ, истгоҳ, маскан, хона, қабристон, ки мазмунан байни ҳамдигар фарқияти калон доранд, маънидод

---

[390] Фарҳанги тоҷики ба русӣ нашри дувум бо илова, такмил ва ислоҳ, зери таҳрири Д.Саймиддинов, С.Д.Холматова, С.Каримова, – Душанбе, 2006. – 330 с.

[391] Фарҳанги ислоҳоти ҳуқуқ (нашри дуюм), зери таҳрири академики Академияи ҶТ., д.и.ҳ., профессор, ҳуқуқшиноси шоистаи ҶТ, Маҳмудов М.А., – Душанбе “Эр-граф”, 2009. – 275 с.

[392] Фарҳанги ислоҳоти ҳуқуқ (нашри дуюм), зери таҳрири академики Академияи ҶТ., д.и.ҳ., профессор, ҳуқуқшиноси шоистаи ҶТ, Маҳмудов М.А., – Душанбе “Эр-граф”, 2009. – 186-187 стр.

[393] Шокиров Т.С. Фарҳанги тоҷикӣ-русии истилоҳоти ҳуқуқ. – Ҳуҷанд:2013, – 73 с.

кардаанд. Калимаи “истиқоматгоҳ” бошад аз тарафи олимони мазкур аниқ ҳамчун маҳали истиқомат, ҷои зист, манзил муайян карда шудааст[394].

Ҳамин тавр таҳқиқот нишон дод, ки ҳеҷ як аз муҳаққиқон ва олимон, мафҳуми пурраи калимаи “манзил” -ро надодаанд. Инчунин қайд кардан зарур аст, ки калимаи “манзил” барои истифода дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, маънои маҳдуд дошта, пурра эквиваленти (баробари) калимаи дар қонунгузории Федератсияи Русия истифода шудаи “жилище”шуда наметавонад.

Бинобар ин, баҳри мушаххас намудани мафҳуми манзил, ки дар моддаи 147 КҶ ҶТ оварда шудааст, коркард ва ё истинод ба мафҳумҳои “манзил” “фонди манзил”, “бинои истиқоматӣ” ва ғайра истинод ба қонунгузории соҳавӣ зарур аст. Аммо, ҳангоми истифодаи мафҳум аз қонунгузории манзил мутобиқсозии онҳо зарур аст.

Дар ниҳоят, “манзил”-ро (истиқоматгоҳ) истифода бурда, он хона ва манзилро дар назар дорем, ки дар он ҳуҷҷатҳои шахсӣ, мукотиба, аксҳо, аудио, сабти видео ва дигар ашёи шахсӣ, аз ҷумла либос, таҷҳизоти электронӣ, дастгоҳҳои алоқа, таҷҳизоти шахсии гигиена, зарф, ки ба шахс бевосита тааллуқ доранд, нигоҳ дошта мешаванд, ифода меёбад. Манзил (истиқоматгоҳ) инчунин як фазое мебошад, ки дар он ҳаёти шахсии инсон сурат мегирад: ҳаёти оилавӣ, ҳаёти маънавӣ (хондани китобҳо, тамошои филмҳо, иҷрои расму оинҳои динӣ, хобу хез ва дигар фаъолиятҳо), муошират (муошират бо аъзоёни оила, дӯстон, ҳамкорон) ва ғайра. Агар чунин аломатҳо ҷой надошта бошад манзил (истиқоматгоҳ) низ фаҳмида намешавад. Масалан, як хонаи истиқоматӣ, ки ҳамчун анбор истифода мегардад, набояд ба сифати манзил тавсиф карда шавад, зеро, яке аз хусусиятҳои асосии манзил ба маънои ҷиноӣ-ҳуқуқӣ ин қобилияти таъмини дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ мебошад.

Инчунин дар амал ҳангоми ҳифзи дахлнопазирии манзил (истиқоматгоҳ) дар биноҳои истиқоматии инфиродӣ, ки дорои биноҳои ёрирасон мебошанд, мушкилот ба вуҷуд меоянд. Аммо тибқи эзоҳи м. 147 КҶ ҶТ ба монанди хонаи истиқоматии фардӣ бо биноҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматии ба он дохилшаванда зикр гардидааст. Ҳамин тавр, биноҳои ёрирасоне, ки ба бинои истиқоматӣ дохил намешаванд, мувофиқи ин таърифҳо ба манзил тааллуқ надоранд.

Дар тавсифи биноҳои истиқоматӣ аҳамиятнок инчунин далели ба объекти амволи ғайриманқул дохил гардидани онҳо зеро аз ин рӯ бо замин зич алоқаманданд. Аз ин рӯ, метавон тахмин кард, ки қитъаи замине, ки дар он бинои истиқоматӣ ҷойгир аст, низ бояд дахлнопазир бошад. Аммо, як шарти дигар бояд таъмин карда шавад: чунин замин бояд бо таври дигар возеҳ нишон дода шавад, ки воридшавӣ ба ин ҳудуд бе иҷозати соҳибмулк маън аст. Зеро худи қитъаи замин дахлнопазир буда наметавонад.

---

[394] Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ, ҷилди 1, (ншри дувум) зери таҳрири Сайфиддин Назарзода, Аҳмадҷон Сангинов, Саид Каримов, Мирзо Ҳасани Султон: – Душанбе, 2010. – 584 с.

Дар хулоса бояд қайд намуд, ки объекти бевоситаи вайронкунии дахлнопазирии манзил (истиқоматгоҳ) муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи ҳаёти шахсии инсон мебошанд, ки тавассути манзил (истиқоматгоҳ) ва дигар объектҳои моликияти он таъмин карда мешаванд.

Предмети ҷиноят манзили (истиқоматгоҳ) истиқоматии фардӣ бо биноҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматии ба он дохилшаванда, бинои истиқоматӣ, ҷои иқомат, новобаста аз шакли моликият ва новобаста ба фонди манзил дохилшаванда, инчунин дигар объектҳои моликият мебошад.

Мафҳуми "манзил" (истиқоматгоҳ) ду намуди биноҳоро дар бар мегирад: 1) биноҳои истиқоматӣ, ки ба фонди манзил дохил мешаванд (новобаста аз шакли моликият); 2) бино ё иншооти дигаре, ки ба фонди манзил дохил карда нашудаанд. Ҳарду намуди биноҳо барои истиқомати доимӣ ё муваққатӣ пешбинӣ шудаанд ва махфиятро таъмин мекунанд.

**Адабиёт:**

27. Авшеев Э. Ю. Уголовно-правовая охрана права не неприкосновенность жилища: автореф. дис. ... канд. юрид. наук / Э. Ю. Авшев ; Ростов, юрид. ин-т МВД. — Ростов на/Д, 2005г., — 31 с.

28. Бондарь И. В. Тайна частной жизни н право граждан на неприкосновенность жилища: техн.-юрид. аспекты формулирования / И. В. Бондарь // Проблемы юридической техники : сб. ст. / под ред. В. М. Баранова. – Н. Новгород, 2000 г. – 497 с.

29. Винокуров В. Значение непосредственного объекта преступления, предусмотренного ст. 139 УК РФ, для определения понятия «жилище» / В. Винокуров, В. // Уголовное право. 2006. № 1. – 298 с.

30. Кудратов Н.А Ҷиноятҳо ба муқобили ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд. –Душанбе, 2013 г., – С. 368

31. Лопаткина Н. Реализация принципа неприкосновенности жилища в уголовном судопроизводстве / Н. Лопаткина // Рос, юстиция. 2003 г. № 11., – 524 с.

32. Малахова В. Ю. Уголовно-правовая охрана неприкосновенности жилища в Российской Федерации: дис. канд. юрид. наук / В. Ю. Малахова; Моск. акад. МВД России. – М., 2001. – 660 с.;

33. Ожегов С. И. Словарь русского языка: 70 000 слов / С. И. Ожегов; под ред. Н. Ю. Шведовой. 21-е изд.,перераб. и доп. – М., 1989 г.,– 1971 с.

34. Петрухин И. Л. Личная жизнь: пределы вмешательства // И. Л. Петрухин; Ин-т государства н права Рос. акад. наук. – М., 1998 г. – 225 с.

35. Сафаров А.И., Саидов Ш.Н., Кудратов. Н.А. Ҷиноятҳои иқтисодӣ: воситаи таълимӣ. – Душанбе 2015 с., – 435 с.

36. Фарҳангиислоҳоти ҳуқуқ (нашри дуюм), зери таҳрири академики Академияи ҶТ., д.и.ҳ., профессор, ҳуқуқшиноси шоистаи ҶТ, Маҳмудов М.А., – Душанбе: "Эр-граф", 2009. – 275 с.

37. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ, ҷилди 1, (ншри дувум) зери таҳрири Сайфиддин Назарзода, Аҳмадҷон Сангинов, Саид Каримов, Мирзо Ҳасани Султон, – Душанбе, 2010. – 584 с.

38. Фарҳанги Тоҷики ба Руси нашри дувум бо илова, такмил ва ислоҳ, зери таҳрири Д.Саймиддинов, С.Д.Холматова, С.Каримова, – Душанбе, 2006. – 330 с.

39. Шевченко И. А. Уголовно-правовая охрана неприкосновенности частной жизни: автореф. дис. ... канд. юрид. наук / И. А. Шевченко. – Красноярск, 2005. – 30 с.

40. Шелестюков В. Н. Значение непосредственного объекта преступления, предусмотренного ст. 139 УК РФ, для определения понятия «жилище» // Уголовное право. 2006. № 1. Указ. соч., – 324 с.

41. Шелестюков В. Н. Уголовно-правовые средства обеспечения неприкосновенности жилища: автореф. дис. канд. юрид. наук/В. Н. Шелестюков. Красноярск, 2006 г., – 30 с.

42. Шокиров Т.С. Фарҳанги тоҷики-русии истилоҳоти ҳуқуқ. – Ҳуҷанд:2013. – 330 с.

# МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ (ИХТИСОС: 12.00.09) – УГОЛОВНЫЙ ПРОЦЕСС (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.09)

## ТАШКИЛИ ТАҲҚИҚ ДАР МАҚОМОТИ ГУМРУК: ТАНЗИМИ ҲУҚУҚӢ ВА ДУРНАМОИ ИНКИШОФ

**Искандаров З.Ҳ.,**
профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**E-mail:** ziskan@mail.ru

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур масоили ташкили фаъолияти таҳқиқӣ дар мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз он ҷумла батанзимдарории ҳуқуқӣ, вазъи он, муаммову мушкилоти татбиқи ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ва роҳҳои ҳал намудани мушкилот, таклифҳо баҳри мукаммал намудани қонунгузории кишвар ва амалияи татбиқи он пешниҳод карда шудааст.

**Калидвожаҳо:** Гумрук, фаъолияти гумрукӣ, мақомоти гумрук, мурофиаи ҷиноятӣ, таҳқиқ, тафтиш, тафтишот, тобеияти тафтишӣ, тобеияти тафтишотӣ, парвандаи ҷиноятӣ, пешбурд ва ғайра.

## ОРГАНИЗАЦИЯ ИССЛЕДОВАНИЯ В ТАМОЖЕННОМ ОРГАНЕ: ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ И ПЕРСПЕКТИВА РАЗВИТИЯ

**Искандаров З.Х.,**
профессор кафедры судебного права и прокурорского надзора юридического факультета Таджикского национального университета, доктор юридических наук, профессор
**E-mail:** ziskan@mail.ru

**Аннотация:** В данной статье рассмотрены вопросы организации следственной деятельности в таможенных органах Республики Таджикистан, в том числе правовое регулирование, ее статус, проблемы реализации уголовно-процессуального законодательства и пути решения проблем, предложения по представлены совершенствование законодательства страны и практика его реализации.

**Ключевые слова:** Таможня, таможенная деятельность, таможенные органы, уголовное производство, дознание, дознание, следствие, подследственность, подследственность, уголовное дело, продвижение и др.

# ORGANIZATION OF RESEARCH IN THE CUSTOMS AUTHORITY: LEGAL REGULATION AND DEVELOPMENT PERSPECTIVE

**Iskandarov Z.H.,**
professor of the Department judicial law and prosecutorial supervision of the faculty of law of the Tajik national University, doctor of law

**Annotation:** This article discusses the issues of organizing investigative activities in the customs authorities of the Republic of Tajikistan, including legal regulation, its status, problems of implementation of criminal procedural legislation and ways to solve problems, proposals for improving the country's legislation and the practice of its implementation.

**Key words:** Customs, customs activities, customs authorities, criminal proceedings, inquiry, inquiry, investigation, jurisdiction, jurisdiction, criminal case, promotion, etc.

Худи калимаи гумрук ё ба истилоҳ «таможня»-и русӣ аслан аз калимаи туркии «тамға» гирифта шуда, мақомоти давлатие мебошад, ки ботартиб гузаронидани молу воситаҳои нақлиётро аз сарҳади гумрукӣ таъмин намуда, пардохтҳои гумрукиро ҷамъ, назоратӣ гумрукиву барасмиятдарории онро амалӣ мегардонад[395].

**Гумрукро дарвозаи давлати соҳибистиқлол ҳам мегӯянд[396].** 9 сентябри соли 1991 Тоҷикистон давлати соҳибистиқлол эълон шуд, ним сол пас 22 январи соли 1992 Саридораи назорати гумрукӣ дар назди Девони вазирони ҶТ чун маъмурони дарвозаи давлати соҳибистиқлоли ҶТ таъсис дода шуд[397]. Дар ҳамин асос, гуфтан мумкин аст, ки арзи ҳастии мақомоти гумрук бо мавҷудияти давлати соҳибистиқлол алоқаманд буда, ҷашни 30 солагии ин дару дарвозаи хонадони ободи халқи шарифи Тоҷикистон барои ҳар яки мо муборак бошад. Ба Шумо ва ба фарзондони Шумо сиҳатмандиву саодат, давлати озоду осуда, амну шукуфоро тахти сиёсати дарҳои кушод ру ба рӯи меҳмононаш ва мусофирону соҳибкоронаш аз дарвозаҳои боз бо тартибу низоми муайян бидуни фасод баҳри интиқолу молу коло ва нақлиёт орзумандам.

**Дар руёб гаштани ин нияти нек нақши мақомоти гумрук ниҳоят муҳим буда,** тибқи Кодекси андози ҶТ ва Низомномаи Хадамоти гумруки назди Ҳукумати ҶТ таъйиноти қонунии вай ҳимояи истиқлолияти сиёсиву иқтисодӣ, амнияти иқтисодии ҶТ, таъмини риояи ҳуқуқ ва иҷрои ухдадориҳои ашхоси воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба ҳангоми интиқоли молу нақлиёт аз

[395] Ниг.: Вожаи гумрук/Мавод аз Википедиа – днишномаи озод. –Манбаи дастрасӣ: https://tg.wikipedia.org/wiki/ (Санаи муроҷиат: 27. 01. 2022 с.)
[396] Ниг.: Суханҳои парафшони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон. –Манбаи дастрасӣ: // https://gumruk.tj/ (Санаи муроҷиат 28. 01 2022 с.)
[397] Таърихи мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Манбаи дастрасӣ: // https://gumruk.tj/ (Санаи муроҷиат 27. 01 2022 с.)

сарҳади гумрукӣ мебошад. Бахри амали намудани таъйиноти мазкур мақомоти гумрук дар асоси м. 462 Кодекси гумруки ҶТ вазифаҳои зиёдеро иҷро менамояд, ки дар миёни он нақши *мубориза ба муқобили ҷинояткорӣ ва дигар намуди ҳуқуқвайронкуниҳо* кам нест. Ба ҳамин хотир, мувофиқи м. 467 Кодекси гумруки ҶТ қонунгузор ба мақомоти гумрук ҳуқуқ додааст, ки фаъолияти оперативӣ- ҷустуҷӯӣ ва **таҳқикро** низ ба амал барорад. Соҳибваколатии онҳо дар самти фоҷ ва таҳқиқ мувофиқан дар Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ»" (м. 13)[398] ва КМҶ ҶТ (м.40)[399] пешбинӣ карда шудааст.

**Ҳам фоҷ ва ҳам таҳқиқ ду намуди фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ буда, ба ҳам қаробати наздик доранд,** бахри огоҳ, ошкор ва пешгириву кушодани ҷиноят равона карда шудааст. Фоҷ аслан бо мақсади ҷустуҷӯӣ ҳодисаи ҷиноят ва ҷиноятకории вазнин бештар бо усули пинҳонӣ, таҳқиқ бошад - барои донистани ҳодисаву ҳолатҳои содир намудани ҷиноятҳо равона карда шуда, ошкорову бо тарзи мурофиавӣ ба амал бароварда мешавад. *Бояд таъкид намуд, ки таҳқиқ як шакли оддитари тафтишоти пешакӣ буда, дар асоси тартиботи мурофиавӣ бо мақсади зуд ва дар муҳлати кутоҳтар, осонтару соддатар муайян намудани ҳолатҳои алоқаманд ба ҷиноят, ба амал бароварда мешавад.*

Тоҷикистон ҳамчун давлати демокративу ҳуқуқбунёд пай дар пай, бонизом корҳоеро ба иҷро мерасонад, ки ҷарёни баррасии ҷиноятро демокративу башардустона гардонад[400]. Ва ин кор, ҳам дар сатҳи қонунгузорӣ дар мисоли коркард ва қабули КМҶ ҶТ (2009) ба иҷро расонида шуда, мурофиа аз лиҳози танзими ҳуқуқӣ пешрафтаву вале аз лиҳози ҳазми ақлонӣ тақозои ташаккули фаҳму шуури ҳуқуқии кормандон ва болобарии маданияти амалияи мурофиавиро дорад.

**Бояд таъкид намуд, ки имруз мурофиаи ҷиноятӣ аз лиҳози мазмун ғанӣ гардидааст, мафҳум, мақсад, вазифа, шакли мурофиавӣ, ғояҳои роҳбарикунанда хеле дигар шудааст,** ки танҳо фаҳмиши дурусти он имконият медиҳад, ки аз он ҷумла таҳқиқ ҳадафрас, босамар, қонунӣ ва безарар амалӣ карда шавад. Мехоҳам ба чанде аз масъалаҳои муҳими дар боло ишорашуда, диққати хонандаро ҷалб кунам.

Масалан, на танҳо мо дар андешаем, ки фаҳмиши куҳнаи мурофиаи ҷиноятӣ ба талаботи имруза ҷавоб гуфта наметавонад. Мафҳум ва фаҳмиши мурофиаи ҷиноятӣ наву замонавӣ гаштааст, вале на ҳамаи ширкаткунандагони мурофиа, бахусус таҳқиккунандагони мақомоти гумрук ба он аҳамият намедиҳанд. Мурофиаи ҷиноятиро дигар чун фаъолияти мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори он оид ба оғоз намудану таҳқиқу тафтиш ва муҳокимаи судии правандаи ҷиноятӣ

[398] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аз 25.11.2011 с. таҳти № 687.

[399] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2009 с. таҳти № 564.

[400] Аз ҷониби Тоҷикистон эътироф ва тасдиқи Паймони мазкур аз ин шаҳодат медиҳад. Ниг.: Международный пакт о гражданских и политических правах человека // Вестник Маджлиси Оли РТ. – Душанбе, 1998. – №23-24. Ст. 323.

эътироф намекунанд[401]. Дигар не таҳқиққунандаву муфаттиш, не прокуроруу судя ва ё ҳимоятгар гуфта наметавонанд, ки гӯё маҳз амали онҳо мазмуни мурофиаи ҷиноятиро ташкил медода бошад, онҳо муайянкунандаи рафти мурофиа мебошанд, чунин нест. Фаҳмиши нави мурофиаи ҷиноятӣ, дар ин замина таҳқиқу тафтиш ва муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ аз назари ҳуқуқи инсон чун масъулияти давлат оид ба ҳимояи ҳаққи ҷабрдидагон аз аъмоли ҷинояткорона ва ҳуқуқ ва манфиати таъқибшавандагон аз амалу қарори ғайриқонунии шахсони мансабдори давлатӣ чун тарзи маъруфи ҳимояи ҳақ матраҳ карда мешавад. Мурофиаи ҷиноятӣ масъулияти давлат дар назди шаҳрванд ва инсон аст, ки чун тарзи маъруфи ҳимояи ҳақ риоя ва иҷро карда мешавад. Дар ҳолати мухолиф давлат дар назди шахс вазифаашро иҷро нокарда маҳсуб ёфта, бояд дар назди қонун ва суд ҷавоб диҳад. Дар сурати аз ҷониби давлат сарфи назар шудани чунин масъулияти тарафайн одамон низ бемасъулият хоханд гардид.

Ҳамин тариқ, вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ нав шудааст: - ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, манфиати ҷамъият, давлат ва ташкилотҳо, ки аз ҷиноят зарар дидаанд, аз як ҷониб; аз ҷониби дигар аз беасос айбдор ва маҳкум кардан, ғайриқонунӣ маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳимоя мекунад, муқаррар кардани тартиби пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ;

- шакли мурофиавӣ низ нав шудааст: мисол, қоидаи нави принципи қонуният: ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ риоя накардани талаботи қонун, сарфи назар аз он ки дар кадом асос роҳ дода шудааст, иҷзат дода намешавад ва боиси ҷавобгарии муқаррарнамудаи қонун гардида, санадҳои ғайриқонунии қабулшуда беэътибор дониста, бекор карда мешаванд (Қонуни ҶТ аз 2.08.2011 № 755, аз 20.04.2021 № 1777); иштироки ҳимоятгар аз мавриди дастгир намудани шахс;

- принсипҳои имурофиаи судии ҷиноятӣ низ нав шудаанд: мубоҳисавият ва баробарҳуқуқии тарафҳо, эҳтимолияти бегуноҳӣ, озодии шикоят дар мурофиа ва ғайра.

Бинобар ин, хатмкунандагони ихтисоси «Таъминоти ҳуқуқии фаъолияти гумрукӣ», ки минбаъд чун тахқиққунандагони мақомоти гумрук фаъолият мекунанд, бояд фанни мурофиаи ҷиноятиро ҳамчун фанни касбияшон биёмузанд.

**Азбаски мурофиа нав шудааст, таҳқиқ низ чун як шакли мурофиа хеле навгонӣ дорад, аммо аз муаммову мушкилот холӣ нест.** Бинобар ҳамин, бо мақсади муайян намудани ин муаммову мушкилот ва норасоиҳои қонунгузорӣ ва амалӣ мо тасмим гирифтем, ки масоили танзими ҳуқуқӣ ва дурнамои инкишофи ташкили фаъолияти таҳқикро дар мақомоти гумрук мавриди омузиш ва хулосабарориву таклифот қарор диҳем.

**1. Масъалаи аввал - асоси ҳуқуқии ба сифати мақомоти таҳқиқ ҳисоб шудани гумрук мебошад**. Албатта ин КМҶ ҶТ мебошад. М. 40 Кодекси мазкур муқаррар намудааст, ки ба сифати мақомоти таҳқиқ, аз он ҷумла -

[401] Лазарева В.А. Судебная защита в уголовном процессе РФ: проблемы теории и практики. Дисс. ... док. юрид. наук. – Самара, 2000. – 420 с.; Искандаров З.Х. Конституционно-правовые основы защиты прав человека и гражданина в уголовном процессе Республики Таджикистан. – Душанбе: Эчод, 2008. – 184 с.

воҳидҳои мақомоти гумрук ҳисоб мешаванд. Савол ба миён меояд, ки оё умуман мақомоти гумрук мақомоти таҳқиқ аст ё воҳидҳои мақомоти гумрук - мақомоти таҳқиқ мебошанд[402]. Умуман мақомоти гумрук ё дигар мақомотҳое, ки ба сифати мақомоти таҳқиқ баромад мекунанд, дар маҷмӯъ мақомоти хосаи таҳқиқ нестанд, онҳо вазифаҳои асосиву соҳавии худро дошта, ба фаъолияти таҳқиқии мурофиавӣ, бинобар он сарукор мегиранд, ки иҷрои вазифаҳои асосиашон чунин муносибатро тақозо менамоянд. Аз ин рӯ, дар низоми мақомоти гумрук воҳидҳои сохторие ташкил карда шудаанд, ки маҳз ба фаъолияти таҳқиқ машғул шуда, чунин салоҳияти онҳо дар Низомномаи Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **(қарор аз 2.11.2007 №557, аз 3.05.2010 №246, аз 3.12.2010 № 630), Раёсату шуъбаҳои он пешбинӣ карда шудааст:** Раёсати ташкили мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ, Шуъбаи ташкили мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ, Шуъбаи ташкили мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар, Шуъбаи пешбурди таҳқиқи ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ, нозирони гумрук ва дидбонгоҳҳои гумрукӣ. Бояд зикр намуд, ки на ҳама санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ дар ин ҷода мукаммал мебошанд.

2. **Таҳқиқ чист?** Таърифи онро дар асоси м. 40 ва боби 19 КМҶ ҶТ чунин ифода намудан мумкин аст: Таҳқиқ як шакли тафтишоти пешакии ҳодисаи ҷиноят буда, бо мақсади қайди аризаву хабар дар бораи содир намудани ҷиноят, ҳадалимкон ҷораҷӯӣ намудан баҳри бо далел мустаҳкам кардани ҳолатҳои содир намудани ҷиноят, оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ, гузаронидани амалҳои таъхирнопазири тафтишӣ бо мақсади зуд донистану (дознать) дар муҳлати кутоҳтар, осонтару соддатар муайян намудани ҳолатҳои алоқаманд ба ҷиноят, аз ҷониби мақомоти таҳқиқ ба амал бароварда мешавад.

Боби 19 КМҶ ҶТ ду намуди таҳқиқи парвандаҳоро пешбинӣ намудааст:

**- таҳқиқ дар мавриди парвандаҳое, ки доир ба онҳо тафтиши пешакӣ ҳатмист – таҳқиқи тафтишталаб (м. 153 КМҶ);**

**- таҳқиқи парвандаҳои ҷиноятие, ки пешбурди тафтиши пешакии онҳо ҳатмӣ нест - таҳқиқи холис (154 КМҶ).**

Фаъолияти мақомоти таҳқиқ вобаста ба амалҳое, ки бо парвандаҳое, ки доир ба онҳо пешбурди тафтиши пешакӣ ҳатмист ё ин ки бо парвандаҳое, ки доир ба онҳо пешбурди тафтиши пешакӣ ҳатмӣ нест, иҷро менамоянд, фарқ мекунад.

**3. Таҳлили ҳуқуқии таҳқиқро аз таҳқиқи холис, ки нисбати чунин парвандаҳо тафтиши пешакӣ ҳатмӣ нест, шурӯъ менамоем (м.151, 154 КМҶ).**

Теъдоди парвандаҳое, ки тафтиши онҳо танҳо бо таҳқиқ ба анҷом мерасанд, парвандаҳои таҳқиқи холис ном дошта, 26 таркиби ҷиноятро ташкил намуданд, ки инҳоянд: моддаҳои 119, 120, 125 қисми 1, 126, 131 қисми 1, 171, 195 қисми 4, 213 қисми 1, 230, 232, 234, 235, 237 қисми 1, 238,

[402] Ниг.: Бакаева О.Ю. Таможенное право: Курс лексии / О.Ю. Бакаева, Г.В. Матвиенко. –М. 2009. -272с.

242 қисми 1, 243, 244 қисми 1, 252 қисми 1, 254 қисми 1, 255 қисми 1, 256, 259 қисми 1, 286 қисми 1, 294, 341, 342 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агар мо ба санксияи ҷиноятҳои мазкур назар кунем, ҷазои ҳадди аксари барои онҳо пешбинигардида аз ду соли маҳрум сохтан аз озодӣ зиёд набуда, онҳо ҷиноятҳои начандон вазнин эътироф мешаванд. Аз ин рӯ, қонунгузор мурофиаро барои чунин ҷиноятҳо дар шакли соддаву осонтари тафтишот – таҳқиқ пешбинӣ намудааст.

Оид ба чунин парвандаҳои ҷиноятӣ мақомоти таҳқиқ парвандаро сариваӣт оғоз мекунанд ва барои муқаррар намудани ҳолатҳое, ки бояд оид ба парвандаи ҷиноятӣ исбот карда шаванд, **ҳамаи чораҳои пешбиникардаи Кодекси мурофиаи ҷиноятиро** меандешанд, то ки маводи кофӣ ҷамоварӣ намоянд[403]. Маводи дар ин давра ҷамоваришуда барои дар суд баррасҳ намудани ин парвандаҳо асос мегардад.

Моддаи 155-и КМҶ ҶТ мӯҳлати пешбурди таҳқиқро оид ба чунин парвандаӣо понздаҳ шабонарӯз аз рӯзи оғози парвандаи ҷиноятӣ то рӯзи ба прокурор барои ба суд равон кардан ё то рӯзи қатъ кардани пешбурди парванда муайян намудааст. Дар муӣлати муайяншуда таӣӣиӣ бояд ба анғом расонида шавад. Анғоми пешбурди парвандаӣои таӣӣиӣи холис бо тартиб додани фикри айбдоркунӣ ё қарори қатъ кардани парванда анҷом меёбад.

4. **Дар амалияи фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ зимни таҳқиқи ҷиноятҳои номбаршуда мушкилоти танзими ҳуқуқӣ ва пайомадҳои амалии он эҳсос мешавад.** Аввал ин ки мансубияти идоравии 26 моддаи Кодекси ҷиноятӣ, ки дар м. 151 КМҶ нишон дода шудааст, муайян карда нашудааст. Моддаи 151 КМҶ ҶТ 26 таркиби ҷиноятро номбар намуда, таъкид намудааст, ки таҳқиқи онҳо аз тарафи мақомоти таҳқиқ ба амал бароварда мешавад, вале кадоме аз мақомоти таҳқиқ бошад, муайян карда нашудааст. Яъне парвандаҳои ҷиноятии мавриди таҳқиқи мақомоти гумрук ё дигар мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқи ҶТ дар м. 151-и боби "Таҳқиқ" умуман пешбинӣ карда нашудааст.

Ҳамин тариқ, дар м. 151 ва м. 161 КМҶ ҶТ парвандаҳои ҷиноятие, ки пешбурди таҳқиқашон ба мақомоти гумрук тобеият дошта бошанд, муайян карда нашудааст. Чӣ гуна, бар кадом асоси ҳуқуқӣ воҳидҳои мақомоти гумрук нисбати кадом ҷиноятҳо таҳқиқро ба анҷом расонида истодаанд. Чунин асоси ҳуқуқӣ мебоист дар КМҶ ҶТ нишон дода мешуд. Аммо дар КМҶ ҶТ ин масъала на танҳо нисбати таҳқиқи парвандаҳои ҷиноятии мансуб ба мақомоти гумрук ҳалли худро наёфтааст, балки нисбат ба дигар парвандаҳои ҷиноятии мансуб ба мақомотҳои дигари таҳқиқ низ аҳвол чунин аст.

Таҷрибаи фаъолияти қонунгузории давлатҳои ҳамҷавор, мисол Россияи федеративӣ нишон медиҳад, ки қоидаи тобеъияти тафтишотӣ, аз он ҷумла тобеияти парвандаҳои мансуб ба таҳқиқро низ пешбинӣ намудааст. Мисол, дар м. 151 КМҶ ФР қоидаи тобеияти тафтишотӣ муқаррар карда шудааст. Ҳамчунин қисми 3-ми моддаи мазкур тобияти

[403] Ниг.: Макаренко, М.М. Возбуждение уголовного дела: проблемные вопросы. / М.М. Макаренко, С.В. Ермаков// Российский следователь. -2015. -№6. –С.27-31.

таҳқиқотиро низ пешбинӣ намуда, таҳқиқи ҷиноятҳои алоҳидаро ба зиммаи таҳқиққунандагони якчанд мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вогузор намудааст. Аз он ҷумла, таҳқиқи ду таркиби ҷиноятро, яке қ.1 ва 2 м. 194, ки ба саркашӣ аз пардохтҳои гумрукӣ, дигарӣ м. 201[1], м. 201[2], ки ба кочоқи маблағҳои пулӣ ва маҳсулоти спиртӣ бахшида шудааст, ба тобеияти таҳқиққунандагони мақомоти гумрук додааст.

5. **Оид ба муайян намудани мансубияти идоравӣ ва тобияти таҳқиқии парвандаҳои таҳқиқи холис (м.151 КМҶ) бояд ҳадди ақал нишонаҳои зерин ба инобат гирифта шуда, тобеияти таҳқиқии онҳо дар моддаи 161 КМҶ муайян карда шавад:**

а) алоқамандиву иртиботи қавии ҳодисаи ҷиноят, аломатҳои таркиби ҷиноят бо вазифаҳои қонунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҳудуди фаъолияти онҳо;

б) зуд ва ҳадалимкон чораҷӯи намудан ба хотири пешгирии ҷиноят ва ошкор намудани он, фош намудани шахси гунаҳгор.

**6. Таҳқиқ дар мавриди парвандаҳое, ки доир ба онҳо тафтиши пешакӣ ҳатмист - таҳқиқи тафтишталаб ҳам гуфтан мумкин аст.**

Аз рӯи ин намуди таҳқиқ, ки тафтиши пешакиро талаб мекунад, таҳқиқ чун шакли пешбурди фаврӣ, вале муваққатӣ ба хотири ҳаддалимкон чораҷӯӣ намудан нисбат ба ҳодисаи ҷиноят аз ҷониби мақомотҳое, ки дар ин ё он соҳаи муайян масъулияти фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавиро бар дӯш доранд, ба амал бароварда мешавад. Дар сурати мавҷуд будани аломатҳои ҷиноятe, ки доир ба он пешбурди тафтиши пешакӣ ҳатмист, ба мақомоти таҳқиқ ҳуқуқ дода шудааст, ки парвандаи ҷиноятиро оғоз намоянд, таҳқиқбаранда дар асоси қоидаҳои КМҶ, ҳаракатҳои таъхирнопазири тафтишӣ ва дигар амалҳои мурофиавиро барои муқаррар ва мустаҳкам намудани изҳои ҷиноят гузаронанд, чунончи: азназаргузаронӣ, ёфта гирифтан, кофтуков, ҳабси муросилоти почта, хабарҳои телеграфӣ ва хабарҳои дигаре, ки тавассути шабакаҳои алоқаи барқӣ ва алоқаи почта интиқол мешаванд, гӯш кардан ва сабти гуфтугӯ, нишон додан барои шинохтан, шаҳодаткунонӣ, дастгиркунӣ ва пурсиши гумонбаршуда, ҷабрдида ва шоҳидон.

Таҳқиқбаранда оид ба ҷинояти ошкоршуда ва оғози парвандаи ҷиноятӣ фавран ба прокурор хабар медиҳад. Пас аз иҷро намудани амалҳои таъхирнопазири тафтишӣ, вале на дертар аз даҳ шабонарӯз аз рӯзи оғози парванда мақомоти таҳқиқ, таҳқиқбаранда вазифадор аст парвандаро ба муфаттиш супорад.

7. **Оид ба кадом ҷиноятҳои мушаххас мақомоти гумрук таҳқиқи парвандаҳои тафтишоташ ҳатмиро мегузаронанд, мутаасифона дар м. 161 КМҶ муқаррароти меъёрие пешбинӣ нашудааст. Вале тибқи моддаҳои 41, 145, 146 КМҶ мақомоти гумрук чун мақомоти таҳқиқ нисбат** ба ҳамагуна ҳодисаҳои ҷиноят метавонад парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз намоянд, аммо ниҳоят дуруст аст, ки таҷрибаи онҳо ба ин самт нарафтааст.

Мақомоти гумрук бо дарназардошти муқаррароти м. 41 КМҶ дар бораи он, ки таҳқиқбаранда вазифадор аст, ки бо супориши **сардори мақомоти таҳқиқ** *дар ҳолатҳои таъхирнопазир* парвандаи ҷинятиро, ки

нисбат ба он пешбурди тафтиши пешакӣ ҳатмист, оғоз намуда, амалҳои тафтишии таъхирнопазир ва чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ гузаронад ва дар ин бора дар муддати на дертар аз 24 соат ба прокурор ва мақомоти пешбурди тафтишоти пешакӣ хабар диҳад. Ӯ метавонад нисбати ҳамагуна парвандаи ҷиноятие, ки нисбаташон тафтиши пешакӣ ҳатмӣ аст, фаъолияти таҳқиқиро гузаронад. Ин муқаррарот гоҳ-гоҳ дар ҳолатҳои таъхирнопазир аз ҷониби роҳбарияти воҳидҳои мақомоти гумрук истифода мешаванд. Истифодаи васеъ ва доимии ин қоидаи мурофиавӣ аз ҷониби ҳамаи мақомоти таҳқиқ боз ҳам танзими мукаммалтари ҳуқуқиро тақозо менамояд.

Таҷрибаи мақомоти гумрук нишон медиҳад, ки воҳидҳои таҳқиқии онҳо асосан нисбат ба ҷиноятҳое парвандаи ҷиноятӣ оғоз менамоянду таҳқиқ мегузаронанд, ки нисбати онҳо тафтиши пешакӣ ҳатмӣ аст.

**Мисол, соли 2021 мақомоти гумруки ҶТ аз рӯи моддаҳои зерини КҶ ҶТ парвандаи ҷиноятӣ оғоз намуда, таҳқиқи онро ба анҷом расонидаанд:**

1. Моддаи $199^1$ қисми 2 (маводи тарфгарӣ - пиротехникӣ) – 4 ҳолат,
2. Моддаи 209 - Истеҳсол, нигоҳ доштан, интиқол ё ба соҳибияти каси дигар додани мол ё маҳсулот, иҷрои кор ё хизматрасоние, ки ба талаботи бехатарӣ ҷавоб намедиҳад – 2 адад;
3. Моддаи 210 - Ғайриқонунӣ ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудан, истеҳсол ва ба муомилот баровардани дорувории бесифат, қалбакӣ (сохта) ва ба талаботи стандартҳои муқарраршуда ҷавобгӯйнабуда, инчунин дорувории мӯҳлати истифодааш гузашта – 3 адад;
4. Моддаи 259 қ.2 б."б" КҶ ҶТ (соҳибкории ғайриқонунӣ) – 1 адад;
5. Моддаи 287 - Аз хориҷа барнагардонидани воситаҳо бо асъори хориҷӣ;
6. Моддаи 289 - Қочоқ – 25 адад;
7. Моддаи 290 - Ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон барнагардонидани сарватҳои бадеӣ, таърихӣ ё бостоншиносии халқҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мамлакатҳои хориҷӣ;
8. Моддаи 291- Саркашӣ аз пардохтҳои гумрукӣ – 2 адад;
9. Моддаи 322 – Хунукназарӣ – 2 адад;
10. Моддаи 323 - Сохтакории хизматӣ;
11. Қ. 4 б. "д" моддаи 200 КҶ – муомилоти ғайриқонунии воситахои нашаъадор ё маводҳои психотропӣ бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан.

**Моддаҳои 287-291 КҶ ҶТ дар асоси қ. 2 ва 5 м. 161 КМҶ ҶТ тобеияти алтернативӣ дошта, ё ба муфаттишони прокуратура ва ё амният мутаалиқ мебошанд.**

**8. Дар асоси омузишу таҳлили қонунгузорӣ ва таҷрибаи таҳқиқии мақомти гумрук, дар асоси хулосаҳои зарурӣ чунин дархосту таклифот пешниҳод кардан мумкин аст:**

- тақвият бахшидани кори тайёр намудани неруи кадрӣ барои Раёсати ташкили мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ,

Шуъбаи ташкили мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар, Шуъбаи пешбурди таҳқиқи ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ;

- бо ҳамин ният дар Нақшаҳои таълимии ихтисоси «Ҳуқуқшиносии умумӣ» чун фанни ихтисосӣ, дар ихтисоси «Таъминоти ҳуқуқии фаъолияти гумрукӣ» ҷойгир намудани фанни умумикасбии «Ташкил ва пешбурди таҳқиқ дар мақомоти гумрук»;

- аз рӯи маҷмӯи нишонаҳои парвандаҳои ҷиноятӣ, вазифаҳои қонунии мақомоти гумрук муайян намудани номгӯй ва теъдоди парвандаҳои ҷиноятие, ки нисбати онҳо таҳқиқи холис аз ҷониби мақомоти гумрук бояд ба амал бароварда шавад;

- таҳия ва аз ҷониби Прокурори Генералии ҶТ тасдиқ намудани «Дастурамал оид ба фаъолияти мурофиавии воҳидҳои гумрук чун мақомоти таҳқиқ»;

- муайян намудани номгӯй ва теъдоди парвандаҳои ҷиноятие, ки нисбаташон тафтишоти пешакӣ ҳатмӣ аст, вале таҳқиқ аз ҷониби гумрук гузаронида мешавад;

- дар моддаи 159 КМҶ ҶТ, ки чунин ифода шудааст: Тафтишоти парвандаҳои ҷиноятӣ мутобиқи тобеияти тафтишии пешбининамудаи Кодекси мазкур аз ҷониби муфаттишони мақомоти прокуратура, корҳои дохилӣ, амнияти миллӣ, мубориза бо коррупсия, назорати маводи нашъаовар анҷом дода мешавад. Ворид намудани илова бо ибораи "мақомоти гумрук";

- дар м. 161 КМҶ ҶТ ворид намудани илова дар матни зерин: «тафтиш намудани парвандаҳо оид ба ҷиноятҳое, ки дар моддаҳои 287, 289 - 291 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, аз тарафи муфаттишони мақомоти гумрук гузаронида мешаванд;

- ҷорӣ намудани штати муфаттишон дар мақомоти гумрук.

Дар сурати амали гаштани чунин таклифот мурофиаи парвандаҳои ҷиноятии алоқаманд бо фаъолияти гумрукӣ боз ҳам мукаммалтар ва риояи ҳуқуқи инсон фарохтар хоҳад гардид.

**Адабиёт:**

1. Вожаи гумрук/Мавод аз Википедиа – днишномаи озод. –Манбаи дастрасӣ: https://tg.wikipedia.org/wiki/ (Санаи муроҷиат: 27. 01. 2022 с.)

2.Суханҳои парафшони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон. – Манбаи дастрасӣ: // https://gumruk.tj/ (Санаи муроҷиат 28. 01 2022 с.)

3. Таърихи мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Манбаи дастрасӣ: // https://gumruk.tj/ (Санаи муроҷиат 27. 01 2022 с.)

4. Лазарева В.А. Судебная защита в уголовном процессе РФ: проблемы теории и практики. Дисс. ... док. юрид. наук. – Самара, 2000. – 420 с.; Искандаров З.Х. Конституционно-правовые основы защиты прав человека и гражданина в уголовном процессе Республики Таджикистан. – Душанбе: Эчод, 2008. – 184 с.

5. Бакаева О.Ю. Таможенное право: Курс лексии / О.Ю. Бакаева, Г.В. Матвиенко. –М. 2009. -272с.

6. Макаренко, М.М. Возбуждение уголовного дела: проблемные вопросы. / М.М. Макаренко, С.В. Ермаков// Российский следователь. -2015. -№6. –С.27-31.

7. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳо аз 26.09.1999, 22.06.2003 ва 22.05.2016 с.) // [Захираи электронӣ] – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/content/ (санаи воридшавӣ: 15.08.2021).

8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аз 25.11.2011 с. тахти № 687.

9. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2009 с. таҳти № 564.

10. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи с. 1998, № 574 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, № 9, мод. 68, мод. 69, № 22, мод. 306; с. 1999, № 12, мод. 316; с. 2001, № 4, мод. 149, мод. 167;…Қонунҳои ҶТ аз 02.01.2020, № 1662; аз 04.07.2020, № 1701; аз 07.08.2020, № 1717; аз 17.12.2020, № 1730; аз 20.04.2021, №1776.

11. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10-уми декабри с. 1948 // [Захираи электронӣ] – Манбаи дастрасӣ: https://www.lexilogos.com/declaration/tadjik.htm (санаи воридшавӣ: 15.08.2021).

12. Маҷмӯаи санадҳои асосии байналмилалӣ ва миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон / мураттибон З.Ализода, Б. Сафаров, Ҷ. Саъдизода [ва диг.]. Нашри дуюм. – Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2018.– 406 с.

# КРИМИНАЛИСТИКА; ФАЪОЛИЯТИ СУДӢ-ЭКСПЕРТӢ; ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ (ИХТИСОС: 12.00.12) – КРИМИНАЛИСТИКА; СУДЕБНО-ЭКСПЕРТНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ, ОПЕРАТИВНО-РОЗЫСКНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.12)

## БАЪЗЕ АЗ ХУСУСИЯТҲОИ ТАКТИКАИ ПУРСИШИ ШОҲИД ҲАНГОМИ ТАФТИШИ ПАРВАНДАҲОИ ҶИНОЯТИИ МАРБУТ БА МАВОДИ НАШЪАОВАР

**Қодирзода Д.С.,**
декани факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
**Тел.:** (+992) 989153232
**E-mail:** dalerkodirov1990@mail.ru

**Фишурда:** Дар мақола мафҳум, моҳият ва баъзе аз хусусиятҳои тактикаи пурсиши шоҳид дар мавриди тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳамзамон, дар мақолаи мазкур усулҳои муассири тактикаи пурсиши шоҳид дар раванди тафтиши парвандаҳои самти мазкур таҳлил шудааст. Муаллиф кушиш намудааст, ки баъзе аз тавсияҳои муфидро ба амалияи тафтишӣ пешниҳод намояд. Дар мақола иброз шудааст, ки тактикаи дурусти пурсиши шоҳид заминаи асосӣ барои амалишавии дигар амалҳои тафтишӣ ва чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯи ба ҳисоб меравад. Хусусиятҳои тактикаи пурсиши шоҳид дар мавриди тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар дар алоҳидагӣ мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифта, зарурияти истифода ва риояи онҳо ба таври муфассал нишон дода шудааст. Дар мақолаи мазкур нақши шоҳид ва зарурияти аз тактикаҳои санҷидашуда пурсиш намудани шоҳид нишон дода шудааст. Раванди содиршавии ҷиноятӣ марбут ба гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар пурра ба таври ғайриошкоро сурат мегирад, бинобар ин муаллиф кушиш намудааст, ки самаранокии тактикаи пурсиши шоҳидро дар маври тафтиши парвандаҳои мазкур возеҳ намояд.

**Калидвожаҳо:** тактика, тактикаи пурсиш, пурсиш, ҷиноят, шоҳид, тафтиш, маводи нашъаовар, амалҳои тафтишӣ, чорабинии оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, тарзҳои тактикӣ.

# НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ ДОПРОСА СВИДЕТЕЛЕЙ ПРИ РАССЛЕДОВАНИИ УГОЛОВНЫХ ДЕЛ, СВЯЗАННЫХ С НАРКОТИКАМИ

**Кодирзода Д.С.,**
декан факультета дипломатии и политики Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент
**Тел.:** (+992) 989153232
**E-mail:** dalerkodirov1990@mail.ru

**Аннотация**: В статье рассматриваются понятие, сущность и некоторые особенности тактики допроса свидетеля при расследовании уголовных дел, связанных с незаконным оборотом наркотиков. Также, в данной статье анализируются эффективные методы тактики допроса свидетелей при расследовании дел в данной сфере. Автор попытался дать несколько полезных рекомендаций для следственной практики. В статье указано, что правильная тактика допроса свидетеля является основанием для производства других следственных действий и оперативно-розыскных мероприятий. Автор, в частности, проанализировал специфику тактики допроса свидетелей при расследовании уголовных дел, связанных с незаконным оборотом наркотиков, и обосновал необходимость их правильного применения и соблюдения. В статье подчеркивается роль свидетеля и необходимость допроса тестируемого. Уголовной производство, связанное с незаконным оборотом наркотиков, ведутся в недостаточно прозрачной манере, что, в свою очредь, стало основанием для того, чтобы автор попытался выяснить эффективность тактики допроса свидетелей при расследовании этих дел.

**Ключевые слова**: тактика, тактика допроса, допрос, преступление, свидетель, расследование, наркотики, следственные действия, поисково-спасательная операция, тактическая тактика.

# SOME FEATURES OF THE WITNESS OF INTERROGATION OF WITNESSES IN THE INVESTIGATION OF CRIMINAL CASES RELATED TO DRUGS

**Qodirzoda D.S.,**
dean of the Faculty of Diplomacy and Policy of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Candidate of Law, Associate Professor
**Phone:** (+992) 989153232
**E-mail:** dalerkodirov1990@mail.ru

**Annotation:** The article discusses the concept, essence and some features of the tactics of questioning a witness in the investigation of criminal cases related to drug trafficking. At the same time, this article analyzes the effective methods of witness questioning tactics in the investigation of the concerned types of cases. The author has tried to provide some useful recommendations for investigative practice. The author states that the correct choice of tactics of questioning a witness is a pre-condition for the implementation of other investigative actions and search operations. The specifics of the interrogation tactics of witnesses in the investigation of criminal cases related to drug trafficking have been analyzed separately and the need for their use and compliance has been demonstrated in details. The author highlights the role of the witness and the need to question the test taker. Criminal proceedings related to drug trafficking are conducted in a non-transparent manner, so the author has tried to clarify the effectiveness of the tactics of questioning witnesses in the investigation of these cases.

**Keywords:** tactics, interrogation tactics, interrogation, crime, witness, investigation, drugs, investigative actions, search-and-rescue operation, tactical tactics.

Пурсиш яке аз амалҳои алоҳидаи тафтишӣ буда, мазмунан мурккаб мебошад. Аз нуқтаи назари криминалистӣ маҳз хусусияти иттилоотии пурсиш барои тафтиши парвандаи ҷиноятии марбут ба гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар аҳамиятнок мебошад. Мутаассифона то ҳол мафҳуми расмии пурсиш ҳамчун амали мустақили тафтишӣ дар конунгузорӣ муқаррар нашудааст. Ин нуқсони қонунгузорӣ метавонад барои дар амал татбиқ намудани пурсиш мушкилиро ба миён оварад. Таҷриба нишон медиҳад, муқаррар нашудани мафҳуми расмии пурсиш натанҳо барои парвандаҳои ҷиноятии марбут ба гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар мушкилӣ дорад, балки барои тафтиши дилхоҳ парвандаҳо проблемаҳоро ба вуҷуд оварад.

Ба андешаи мо пурсиш ҳамчун амали мустақили тафтишӣ барои ба даст овардани маълумотҳо аз суханони шахси пурсишшаванда вобаста ба ҳодисаи ҷиноят буда, сарчашмаи амалӣ намудани дигар амалҳои тафтишӣ гардида ва натиҷаи он дар протокол сапт мегардад. Қайд кардан бомаврид аст, ки пурсиш яке аз амалҳои паҳншуда ва маъмулӣ буда, ҳамчун амали тафтишӣ дар тамоми парвандаҳои ҷиноятӣ истифода мешавад. Нақши пурсиш ҳамчун амали мустақили тафтишӣ дар раванди тафтиши парвандаҳои ҷиноятии марбут ба гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар назаррас аст. Ҳамин аст, ки илми мурофиаи ҷиноятӣ, криминалистика ва психологияи судӣ пурсишро бо хусусиятҳои хосаш мавриди баррасӣ қарор дода, ҳамчун воситаи ба даст овардани маълумот рӯйи кор овардаанд.

Ҳамзамон, пурсиш ин амали тафтишотии гуногуннақша буда, аз муфаттиш сатҳи баланди касбиро тақозо мекунад. Барои муаасир

гузаронидани пурсиш, муфаттишро зарур аст, ки ба рӯҳияи шахси пурсишшаванда хуб сарфаҳм рафта, онро идора карда тавонад, бо он робитаи равонӣ (психологӣ) барқарор кунад ва аз усулу методҳои таъсиргузори равонӣ истифода барад. Чунки аз нуқтаи назари таҳлили шахсияти ҷинояткор одатан шахсе, ки ба гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар сару кор дорад, дараҷаи баланди ҳисёт дошта, раванди додани нишондоди худро қаблан тарҳрезӣ менамояд ва ӯ ҳама вариантҳои нишондоди пешниҳодмекардаи худро ба нақша мегирад.

Пурсишро сарчашмаи объективона амалӣ намудани дигар амалҳои тафтиши низ номидан мумкин аст, чунки пурсиш ин оғогзи гирифтани маълумотҳо вобаста ба ҳолати парвандаи ҷиноятӣ мебошад.

Пурсишро дар мавриди тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба гардиши ғайриқонуни маводи нашъаовар вобаста ба ҳолатҳои гуногун ба чунин навъҳо тақсим намудан мумкин аст:

А) аз рӯи сину соли шахсе, ки ҷинояти гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар содир намудааст: пурсиши хурдсол, ноболиғ, болиғ ва пиронсолон;

Б) аз рӯи марҳилаи амалинамоии пурсиш дар мавриди тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар: аввалин, такрорӣ ва иловагӣ;

В) аз рӯи шахси гузаронандаи пурсиш ҳангоми тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар: муфаттиш, таҳқиқбаранда, пракурор ва суд;

Г) аз рӯи иштирокчиёни пурсиш дар мавриди тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба гардиши ғайриқонуни маводи нашъаовар: пурсиши муқаррарӣ ва пурсиш бо иштироки шахси сеюм (бо иштироки ҳимоятгар, мутахассис, коршинос, волидайн, омӯзгор ва намояндаи қонунӣ);

Д) аз рӯи ҷойи гузаронидани пурсиш ҳангоми тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар: утоқи кории шахси пусишкунанда, ҷойи зисти шахси пурсишшаванда;

Е) аз рӯи дараҷаи дурусти маълумотҳое, ки дар натиҷаи пурсиш ҳангоми тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар гирифта мешавад: нишондоде, ки аз рӯи ҳасад дуруғ дода мешавад, нишондоде, ки дар он иттилооти нодуруст мавҷуд мебошад ва нишондоде, ки пурра дуруст мебошад;

Ё) аз рӯи вобастагии муносибати шахси пурсишшаванда ба ҷинояти гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар: пурсиш дар ҳолати низоъ, пурсиш дар вазияти бенизоъ;

Ж) аз рӯи вазъи мурофиавии пурсишаванда дар мавриди тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар: пурсиши шоҳид, ҷабрдида, гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ва коршинос.

Ҳар як навъи пурсиш ҳангоми тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар тактикаи амалинамоии худро дошта, аз нигоҳои мурофиавӣ тартиби гузоронидани худро доранд.

Дар мақолаи мазкур пурсишро мо аз рӯи вазъи мурофиавии пурсишшаванда дар мавриди тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар мавриди баррасии илмӣ қорарор дода, танҳо ба таҳлили баъзе аз хусусиятҳои пурсиши шоҳид маҳдуд мегардем.

Қайд кардан бо маврид аст, ки маҳз ҳангоми пурсиши шоҳид маълумотҳои зиёд дар бораи худи ҷинояти гардиши ғайриқонуни маводи нашъаовар ва иштирокчиёни он пайдо намудан мумкин аст, ки воқеияти парвандаҳои мазкур аз рӯйи ягон ҳолати он ошкор мешавад.

Ба андешаи мо муфаттишро зарур аст, ки пеш аз оғози пурсиши шоҳид тамоми маълумотҳоро дар бораи шахсияти ӯ омӯзад, ҳадди шоҳиди ҳолати кор будани ӯро муайян намояд ва ҳамзамон нақши ӯро дар низоми гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар муайян созад, муносибаташро бо дигар аъзои гурӯҳи ҷиноятӣ ошкор созад. Мо ба он назарем, ки агар муфаттиш ин ҳолатҳоро қабл аз пурсиш муайян карда натавонад, эҳтимол аст, ки шоҳид таҳти фишори ҷинояткор қарор гирифтааст ва ё таҳти фишор қарор гирад. Ҷинояти мазкур тарзу усулҳои хоси содиршавии худро дошта, он асосан ба таври ғайриошкоро содир мешавад ва ҷинояткорон кушиш менамоянд, ки пас аз содиршавии ҷиноят ягон осоре биқӣ намонад. Ҳамин тавр, шоҳиди ҷинояти мазкур шахсе шуда метавонад, ки аз ягон ҷиҳат бо ҷинояткор ва ё оқибати содиршавии ҷиноят робита дорад. Ҳолати мазкур метавонад, воситаи асосии таҳти фишор қарор гирифтани шоҳид гардад.

Ба андешаи Қодирзода Д.С., содиркунандагони ҷинояти гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар ҳамавақт нақшаи пешакии содиркунии ҷиноятро тарҳрезӣ намуда, аз рӯйи он амал мекунанд ва ҳангоми пурсиш метавонанд нишондодҳои бардуруғи бофта пешниҳод намоянд, ки ҳолати мазкур метавонад тафтишотро ба гумроҳӣ барад[404]. Дар нақшаи пешакии тарҳрезишудаи ҷинояткорон мумкин аст таҳти фишор қорор додани шоҳид ё аз ягон ҷиҳат моил ва вобаста намудани ӯ низ тарҳрезӣ гардад.

Омӯзиши босифати шахсият муносибати шахсӣ бо пурсишшавандаро талаб мекунад, ки муфаттиш аксар вақт бо шоҳид бори аввал маҳз ҳангоми пурсиш во мехӯрад. Аз ин рӯ, дар аксари маврид муфаттиш дар бораи хусусиятҳои шахсии шоҳид аз рӯи парвандаи гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар бевосита ҳангоми пурсиш маълумот ба даст меорад. То андозае муфаттиш метавонад бо истифода аз иттилооте, ки дар захираҳои гуногуни шабакаҳои интернетӣ нигоҳ дошта мешавад, ин ҳолатҳоро кам

---

[404] Қодирзода Д.С. Тактикаи пурсиш ва нақши он дар раванди ошкоркунии ҷинояти гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар. Государствоведение и права человека. 2021. № 4 (24). С.257. https://law.tnu.tj/images/docs/davlat_va_hukuk_4_2021.pdf.pdf (дата обрашения 06.05.2022).

кунад. Иттилооти мавҷуда дар аккаунтҳои шабакаҳои иҷтимоӣ манбаи муҳимми маълумоти обективӣ дар бораи ҳам шахси гумонбаршаванда ва ҳам шарикони мурофиаи судӣ ба ҳисоб меравад.[405]

Хусусияти дигари тактикие, ки ҳангоми пурсиши шоҳид дар мавриди тафтиши парвандаҳои ҷиноятии вобаста ба гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар истифода мешавад – ин огоҳ намудани шоҳид ҷиҳати дидаю дониста нишондоди бардурӯғ додан, саркашӣ кардани шоҳид аз ҳозир шудан ба даъвати мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ё ба суд ё нахостани додани нишондод мебошад. Ҳолатҳои мазкур тибқи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда шудаанд. Мутобиқи қисми 2 моддаи 202 КМҶ ҶТ "пеш аз пурсиш муфаттиш ба шахсияти шоҳид ё ҷабрдида боварӣ ҳосил карда, муносибати онҳоро бо айбдоршаванда ё гумонбаршуда муайян менамояд, ба онҳо ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои мурофиавиро мефаҳмонад, доир ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои рад кардан аз додани нишондод ва дидаю дониста додани нишондоди бардурӯғ онҳоро огоҳ мекунад". Тибқи моддаи 351 КҶ ҶТ бошад барои дидаю дониста нишондоди бардурӯғ додани шоҳид ва тибқи моддаи 352 КҶ ҶТ барои саркашӣ кардани шоҳид ё ҷабрдида аз ҳозир шудан ба даъвати мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ё ба суд ё нахостани додани нишондод ҷавобгарии ҷиноятиро муқаррар намудааст.

Тарзу шакли огоҳӣ дар бораи ҷавобгарӣ бояд шахсияти пурсишшаванда, аксуламали ӯ аз огоҳӣ ва рафтори ӯ пас аз ироаи огоҳӣ ба назар гирад. Барои робитаи мустаҳкам бо шахси пурсишшаванда ҳангоми пурсиш зарур аст, то тактикаи суҳбатро истифода кард, зеро дар раванди он муфаттиш натанҳо маълумотҳои шахсӣ, балкӣ маълумоти дигар дар бораи ҳаёти ӯ, ки барои бештар шинохтани шахсияти пурсишшаванда зарур аст, ба даст меорад.[406]

Огоҳ кардани шахси пурсишшаванда дар бораи ҷавобгарӣ барои саркашӣ аз додани нишондод ва пешниҳоди нишондоди бардурӯғ аҳаммиятнок аст. Зеро он ба шуури ҳуқуқии шахсони пурсишшаванда таъсир расонда, дорои омилҳои водоркунанда барои пешниҳоди нишондоди воқеӣ ва дурӣ ҷустан аз пешниҳоди нишондоди бардурӯғ аз ҷониби шоҳид ва ҷабрдида мебошад.

Ба андешаи мо аз рӯйи тарс шахс кушиш мекунад, ки нишондоди дуруст диҳад. Чунки ҳангоми огоҳ шудан аз ҷавобгарӣ ва шунидани санксияи модда барои нишондоди бардуруғ ё саркашӣ намудан аз додани нишондод ӯ танҳо атрофи маҳруми аз озодӣ ё пардохти маблағи калони ҷарима андеша мекунад. Ҳамин тавр, ин асос мешавад, ки ӯ нишондоди дуруст дода ва ҳатто хотироти худро пурра ба ёд оварад.

---

[405] Гайдин А. И. Использование информационных ресурсов Интернет в расследовании преступлений // Уголовно-процессуальные и криминалистические проблемы борьбы с преступностью :Всерос. науч.-практ. конф. Воронеж, 2016. С. 89–92.

[406] Камышников А. П., Лукашин В. И. Незаконный оборот наркотиков. М. :Щит-М, 2018. с. 250..

Барои эҳё кардани хотираи шоҳид ё ҷабрдида усулҳои тактикии зерин истифода мешавад:

–Пурсиш бо истифода аз пайвандҳо (робитаҳо)-и ассотсиативӣ. Дар шуури шоҳид ё ҷабрдида воқеаҳое ба амал меоянд, ки бо ҳамдигар муносибатҳои муайяне ба вуҷуд меоранд, ки ба хотир овардани як факт (хотираи пештара ва ҳамроҳшаванда), инчунин маълумоти минбаъда ё ба ҳам монандро бармеангезад.

–Пурсиш дар ҷой – гуногуннавъии пурсиш бо истифода аз робитаи ассотсиативӣ, вақте ки аз нав дарки он муҳит (вазъият) таҳқиқ карда мешавад, ки дар он фурӯши ғайриқонунӣ ва ё ба даст овардани силоҳ ба амал омадааст.

–Пурсиши дубора (аз сари нав) дар шароити маҳдуд. Ҳангоми нишондоди дубора шахси пурсишшаванда метавонад далелҳои фаромушшуда ва ё нагуфтаашро ба ёд оварад, инчунин далелҳое, ки мехост пинҳон созад. Қобили зикр аст, ки дар захираи муфаттиш шумораи зиёди усулҳои тактикӣ мавҷуд аст, ки ҳангоми истифодаи дурусти онҳо барои пурсиши ҷабрдида ва шоҳид ба тафтиши парвандаҳои вобаста ба муомилоти ғайриқонунии моводи нашъаовар ёрии калон расонда метавонад.

Хусусияти дигари тактикаи пурсиш, ки илман асоснок шудааст – ин ба аз ҷони муфаттиш ба марҳилаҳо ҷудо намудани тактикаи пурсиш мебошад. Ба андешаи мо ба марҳилаҳо ҷудо намудан ва ё риояи пайдарҳамӣ ҳангоми пурсиш ин риоя намудани қонуниятҳои тактикаи пурсиш мебошад. Ҳангоми риоя шудани он пурсиши дилхоҳ парвандаҳои ҷиноятии марбут ба муомилоти гардиши ғайриқонунии моводи нашъаовар самара медиҳад. Дар назарияи илми криминалистика тактикаи пурсиши шоҳидро ба марҳилаҳо ҷудо менамоянд, ки таснифоти он дар таҷрибаи амалинамоии тактикаи пурсиш ҳамчун тарзҳои тактикӣ истифода мешавад. Дар робита ба тактикаҳои криминалистӣ, пурсиши шоҳид ва ҷабрдида ба 4 марҳила бахшбандӣ мешавад:

- барқарор кардани робитаҳои равонӣ бо шахси пурсишшаванда;
- нақли озоди пурсишшаванда;
- ба миён гузоштан (пурсиш)-и саволҳои рушану возеҳ;
- шинос кардани шоҳид ва ҷабрдида ба протоколи пурсиш ва далелҳои сабти аудиё ва видеоӣ.

Дар мавриди тафтиши парвандаҳои ҷиноятии марбут ба гардиши ғайриқонунии моводи нашъаовар ба роҳ мондани ҳар як марҳила хусусиятҳои ба худ хосро касб менамояд. Ҳамзамон, аз амалинамоии ҳар як марҳила тактикаи пурсиши дигар ҷиноятҳо фарқ менамояд, чунки ҷараёни содиршавии ҷиноятҳои мазкур ва шахсияти ҷинояткор дорои аломатҳое мебошанд, ки дигар ҷиноятҳо доро намебошанд. Бинобар ин, муфаттишро мебояд, ки ҳар як марҳиларо дар вобастагӣ бо хусусиятҳои ҷиноят ва ҷинояткори самти мазкур ба назар гирифта, амалӣ намояд.

Таҷрибаи баррасии парвандаҳои ҷиноятии марбут ба гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар нишон медиҳад, ки баъзе мавридҳо зарурияти пурсиши шахсоне ба миён меояд, ки онҳо ҳангоми амалӣ намудани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба сифти шоҳид ва ё гумошта баромад намуда буданд. Дар мавриди тафтиши парвандаҳои ҷиноятии марбут ба гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар ба сифати шоҳид ҷалб намудани шахсе, ба сифати шиҳид ва ё шахси холис ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ баромад намудааст, проблемаҳои зиёдеро ба миён намеоварад. Аммо ҳангоми ба сифати шиҳид ва ё шахси холис ҷалб намудани шахсе, ки ба ҳайси гумошта дар гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ баромад намудааст дар таҷриба проблемаи мубрам мебошад. Чунки қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ” шахсияти шахсоне, ки ба сифати гумошта ҷалб шудаанд ҳамчун сирри давлатӣ эътироф намудааст ва даъвати онҳо дар мавриди тафтиши минбаъдаи парвандаи ҷиноятӣ манъ мебошад. Ба андешаи мо маҳз ҳаногоми пайдо шудани шубҳа вобаста ба воқеияти далелҳои парвандаи ҷиноятии марбут ба гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар сарчашмаи ягонаи аз байн бурдани шубҳа нишондоди рӯ ба рӯи гумошта ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз мо бар он андешаем, ки қонунгӯзорӣ бояд ба таври истисно пурсиши гумоштаро дар мавриди тафтиши парвандаи ҷиноятии марбут ба гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар ба муфаттиш иҷозат диҳад.

Ҳангоми тафтиши парвандаи ҷиноятии марбут ба гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар пурсиши шоҳиди ноболиғ ба миён омаданаш аз эҳтимол дур нест. Тактикаи пурсиши шоҳиди ноболиғ аз нигоҳи криминалистӣ хусусиятҳо ба худ хос дорад. Чунин шоҳидон аз сабаби тарси масъулият ва ҷазои кирдори хеш, одатан барои пешниҳоди нишондоди дуруст тамоюл надоранд. Дар чунин ҳолатҳо муфаттиш бояд мақсади пурсишро ба онҳо фаҳмонда, инчунин онҳоро муътақид созанд, ки ноболиғонро хатари ҷавобгарии ҷиноятӣ таҳдид намекунад. Илова бар он, таъкид кардан лозим аст, ки роҳи интихобкардаи онҳо то чи андоза хатарнок ва кирдори онҳо чи оқибатҳои хатарноку нохуш ба бор меорад. Ба шоҳиди ноболиғ бояд имкон дод, то аз пеши худ далелҳо аз рӯи парвандаро нақл кунад.

Чунин ба назар мерасад, ки ҳангоми пурсиши ҳама категорияи шоҳидон, ки дар бораи аломатҳои нишондодашуда маълумот пешниҳод мекунанд, маълумот дар бораи аломатҳои гуногуни инкишофи он бояд истифода шавад.

Мувофиқи Кодекси мурофиавӣ-ҷиноятии ҶТ, маълумоти ироашавандаи шоҳид ва ҷабрдида, ки ба таври тахмин ва шунидаҳо асос ёфта бошад, ичунин агар шоҳид манбаъи хабардории худро нишон дода натавонад, далели воқеӣ ба ҳисоб намеравад. (73 КМҶ ҶТ).

Мувофиқи моддаи 197 КМҶ ҶТ аз рӯи қоидаҳои умумӣ пурсиш дар ҷойи тафтишоти пешакӣ гузаронида мешавад, яъне утоқи муфаттиш. Агар аз рӯи парвандаи ҷиноятии марбут ба гардиши ғайриқонунии моводи нашъаовар шумораи зиёди шоҳид пайдо шавад, зарур аст, ки ҳар яки онҳоро дар вақтҳои муайян ба пурсиш даъват кард. Илова бар ин, имкони мулоқоти онҳоро (масалан, дар бинои шуъбаи тафтишотӣ, таваққуфгоҳ) ва суҳбатҳои имконпазири онҳо дар мавриди ҳолатҳои куштор, ки ба сатҳу сифати нишондод таъсири бад дорад, пешгирӣ бояд кард. Қарор дар бораи берун аз утоқи корӣ гузаронидани пурсишро муфаттиш мустақилона қабул мекунад.

**Адабиёт:**

1. Гайдин А. И. Использование информационных ресурсов Интернет в расследовании преступлений // Уголовно-процессуальные и криминалистические проблемы борьбы с преступностью :Всерос. науч.-практ. конф. Воронеж, 2016. С. 89–92.

2. Қодирзода Д.С. Государствоведение и права человека. 2021. № 4 (24). 254-264 https://law.tnu.tj/images/docs/davlat_va_hukuk_4_2021.pdf.pdf (дата обрашения 06.05.2022).

3. Қодирзода Д.С. Тактикаи пурсиш ва нақши он дар раванди ошкоркунии ҷинояти гардиши ғайриқонунии моводи нашъаовар.

4. Камышников А. П., Лукашин В. И. Незаконный оборот наркотиков. М. :Щит-М, 2018. 348 с.

# ТАКТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ПРОИЗВОДСТВА ДОПРОСА ПРИ РАССЛЕДОВАНИИ ПРЕСТУПЛЕНИЙ В СФЕРЕ ЗЕМЕЛЬНЫХ ОТНОШЕНИЙ

**Давлатов Д.Д.,**
к.ю.н., старший преподаватель кафедры криминалистики и судебно-экспертной деятельности юридического факультета Таджикского национального университета.
**Тел.:** (+992) 901070703
**E-mail:** dilovar0707@mail.ru

**Ахмадов М.С.,**
ассистент кафедры криминалистики и судебно-экспертной деятельности юридического факультета Таджикского национального университета.
**Тел.:** (+992) 931009099
**E-mail:** Muhammad_62@mail.ru

**Научный руководитель:** Ямакова З.Д., кандидат юридических наук, профессор
**Рецензент:** Назаров А.К., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация:** В данном статье рассматривается тактические особенности допроса при расследовании преступлений в сфере земельных отношений. В связи с расследованием преступлений в сфере земельных отношений, допрос как самостоятельное следственное действие имеет большое теоретическое и практическое значение. При расследование данного проблема автор в основном уделяет внимание понятию криминалистической тактики, классификации следственных действий в целом, допрос свидетелей, потерпевших и подозреваемых. При этом были проанализированы вопросы порядка проведения допроса, порядка вызова интервьюера и место проведения допрашиваемых лиц для расследования преступлений в сфере земельных отношений. Авторы данной статьи так же рассматривали вопросы правового анализа уголовно процессуального законодательства Республики Таджикистан и Российской Федерации.

**Ключевые слова:** Уголовно-процессуальный кодекс; следственное действие; допрос; криминалистика; криминалистическая тактика; тактическая операция; тактическая рекомендация; расследование преступлений в сфере земельных отношений; расследование преступления; борьба; раскрытия.

# ХУСУСИЯТҲОИ ТАКТИКИИ ГУЗАРОНИДАНИ ПУРСИШ ВОБАСТА БА ТАФТИШИ ҶИННОЯТҲО ДАР СОҲАИ МУНОСИБАТҲО ВОБАСТА БА ЗАМИН

**Давлатов Д.Д.,**
н.и.ҳ. муаллими калони кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел.:** (+992) 901070703
**E-mail:** dilovar0707@mail.ru

**Аҳмадов М.С.,**
ассистени кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел.:** (+992) 931009099
**E-mail:** Muhammad_62@mail.ru

**Роҳбари илмӣ:** Ямакова З.Д., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Тақриздиҳанда:** Назаров А.К., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои тактикии пурсиш ҳамчун амали тафтиши вобаста ба ҷиноятҳо дар соҳаи муносибатҳо вобаста ба замин мавриди барраси қорор дода шудааст. Вобаста ба тафтиши ҷиноятҳо дар соҳаи замин пурсиш ҳамчун амали мустақили тафтиши тавсифи шудааст, ки аҳамияти калони назарияви ва амалиявиро доро мебошад. Диқати бештар дар мақолаи мазкур ба мафҳуми тактикаи криминалисти, таснифи амалҳои тафтишӣ ба таври умуми, пурсиши шоҳидон, ҷабрдидагон ва гумонбаршуда дода шудааст. Ҳамзамон масъалаҳои навбати пурсиш, таритиби даъват ба пурсиш ва ҷои шахсони пурсишшаванда доир ба тафтишӣ ҷиноятҳо дар соҳаи муносибатҳо вобаста ба замин таҳлил карда шудааст. Дар баробари ин муалифон дар мақолаи худ масъалаҳои таҳлили муқоисавии ҳуқуқии қонунгузории мурофиявии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русияро доир ба пурсиш мавриди баррасӣ қарор додаанд.

**Каливожаҳо:** Кодекси мурофиявии ҷиноятӣ; амали тафтиши; пурсиш; криминалистика; тактикаи криминалисти; амалиётҳои тактики; тавсияҳои тактики; тафтиши ҷиноятҳо вобаста ба муносибатҳои дар соҳаи замин; тафтиши ҷиноят; мубориза; ошкоркунӣ.

# TACTICAL FEATURES OF THE PRODUCTION OF INTERROGATION IN THE INVESTIGATION OF CRIMES IN THE FIELD OF LAND RELATIONS

**Davlatov D.D.,**
Candidate of Low Senior Lecturer of the Department of Criminalistics and Forensic Expertise, Faculty of Law,
Tajik national universiti
**Phone:** (+992) 901070703
**E-mail:** dilovar0707@mail.ru

**Ahmadov M.S.,**
applicant of the Department of Criminalistics and Forensic Expertise, Faculty of Law,
Tajik national universiti
**Phone:** (+992) 931-00-90-99.
**E-mail:** Muhammad_62@mail.ru

**Scientific adviser:** Yamakova Z.D., candidate of legal sciences, professor
**Reviewer:** Nazarov A.K., Doctor of Law, Professor

**Annotation:** This article discusses the tactical features of interrogation in the investigation of crimes in the field of land relations. In connection with the investigation of crimes in the field of land relations, interrogation as an independent investigative action is of great theoretical and practical importance. When investigating this problem, the author mainly pays attention to the concept of forensic tactics, the classification of investigative actions in general, the interrogation of witnesses, victims and suspects. At the same time, the issues of the procedure for conducting interrogation, the procedure for calling the interviewer and the place of interrogated persons for the investigation of crimes in the field of land relations were analyzed. The authors of this article also considered the issues of legal analysis of the criminal procedure legislation of the Republic of Tajikistan and the Russian Federation.

**Key words:** Code of Criminal Procedure; investigative action; interrogation; criminalistics; forensic tactics; tactical support; tactical recommendation; investigation of crimes in the field of land relations; investigation of crimes; struggle; disclosure.

Процессуальным средством собирания и проверки доказательств в деятельности по раскрытию и расследованию преступлений в сфере земельных отношений являются следственные действия. При этом результативность их производства находится в прямой зависимости от качества подготовки к проведению следственных действий, своевременности их проведения и полноты фиксации. Как справедливо

замечает А.Б. Соловьев, от этого напрямую зависит эффективность борьбы с преступлениями, законность и качество их расследования[407].

Эффективность расследования преступлений в сфере земельных отношений определяется комплексом тактических приемов и рекомендаций по проведению следственных действий.

Проблемам криминалистической тактики, и в частности, тактики следственных действий, в разный период времени были посвящены труды многих ученых как в области криминалистики, так и в области уголовного процесса, юридической психологии[408].

Саҳми назаррас аз ҷониби С.П. Митричев вобаста ба тавсифи криминалистии ҷиноят пешниҳод карда шудааст, ӯ изҳор дошт, ки дар мавриди ошкор кардани ҷиноятҳо аз имкониятҳои илм ва техника фаъолона истифода бурдан зарур аст. С.П. Митричев бидуни ифшои тавсифи криминалии ҷиноятҳо, мазмуни онро аз се нуқтаи асосии ба ҳам алоқаманд вобаста донистааст: 1) тарзи содир шудани ҷиноят; 2) пайҳои ҷиноят; 3) шахсияти ҷинояткор. Аммо ба андешаи ӯ, ин рӯйхати пурраи аломатҳое нест, ки аҳамияти криминалистӣ дошта бошанд[425].

Назарҳои зиёд доир ба масоили мазкур бештар вобаста ба "мураккабӣ ва серпаҳлӯгӣ будани мафҳуми тадқиқотшаванда, ки ба инкишофи фаъолонаи ӯ халал намерасонад" маънидод карда мешаванд[426].

Айни ҳол ҳама олимон-криминалистон он ҳақиқатеро (факте)-ро эътироф мекунанд, ки тавсифи криминалистии ҷиноятҳо унсури ҳатмӣ ва ивазнашавандаи усули тафтиши ҷиноятҳои алоҳида ба шумор меравад[427].

Бояд тазаккур дод, ки И.А. Возгрин мафҳуми аз ҳама мухтасар, пурмазмуни тавсифи криминалистиро ба ҳайси системаи маълумотҳо, тавсияҳо ва дар асоси онҳо нишонаҳои хоси ҷиноятӣ, ки он донишҳо барои муфаттишон дар ташкил, амалисозии ҳамаҷониба, пурра ва объективона ошкор, тафтиш заруранд, пешниҳод намудааст[428].

[423] Белкин Р.С. Курс криминалистики: в 3 т/ – М.: Юристь, 1997. Т. 3. – 298 с.

[424] Колесниченко А.Н. Научные и правовые основы расследования отдельных видов преступлений: автореферат доктора юрид.наук. – Харьков, 1967. – 10 с.

[425] Митричев С.П. Методика расследования отдельных видов преступлений// Криминалистика и судебная экспертиза. Республиканский межведомственный сборник научных и научно-методических работ. – Киев, 1973. – 27 с.

[426] Щербич Л.А. История становления категории «Криминалистическая характеристика преступлений» // История государства и права. 2006, № 10. – С. 5.

[427] Ренер Н.А. Криминалистическая характеристика незаконного оборота янтаря // Российский следователь, 2016, № 12. – С. 5.

428 Возгрин И.А. Криминалистические методики расследования преступлений: Курс криминалистики: В 3 т. Т. 2: Криминалистическая методика: Методика расследования преступлений против личности, общественной безопасности и общественного порядка / Под ред. О.Н. Коршуновой и А.А. Степанова. – СПб.: Юридический центр «Пресс», 2004. – С. 76.

Масъалаи асосие, ки дар мақолаи мазкур мавриди тадқиқоти илмӣ қарор дода шудааст, ин муайян намудани тавсифи криминалистии худкушӣ ба шумор меравад.

Омӯзиши адабиётҳои ҳуқуқӣ нишон медиҳанд, ки ба ин ва ё он дараҷа мушкилоти (проблема)-и тафтиши худкушӣ дар асарҳои В.С. Бурданова[429], Е.А. Соломатина[430], Н.Н. Илин[431] баррасӣ карда шудаанд.

Новобаста аз теъдоди зиёди ҳодисаҳои худкушӣ парвандаҳои ҷинояти марбут ба ҳолатҳои ба худкушӣ расонидан кам оғоз гардидааст, ки ба ин сифати пасти санҷиш, сари вақт нагузаронидани ҳаракатҳои аввалиндараҷаи санҷишӣ, муайян нашудани доираи муносибатҳои ҷабрдида, нагирифтани далелҳое, ки барои исботи гуноҳ асос шуда метавонанд ва дигар омилҳо марбут мебошад. Таҷрибаи санҷиши ҳодисаҳои ба худкушӣ даст задани шаҳрвандон ва сӯиқасд ба онҳо собит сохт, ки дар баъзе мавридҳо ҳодисаҳои мазкур ба пуррагӣ санҷиш нашуда, ба ҳамаи пахлӯҳои содир шудани ин ҳодисаҳо, аз ҷумла мавҷудияти аломатҳои ҷинояти ба худкушӣ расонидан (м. 109-и КҶ ҶТ) диққати ҷиддӣ дода намешавад[432].

Аз ин лиҳоз, таҳлил кардани адабиётҳои мазкур ба мо имконият медиҳанд, чунин хулосабарорӣ намоем, ки олимон ба масъалаҳои тавсифи криминалистии худкушӣ ба қадри кофӣ эътибор надодаанд.

Махсусан Бобоҷонов И.Х. зикр мекунад, ки "Худкушӣ дар амалияи давлатҳои хориҷӣ иҷозат дода нашудааст ва он бо қонунҳои худи полис ба ҳисоб гирифта шуда, дастгири он буд, ки агар гуфтан ҷоиз бошад, як ҷузъи иҷтимоии шаҳр-полис буд. Ва бо гум шудани шахсият, низоми зиндагии ӯ вайрон мешуд. Сохт вайрон мешуд. Аз ин ҷост, манъи худкушӣ[433].

Ба ақидаи Л.В. Франк масоили худкуширо ягон фанҳои криминалистӣ наомӯхта, онро илми виктимология меомӯзад, зеро худкуш қурбонии худ шудааст[434].

Аммо ақидаи муаллиф баҳснок буда, бо он розӣ шудан ғайриимкон аст. Аз оне ки механизми худкушӣ ва ё содир шудани дигар кирдорҳои ба ҷамъият хавфнокро танҳо бо усулҳои илми криминалистика муайян кардан мумкин аст.

---

[429] Бурданова В.С. Расследование доведения до самоубийства: Учебное пособие. 2-е издание, испр.и доп.. – СПб., 2001. – 56 с.

[430] Соломатина Е.А. Особенности расследования доведения до самоубийства несовершеннолетних: Учебно-методическое пособие / Под ред. А.М. Багмета, В.В. Бычкова. – М.: Академия Следственного комитета РФ, 2014. – 70 с.

[431] Ильин Н.Н. Актуальные вопросы расследования доведения до самоубийства // Вестник Московского университета МВД России, 2017, № 1. – С. 100-104.

[432] Қурбонов Ш.Ҳ. Ҳодисаҳои даст ба худкушӣ задани шаҳрвандон ва тарзу усулҳои санҷиши онҳо // ҚОНУНИЯТ / Маҷаллаи илмию амалӣ ва назариявии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шумораи ҷашнӣ. – №1. – Душанбе, 2009. – С. 59.

[433] Бабаджанов И.Х. Гносеология правовой танатологии (теоретико-правовые аспекты учения о смерти). – Душанбе, 2009. – С. 71.

[434] Франк Л.В. Виктимология и виктимность. – Душанбе, 1972. – С. 71 – 72.

Чӣ тавре ки профессор Ямоқова З.Д. иброз медорад, айни ҳол, аллакай ба назар чунин мерасад, ки тадқиқоти ин мушкилотро густариш додан шарт ва зарур аст[435].

Ба мисли тавсифи криминалистии ҳама гуна намуди дигари таҷовузи ҷиноятӣ ба шахсият, ҳангоми тавсифи худкушӣ бояд ба механизм, вазъияти (муҳит)-и содир шудани ҳодиса, инчунин ба маълумотҳои криминалистии аҳамиятдор оид ба шахсияти ҷабрдида диққати махсус дода шавад.

Дар таркиби механизми содир кардани ҷиноят мумкин аст, ки тарзҳои хоси тайёрӣ, содир ва пинҳон кардани амали барои ҷамъият хавфнок ва миёни унсурҳои ҳолати содир шудани ҷиноят - вақт, макон ва дигар ҳолатҳои муҳими содир гардидани ҷиноятро ҷудо кардан мумкин аст.

Ғайр аз ин, оид ба тавсифи криминалистии худкушӣ якчанд унсурҳоро ҷудо кардан мумкин аст:

1) технологӣ (тарзҳои тайёрӣ, содир ва пинҳон кардани ҷиноят; вазъияте, ки дар он ҷиноят содир шудааст; механизми содир шудани ҷиноят; маълумотҳо оид ба пайҳои моддии ҷиноят);

2) шахсӣ (маълумот дар бораи хусусиятҳои шахсияти ҷабрдида; маълумот дар бораи хусусиятҳои шахсияти ҷинояткор; ангезаҳои фаъолияти онҳо).

Вобаста ба гурӯҳи аввал, ки “технологӣ” ном гирифтааст, бояд қайд кард, ки он дар алоҳидагӣ мафҳумҳои зерин, ба монанди “тарзҳои содир шудани ҳодиса” ва “механизми ҳодиса”-ро дар бар мегирад.

Таҳлили адабиётҳои дахлдори криминалистӣ ба мо имконият медиҳанд, ки то чӣ андоза баҳсталаб будани ҳақиқати (факт)-и масъалаи “механизми ҳодиса”-ро муқаррар кунем.

И.А. Возгрин дар асарҳои худ танҳо аломатҳои тарзҳои содир шудани ҳодиса, шахсияти гумонбаршуда, шахсияти ҷабрдидаро муайян карда буд[436].

Ба ақидаи А.Н. Василев, механизми ҳодисаи худкушӣ бояд ҳамчун ҷараёни содир кардани кирдори барои ҷамъият хавфнок дарк карда шавад, ки тарзҳои кирдорҳои ба ҷамъият хавфнок, ҳамаи амалҳои кирдорро дар бар мегирад, ки пайдоиши пайҳои ҳам моддӣ ва ҳам пайҳои идеалиро, ки бо мақсади ошкор ва тафтиши ҳодисаҳо истифода мешаванд.

Аз нуқтаи назари В.А. Образтсов механизми ҳодисаи худкушӣ ҳамчунин дар шароитҳои муайян амалишаванда (татбиқшаванда), бавуҷудоӣ, пайдарпайии динамикаи системаи рафторҳои ғайриқонунӣ ва зухуроти ғайримуқаррарӣ, ки аҳамияти криминалистӣ доранд, маънидод карда шудааст[437].

---

[435] Ямакова З.Д. Криминалистическое исследование документов по делам, возбужденным по факту самоубийства // Укрепление законности и правопорядка в период развитого социализма / ТГУ имени В.И. Ленина, юридический факультет. – Душанбе, 1978. – С. 84.

[436] Танасевич В.Г., Образцов В.А. О криминалистической характеристике преступлений // Вопросы борьбы с преступностью. – М., 1976. Вып. 25. – С. 94.

[437] Танасевич В.Г., Образцов В.А. – Указ. соч. – С. 96.

В.Н. Кудрявтсев тахти механизми кирдор ҳамкориҳои омилҳои берунаи воқеияти объективӣ ва равандҳои равонию руҳии шахсияти ҷабрдидаро дарк мекунад, ки он барои баровардани қарор оид ба содир намудани ҳодиса таъсир мерасонад, иҷрои онро роҳбарӣ ва назорат мекунад[438].

А.М. Кустов бошад, механизми ҳодисаи худкуширо ҳамчун системаи равандҳои ҳамкории байни иштирокчиёни бевосита ва бавоситаи ҳодисаи содиршуда бо якдигар ва бо муҳити моддӣ, ки бо истифодаи силоҳҳо, воситаҳо ва дигар унсурҳои алоҳидаи вазъият алоқаманд аст, муайян мекунад[439].

Ҳамин тавр, фаъолияти ҳодиса марбут бо амалҳои пайваста ва ба ҳам алоқаманд оид ба тайёрӣ, содир ва пинҳон кардани ҳодиса, ки ҳадафи он ба даст овардани оқибати ҳодиса мебошад, аз ҷониби бисёр олимон ҳамчун яке аз унсурҳои асосии механизми ҳодисаи худкушӣ эътироф карда мешавад.

Ҳангоми тафтиши ҳодисаи худкушӣ, пеш аз ҳама омӯхтани хусусиятҳои шахсияти ҷабрдида, сабабҳои барангехтан ба худкушӣ ва муайян кардани макон (ҷой), замон (вақт) ва тарзи содир кардани ҳодиса муҳим аст.

Ҳ. Салимов ҷиҳати масъалаи мазкур чунин иброз намудааст "... барои он ки пайҳои ҷиноят, асосан дар бадани ҷабрдида, дар либосҳои он боқӣ мемонад"[440].

Ғайр аз ин, маълумот дар бораи шахсияти ҷабрдида ба ҳайси яке аз унсурҳои асосии тавсифи криминалистӣ баромад мекунад. Дар ҷараёни тафтиш муайян кардани синну соли ҷабрдида, дар қайди нарколог ё духтури руҳшинос (психиатр) будани ӯ, муайян кардани робитаҳои иҷтимоии ӯ ва мавҷудияти ихтилофот дар оила, аниқ кардани он ки ӯ шахсан бо гумонбаршуда (айбдоршаванда) шинос буд ё не ва ғ.[441].

Маълумоти боз ҳам муҳими дигар дар мавриди тафтиш бо гурӯҳи ҳодисаи баррасишуда - ин тарзи содир кардани ҳодисаи худкушӣ ба шумор меравад, зеро ошкор кардани шахсияти водоркунандаи худкушӣ хеле душвор аст, агар механизми рафтори ҷиноятии ӯ муқаррар нашуда бошад.

Гуфтаҳои дар боло қайдгардидаро, ба назар гирифта, чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки мазмуни (мундариҷа)-и тавсифи криминалистии худкушӣ бо чунин унсурҳо ташаккул меёбанд:

1) тавсифи криминалистии шахсияти гумонбаршуда;

2) тавсифи криминалистии шахсияти ҷабрдида;

---

[438] Кудрявцев В.Н. Природа преступного поведения и его механизм // Механизм преступного поведения. – М., 1981. – С. 7.

[439] Кустов А.М. Криминалистика и механизм преступления: Цикл лекций. – М.: Изд-во Московского психолого-социального института, 2002. – С. 35.

[440] Салимов Ҳ. Криминалистика. Китоби дарсӣ. – Душанбе, 2006. – С. 428.

[441] Керик Л.И. Личность преступника как элемент криминалистической характеристики доведения до самоубийства // Проблемы законности. 2015, № 2.– С. 167.

3) муҳити ҳодиса (вақт, макон ва дигар шароитҳои худкушӣ ва ба худкушӣ расонидан);

4) механизми содиршавии ҳодиса (тарзҳои тайёрӣ, содир шудани ҷиноят ва тарзҳои пинҳон кардани он);

5) хусусиятҳои пайдошавии пайҳои ба худкушӣ расонидан.

**Адабиёт:**

1. Белкин Р.С. Курс криминалистики: в 3 т. – М.: Юристь, 1997. Т. 3. – 298 с.

2. Бессонов А.А. Исторические основы возникновения и развития института криминалистической характеристики преступлений // Актуальные проблемы российского права. 2014, № 11 (48). – 2609 с.

3. Бурданова В.С.Расследование доведения до самоубийства: Учебное пособие. 2-е издание, испр.и доп. – СПб., 2001. – 56 с.

4. Бабаджанов И.Х. Гносеология правовой танатологии (теоретико-правовые аспекты учения о смерти). – Душанбе, 2009. – 351 с.

5. Возгрин И.А. Криминалистические методики расследования преступлений: Курс криминалистики: В 3 т. Т. 2: Криминалистическая методика: Методика расследования преступлений против личности, общественной безопасности и общественного порядка / Под ред. О.Н. Коршуновой и А.А. Степанова. – СПб.: Юридический центр «Пресс», 2004. – 249 с.

6. Вафин Р.Р. Вымогательство (рэкет) – криминалистические проблемы. – Екатеринбург: ЕВШ МВД РФ, 1993. – 161 с.

7. Ильин Н.Н. Актуальные вопросы расследования доведения до самоубийства // Вестник Московского университета МВД России, 2017, № 1. – 212 с.

8. Калинин А. Обусловленность уголовной ответственности за доведение до самоубийства // Законность, 2007, № 5. – 64 с.

9. Керик Л.И. Личность преступника как элемент криминалистической характеристики доведения до самоубийства // Проблемы законности. 2015, № 2. – 190 с.

10. Кудрявцев В.Н. Природа преступного поведения и его механизм // Механизм преступного поведения. – М., 1981. – 248 с.

11. Кустов А.М. Криминалистика и механизм преступления: Цикл лекций. – М.: Изд-во Московского психолого-социального института, 2002. – 304 с.

12. Колесниченко А.Н. Научные и правовые основы расследования отдельных видов преступлений: автореферат доктора юрид.наук. – Харьков, 1967. – 28 с.

13. Қурбонов Ш.Ҳ. Ҳодисаҳои даст ба худкушӣ задани шаҳрвандон ва тарзу усулҳои санҷиши онҳо // ҚОНУНИЯТ / Маҷаллаи илмию амалӣ ва назариявии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шумораи ҷашнӣ. – №1, 2009. – 152 с.

14. Митричев С.П. Методика расследования отдельных видов преступлений // Криминалистика и судебная экспертиза. Республиканский межведомственный сборник научных и научно-методических работ. – Киев, 1973. – 27 с.

14. Ренер Н.А. Криминалистическая характеристика незаконного оборота янтаря // Российский следователь, 2016, № 12. – 234 с.

15. Соломатина Е.А. Особенности расследования доведения до самоубийства несовершеннолетних: Учебно-методическое пособие / Под ред. А.М. Багмета, В.В. Бычкова. – М.: Академия Следственного комитета РФ, 2014. – 70 с.

16. Салимов Ҳ. Криминалистика. Китоби дарсӣ. – Душанбе, 2006. – 566 с.

17. Танасевич В.Г., Образцов В.А. О криминалистической характеристике преступлений // Вопросы борьбы с преступностью. – М., 1976. Вып. 25. – 94 с.

18. Франк Л.В. Виктимология и виктимность. – Душанбе, 1972. – 113 с.

19. Щербич Л.А. История становления категории «Криминалистическая характеристика преступлений» // История государства и права. 2006, № 10. – 40 с.

20. Ямакова З.Д. Криминалистическое исследование документов по делам, возбужденным по факту самоубийства // Укрепление законности и правопорядка в период развитого социализма / ТГУ имени В.И. Ленина, юридический факультет. – Душанбе, 1978. – 200 с.

# ҲУҚУҚИ МАЪМУРӢ; МУРОФИАИ МАЪМУРӢ (ИХТИСОС: 12.00.14) – АДМИНИСТРАТИВНОЕ ПРАВО; АДМИНИСТРАТИВНЫЙ ПРОЦЕСС (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.14)

## ФУНКСИЯИ ПЕШГӮӢ ВА БАНАҚШАГИРӢ ДАР ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ ФАЪОЛИЯТИ ГУМРУКӢ

**Маъруфӣ Р.Н.,**
профессори кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, д.и.ҳ.
**Тел.:** (+992) 918-50-22-27
**E-mail:** marifhonov_r@mail.ru

**Соибов З.М.**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
**Тел.:** (+992) 985-11-66-99
**E-mail:** zayniddin.soibov.92@mail.ru

**Муқарриз:** Ғафурзода А.Д., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда**: Идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ба мазмуни амалиаш ифодагари фаъолияти амалии мақомоти идоракунии давлатӣ дар соҳаи мазкур мебошад, ки вазифа ва ҳадафҳои муайянро доро мебошад. Онҳо маҷмуи масъалаҳо ва мушкилот мебошанд, ки дар давраи муайян барои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ҳамчун фишанги муҳимтарини роҳбарӣ намудан ба соҳаи номбурда пешбинӣ гардидаанд. Бинобар ҳамин, барои амалисозии вазифа ва ҳадафҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ функсияҳо таъин гардидаанд. Яке аз функсияҳои муҳимтарини идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ин функсияи пешгӯӣ ва банақшагирӣ мебошад. Функсияи мазкур дар заминаи таҳлилҳои амиқи илмӣ дурнамои рушди идоракунии давлатии соҳаи номбурдаро муайян намуда, ҳамзамон дар доираи нақшаи муайян фаъолияти мақомоти идоракунии давлатиро дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ нишон медиҳад.

Бояд гуфт, ки барои таъмини самаранокии идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ функсияи пешгӯӣ ва банақшагирӣ аҳамияти хоса дошта, рушд ва фаъолияти самараноки мақомоти идоракунии давлатии соҳаи мазкурро таъмин мекунанд. Дар иртибот бо ин, муаллиф кушиш намудааст, баъзе нуктаҳоро вобаста ба мазмуни ва табиати функсияи пешгӯӣ ва банақшагирии идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ баён намояд.

**Калидвожаҳо:** Идоракунии давлатӣ, функсия, пешгӯӣ, фаъолияти гумрукӣ, банақшагирӣ, вазифа, ҳадаф, консепсия, ғоя, ҳуҷҷати стратегӣ, объекти идоракунии давлатӣ.

# ФУНКЦИЯ ПРОГНОЗИРОВАНИЯ И ПЛАНИРОВАНИЯ В ГОСУДАРСТВЕННОМ УПРАВЛЕНИИ ТАМОЖЕННЫМ ДЕЛОМ

**Маъруфи Р.Н.,**
профессори кафедры конституционного права юридического факультета Таджикского национального университета, д.ю.н.
**Тел.:** (+992) 918-50-22-27
**E-mail:** marifhonov_r@mail.ru

**Соибов З.М.,**
кандидат юридических наук, доцент
**Тел.:** (+992) 985-11-66-99
**E-mail:** zayniddin.soibov.92@mail.ru

**Рецензент:** Гафурзода А.Д., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация:** Государственное управление таможенным делом на практическом содержании выражает практическую деятельность органов государственного управления данной сферы, которая включает в себя определенные задачи и цели. Оно является совокупностью вопросов и проблем, которое в определенном этапе предусмотрено для государственного управления таможенного дела как важный механизм руководствованные на указанных сферах. Таким образом, для реализации задачи и цели государственного управления таможенного дела назначены функции. Одними из важнейших функций государственного управления таможенного дела - это функции прогнозирования и планирования. Данные функции на основе глубоких научных анализов определяет перспективы развития государственного управления, указанной сферы, а также в рамках определенного плана показывает деятельность органов государственного управления в сфере таможенного дела.

Надо отметить, что для обеспечения эффективности государственного управления таможенного дела функции прогнозирования и планирования имеют особое значение, обеспечивает развитие и эффективность деятельности органов государственного управления данной сферы. В связи с этом, автор попытается излагать некоторые моменты в отношении содержания и природы функций прогнозирования и планирования государственного управления таможенного дела.

**Ключевые слова:** Государственное управление, функция, прогнозирования, таможенное дело, планирование, задача, цель, концепция, идея, стратегический документ, объект государственного управления.

# FORECASTING AND PLANNING FUNCTION IN STATE CUSTOMS MANAGEMENT

**Marufi R.N.,**
professor of the Department of Constitutional Law, Faculty of Law, TNU,doctor of law
**Phone:** (+992) 918-50-22-27
**E-mail:** marifhonov_r@mail.ru

**Soibov Z.M.,**
candidate of Juridical Sciences, Docent
**Phone:** (+992) 985-11-66-99
**E-mail:** zayniddin.soibov.92@mail.ru

**Reviewer:** Gafurzoda A.D., Doctor of Juridical Sciences, Professor

**Annotation:** The state administration of customs in practical terms expresses the practical activities of the state administration bodies in this area, which have certain tasks and goals. They are a set of issues and problems, which at a certain stage provided for the state administration of the customs business as an important mechanism guided by these areas. Thus, for the implementation of the task and purpose of the state administration of customs affairs assigned functions. One of the most important functions of the state administration of the customs business is the function of forecasting and planning. This function, based on in-depth scientific analysis, determines the prospects for the development of public administration, the specified area, and also, within a certain plan, shows the activities of public administration bodies in the field of customs.

It should be noted that in order to ensure the effectiveness of the state administration of the customs business, the functions of forecasting and planning are of particular importance, which ensures the development and efficiency of the activities of the state administration bodies in this area. In this regard, the author will try to set out some points regarding the content and nature of the function of forecasting and planning of the state administration of the customs business.

**Key words:** Public administration, function, forecasting, customs, planning, task, goal, concept, idea, strategic document, object of public administration.

Функсияҳои идоракунии давлатӣ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим ва гуногунҷанба мебошад, ки дер боз ба сифати предмети таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтааст. Ин масъала дар сатҳи илми ҳуқуқшиносӣ, сиёсатшиносӣ, таърих ва ҳоказо таҳлил ва баррасӣ гардидааст. Агар ба андешаҳои муҳаққиқон ва олимони риштаҳои гуногуни илмӣ назар афканем, мазмун ва моҳияти функсияҳои идоракунии давлатӣ дар маҷмуъ

айнан як баҳогузорӣ гардидааст. Чунончи, дар яке аз адабиёти илмии ҳуқуқӣ оварда шудааст, ки функсияи идоракунии давлатӣ салоҳияти дахлдори мақомоти идоракунии давлатиро меноманд, ки баҳри таъсиррасонии идоракунӣ ба корхона, муассиса ва ташкилоти ба он тобеъ равона мегардад.[442] Мутахассиси ҳуқуқи маъмурии Федератсияи Руссия К.С. Белский зери мафҳуми функсияҳои идоракунии давлатӣ унсурҳои мустақил, устувор ва махсусгардонидашудаи фаъолияти идоракуниро муайян намудааст.[443] Муҳаққиқи дигар муайян кардааст, ки функсияҳои асосии идоракунии давлатиро ҳамчун навъи ҳамкории умумӣ ва хоси дорои самти махсус миёни субъект ва объекти идоракунӣ мебошад, ки барои тамоми алоқаҳои идоракунӣ марбут буда, расидан ба муназзамӣ дар соҳаи идоракунии давлатиро таъмин менамояд.[444] Миронов А.Л. функсияҳои идоракуниро таҳлил намуда, иброз менамояд, ки функсияи идоракунӣ ҳамчун соҳаи имконпазири ташаккули таъсиррасонии идоракунанда, баамалбарории амалҳои муттасили бо ҳам алоқамандро оид ба коркарди воситаҳо ва усулҳои таъсиррасонӣ ва амалигардонии онҳо барои ҳалли масоили мушаххас дар назар дорад.[445] Ҳамчунин, ба андешаи Л.А. Симонян функсияи идоракунии давлатӣ баҳри расидан ба мақсадҳои идоракунии давлатӣ равона мегардад.[446]

Дар алоқамандӣ бо андешаҳои болозикр функсияҳои идоракунии давлатиро метавон чун унсури фаъолияти идоракунӣ, ҳамкории миёни субъект ва объекти идоракунӣ, таъсиррасонии идоракунанда ва воситаи ноилшавии мақсадҳои идоракунии давлатӣ хулосабарорӣ намуд. Дар воқеъ, ҳар як андешаи олими номбурда ба асли функсияҳои идоракунии давлатӣ мувофиқ меояд. Агар ба самти равиши функсияи идоракунии давлатӣ назар афканем, он ба амалишавии вазифаҳо ва расидан ба мақсадҳои (ҳадафҳои) идоракунии давлатӣ равона мегардад. Чун функсияҳои идоракунии давлатӣ аз функсияҳои давлат маншаъ мегирад, баҳри амалишавии вазифаҳо ва ноил гардидан ба мақсадҳои онҳо сурат мегирад.

Дар иртибот бо таъиноти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ бошад, функсияҳои идоракунии давлатӣ алоқамандӣ ва ҳамкории миёни субъект ва объекти идоракунии давлатии соҳаи мазкурро таҷассум менамояд, ки ба таври мушаххас таъсиррасониро ифода менамояд. Бо ҳамин мазмун, функсияҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ инъикоскунандаи таъсиррасонӣ чун асоси идоракунии давлатӣ дар соҳаи номбурда мебошад. Агар функсияи худи идоракуниро баён намоем, он соҳаи ташаккули таъсиррасонии идоракунандаро вобаста ба амалигардонии амалҳои алоқаманд оид ба коркарди усул ва воситаҳои

[442] Общее административное право / Под ред. Ю.Н. Старилова. Воронеж: Издательский дом ВГУ, 2016. Ч. 1. С. 40
[443] Белский К.С. Феноменология административного права. Смоленск, 1995. С. 57-59
[444] Куулар А.Б. Система и функции государственного и муниципиального управления в современных условиях // Modern scince. №10-3, 2009. С. 276
[445] Миронов А.Л. Государственное управление: основные цели и функции // Вестник Московского университета МВД России. №3. 2012. С. 164
[446] Козлов Ю.М. Управление народный хозяйством СССР, ч.1. М.: МГУ, 1969. С.94

таъсиррасонӣ ва амалисозии онҳо нисбати ҳалли масоили мушаххас дар назар дорад.[447] Вобаста ба ин, идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ моҳиятан хусусияти соҳавӣ дошта, функсияҳои он ба мазмуни томаш инъикоскунандаи функсияи идоракунии давлатӣ аст.

Идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ бо мақсади амалигардии вазифа ва ҳадафҳои худ, дорои функсияҳои гуногун мебошад, ки онҳо мазмуни ба худ хос дорад. Яке аз функсияҳои муҳимми идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ки марҳила ба марҳила самаранокӣ ва рушди онро таъмин мекунад, ин функсияи пешгӯӣ ва банақшагирӣ мебошад.

Функсияи пешгӯи ва банақшагирӣ дар идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ аҳамияти муҳим дошта, хусусияти стратегӣ, тарҳсозӣ, ояндабинӣ ва таҳиянамоӣ дорад. Функсияи мазкур моҳиятан ду функсияро дар худ таҷассум мекунад – пешгӯи ва банақшагирӣ. Онҳо ба ҳамдигар аломандӣ доранд. Аммо, мафҳумҳои ҷудогонаанд. Функсияи пешгӯӣ барои дар оянда рушду мустаҳкам намудани идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ва таъмини самаранокии он мусоидат мекунад. Моҳияти пешгӯӣ ҳамчун функсияи идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар таҳияи консепсияҳо ва ғояҳои илман асоснок ҷиҳати муайян намудани дурнамои рушди фаъолияти гумрукӣ ва идоракунии давлатии он ва таъмини самаранокии он ифода меёбад. Дар заминаи функсияи пешгӯӣ таҳлили ҳолати гузашта ва кунунии соҳа сурат гирифта, самтҳои афзалиятноки инкишофёбӣ ва устуворсозии идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, муайян карда мешавад. Ҳамзамон, пешгӯӣ дар низоми идоракунӣ ҳамчун амали мустақил, ки моҳиятан унсури онро ташкил медиҳад муайян шудааст[448].

Дар баробари ин қайд намудан ба маврид аст, ки пешгӯинамоӣ хусусияти таҳлилӣ дорад, ки муҳаққиқон низ чунин функсияи идоракунии давлатиро бо таҳлил ва таҳқиқоти илмӣ алоқаманд менамоянд[449]. Дар заминаи таҳлил ва таҳқиқоти амиқи илмӣ, ки функсияи пешгӯи амалӣ мегардад, ки ҳолат ва вазъи оянда дар ягон раванд муайян карда мешавад ва доираи зиёди вақтро барои таҳияи иттилоот ва мониторинги воқеияти мавҷуда тақозо менамояд[450].

Функсияи пешгӯии идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ водор менамояд, ки тамоми ҳолат ва вазъи масъалаҳои марбут ба фаъолияти гумрукӣ ва идоракунии давлатии он, таҷрибаи пешқадами давлатҳои муосир дар самти ташкили идоракунии давлатии соҳаи мазкур, қонунгузории дахлдори кишвар дар марҳилаи гузашта ва кунунӣ, мушкилот ва норасоиҳо вобаста ба он ва дурнамои рушд, бо гузоштани вазифа ва ҳадафҳо таҳлил ва муайян мешавад. Ин функсия дар шароити муосир бисёр аҳамияти муҳимро дар идоракунии давлатии тамоми соҳаҳо

[447] Четвериков В.С. Функции государственного управления в деятельности исполнительной власти // Вестник Московского университета МВД России. №3. 2010. С. 170

[448] Костюченко Н.И. Функция прогнозирования как общая функция управления в правоохранительной деятельности // Общество и право. 2015. №.2(52). С. 335

[449] Князев С.Н. Управление: искусство, наука, практика: учеб. Пособие. Минск, 2002. С. 71

[450] Жук А.А., Дидык Н.А., Дышловой И.Н. Прогнозирование как одна из важнейшей функции предприятия // Научный журнал: Экономические науки. 2016. №12(13). С. 45

касб менамояд. Чунки, равандҳо ва паҳлуҳои гуногуни он мавриди таҳлил қарор мегирад, ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии равандҳо муайян карда мешавад. Бо ҳамин мазмун, давра ба давра мустаҳками, устуворӣ, рушд ва самаранокӣ дар ташкил ва баамалбарории идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ таъмин карда мешавад.

Тавре дар боло зикр гардид, функсияи пешгӯӣ дар заминаи таҳлил ва таҳқиқоти амиқи илмӣ сурат мегирад. Дар воқеъ, ибтидои функсияи мазкур бо ҷанбаҳои илмӣ алоқаманд аст, ки аввалан таҳлилҳо гузаронида мешавад ва аз нигоҳи илмӣ ҳолати муайян асоснок мегардад. Минбаъда вазифагузориҳо ва муайяннамоии дурнамои рушд низ дар асоси исботкунии илмӣ таҳия мегарданд. Дар раванди амалисозии функсияи пешгӯӣ, махсусан таҳияи дурнамои рушди ин ё он соҳа ҷалби мутахассисон ва кормандони илм таъмин мегардад, ки ҷиҳатҳои илмии онҳоро баррасӣ намуда, нигоҳи илмии рушди соҳаро баён мекунанд.

Бо ҳамин мазмун, дар шароти муосири Тоҷикистон барои амалишавии функсияи пешгӯӣ дар идоракунии давлатии соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, хусусан фаъолияти гумрукӣ тадбирҳои гуногуни ҳуқуқӣ ба роҳ монда шудааст. Махсусан, дар иртибот амалишавии функсияи мазкур ҳуҷҷатҳои стратегӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва мавриди амал қарор мегиранд. Барои таҳияи дуруст ва мақсаднок, ҳамчунин танзими ҳуҷҷатҳои стратегии кишвар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон»[451] қабул гардидааст, ки ҳамчун заминаи ҳуқуқӣ барои таҳия ва қабули ҳуҷҷатҳои стратегӣ баромад мекунад. Дар асоси Қонуни мазкур ҳуҷҷатҳои стратегӣ дар шакли консепсия, стратегия ва барномаҳои давлатӣ таҳия мегарданд, ки дурнамои рушди соҳаҳои дахлдори ҳаёти ҷамъиятиро дар давраи муайян нишон медиҳад. Мазмуни Қонуни мазкур инъикосгари функсияи пешгӯии идоракунии давлатӣ аст. Ҳамин тариқ, муқаррароти он метавонад дар доираи идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ паҳн гардад.

Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷатҳои стретегии зиёд бо мақсади рушди соҳаҳои гуногун амал мекунанд. Дар миёни ҳуҷҷатҳои мазкур ду ҳуҷҷати стратегӣ хусусияти умумисоҳавӣ дорад, ки аз ҷумла барои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ низ дахлд дорад. Инҳо Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030[452] ва Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025[453] мебошанд. Онҳо дар маҷмуъ рушди тамоми соҳаҳои

---

[451] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 03 августи соди 2018, №1544. Маҳзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шакли электронии «Адлия». Санаи муроҷиат: 24.02.2022

[452] Стратегияи миллии рушди Ҷумхурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 декабри соли 2016, №4636 тасдиқ гардидааст. Маҳзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шакли электронии «Адлия». Санаи муроҷиат: 24.02.2022

[453] Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумхурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025. Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 июни соли 2021, №441 тасдиқ гардидааст.

ҳаёти ҷамъиятиро муайян менамоянд, ки нисбати соҳаи фаъолияти гумрукӣ низ паҳн мегарданд.

Ҳамзамон, вобаста ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷатҳои стратегии муайян таҳия ва қабул гардида буданд ва айни мавриди амал қарор доранд. Яке аз ҳуҷҷатҳои аввалини хусусияти стратегидошта Консепсияи рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон[454] мебошад, ки амали он дар ду давраро (давраи аввал - солҳои 2009-2012 ва даври дуюм – солҳои 2012-2014 ва солҳои минбаъда) пешбинӣ менамояд. Дигар ҳуҷҷати стратегӣ, ки дар иртибот бо фаъолияти гумрукӣ аст, ин Барномаи миёнамуҳлати рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024 мебошад, ки самтҳои асосии рушди мақомоти гумрукро ҳамчун мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ бо дар назар доштани таъмироти танзими гумрукӣ ҳамчун васоити танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ ба раванди ҳамгироии иқтисодиёти миллӣ дар фазои иқтисодиёти байналмилалӣ муайян менамояд[455]. Дар воқеъ ҳуҷҷатҳои мазкур ба самаранокии фаъолияти мақомоти гумруки кишвар мусоидат намудаанд ва дар заминаи онҳо давра ба давра рушди мақомоти мазкурро таъмин гардида истодааст. Таҳия ва мавриди амал қарор додани ҳуҷҷатҳои стратегии мазкур дар амалигардии функсияи пешгӯии идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ муваффақияти назаррас аст. Бо он хотиро таҳия ва мавриди амал қарор додани онҳоро чун функсияи идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ унвон намудем, ки онҳо аз ҷониби яке аз мақоми муҳимтарини идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ – Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидаанд.

Бо назардошти муҳим арзёбӣ гардидани функсияи пешгӯии идоракунии давлатии соҳаи мазкур зарур аст, ки онро ба таври самаранок дар амал татбиқ намуд. Баландбардории сатҳу сифати пешгӯӣ, яъне таҳияи дурнамои рушди фаъолияти гумрукӣ ва идоракунии давлатии он дар заминаи таҳлил ҳамаҷониби ва таҳқиқи амиқи илмӣ, таҳлили таҷрибаи ташкил ва баамалбарории идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар кишварҳои хориҷӣ, тамоюлоти рушди фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ва танзими он дар заминаи фаъолияти гумрукӣ, ҷалби мутахассисон ва олимони варзидаи соҳавӣ дар раванди таҳияи ҳуҷҷатҳои стратегӣ, ҳамзамон ба инобатгирии афкори омма дар самти фаъолияти гумрукӣ аз ҷумлаи масъалаҳое мебошад, ки дар шароити муосир самаранокии амалишавии функсияи пешгӯиро дар идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ таъмин менамоянд.

---

Маҳзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шакли электронии «Адлия». Санаи муроҷиат: 24.02.2022

[454] Консепсияи рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2008, №525 тасдиқ гардидааст. Маҳзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шакли электронии «Адлия». Санаи муроҷиат: 24.02.2022

[455] Барномаи миёнамуҳлати рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 ноябри соли 2019, №537 тасдиқ гардидааст. Маҳзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шакли электронии «Адлия». Санаи муроҷиат: 24.02.2022

Тавре дар боло зикр гардид, дар таҷрибаи таҳияи ҳуҷҷатҳои стратегии кишвар, вобаста ба масъалаҳои марбут ба идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ танҳо чунин намуди ҳуҷҷатҳои вобаста ба мақомоти гумрук таҳия гардида, мавриди амал қарор гирифтаанд, ки қисман рушди фаъолияти гумрукиро низ фаро мегиранд. Аммо, таҳияи ҳуҷҷати стратегии мушаххас вобаста муайяннамоии дурнамои рушди фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷриба нашудааст. Мо зарур мешуморем, ки дар шароити муосир чунин намуди ҳуҷҷат вобаста ба фаъолияти гумрукӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва мавриди амал қарор дода шавад. Дар заминаи таҳияи ҳуҷҷати стратегии мазкур чунин масъалаҳои муайян мегарданд: таҳлили вазъи кунунии фаъолияти гумрукӣ, муайяннамоии мушкилоти ҷойдошта дар соҳа, муайяннамоии вазифа, ҳадафҳо ва самтҳои афзалиятноки рушди соҳа, ҳамчунин натиҷаҳои чашмдошти ҳуҷҷат. Дар доираи таҳияи ҳуҷҷати мазкур такмил ва рушди идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ метавонад, ки яке аз қисматҳои асосӣ бошад, ки махсусан рушди фаъолияти мақомоти идоракунии давлатии соҳаи номбурдаро инъикос мекунад. Инчунин, дар он масъалаҳои гуногуни фаъолияти гумрукӣ, аз қабили рушди тадбирҳои тарифию гумрукӣ, татбиқи соддагардонии расмиётҳои гумрукӣ, ҳамкории байнидавлатӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ, истифодаи васеи воситаҳои иттилоотӣ-техникӣ, тақвияти роҳандозии шаклҳои муосири баамалбарории фаъолияти гумрукӣ, татбиқи ҳамаҷонибаи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии эътирофгардида дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ, ҳамкорӣ бо институтҳои байналмилалӣ ки ҷиҳати рушди фаъолияти гумрукӣ ва дар ин замина густариши ҳамкории иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои дуру наздик, устувори намудани мавқеи Тоҷикистон дар бозори ҷаҳонӣ ва ҳамкорӣ бо иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва ғ. Бо ҳамин мазмун, бо таҳияи ҳуҷҷати стратегӣ дар самти фаъолияти гумрукӣ метавонад, ки самаранокӣ ва рушди соҳаи мазкурро таъмин намояд ва дар амалишавии босуботи функсияи пешгӯии идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ мусоидат намояд.

Функсияи банақшагирӣ низ дар баробари функсияи пешгӯи дар раванди фаъолияти гумрукӣ аҳамияти назаррас дорад. Чуноне зикр гардид, онҳо бо ҳамдигар алоқаманданд, дар маҷмуъ самаранокии идоракунии давлатиро дар соҳаи мазкур таъмин мекунанд. Бояд зикр кард, ки пешгӯи ҳамчун функсияи идоракунии давлатӣ хусусияти мушаххасӣ дорад. Агар пешгӯӣ дар заминаи таҳлил ва таҳқиқи илмӣ созгор гардид, пас банақшагирӣ дар асоси гузоштани вазифа ва ҳадафҳои мушаххас ва муайян дар давраи муайян сурат мегирад. Бинобар ҳамин, функсияи банақшагирӣ моҳиятан давраҳои тӯлонӣ ва дарозро, ки дар функсияи пешгӯи мавҷуд аст, дар бар намегирад. Ба таври дигар, функсияи пешгӯи метавонад, асос барои амалисозии функсияи банақшагирӣ бошад. Масалан, дар заминаи таҳияи ҳуҷҷати стратегӣ, ки рушди соҳаи муайянро дар давраҳои муайян пешгӯӣ менамояд, мумкин аст, ки барои амалигардии он якчанд ҳуҷҷатҳои

дигар таҳия ва мавриди амал қарор, ки мазмунан банақшагириро ифода мекунанд[456].

Ба ғайр аз ин, дар раванди идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ субъектҳои дахлдори он тибқи нақшаи тарҳрезишуда ва таҳиягардида амал мекунанд. Ба таври дигар, аз рӯи нақшаи кории муайян фаъолияти худро дар давраҳои муайян ба амал мебароранд, ки моҳиятан вазифагузориҳо ва иҷрои онҳоро инъикос менамояд. Муҳиммияти функсияи банақшагирӣ дар он ифода мегардад, ки мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ва шахсони мансабдори он ваколат, вазифа ва уҳдадориҳои мансабии худро пурра ва ба таври дахлдор амалӣ намоянд, дар ин замина самаранокии идоракунии давлатиро дар соҳаи мазкур таъмин намоянд.

**Адабиёт:**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 03 августи соди 2018, №1544. Маҳзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шакли электронии «Адлия». Санаи муроҷиат: 24.02.2022
2. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 декабри соли 2016, №4636 тасдиқ гардидааст. Маҳзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шакли электронии «Адлия». Санаи муроҷиат: 24.02.2022
3. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025. Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 июни соли 2021, №441 тасдиқ гардидааст. Маҳзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шакли электронии «Адлия». Санаи муроҷиат: 24.02.2022
4. Консепсияи рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2008, №525 тасдиқ гардидааст. Маҳзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шакли электронии «Адлия». Санаи муроҷиат: 24.02.2022
5. Барномаи миёнамуҳлати рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 ноябри соли 2019, №537 тасдиқ гардидааст. Маҳзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шакли электронии «Адлия». Санаи муроҷиат: 24.02.2022

---

[456] Дар таҷрибаи таҳия ва амали ҳуҷҷатҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои банақшагирии вазифа ва ҳадафҳои муайян, ҳуҷҷати стратегии дигар, ки рушди ин ё он соҳаро муайян менамояд, ҳамчун асос баромад мекунад. Масалан, дар заминаи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 то айни замон ду барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои панҷ сол таҳия ва мавриди амал қарор гирифтанд. Барномаҳои мазкур дар асл ҳуҷҷатҳои стратегӣ мебошанд, ки рушди соҳаҳои дахлдорро дар панҷ соли муайян пешбинӣ мекунанд. Аммо, ба мазмуни том метавон гуфт, ки онҳо функсияи банақшагириро низ амалӣ намуда истодаанд. Чунки, дар Стратегия вазифа ва ҳадафҳо ба таври умумӣ муайян гардида, дар заминаи барномаҳои мазкур давра ба давра амалигардии онҳо таъмин мегарданд. Яъне, дар барномаҳо вазифа ва ҳадафҳо нисбатан мушаххас мегарданд.

6. Белский К.С. Феноменология административного права. Смоленск, 1995. 144 с.

7. Жук А.А., Дидык Н.А., Дышловой И.Н. Прогнозирование как одна из важнейшей функции предприятия // Научный журнал: Экономические науки. 2016. №12(13). С. 45-47

8. Козлов Ю.М. Управление народный хозяйством СССР, ч.1. М.: МГУ, 1969. 159 с.

9. Костюченко Н.И. Функция прогнозирования как общая функция управления в правоохранительной деятельности // Общество и право. 2015. №.2(52). С. 334-338

10. Князев С.Н. Управление: искусство, наука, практика: учеб. Пособие. Минск, 2002. 512 с.

11. Куулар А.Б. Система и функции государственного и мунициппиального управления в современных условиях // Modern scince. №10-3, 2009. С. 276-281

12. Общее административное право / Под ред. Ю.Н. Старилова. Воронеж: Издательский дом ВГУ, 2016. Ч. 1. 759 с.

13. Миронов А.Л. Государственное управление: основные цели и функции // Вестник Московского университета МВД России. №3. 2012. С. 162-165

14. Четвериков В.С. Функции государственного управления в деятельности исполнительной власти // Вестник Московского университета МВД России. №3. 2010. С. 168-171

# МИНБАРИ ОЛИМОНИ ҶАВОН – ТРИБУНА МОЛОДЫХ УЧЁНЫХ

## НАЗОРАТИ СУДӢ Ё КОНТРОЛИ СУДӢ ДАР ДАВРАИ ТАФТИШОТИ ПЕШАКӢ: ТАНОСУБ, АНДЕША ВА ПЕШНИҲОД

**Зиёваддинов И.И.**,
магистри соли 2-юми факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел.:** (+992) 905950905
**E-mail:** islom_iskandar@mail.ru

**Роҳбари илмӣ:** Абдуллоев П.С., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
**Муқарриз:** Ҷалолов Х.Ғ., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Дар давлати ҳуқуқбунёд таваҷҷуҳи асосӣ ва аввалиндараҷа ба масъалаи амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд зоҳир карда мешавад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун давлати ҳуқуқбунёд ба ин масъала бетафовут набуда, пайваста дар ин самт ташббус зоҳир намуда, қонунгузории худро ба ченакҳои байналмилалӣ мутобиқ намудааст. Яке аз роҳҳои муассири ҳифз намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва таъмин намудани реҷаи қонуният ва демократикунонии давраи тафтишоти пешакӣ, ин ба роҳ мононидани назорати судӣ дар давраи тафтишоти пешакист. Дар мақолаи мазкур муаллиф такя ба қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва таҳлили ақидаҳои олимони ватаниву хориҷӣ мафҳуми назорати судӣ ва контроли судиро аз нигоҳи илмӣ мавриди пажуҳиш қарор дода, минбаъд бо кадом ибора мавриди корбурд ва истифода қарор додани онро дар давраи тафтишоти пешакӣ пешкаш намудааст.

**Калидвожаҳо:** қонуният, назорат, контрол, назорати прокурорӣ, ҳуқуқи инсон, назорати судӣ, ҳимоя, ваколат, назорати маъмурӣ.

## СУДЕБНЫЙ НАДЗОР ИЛИ СУДЕБНЫЙ КОНТРОЛЬ В ХОДЕ ДОСУДЕБНОГО РАССЛЕДОВАНИЯ: СООТНОШЕНИЕ, МНЕНИЯ И ПРЕДЛОЖЕНИЯ

**Зиёваддинов И.И.**,
магистр 2-го года юридического факультета Таджикский национальный университет
**Тел.:** (+992) 905950905
**E-mail:** islom_iskandar@mail.ru

**Научный руководитель:** Абдуллоев П.С., кандидат юридических наук, доцент

**Рецензент:** Джалолов Х.Г., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация:** Правовое государство уделяет особое внимание на реализации прав и свобод человека и гражданина, и Республика Таджикистан как правовое государство неравнодушна к этому вопросу, постоянно проявляет инициативу в этом направлении и вносит свою законодательства в соответствии с международными стандартами. Одним из наиболее эффективных способов защиты прав и свобод человека и гражданина, обеспечения законности и демократизации периода предварительное расследования является установление судебного надзора в период предварительное расследования. В данной статье на основе уголовно-процессуального законодательства и анализа мнений отечественных и зарубежных ученых автор исследует понятие судебного надзора и судебного контроля с научной точки зрения, а также предлагает, какие слова употребить и применить в предварительное расследование.

**Ключевые слова:** законность, контроль, надзор, прокурорский надзор, права человека, судебный надзор, защита, полномочия, административный надзор.

## JUDICIAL SUPERVISION OR JUDICIAL CONTROL DURING THE PRETRIAL INVESTIGATION: CORRELATION, OPINIONS AND SUGGESTIONS

**Ziyovaddinov I.I.,**
2-st year master of the Iaw Faculty of Tajik national university
**Phone:** (+992) 905950905
**E-mail:** islom_iskandar@mail.ru

**Research supervisor:** Abdulloev P.S., candidate of law, professor
**Reviewer:** Jalolov H.G., candidate of law, professor

**Annotation:** The rule of law pays special attention to the implementation of the rights and freedoms of man and citizen, and the Republic of Tajikistan, as a state of law, is not indifferent to this issue, constantly takes the initiative in this direction and introduces its legislation in accordance with international standards. One of the most effective ways to protect the rights and freedoms of man and citizen, ensure the rule of law and democratize the period of preliminary investigation is the establishment of judicial supervision during the period of preliminary investigation. In this article, based on the criminal procedure legislation and analysis of the opinions of domestic and foreign scientists, the author explores the concept of judicial supervision and judicial control from a scientific point of view, and also suggests what words to use and apply in a preliminary investigation.

**Key words:** legality, control, supervision, prosecutor's supervision, human rights, judicial supervision, protection, powers, administrative supervision.

Дар раванди амалӣ намудани вазифаҳои ҳокимияти давлатӣ, бахри иҷроиши меъёрҳои муқарраргардида ва бо мақсади дар сатҳи зарурӣ таъмин намудани реҷаи қонуният дар соҳаҳои идоракунии ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор чорабиниҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ, сиёсивӣ-иқтисодӣ ба таври васеъ ба роҳ монда шудаанд. Зеро мақсаду мароми ягонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ин таъмин намудани шароити зиндагии арзанда бахри сокинони худ ва барпо намудани ҷомеаи адолатпарвару ҳуқуқбунёд мебошад ва дар ин самт пайваста тадбирҳои судмандро роҳандозӣ намудааст.

Бунёди давлати ҳуқуқбунёду демократӣ бидуни таъмин намудани реҷаи қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ ғайриимкон аст. Таъмин намудани реҷаи қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ бо ба роҳ монондани як қатор чорабиниҳо дар соҳаҳои мухталиф имконпазир мегардад. Дар байни чорабиниҳо, чорабиниҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ нақши калидӣ дорад. Яке аз шаклҳои чорабинии мазкур назорати давлатӣ мебошад, ки он басо созгор арзёбӣ мегардад, зеро яке аз тарзҳои маъмули ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ин назорати давлатӣ оид ба амалигардии меъёрҳои ҳуқуқии кафолатдодашудаи конститутсионӣ маҳсуб меёбад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба амалигардии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон аз механизмҳои махсуси коркардшуда истифода мебаранд, ки мақсад ва мароми онҳо ба як самт нигаронида шудааст, ки ин ҳам бошад таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ мебошад. Олимони ватанӣ тарзҳои таъмини қонуниятро дар идоракунии давлатӣ дар роҳандози намудани контрол ва назорат мебинанд[457]. Устод Ойев Х. қайд менамояд, ки фишанҳои асосии таъмини қонуният контрол ва назорати давлатӣ мебошанд[458]. Мақсад аз роҳандозӣ намудани контрол ва назорат дар соҳаҳои идоракунии давлатӣ ин берун нарафтан аз доираи фазои ҳуқуқӣ мебошад.

Аҳамияти назорат ва контроли давлатӣ аз он иборат аст, ки зарурати таъмини иҷрои ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ва шахсони мансабдори онҳо, шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандон, ки Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қоидаҳои рафтори умумиро муқаррар кардаанд, вобаста аст. Мумкин аст қоидаҳои рафтори умумии ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои риоя накардани онҳо муқаррар карда шавад, аммо бидуни назорат ва контрол ҳамаи ин қоидаҳо ба худ маъное надоранд[459].

[457]Ойев Х., Марифхонов Р.Н., Ҷамшедов Ҷ.Н., Диноршоев А.М. Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Курси лексия. /Зери назари н.и.ҳ., дотсент Диноршоев А.М. Душанбе. 2015. – С. 120.

[458] Ойев Х. Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. 2013. – С. 542.

[459] Зырянов С.М.. Административно-надзорные правоотношения: содержание и развитие. Манбаи электронӣ. Реҷаи дастрасӣ http://www.igpran.ru/trudy/vypuski/2009/2009-1/90-100.pdf (санаи мурољиат 12.05.2021).

Назорати давлатӣ фишанг ва усули таъмини қонуният ва интизом дар идоракунии давлатӣ буда, моҳияти он аз бурдани мушоҳидаи доимӣ ва мунтазам аз ҷониби мақомоти махсусгардонидашудаи салоҳиятдор ё шахси мансабдор аз болои фаъолияти мақомот ва шахсони воқеию ҳуқуқие, ки ба он итоат намекунанд иборат буда, мақсадаш ошкорсозии қонуният дар идоракунии давлатӣ мебошад[460].

Имрӯзҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор ниҳоду сохторҳои давлатие мавҷуданд, ки онҳо бо мақсади таъмин намудани реҷаи қонуният кору фаъолият менамоянд. Бо мақсади оне, ки мо муайян намоем!: кадоме аз онҳо ба мақомоти контролкунанда ва кадоме аз онҳо ба мақомоти назораткунанда шомиланд, сараввал бояд, ки худи истилоҳи контрол ва назорат аз ҳамдигар фарқгузорӣ карда шаванд.

Дар байни мақомотҳои назораткунанда ва контролкунанда мақоми махусус ба ҳокимияти судӣ дода шудааст.

Дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд бо мақсади таҳким бахшидан ба кафолатҳои амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати судӣ хислати ҳамаҷонибаро касб намудааст ва он дар ҳамаи марҳилаи мурофиаи ҷиноятӣ паҳн мегардад, аз он ҷумла дар рафти тафтишоти пешакӣ[461]. Зеро ҳокимияти судӣ ниҳоди давлатиест, ки бо мақсади ҳифз намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва манфиатҳои давлат фаъолият менамоянд. Ба андешаи олими ватанӣ Х.М. Мирзамонзода ба ҳайси яке аз нишонаҳои асосии давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд мавҷудияти судҳои босалоҳият ва мустақил, ки аз қудрат ва эътибори хос бархӯрдоранд, маҳсуб меёбад. Нақши муҳимро дар татбиқ намудани қонунияти конститутсионӣ ва риояи принсипи волоияти қонун ба мақоми ҳокимияти судӣ вогузор намудаанд. Таъиноти асосии ҳокимияти судӣ ин ҳифз намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҳамагуна кирдор ва таъсиррасонии ғайриқонунӣ мебошад. Маҳз ҳокимияти судӣ қудрати пурра ва самаранок ҳифз намудани ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, манфиати ҷомеа ва давлатро дорад[462]. Аз таҳлили меъёрҳои моддаи 124 Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита ба мушоҳида мерасад, ки суд салоҳияти назоратнамоиро дорост дар давраи тафтишоти пешакӣ.

Дар илми муосири ҳуқуқшиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон истилоҳи назорат ва контрол бисёр мавриди истифода қарор дода шудааст, аммо то ҳол сарҳади ин ду истилоҳ аломатгузорӣ карда нашудааст. Роҷеъ ба масъалаи мазкур дар байни олимони ватаниву хориҷӣ назари ягона вуҷуд

---

[460] Ойев Х., Марифхонов Р.Н., Ҷамшедов Ҷ.Н., Диноршоев А.М. Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Курси лексия. /Зери назари н.и.ҳ., дотсент Диноршоев А.М. Душанбе, 2015. – С. 123.

[461] Зиёвадинов И.И. Мафҳум ва аҳамияти назорати судӣ дар давраи тафтишоти пешакӣ. Ҳуқуқи инсон дар раванди ҷаҳонишавӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ (7-уми декабри соли 2021) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2021. – С. 341.

[462] Мирзамонзода Х.М. Конституционно-правовые основы организации и деятельности судебной власти в таджикистане: проблемы теории, законодательной регламентации и практики: автореф. дисс. ... док. юр. наук. – Душанбе. – 2021. – С. 63.

надорад ва ба хулосаи ниҳоӣ низ наомадаанд. Дар сатҳи қонунгузорӣ ҳам ба масъалаи мазкур равшанӣ андохта нашудааст ва онҳо ҳамчун муродиф истифода бурда шудаанд. Дар баробари ин, дар амалияи қонунгузорӣ ва ҳуқуқтатбиқнамоӣ байни мафҳумҳои "назорат" ва "контрол" то ҳол низ фарқияти возеҳе гузошта нашудааст, ки аз ҷиҳати маъноӣ бо ҳам наздиканд, аммо то ҳол синоним нестанд ва бо фарқиятҳои муайян фарқ мекунанд[463]. Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ низ масъала якранг аст, яъне назари ягона вуҷуд надорад. Муҳаққиқи рус Спирин А.В. қайд менамояд, ки дар муҳити илмӣ низ назари ягона ба моҳияти контрол ва назорат таҳия нашудааст[464].

Истилоҳи таҳтуллафзии русии "надзор" ва "контроль" ҳарду дар забони тоҷикӣ бо як маъно, ба маънои "назорат" тарҷума шудаанд. С.И. Ожегов истилоҳи "надзор" ва "контроль"-ро ба таври зайл шарҳ додааст: Надзор - нигоҳ кардан бо мақсади назорат, тафтиш[465] ва контрол бошад, ба маънои тафтиш, инчунин нигоҳ кардан бо мақсади тафтиш (санҷиш) кардан[466]. Аз ин хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки ҳарду истилоҳ муродифи якдигар буда, аз ҷиҳати маъноӣ бо ҳам қаробат доранд. Олими рус Чепурная И.В. иброз медорад, ки мафҳуми "контрол" ва "назорат" аз рӯи мазмун бо ҳам наздиканд, аз ин рӯ, дар назария ва дар амалия шарҳи возеҳи ин мафҳумҳо вуҷуд надорад ва онҳо ба таври шартӣ ҳамчун шабеҳ истифода мешаванд. Бо вуҷуди ин, дар мундариҷаи онҳо баъзе фарқиятҳо дарёфтан мумкин аст[467].

Дар фарҳанги тоҷикӣ - русӣ калимаи назорат ба чунин номҳо ба забони русӣ наблюдение, надзор; контроль[468] ва инчуни калимаи тоҷикии риқба низ ба маънои контроль, наблюдение за кем-л., чем-л.[469] тарҷума гардидааст. Дар фарҳанги забони тоҷикӣ бошад калимаи назорат ба чунин маъноҳо омадааст: 1 назар кардан, нигаристан (аз болои коре ё касе), муроқибат; ба таҳти назар гирифтан (коре ё рафтори касеро); дар таҳти (зери) назорати касе дар зери назари касе, зери мурохибати касе; назорат кардан зери назар доштан, муроқибат кардан, нигаҳбонӣ карда истодан. 2. таҳти назар (мушоҳида, назора) гирифтани риояи қонун, татбиқи дастур, иҷрои фармон, тартибот ва ғ. аз тарафи ягон мақоми нозир (ҳамчун як шакли тафтиш): назорати давлатӣ, назорати молиявӣ, назорати беҳдоштӣ,

---

[463] Рахимзода Р.Х. Оперативно-розыскная политика по обеспечению экономической безопасности Республики Таджикистан: проблемы теории, методологии и практики (историко-правовой и общетеоретический анализ): дисс. ... док. юр. наук. – Душанбе, 2018. – С. 401.

[464] Спирин А.В. О теоретических основах разграничения прокурорского надзора и процессуального (ведомственного) контроля в досудебных стадиях уголовного судопроизводства. Вестник Уральского юридического института МВД России. №1. 2016. – С. 55.

[465]Ниг.: Ожегов С.И. Словарь русского языка: Ок. 57 000 слов/ Под ред. Чл.-корр. АН СССР Н.Ю. Шведовой. - 19-е изд., испр. – М.: Рус. яз., 1987. – С. 303.

[466]Ҳамон ҷо. – С. 237.

[467] Чепурная И.В. Соотношение судебного контроля, прокурорского надзора и ведомственного контроля на досудебных стадиях уголовного судопроизводства. Манбаи электронӣ. Реҷаи дастрасӣ https://superinf.ru/view_helpstud.php?id=671 ( санаи мурочиат: 28.04.2021).

[468] Фарҳанги тоҷикӣ – русӣ. Душанбе, 2006. – С. 994.

[469] Ҳамон ҷо. – С. 1278.

назорати техникӣ[470] ва калимаи риқба бошад ба маънои чизеро ба таҳти назорат ва мушоҳида гирифтан, дар паи чизе шудан[471] омадааст. Аз ин чунин хулосабарори намудан мумкин аст, ки дар забони тоҷикӣ ин ду истилоҳ дар бисёре аз мавридҳо бо ҳамдигар ҳамчун синоним истифода бурда мешаванд.

Олимони ватанӣ низ роҷеъ ба масъалаи мазкур ақидаронӣ намудаанд. Ю.А. Раҳмон дар китоби худ қайд менамояд, ки дар илми ҳуқуқшиносӣ ақидаи ягона дар бораи фарқияти назорат (надзор) аз контрол вуҷуд надорад. Гурӯҳе аз олимон ин ду ифодаро синоними ҳамдигар эътироф карда, аз ин лиҳоз дар байни онҳо фарқияте намегузоранд. Дар забони тоҷикӣ низ аз рӯйи маъно ибораҳои русии “надзор” ва “контроль” як маъно дошта, воқеан маънои назорат буданро ифода мекунанд[472]. Мавсуф бар он ақидааст, ки ин ду ибораро бо як маъно пазируфтан қобили қабул аст. Олими дигари ватанӣ Х. Ойев мафҳуми назоратро, яке аз унсурҳои ҷузъии контрол меҳисобад[473].

Агар ба қонунгузории Федератсияи Россия назар афканем, мафҳуми контроли давлатиро бо мафҳуми назорат ҳаммаъно эътироф кардаанд, ки ҳамчун «фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатӣ муайян карда шудааст, ки ба пешгирӣ, ошкор ва рафъи қонунвайронкуниҳо аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ, роҳбарони онҳо ва дигар шахсони мансабдор, соҳибкорони инфиродӣ, намояндагони ваколатдори онҳо нигаронида шудааст, ки талаботи муқарраршудаи қонунгузории Федератсияи Русия тавассути ташкил ва гузаронидани санҷишҳо, андешидани чораҳо барои пешгирӣ ва бартараф кардани оқибатҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ошкоршуда, инчунин фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба назорати мунтазами иҷрои талаботи ҳатмӣ, таҳлил ва пешгӯии ҳолати иҷрои фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ мебошад»[474].

Аз ҷониби олимони хориҷӣ низ ба ин масъала корҳои зиёди илмӣ ба сомон расонида шудааст. Дар воситаи таълмии худ олимони рус А.К. Измоденов, А.В. Курдюмов иброз доштаанд, ки дар баробари истилоҳи «контрол» дар сандаҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва адабиётҳои илмӣ мафҳуми «назорат» низ истифода бурда мешавад. Саволе ба миён меояд: оё назорат ҳамчун мафҳум ва ҳамчун падида ба контрол монандӣ дорад? Айни замон ҷавоби яксон ба ин савол вуҷуд надорад. Мафҳумҳои «контрол» ва «назорат» дар қонунгузорӣ муқаррар карда нашудаанд ва онҳо ҳамчун муродиф (синоним) истифода бурда мешаванд. Дар сарчашмаҳои гуногуни илмӣ ақидае вуҷуд дорад, ки мафҳуми «назорат» назар ба мафҳуми

470 Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Иборат аз 2 ҷилд ҷилди I А – Н. Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, Душанбе, с. 2008. – С. 887.
471 Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Иборат аз 2 ҷилд ҷилди II О– Я. Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, Душанбе, с. 2008. – С. 165.
472 Раҳмон Ю.А. Назорати прокурорӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе: Ирфон, 2019. – С. 86.
473 Ойев Х. Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. 2013. – С. 542.
474 Минченко О.С. Контрольно-надзорные функции и государственные услуги: взаимосвязь понятий. Государственное управление. Электронный вестник. Выпуск №37. Апрель 2013г. – С. 46.

«контрол» маҳдудтар буда, ҷузъи таркибии онро ташкил медиҳад. Аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ байни назорат ва контрол фарқи ҷиддӣ вуҷуд надорад. Ҳадафи ҳарду таъмин намудани риояи қонунҳо ва қоидаҳои муқарраршуда аз ҷониби объектҳои идорашаванда мебошад. Ҳам мақомоти контролкунанда ва ҳам мақомоти назораткунанда ваколат доранд, ки нисбати вайронкунандагон санксияҳои (чораҳои) муқаррарнамудаи қонунро татбиқ намоянд. Аз ин рӯ, ин мафҳумҳо аксар вақт ҳамчун муродиф (синоним) истифода мешаванд[475].

Контрол ва назорати давлатиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба самтҳои фаъолияти алоҳидаи давлат ба навъҳои гуногун таснифбандӣ намудаанд.

Контроли давлатӣ вобаста ба таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ба шохаҳои мустақил, инчунин тафриқа намудани мабдаи фаъолият ва салоҳияти онҳо ба намудҳои зерин ҷудо карда мешавад:[476]

-контроли президентӣ;

-контроли мақомоти қонунгузорӣ (намояндагӣ);

-контроли мақомоти ҳокимияти иҷроия;

-контроли судӣ.

Айни замон, дар ҶТ се шакли назорат вуҷуд дорад:[477]

– судӣ;

– прокурорӣ;

– маъмурӣ.

Новобаста аз шаклҳои гуногуни мурофиавии контрол ва назорат дар байни ин ду шакли фаъолият баъзе фарқиятҳоро дарёфт кардан мумкин аст. Дар маъхазҳои илмӣ мафҳуми контрол ва назоратро фарқиятгузорӣ кардаанд ва онҳоро бо баъзе хусусиятҳояшон аз ҳам тафриқа намудаанд. М.В. Баглай пешниҳод мекунад, ки мафҳумҳои "контрол" ва "назорат" аз ҳамдигар фарқ карда шавад ва қайд мекунад, ки “одатан таҳти мафҳуми контрол ҳуқуқи баъзе мақомот фаҳмида мешавад, ки барои санҷидани фаъолият то бекор кардани амалҳои мақомти зери контрол қарордошта фаъолият менамоянд ва назорат бошад ба мушоҳида кардан равона шудааст ва имкон медиҳад ба нишон додани амали нодуруст ё ғайриқонунии қабулшуда, ки мақомоти назоратшаванда бояд онро тағйир диҳад ё худ бекор намояд”[478].

Устод Ойев Х. бошад мафҳуми контролро бо чунин маъно шарҳ додааст: контрол - ин низом ва силсилаи мушоҳида ва санҷишҳои раванди фаъолияти объекти идоракунӣ бо мақсади берун (дур) нарафтани он аз

---

[475]Основы государственного контроля, надзора и аудита [Текст] : учеб. пособие / А. К. Измоденов, А. В. Курдюмов ; М-во науки и высш. образования Рос. Федерации, Урал. гос. экон. ун-т. — Екатеринбург : [Изд-во Урал. гос. экон. ун-та], 2018. – С. 11.

[476]Ойев Х. Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. 2013. – С. 544.

[477]Ойев Х., Марифхонов Р.Н., Ҷамшедов Ҷ.Н., Диноршоев А.М. Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Курси лексия. /Зери назари н.и.ҳ., дотсент Диноршоев А.М. Душанбе. 2015. – С. 123.

[478] Рустамзода М.Р. Проблемы укрепления законности в республике Таджикистан: дисс. … канд. юр.наук. –Душанбе, 2019. – С. 124.

доираи вазифаҳо, салоҳиятҳо ва нақшаҳои худ мебошад, ки ҳангоми берун баромадани мақомоти идоракунии давлатӣ аз доираи вазифаҳояш ҳуқуқҳои шаҳрвандонро мумкин аст поймол кунад ва ё ҳодисаҳои коррупсиониро тавлид намояд[479].

Олими рус А. В. Варихин зери контроли давлатӣ яке аз шаклҳои амалишавии ҳокимияти давлатиро, ки ба таъмини риояи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ баровварда мешаванд, мефаҳмад ва он аз ҷониби мақомоти давлатӣ аз болои қонунан пеш бурдани фаъолияти молиявию хоҷагӣ, пардохти андозҳо ва ғайра амалӣ карда мешавад[480].

Ҳар як мақомоти давлатӣ дар доираи салоҳияти ба ӯ муқаррар кардашуда, вазифаҳои ба худ хосеро ба сомон мерасонанд. Вазифаҳои мақомоти контролӣ ба мисли мақомоти назораткунанда яксон набуда, аз вазифаҳои дигари иловагӣ низ иборат мебошад.

Вазифаи мақомоти контролӣ танҳо аз таъмини реҷаи қонуният набуда, боз бар замми ин идора намудани корҳои хоҷагидорӣ низ иборат мебошад. Дар сарчашмаҳои илмӣ қайд мекунанд, ки мақомоти контролӣ на танҳо дар таъмини риояи волоияти қонун манфиатдоранд, инчунин дар таъмини истифодаи оқилонаи захираҳо ва дар самаранок кор кардани низом низ манфиатдранд[481].

Аксар вақт зери мафҳуми контрол чунин низоми муносибатҳои байни мақомотҳои ҳокимияти оммавӣ фаҳмида мешавад, ки дар доираи он мақомоти контролкунанда метавонад, ки санадҳои ҳуқуқтатбиқнамоии мақомотҳои зери контрол қарордоштаро бекор намоянд[482], яъне дар рафти амали намудани фаъолияти худ роҳбарони мақомотҳои контролӣ метавонанд, ки бо санадҳои худ қарорҳои қабулнамудаи мақомот ва роҳбарони зерсохторҳои худро бекор ё тағйир диҳанд.

Аз ин хулосабарорӣ карда, мафҳуми «контрол»-ро васеътар баррасӣ кардан мумкин аст, ки он нисбат ба мафҳуми «назорат» мукаммалтар аст ва худ имкониятҳоеро дорост, ки он на танҳо мақомоти контролшавандаро назорат мекунад (қонуниятро мушоҳида мекунад ва масъалаи рафъи вайронкунии онҳоро ба миён мегузоранд), балки инчунин онҳоро бо салоҳияти ҳокимиятии худ бартараф месозад.

Олими рус В. П. Беляев моҳияти контролро чунин шарҳ додааст: мақомоти ваколатдор ва шахсони мансабдори онҳо бо истифода аз шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ, усулҳо ва воситаҳои пешбининамудаи қонун

---

[479] Ойев Х. Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. 2013. – С. 540-541.

[480] Спирин А.В. О теоретических основах разграничения прокурорского надзора и процессуального (ведомственного) контроля в досудебных стадиях уголовного судопроизводства. Вестник Уральского юридического института МВД России. №1. 2016. – С. 55.

[481] Основы государственного контроля, надзора и аудита [Текст] : учеб. пособие / А. К. Измоденов, А. В. Курдюмов ; М-во науки и высш. образования Рос. Федерации, Урал. гос. экон. ун-т. — Екатеринбург : [Изд-во Урал. гос. экон. ун-та], 2018. – С. 12.

[482] Уголовно-процессуальное право (Уголовный процесс): Учебник для вузов / Под ред. проф. Э.К. Кутуева; науч. ред. и вступительное слово проф. В.П. Сальникова; 2-е изд., перераб. и доп. – СПб.: Санкт-Петербургский ун-т МВД России; Фонд «Университет», 2019. – С. 215.

муайян мекунанд, ки оё фаъолияти мақомот ва шахсон ба қонунҳо мувофиқат мекунанд ё не, ҳамчун намудҳои гуногуни талабот, регламент, қоидаҳо, шартҳо ва ғ. ва вазифаҳои дар наздашон гузошташуда; таҳлили натиҷаҳои таъсири субъектҳои идоракунандаро ба объектҳои идорашаванда, дуршавӣ аз ҳадафҳои гузошташуда ва роҳҳои расидан ба онҳо; барои пешгирии онҳо ва ба ҷавобгарӣ кашидани гунаҳгорон чораҳо меандешанд[483].

Аз рӯи баъзе аломатҳо, нишонаҳои контролро муайян намудан мумкин аст, ки он бо ин нишонаҳои худ аз назорат фарқ карда мешаванд, зеро назорат яке аз унсурҳои контрол буда, бо як қатор хусусиятҳои хоси худ фарқ карда мешаванд.

- Якум, контрол байни мақомоти контролӣ (ё шахси мансабдори болоӣ) ва объекти зернизоми аз лиҳози ташкилӣ-ҳуқуқӣ итоаткунанда ё ба он мансуб ҷой дошта метавонад. Дар назорат бошад, чунин алоқамандӣ дида намешавад. Он новобаста аз мансубияти идорӣ ва шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ бурда мешавад.
- Дуюм, объекти контрол дар фаъолияти объекти зернизом (итоаткунанда) ҳам масъалаи қонуният ва ҳам мақсаднокиро дар бар мегирад, ки тарафи контролкунанда ихтиёр дорад ба фаъолияти маъмурию хоҷагии охирон дахолат кунад ва самти фаъолияти онро тағйир диҳад. Дар фаъолияти назорати бошад чунин ҳолат вуҷуд надорад ва он метавонад танҳо дар назди мақомоти зери назорат қарордошта ё мақомоти болоии он ҳалли масъалаҳои ҷойдоштаро гузорад.
- Сеюм, ба тарафи контролкунанда, ҳамчун қоида, салоҳияти бекор кардани қарорҳои контролшаванда (итоаткунанда) дода шудааст, ки метавонад ба ҷои охирон қарор қабул намояд, ё ба ӯ салоҳияти бекор кардан ва аз нав қабул намудани қарори дигарро вогузор намояд.
- Чаҳорум, дар ҳолати зарурӣ тарафи контролкунанда ҳуқуқ дорад нисбат ба тарафи контролшаванда (итоаткунанда) чораҳои таъсиррасонии интизомӣ то сабукдӯш намудан аз вазифаро татбиқ намояд. Чунин ҳуқуқро мақомоти назораткунанда дошта наметавонад, танҳо дар он хусус масъала гузошта метавонанд.
- Панҷум, дар контрол тарафи контролкунанда ҳақ дорад, ки тадбирҳо баҳри бартараф кардани сабабҳо ва шароитҳое, ки ба вайрон кардани қонуният ва интизом боис шудаанд, таҳия ва қабул намояд, яъне сохтори низоми идоракунии объекти контролиро таҷдиди назар созад: якҷоя созад, барҳам диҳад, муттаҳид созад, ихтисор намояд, маблағгузориро қатъ намояд ё тағйир диҳад ва ғайра, ки ин хусусиятҳо ба назорати давлатӣ хос намебошад. Дар назорат мақомоти назораткунанда бо истифода аз воситаҳои салоҳиятии дар ихтиёр доштааш, танҳо дар назди мақомоти марбута ё мақомоти болоии он дар хусуси нуқтаҳои зикршуда масъала

[483] Беляев В.П. Контроль и надзор: проблемы разграничения. Организация правоохранительной деятельности. Актуальные проблемы российского права. 2017. № 4 (77) апрель. – С. 200.

гузошта метавонад ва ҳуқуқи мустақилона ҳаллу фасл кардани онҳоро надорад, чуноне он дар фаъолияти контролӣ он ҷой дошта метавонад. Дар доираи фаъолияти назоратӣ мақомоти ваколатдор дар доираи салоҳияташ метавонад чораҳои ҷазои маъмуриро татбиқ намояд[484].

Назорати давлатӣ ҳамчун як намуди фаъолияти давлатӣ аз ҷониби махсус ниҳодҳои салоҳиятнок бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, асосҳои сохтори конститутсионӣ ва дигар салоҳиятҳое, ки ба онҳо вогузор карда шудааст, анҷом дода мешавад.

Дар муқоиса бо контрол, назорати давлатӣ аз тафтиши иҷроиши меъёрҳои махсус ва қоидаҳои умумиҳатмии мавҷудабуда иборат мебошад, ки ба самт ва соҳаҳои гуногуни идоракунӣ дахл дорад[485].

Назорати давлатӣ яке аз фишанг, усули таъмини қонуният ва интизом дар идоракунии давлатӣ маҳсуб мешавад, ки моҳияти он аз бурдани мушоҳидаи доимӣ ва мунтазам аз ҷониби мақомоти махсусгардонидашуда салоҳиятдор ё шахси мансабдор аз болои фаъолияти мақомот ва шахсони ҳуқуқӣ ва воқеъие, ки ба он итоат намекунанд, иборат буда, мақсади он аз ошкорсозии қонуният, на мақсадноқӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, дар назорат дар фарқият аз контрол ба фаъолияти ҷории маъмурӣ-хоҷагии объекти зери назорат қарордошта иҷозат дода намешавад, яъне манъ аст[486].

Олимони ватанӣ мафҳуми назоратро чунин иброз намудаанд: Назорат дар доимӣ ва бо низоми фаъолияти мақомотҳои махсуси давлатӣ аз болои фаъолияти мақомот ва шахсони мансабдоре ифода меёбад, ки ба тобеияти ташкили ҳуқукӣ онҳо дохил намешаванд ва ба мақсади муайянкунии вайронкунии қонун гузаронида мешавад. Ҳангоми назорат ба фаъолияти ташкилӣ ва маъмурию хоҷагии назоратшаванда дахолат кардан иҷозат дода намешавад[487].

Назоратро низ ба навъҳои гуногун таснифбандӣ намудаанд. Назорат метавонад дар ду шакл пешниҳод карда шавад: ҳамчун функсияи махсуси прокуратура (назорати умумӣ) ва ҳамчун функсияи маъмурии мақомоти махсуси назоратӣ, ки аз ҷониби давлат таъсис дода шудааст, ки назорати маъмуриро тибқи салоҳияти истисноии ба онҳо додашуда (назорати байторӣ, назорати фитосанитарӣ, назорат дар соҳаи нақлиёт, назорат дар соҳаи маориф ва илм ва ғ) амалӣ менамоянд[488].

Олими шинохтаи тоҷик И.Т. Маҳмудов қайд менамояд, ки имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъзе ниҳоду сохторҳое мавҷуданд, ки онҳо низ ба назорати иҷрои қонунҳо масъулият доранд. Мавсуф зикр менамояд, ки фаъолияти онҳо пурра мазмуни фаъолияти назоратиеро, ки мақомоти

[484]Ойев Х. Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. 2013. – С. 542-543.

[485] Гусейнова Сания Фархад - кызы. Юридическое различие государственного контроля и надзора, их функции. Международный научный журнал «СИМВОЛ НАУКИ» №5/2015. – С. 170.

[486] Ойев Х. Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. 2013. – С. 544.

[487] Ойев Х., Марифхонов Р.Н., Ҷамшедов Ҷ.Н., Диноршоев А.М. Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Курси лексия. /Зери назари н.и.ҳ., дотсент Диноршоев А.М. Душанбе. 2015. – С. 125.

[488] Мазурин С.Ф., Прокофьев К.Г. Административное право: Учебное пособие / Под общ. ред. В.П. Сальникова. – СПб.: Фонд «Университет», 2019. – С. 278.

прокуратура анҷом медиҳад, фаро гирифта наметавонад. Зеро ба амал баровардани назорати иҷрои қонунҳо дар ҳудуди Тоҷикистон ин ваколати мустасноии прокуратура аст[489]. Олими дигари ватанӣ Муллоев Д.М. дар китоби худ мафҳуми назоратро ба таври зайл шарҳ додааст: Таҳти мафҳуми «назорат» ҳаракатҳои мушоҳидавии прокурорро аз болои фаъолияти мақомоти давлатӣ, шахсони ҳуқуқӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, динӣ, шахсони мансабдор, соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҷисмониро дар назар дошта, дар айни ҳол дахолат ба фаъолияти мақомот ва шахсони номбурдаро истисно мекунад[490].

Назорати давлатӣ ба худ хос нишонаҳое дорад, ки онро аз дигар шаклҳои фаъолияти давлатӣ бо онҳо фарқ менамоянд. Хусусиятҳои хоси назорат чунинанд:

А) ҳама мақомоти назоратӣ вазифа ва ваколатҳои худро нисбат ба субъектҳое, ки аз ҷиҳати ташкилӣ тобеъи онҳо нестанд, амалӣ мекунанд, дар ҳоле ки контрол асосан аз болои субъектҳои аз ҷиҳати ташкилӣ тобеъ амалӣ карда мешавад;

Б) дар ҷараёни контрол метавонад усулҳои гуногуни таъсиррасонӣ татбиқ карда мешавад (расонидани кӯмаки методӣ ва амалӣ, татбиқи ҷазои интизомӣ нисбат ба гунаҳгорон). Дар ҷараёни назорати прокурорӣ чунин чораҳо татбиқ карда намешаванд, прокурор метавонад ба вайронкунии қонунҳо дар соҳаи идоракунии давлатӣ танҳо тавассути фирисдодани пешниҳод ба мақомоти болоии идоракунии давлатӣ ё шахси мансабдори болоӣ ва нисбати қарорҳои суд танҳо бо як эътироз маҳдуд аст. Имкониятҳои татбиқи чораҳои маъмурӣ дар раванди назорати маъмурии мақомоти иҷроия низ чандон фарқ намекунанд, аммо онҳо ҳуқуқ доранд дар ҳолатҳои истисноӣ чораҳои маъмуриро ҳам нисбати шахсони воқеӣ ва ҳам ҳуқуқӣ татбиқ кунанд (мисол, бозхонди иҷозатнома барои анҷом додани фаъолияти литсензонӣ);

В) мақомоти назорати маъмурӣ, чун қоида риояи қоидаҳои махсусро аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии таҳти назоратии онҳо, мақомоти контролӣ ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти обеъктҳои контролшавандаро месанҷанд[491].

Назорат чунин хусусиятҳоро доро мебошад.

1. Аз ҷониби мақомоти махсуси ваколатдори давлатӣ амалӣ карда мешавад;

2. Доираи назорат дар муқоиса бо контроли давлатӣ ба таври назаррас маҳдудтар аст.

---

[489] Маҳмудов И.Т.Мафҳум ва моҳияти назорати прокурорӣ. / Маҷаллаи илмӣ-таҳлилии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, "Қонунгузорӣ" №2(34).- Душанбе: 2019 апрел - июн. – С. 100.

[490] Муллоев Д.М. Назарияи идораи давлатӣ: Китоби дарсӣ. Душанбе, 2013. – С. 212.

[491]Мазурин С.Ф., Прокофьев К.Г. Административное право: Учебное пособие / Под общ. ред. В.П. Сальникова. – СПб.: Фонд «Университет», 2019. – С. 278-279.

3. Барои мақомоти амалкунандаи назорати давлатӣ, хусусияти хоси фарққунандае мавҷуд аст, ки ба онҳо ваколатҳои махсуси ҳокимияти дода шудааст, ки барои субъектҳои контрол хос нестанд, аз ҷумла, мақомоти назоратӣ ҳуқуқ доранд ҳуқуқвайронкуниҳоро пешгирӣ ва саркӯб кунанд, инчунин шахсони гунаҳгорро ба ҷавобгарӣ ҷалб намоянд[492].

Аммо новобаста аз ин нишонаҳои хоси худ, контрол ва назорат дар худ нишонаҳоеро доранд, ки бо ҳам шабоҳат доранд. Олими рус В.И. Рохлин қайд менамояд, ки дар фаъолияти мақомоти контролӣ ва назоратӣ бисёр чизҳое мавҷуданд, ки бо ҳам мувофиқат мекунанд ва бо ҳам мепайванданд ва шабоҳатҳои зеринро қайд менамояд.

- мақомоти назоратӣ ва контролкунанда қонунҳоро ба роҳбарӣ мегиранд ва бахри иҷроиши онҳо талош меварзанд;
- мақомоти назоратӣ ва контролӣ дар асоси талаботи конститутсионӣ ҳадафи ягона доранд, ки ин таъмини риоя ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад;
- мақомоти назоратӣ ва контролӣ бояд ба қадри имкон барои ҷомеа боз бошанд, фаъолияташонро дар асоси принсипи ошкорбаёнӣ дар доираи муқаррарнамудаи қонун анҷом диҳанд, то риояи ҳуқуқҳои инсон ба ҳифзи ҳаёти шахсӣ ва риояи сирри давлатӣ ва махсуси бо қонун ҳифзшаванда таъмин гарданд;
- вазифаи мақомоти назоратӣ ва мақомоти контролкунанда дар баробари амалӣ намудани назорат ва контрол аз болои риояи қонунҳо ва фаъолияти боэътимод, на танҳо аз муайян кардан ва на он қадар аз ошкор кардани қонуншиканиҳо иборатанд, ки бешубҳа аз ҳар нуқтаи назар муҳиманд, балки аз бартараф кардани сабабҳои қонуншиканиҳо, шароите, ки мусоидат мекунанд ва аз камбудиҳову беамалӣ иборатанд. Ҳамин чиз имкон медиҳад, ки барои пешгирии ҳама гуна қонуншиканиҳо, хоҳ вайрон кардани тартибот ё ҷиноят чораҳои зарурӣ таҳия карда шаванд;
- методҳои фаъолияти мақомоти назоратӣ бо мақомоти контролӣ аз бисёр ҷиҳат бо ҳам монандӣ доранд (яъне тақрибан ҳамон усулҳои фаъолиятро доранд: гузаронидани санҷишҳо, гирифтани тавзеҳот, дархост ва таҳлили ҳуҷҷатҳо, истифодаи арзёбии коршиносон. Аллбата, тактикаи иҷро ва истифодаи ин методҳо (усулҳо) гуногунанд. Дар ин ҷо зарур аст, ки ҳам мақомоти назоратӣ ва ҳам мақомоти контролӣ дар сатҳи қонун, тартибот, ҳудуд, муҳлат, сабти истифодаи усулҳои муайяни мақомоти контролӣ (назоратӣ) ба таври равшан ва пурра танзим карда шаванд. Чунин номбаршудаи хусусиятҳои мувофиқи ҳамоҳанг дар фаъолияти мақомоти назоратӣ ва контролӣ имконияти кори якҷояи онҳоро муайян мекунад[493].

[492]Гусейнова Сания Фархад- кызы. Юридическое различие государственного контроля и надзора, их функции. Международный научный журнал «СИМВОЛ НАУКИ» №5/2015. – С. 170.

[493] Ю.А. Андреева. Контроль и надзор: основные подходы к разграничению понятий. Трибуна молодого ученого. Научный вестник Омской академии МВД России № 1(32), 2009. – С. 58.

Дар асоси пешниҳодҳои олимони ватаниву хориҷӣ вобаста ба таснифи контрол аз назорат, чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки контрол ҳамчун тарзи таъмини қонуният нишонаҳои зерини ба худ хосро дорост:

1. Муносибати доимӣ байни субъект ва объекти контролшаванда, яъне муносибатҳои бо ҳам тобеъиятии байни мақомоти контролкунанда ва контролшаванда;

2. Контрол чун қоида ҳама вақт дар дохили мақомот амалӣ карда мешавад (дар баъзе ҳолатҳо метавонад аз берун ҳам низ амалӣ карда шавад).

3. Объекти чунин муносибатро қонуният ташкил медиҳад ва инчунин мувофиқи мақсад будани амалҳои субъектони зери контрол қарор дошта;

4. Ба мақомоти контролкунанда ваколати бекор кардани қарорҳои мақомоти контролшаванда дода шудааст;

5. Ба мақомоти контролкунанда ҳуқуқи дахолат намудан ба фаъолияти ташкилӣ-хоҷагидории зерсохторҳои худ дода шудааст.

6. Мақомоти контролкунанда метавонад, нисбат ба шахсони масъули зери контролқарордошта, чораҳои пешбининамудаи қонунро татбиқ созад:

Дар асоси гуфтаҳои боло чунин мафҳуми контролро пешниҳод менамоем. **Контрол** ин яке аз шаклҳои фаъолияти давлатӣ буда, байни субъекти контролкунанда ва контролшаванда муносибати ҳокимиятӣ-тобеъиятӣ вуҷуд дорад ва чун қоида дар дохили сохтории онҳо амалӣ карда мешавад, ки мақсади он аз таъмин намудани қонуният, берун нарафтани субъектон аз доираи салоҳиятҳои худ, андешидани тадбирҳо ҷиҳати бартараф кардани сабабҳо ва шароитҳое, ки ба вайрон кардани қонуният ва интизом боис шудаанд ва инчунин нисбат ба шахсони гунаҳгор татбиқ намудани чораҳои пешбининамудани қонунгузорӣ мебошад.

Назорат ҳамчун шакли фаъолияти давлатӣ, чун қоида мисли контрол баҳри таҳкими қонуният амалӣ карда мешавад ва бо якчанд хусусиятҳои хоси худ аз контрол фарқ карда мешавад.

1. Назорат доимӣ буда, ҳама вақт аз берун амалӣ карда мешавад.

2. Байни назоратбаранда ва субъекту объекти назоратшаванда тобеъияти идоравӣ вуҷуд надорад.

3. Дар рафти амалӣ намудани назорат ба корҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ дахолат кардан иҷозат дода нашудааст.

4. Зимини амалинамоии назорат мақомоти салоҳиятдор оиди татбиқ намудани чораҳои муассири пешбининамудаи қонун нисбат ба шахсони гунаҳгорро ба мақомоти болоӣ масъалагузорӣ менамояд ва ё тибқи муқаррарот нисбат ба онҳо ҷазои маъмурӣ ва ё ҷиноятиро татбиқ менамояд.

5. Хусусияти хоси назорат дар он аст, ки он бо фаъолияти ҳуқуқӣ алоқаманд аст.

6. Назорат дар тамоми соҳаҳо сурат мегирад.

Назоратро бо чунин маъно қабул кардан мумкин аст. **Назорат** ин як шакли фаъолияти доимии давлатӣ мебошад, бо мақсади таъмин намудани волоияти қонун, таҳкими қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифз намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои қонунии давлат, ҷомеа ва шахсони алоҳида аз берун роҳандозӣ карда мешавад. Зимни амали намудани назорат танҳо ба фаъолияти ҳуқуқӣ дахолат кардан иҷозат дода шудааст ва дахолат намудан ба корҳои ташкиливу хоҷагидорӣ манъ мебошад ва байни назоратбаранда ва субъекту объекти назоратшаванда муносибатҳои ҳокимиятӣ-тобеъиятӣ вуҷуд надорад.

Дар айни замон, назорат барои ислоҳи мустақими қонуншиканӣ пешбинӣ нашудааст, бинобар ин ба назар гирифта мешавад, ки назорат барои муайян кардани қонуншиканӣ ва контрол бошад барои бартараф кардани чунин қонуншиканӣ хизмат мекунад. Новобаста аз хусусиятҳои хоси худ ин ду истилоҳ, ҳадаф ва мақсади онҳо танҳо ба як самт равона карда шудааст, ки ин ҳам бошад ба риоя ва иҷрои меъёрҳои муқарраргардида ва берун нарафтан аз доираи фазои ҳуқуқӣ ва таъмин намудани реҷаи қонуният мебошад. Аз ҷумла, Д.И. Наумов менависад, ки контрол ва назорат аз ҷиҳати функсионалӣ барои таъмин ва нигоҳдории волоияти қонун дар дохили кишвар тарҳрезӣ шудааст[494].

Истилоҳҳои русии контрол ва надзор ба забони тоҷикӣ, ҳарду ҳам бо як маъно назорат омадаанд. Он нишонаҳое, ки олимони ватаниву хориҷӣ дар ин ду истилоҳ муайян кардаанд, мо агар калима бо калима ин ду истилоҳро ба забони тоҷикӣ конрол ва назоратро ворид созем, дар баъзе ҳолатҳо моҳияти аслии худро гум мекунанд ва хуб мешуд, ки калимаи контрол ба забони тоҷикӣ ба калимаи назорати идоравӣ тарҷума карда шавад. Дар ин ҳолат ҳамаи он нишонаҳои фарққунандае, ки номбар карда шуданд метавонанд, ки дар худ нигоҳ доранд.

Аз ин рӯ агар ба қонунгузории давлатҳои пасошӯравӣ назар афканем бевосита истилоҳи контроли судӣ дар давраи тафтишоти пешакӣ истифода бурда мешавад. Аммо бо ба инобатгирии он фарқиятҳое, ки дар боло зикр намудем, чунин мешуморем, ки на ин ки контроли судӣ дар давраи тафтишоти пешакӣ, балки истилоҳи мазкур бо номи назорати судӣ дар давраи тафтишоти пешакӣ дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул ва мавриди корбуду истифода қарор дода шавад.

**Адабиёт:**

1. Андреева Ю.А. Контроль и надзор: основные подходы к разграничению понятий. Трибуна молодого ученого. Научный вестник Омской академии МВД России № 1(32), 2009. – С. 55-60.

[494] Рустамзода М.Р. Проблемы укрепления законности в республике Таджикистан. Дисс..канд. юр.наук. – Душанбе, 2019. – С.126

2. Беляев В.П. Контроль и надзор: проблемы разграничения. Организация правоохранительной деятельности. Актуальные проблемы российского права. – 2017. № 4 (77) апрель. – С. 199-207.

3. Гусейнова Сания Фархад–кызы. Юридическое различие государственного контроля и надзора, их функции. Международный научный журнал «СИМВОЛ НАУКИ». 2015. - № 5. – С. 170.

4. Зиёвадинов И.И. Мафҳум ва аҳамияти назорати судӣ дар давраи тафтишоти пешакӣ. Ҳуқуқи инсон дар раванди ҷаҳонишавӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ (7-уми декабри соли 2021) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2021. – 468 с.

5. Зырянов С.М. Административно-надзорные правоотношения: содержание и развитие. Манбаи электронӣ. Реҷаи дастрасӣ http://www.igpran.ru/trudy/vypuski/2009/2009-1/90-100.pdf (санаи муроҷиат: 12.05.2021).

6. Мазурин С.Ф., Прокофьев К.Г. Административное право: Учебное пособие / Под общ. ред. В.П. Сальникова. – СПб.: Фонд «Университет», 2019. – (312 с.) (Серия: «Учебники, учебно-методические и учебные пособия»).

7. Мазурин С.Ф., Прокофьев К.Г. Административное право: Учебное пособие / Под общ. ред. В.П. Сальникова. – СПб.: Фонд «Университет», 2019. – 312 с.

8. Маҳмудов И.Т. Мафҳум ва моҳияти назорати прокурорӣ. / Маҷаллаи илмӣ-таҳлилии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, “Қонунгузорӣ” №2(34). – Душанбе: 2019 апрел - июн. – С. 98-104.

9. Минченко О.С. Контрольно-надзорные функции и государственные услуги: взаимосвязь понятий. Государственное управление. Электронный вестник. Выпуск №37. Апрель 2013г. – С. 45-53.

10. Мирзамонзода Х.М. Конституционно-правовые основы организации и деятельности судебной власти в таджикистане: проблемы теории, законодательной регламентации и практики: автореф. дисс. ... док. юр. наук. – Душанбе, 2021. – 124 с.

11. Муллоев Д.М. Назарияи идораи давлатӣ: Китоби дарсӣ. Душанбе, 2013. – 256 с.

12. Ожегов С.И. Словарь русского языка: Ок. 57 000 слов/ Под ред. Чл.-корр. АН СССР Н.Ю. Шведовой. - 19-е изд., испр. – М.: Рус. яз., 1987.

13. Ойев Х. Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. 2013. – 564 с.

14. Ойев Х., Марифхонов Р.Н., Ҷамшедов Ҷ.Н., Диноршоев А.М. Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Курси лексия. /Зери назари н.и.ҳ., дотсент Диноршоев А.М. Душанбе. 2015. – 240 с.

15. Основы государственного контроля, надзора и аудита [Текст] : учеб. пособие / А. К. Измоденов, А. В. Курдюмов ; М-во науки и высш.

образования Рос. Федерации, Урал. гос. экон. ун-т. — Екатеринбург: [Изд-во Урал. гос. экон. ун-та], 2018. – 109 с.

16. Рахимзода Р.Х. Оперативно-розыскная политика по обеспечению экономической безопасности Республики Таджикистан: проблемы теории, методологии и практики (историко-правовой и общетеоретический анализ): дисс. ... док. юр. наук. – Душанбе, 2018. – 581 с.
17. Раҳмон Ю.А. Назорати прокурорӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе: Ирфон, 2019. – 390 с.
18. Рустамзода М.Р. Проблемы укрепления законности в республике Таджикистан: дисс. ... канд. юр. наук. –Душанбе, 2019. – 176 с.
19. Спирин А.В. О теоретических основах разграничения прокурорского надзора и процессуального (ведомственного) контроля в досудебных стадиях уголовного судопроизводства. Вестник уральского юридического института МВД России. №1. 2016. – С. 54-60.
20. Уголовно-процессуальное право (Уголовный процесс): Учебник для вузов / Под ред. проф. Э.К. Кутуева; науч. ред. и вступительное слово проф. В.П. Сальникова; 2-е изд., перераб. и доп. – СПб.: Санкт-Петербургский ун-т МВД России; Фонд «Университет», 2019. – 583 с. – (Серия: «Учебники для вузов, специальная литература»).
21. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Иборат аз 2 ҷилд ҷилди I А – Н. Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, Душанбе, с. 2008. – 950 с.
22. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Иборат аз 2 ҷилд ҷилди II О–Я. Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, Душанбе, с. 2008. – 945 с.
23. Фарҳанги тоҷикӣ – русӣ. Душанбе, 2006. – 994 с.
24. Чепурная И.В. Соотношение судебного контроля, прокурорского надзора и ведомственного контроля на досудебных стадиях уголовного судопроизводства. Манбаи электронӣ. Реҷаи дастрасӣ https://superinf.ru/view_helpstud.php?id=671 (санаи муроҷиат: 28.04.2021).

# АСОСҲОИ ТАЪРИХӢ-ҲУҚУҚИИ МАГИСТРАТУРА

**Муминзода М.Н.,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел.:** (+992) 931193333
**E-mail:** sharifjonmuminov@gmail.com

**Фишурда:** Тағйиротҳо дар соҳаи таҳсилоти олӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузаштан ба низоми дусатҳии омодасозии кадрҳо боиси пайдоиши як қатор мушкилот мегардад, ки ҳалли онҳо барои ташаккули магистратура ҳамчун як звенои системаи маориф зарур аст. Ислоҳоти таҳсилоти олӣ дар Тоҷикистон тавассути таҳияи «Конвенсияи Болония» на танҳо «мутахассис»-ро ба «дараҷаи бакалавр» иваз кард, балки «магистратура»-ро дар байни ин навоварӣ ва аспирантура ҷой дод. Аммо ҳалли масъала ба ҳисоб намеравад, балки таҷдиди қаблан мавҷудбуда аст. Донистани тафовути онҳо, доштани шарҳи ихтилофот муҳим аст. Таҳлили муқоисавии барномаҳои магистрии ҳозиразамон бо барномаҳои пешазреволютсионӣ оварда шудааст. Хулосаҳо барои тасдиқи мақсаднок будани татбиқи барномаҳои магистрӣ мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ бароварда мешаванд. Дар мақола истилоҳ, зина ва институти магистратура аз ҷониби муаллиф мавриди барасии ҳамаҷониба қарор гирифта, ҷанбаҳои таърихӣ, ҳуқуқӣ ва аҳамияти он барои низоми маорифи кишвар омӯхта шудааст. Муаллиф ба хулосае меояд, ки ба таври дахлдор қабул нашудани низоми нави таҳсил, на камбудии низом балки мутобиқ нашудани коркунони соҳа ба қоидаҳои ҷаҳони имрӯз ба ҳисоб меравад.

**Калидвожа:** магиср, бакалавр, низоми таҳсилот, раванди болония, низоми кредитӣ, таърихи магистратура, ҳуқуқи таълимӣ, таърихи магистратура, асосҳои ҳуқуқии магистратура, қонунгузории соҳаи маориф

# ИСТОРИКО-ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ МАГИСТРАТА

**Муминзода М.Н.,**
ассистент кафедры права человека и сравнительной юриспруденции юридического факультета Таджикского национального университета
**Тел.:** (+992) 931193333
**E-mail:** sharifjonmuminov@gmail.com

**Аннотация:** Изменения в сфере высшего образования в Республике Таджикистан, переход на двухуровневую систему обучения приведут к ряду проблем, решение которых необходимо для формирования степени магистра как части системы образования. Реформа высшего образования в Таджикистане посредством развития Болонской конвенции не только заменила «специалиста» на «бакалавриат», но и поместила «магистр» между этим нововведением и аспирантурой. Но рассматривается не решение проблемы, а уже существующая реконструкция. Важно знать их различия, иметь объяснение различий. Дан сравнительный анализ современных магистерских программ с дореволюционными. Выдаются заключения в соответствии с международными стандартами для подтверждения целесообразности реализации магистерских программ. В статье подробно рассматриваются автором термин, степень и институт магистратуры, исследуются исторические, правовые аспекты и ее значение для системы образования страны. Автор приходит к выводу, что неспособность должным образом принять новую систему образования является не недостатком системы, а несоответствием кадров правилам современного мира.

**Ключевые слова:** Магистр, бакалавриат, система образования, система высшего образования, кредитная система, история магистратуры, образовательное право, история магистратуры, правовая основа магистратуры, образовательное законодательство

## HISTORICAL AND LEGAL BASES OF MAGISTRATION

**Muminzoda M.N.,**
assistant, Department of Human Rights and Comparative Law, Faculty of Law, Tajik National University
**Phone:** (+992) 93119 3333
**E-mail:** sharifjonmuminov@gmail.com

**Annotation:** Changes in the field of higher education in the Republic of Tajikistan, the transition to a two-level system of education will lead to a number of problems, the solution of which is necessary for the formation of a master's degree as part of the education system. . The reform of higher education in Tajikistan, through the development of the Bologna Convention, not only replaced the "specialist" with the "bachelor's degree", but also placed the "master" between this innovation and postgraduate studies. But it is not a solution to the problem that is being considered, but an already existing reconstruction. It is important to know their differences, to have an explanation for the differences. A comparative analysis of modern master's programs with pre-revolutionary ones is given. Conclusions are issued in accordance with international standards to confirm the feasibility of implementing master's programs. The article examines in detail the author's term, degree and institution of magistracy, explores the historical, legal aspects and its significance for the

country's education system. The author comes to the conclusion that the inability to properly accept the new education system is not a shortcoming of the system, but a mismatch of personnel with the rules of the modern world.

**Keywords:** Master's degree, bachelor's degree, education system, higher education system, credit system, history of magistracy, educational law, history of magistracy, legal basis of magistracy, educational legislation

Магистратура як зинаи таҳсилоти олии касбӣ пас аз дараҷаи бакалавр мебошад, ки ба шумо имкон медиҳад ихтисоси худро дар як соҳаи муайяни касбӣ амиқтар кунед ва дар баъзе мавридҳо онро тағйир диҳед. Яъне Шумо метавонед баъд аз хатми ҳуқуқшинос бакалавр дараҷаи магистр- иқтисодчиро ба даст оред. Аммо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин имконият аз тарафи қонунгузор дода нашудааст.

Дар донишгоҳҳои асримиёнагӣ дараҷаҳои зерини илмӣ вуҷуд доштанд: бакалавр, магистр, доктори илмҳои фалсафа, аммо дар баъзе кишварҳо дараҷаҳои дигари илмӣ: бакалавр, литсензия, доктори фалсафа вуҷуд доштанд. Соли 1240 бакалавр ҳуқуқи интихоби ректори донишгоҳро дошт.

Дар империяи Русия дар ҳама факултаҳо, ба истиснои тиб, магистратура вуҷуд дошт. Дараҷаи магистр ба шахсе дода мешавад, ки дар охири курси донишгоҳӣ аз як бахши маъруфи илм имтиҳони махсуси шифоҳӣ супорида, рисолаи аз ҷониби факултет тасдиқшударо дифоъ кардааст.

Магистр дараҷаи илмӣ аст, ки дар империяи Русия дар нимаи дуюми асри 18 ҷорӣ карда шудааст. Дараҷаи магистрӣ байни дараҷаи номзадӣ ва дараҷаи докторӣ дар сегонаи дараҷаҳои илмӣ «номзад - магистр - доктор» мавқеи миёнаро ишғол мекард.

Магистр ва ҳуқуқҳои ба он вобаста бо декрети Совети Комиссарони Халқии РСФСР аз 1 октябри соли 1918 барҳам дода шуданд. Низоми дараҷаҳои илмӣ танҳо дар соли 1934 барқарор карда шуд, вале истилоҳи «магист» дар замони шӯравӣ истифода нашуд, аммо дараҷаи номзади илм ҷорӣ карда шуда буд, ба магистри пеш аз инқилоб мувофиқат мекард.

Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди шуравӣ дар Руссия яке аз давлатҳои пасошуравӣ аввалин шуда солҳои 90-ум истилоҳи «магистр» ҳамчун тахассус барои хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ бармегардад. Моҳи марти соли 1992 фармони Вазорати илм, таҳсилоти олӣ ва сиёсати техникии Федератсияи Русия дар бораи тайёр кардани бакалавр ва магистрҳо қабул карда шуд. Моҳи августи соли 1993 тартиби фаъолияти магистратура бо қарори Кумитаи давлатии Федератсияи Русия оид ба таҳсилоти олӣ муайян карда шуд[495]; назар ба таълими анъанавии барои ИҶШС тайёр кардани хатмкунандагон як семестр дароз карда шуд. Дар баъзе донишгоҳҳо моҳи июни соли 1994

[495] Қарори Кумитаи давлатии Федерациям Россия оид ба маълумоти олӣ аз 10.08.93 с. №42. Манъбаи электронӣ URL: https://www.kommersant.ru/doc/8561. Санаи муроҷиат 15.03.2022

аввалин хатми магистрҳо сурат гирифта, тақрибан аз соли 1996 дар Русия барномаҳои магистрӣ ба таври васеъ истифода мешаванд.

Дар Амрикои Шимолӣ ва Иттиҳоди Аврупо аксарияти хатмкунандагони донишгоҳҳо пас аз гирифтани дараҷаи бакалаврӣ дар магистратура таҳсил намекунанд., зеро дараҷаи бакалаврӣ маълумоти олии пурра мебошад. Бештари вақт донишҷӯёне, ки нияти машғул шудан ба тадқиқоти илмӣ ё фаъолияти омӯзгориро дар донишгоҳ доранд, дар магистратура таҳсилро идома медиҳанд. Имрӯз дар ҷомеа тамоюле ба вуҷуд омадааст, ки зинаи бакалавр маълумоти олӣ ба ҳисоб намеравад, ки ин ақида куллан нодуруст. Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12.2007 таҳти №650 зинаи мутахасис ва бакалавр баробар пазируфта шудааст, аммо ин меъёр аз ҷониби мансабдоронӣ давлатӣ ҳангоми қабул ба кор ба назар гирифта намешавад ва бартарӣ ба мутатахасис дода мешавад. Ҳол он ки мебоист, дар ҳоли аз байн бурдани зинаи мутахасис, баҳри ҳавасманд намудан бояд бартарӣ ба низоми нав дода шавад.

Баҳсу мунозираҳо оид ба истилоҳи бакалавр, магистр ва доктор PhD дар байни олимон давом дорад, аммо бояд иброз дошт, мавзуи баҳс дигар аст, баҳс дигар. Яъне мавзуи баҳсашон низоми таълим аст, онҳо бошанд дар бораи раванди таълим баҳс мекунанд. Аз ин рӯ бояд ба ин ду мафҳум равшанӣ андозем.

Дар қонунгузории соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми низоми таълим дода нашудааст. Низоми таълим моделест, ки сохторҳои институтсионалиро (мактаб, донишгоҳ, муассисаҳои таълимии томактабӣ, таҳсилоти иловагӣ, коллеҷҳо ва ғайра) муттаҳид мекунад, ки ҳадафи асосии он тарбияи хонандагон дар онҳо мебошад. Дар ин маврид танҳо сохтори муасисаҳои таҳсилотӣ ва муҳлати таҳсил ба назар гирифта мешавад.

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маориф:

Р*аванди таълим* - низоми фаъолияти таълимию тарбиявӣ барои расидан ба мақсадҳои таълим[496]. Ба маънои дигар раванд ё маҳсули ташаккули ақл, хислат ва қобилиятҳои ҷисмонии шахс мебошад. Яъне дар ҷумлаи боло истилоҳи ташаккул мақсади раванди таълим ба ҳисоб меравад ва хонандагонро мехоҳам бо мафҳуми "фикронии танқидӣ" шинос намоем.

Тафаккури интиқодӣ ё фикронии танқидӣ (аз англ. Critical thinking) - системаи ақидарониест, ки ҳангоми таҳлили ашѐ ва ҳодисаҳо барои гирифтани хулосаҳои асоснок истифода шуда, ба додани баҳои воқеӣ, мулоҳизаронӣ ва инчунин дуруст истифода бурдани натиҷаҳои гирифта дар ҳалли проблемаҳои мавҷуда ѐ дарпешистода имконият медиҳад. Дар маънои васеъ зери мафҳуми тафаккури интиқодӣ фикрронии сатҳи баланд

[496] Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» аз 22 июли соли 2013 // Махзани мутамарказӣ иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. / [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 26.09.2019).

дар назар дошта мешавад[497]. Танқид аз забони арабӣ гирифта шуда маънояш баҳс мебошад, яъне шумо доир ба мавзуъ осори якчанд мехонед ва дар натиҷа ҳхулосаи мустақили худро ба вуҷуд меоред, ки он ба осори хондашуда вобаста нест. Бо ин роҳ мо насли ҷавонро ба навоварӣ, ихтирокорӣ ва озодандешию ватандустӣ роҳнамоӣ хоҳем кард. Маҳз аз истифодаи ин усулҳова самаранок истифода бурдани онҳо, махсусан дар зинаи магистр, ки дар кишвари мо он ба таври дахлдор қабул намешавад, ду шахсият яке Азизҷон Азимӣ ва Абдулло Қурбонов тавонистанд бо хатми магистратура яке аввалин лаборатория оид ба омӯзиши зеҳни сунъи дар Осиёи Марказӣ ки сармояи он дар тули як соли фаъолият 12 млн доллар арзиш дорад ва дигар Асосгузори ширкат ва бонки Алиф бо сармояи беш аз 100 млн доллар ташкил кунанд. Бояд илова намуд, дар асоси мувафақиятҳои Азизҷон Азимӣ ва нақши муҳим доштани Зеҳни сунъи дар иқтисодиёт, ки саҳми ин соҳа дар иқтисодиёти ҷаҳон соли 2022 ба 24,1 млрд долларро мерасад, Ҳукумати кишвар соли 2022 Стратегияи рушди зеҳни сунъиро қабул намуд.[498]

Мақсади «Раванди болония» низ аз суханҳои боло овардашуда дида мешавад. Санаи расмии оғози раванд 19 июни соли 1999, вақте ки Эъломияи Болония ба имзо расид, ҳисобида мешавад. Раванди Болония дар нишасти 600 намояндаи донишгоҳҳои Аврупо дар моҳи марти соли 2001 таҳия ва мушаххас карда шуд[499].

То имрӯз 49 кишвари дунё ин равандро қабул кардаанд. Раванди Болония барои ҳамроҳшавии дигар кишварҳо боз аст. Русия моҳи сентябри соли 2003 дар нишасти Берлинии вазирони маорифи Аврупо ба раванди Болония пайваст. Соли 2005 дар Берген Эъломияи Болонияро вазири маорифи Украина имзо кард. Соли 2010 дар Будапешт қарори ниҳоӣ дар бораи пайвастани Қазоқистон ба Эъломияи Болония қабул карда шуд. Қазоқистон аввалин давлати Осиёи Марказӣ мебошад, ки ҳамчун узви комилҳуқуқи фазои таълимии Аврупо эътироф шудааст. Пайвастани Белорус ба раванди Болония ва ворид шудан ба Минтақаи таҳсилоти олии аврупоӣ 14 майи соли 2015 дар Ереван, дар Конфронси вазирони маорифи кишварҳои МТОА[500] ва Форуми сиёсати Болония эълон шуд[501].

Дар қисми 1 Эъломияи Болония омадааст:

Ба шарофати муваффакиятҳои солҳои охир равандҳое, ки дар Аврупо ба амал меоянд, хусусияти мушаххас пайдо карда, ба воқеияти мамлакатҳои иттиходи Аврупо ва шаҳрвандони он мувофиқат мекунад.

[497] Саидиброимов, Ш. Им. О. Тафаккури интиқодӣ - омили асосии рушди хирад ва салоҳиятҳои хонандагон / Ш. Им. О. Саидиброимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – No 10. – Р. 379-383.

[498] В.В. Трофимов. Искусственный интеллект в цифровой экономике. [Манъбаи электронӣ] URL: https://roscongress.org/materials/iskusstvennyy-intellekt-v-tsifrovoy-ekonomike/. (санаи муроҷиат 1.04.2022)

[499] Муминзода, Н.И. Раванди Болония: таърих ва заминаи ҳуқуқӣ / Н. И. Муминзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – No 6. – Р. 198-203.

[500] Минтақаи таҳсилоти олии аврупоӣ

[501] Муминзода, Н. И. Раванди Болония: таърих ва заминаи ҳуқуқӣ / Н. И. Муминзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – No 6. – Р. 198-203.

Имкониятҳое, ки кушода шудаанд, дар баробари бо дигар мамлакатҳои Аврупо мустаҳкам намудани муносибатҳо имкониятҳои боз ҳам васеъи тараққиётро фароҳам меоваранд. Ҳамин тариқ, мо шоҳиди фаҳмиши рӯзафзуни қисми ҷаҳони сиёсӣ ва академикии зарурати муқаррар намудани робитаҳои зичтар дар тамоми Аврупои тараққиёбанда, дар ташаккул ва мустаҳкам намудани зеҳнӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва илмию техникии он мебошем.[502]

Мутахассиси муосир бояд на танҳо барои гузоштани ягон қадами иҷтимоӣ, балки барои ҳалли масъалаҳои ғайристандартӣ, касбӣ ва истеҳсолӣ низ омода бошад.

Аз ин рӯ, мундариҷаи таҳсилот, технологияҳое, ки дар раванди таълим истифода мешаванд, бояд аз ҷониби тайёркунии хатмкунандагон, ки қобилияти ба осонӣ ба шароити тағирёбандаи истеҳсолот ва бозори меҳнат мутобиқ шуданро доранд, ба назар гирифта шаванд.

Ба ақидаи Ҳ.Маҷидов ва У.Сулаймонов: Аз усулҳои гуногуни замонавӣ истифода бурдан барои санҷиши дараҷаи донишазхудкунии бакалаврҳою магистрҳо муфид мебошад. Дараҷаи азхудкунии дониши бакалаврҳою магистрҳоро бо истифода аз усули хаттӣ ва тестӣ ва бо истифодаи имкониятҳои технологияҳои компютерӣ санҷидан мумкин аст[503]. Аз суханҳои боло хулоса баровардан мумкин аст, ки ин низом ба тарзи қабули таълим дахолат намекунад. Талаботи асосии низом ин риояи муҳлати таҳсил ба ҳисоб меравад. Мақсади низоми Болония бошад дар муносибати мутақобила, ҳамгироии фарҳангӣ, ва нақли озоди илму дониш ва махсусан донишҷуён ба ҳисоб меравад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин бора фармудаанд: «Бо вуҷуди ин, масъалаҳои баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва дар низоми таҳсилоти миѐнаи умумӣ ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионӣ ва фаъоли таълим, инчунин баланд бардоштани сатҳи касбии омӯзгорон таваҷҷуҳи боз ҳам бештари масъулинро тақозо мекунад»[504]

Дар давоми 13 соли охир тахсилоти олӣ мувофиқи принсипҳои ислоҳоти эъломияи Болонӣ (системаи аврупоии гузаронидан ва андухти кредитҳо ESTC), ки соли 2005 Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун аъзо ба он имзо гузошт, илова ва ислоҳот ворид шуда истодаанд[505].

---

[502] Эъломияи Болония. [Манъбаи электронӣ] URL: https://www.ablaikhan.kz/images/content/static/our-university/bologna_declaration-ru.pdf (Санаи муроҷиат 29.03.2022)

[503] Маҷидов, А. Фарогирии бакалавру магистрҳо ба таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии ТОҶИКИСТОН / А. Маҷидов, У. Сулаймонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – No 4. – P. 216-222.

[504] Паѐми Президенти Ҷумҳурии Точикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Точикистон аз 23.01.2015., ш. Душанбе. [Манъбаи электронӣ] URL: http://president.tj/node/8136 (Санаи муроҷиат 29.03.2022)

[505] Бакаев, М. Х. Болонский процесс в Таджикистане: специфика и возможности реализации / М. Х. Бакаев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. – № 8. – С. 118-123.

Фаъолияти раванди Болонӣ 19 июни соли 1999 ибтидо гирифта, дар шаҳри Болония намояндагони вазоратҳои 29 давлатҳои Иттиҳоди Аврупо эъломияи Болониро ба имзо расониданд[506].

Дар асл эъломия (декларация) мақсадҳои зерини ҷараёнро дошта буд:

- қабули системаҳои дараҷаи муқоисашаванда дошта, бо мақсади имконияти шуғли хатмкунандагони мамлакатҳои Аврупо ва баланд бардоштани рақобатнокии системаи аврупоии маълумоти олӣ;

- ҷорӣ намудани таҳсили ду зинагӣ (цикл);

- ҷорӣ намудани кредитҳо дар намуди ECTS (European Credit Transfer System) -

системаи аврупоии гузаронидан ва андухти кредитҳо бо мақсади нигоҳ доштани зудҳаракатӣ донишҷӯён;

- кумак расонидан ба ҳамкориҳои аврупоӣ, бо мақсади таъминоти сифати баланди таълим бо воситаи тайёр кардани меъёрҳои муқоисашаванда ва методологияи онҳо;

- расонидани кумаки ҳамаҷониба ба назарияҳои аврупоӣ дар таҳсилоти олӣ, хусусан

дар доираи рушди нақшаҳои таълим, ҳамкориҳои байнидонишгоҳӣ ва барномаҳои таълимии муштарак.

Баъдтар, ҳадафҳо ва вазифаҳои нав пайдо шуданд, ки дар ҳуҷҷатҳои байналхалқӣ оид ба арзёбӣ ва ислоҳоти раванди татбиқи Созишномаи Болонӣ инъикос ёфтаанд.

Маълумоти додашуда ба мо имкон медиҳад, ки чунин хулоса барорем:

- барои Русия тахассуси магистр дар соҳаи маориф навигарӣ нест, балки барқарор кардани варианти таҳсил дар замони шӯравӣ бекор карда шудааст;

- дараҷаи бакалавр аз ҷиҳати мавқеъ ба «техникуми» барҳамхӯрда шабеҳ аст, аммо илова кардани дараҷаи магистрӣ ба он онҳоро болотар аз «ихтисос» гузошт;

- дараҷаи номзадӣ арзиши худро гум накардааст, ба шарте ки он шакли таҳаммулпазирӣ барои шумораи ками магистрон ва докторҳои илмҳо нашавад;

- ҳуқуқи магистрҳо барои дохилшавӣ ба аспирантура, имкон намедиҳад, ки магистратура рақиби ин аспирантура ҳисобида шавад;

- қабул ба аспирантура пас аз хатми магистратура аз ҷиҳати вақти таҳсил сарфшуда назар ба мутахассис муҳимтар аст;

- гарчанде ки "магистр" дараҷаи илмӣ нест, балки тахассуси касбӣ аст, аммо чунин хатмкунанда аз имконияти иваз кардани номзади илм маҳрум намешавад;

---

[506] Бакаев, М. Х. Болонский процесс в Таджикистане: специфика и возможности реализации / М. Х. Бакаев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. – № 8. – С. 118-123.

- афзалият дар донишгоҳҳо ҳамчун устодони магистр ё номзадҳои илм (докторҳои илм) гуногун аст.

Тайи чанд соли охир дар ин самт ислоҳот сурат гирифт. Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олӣ ва касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» муқарраротеро дар бар мегирад, ки принсипҳои дахлдори раванди Болонияро муттаҳид мекунанд, аз ҷумла:

- таъмини системаи дузинаи таълим; ҷорӣ намудани низоми воҳидҳои қарзӣ;

- арзёбии дониш ва сифати таълим аз рӯи нишондиҳандаҳои байналмилалӣ;

- эътирофи мутақобилаи дипломҳо ва дараҷаҳои тахассусии таҳсилоти олии Тоҷикистон ва муқоисаи онҳо бо стандартҳои ҷаҳонӣ;

- тавсеаи ҳаракати донишҷӯён ва омӯзгорон.

Имрӯз Тоҷикистон аз соли 2013 на танҳо низоми нави таҳсилотро қабул кард, ҳамчунин аз низоми таҳсилоти шуравӣ даст кашид ва ба ақидаи муаллиф ин маънои онро дорад, ки мо роҳи бозгашт надорем, зеро мутобиқи ҚҶТ дар бораи Таҳсилоти олии касбӣ қабули довталабон ба донишгоҳ танҳо ба зинаи бакалавр ва магистр ба роҳ монда шудааст. Мутахасис пурра аз низоми таҳсилот ихтисор шуд. Аммо дар Русия: Аммо тафовут байни анъанаҳои ғарбӣ ва воқеияти рус[507], инчунин талаботи иқтисоди воқеӣ ба мутахассисони соҳибихтисос ислоҳотро тақозо мекард: зинаи бакалавр ва магистр ҷорӣ карда шуд зинаи мутахасис дар донишгоҳ кам карда шуд, аммо қатъ карда нашуд. Русия роҳи дуалистии ҳалли масъаларо пеш гирифт. Агар имрӯз усули фикронии танқидӣ ба роҳ монда шавад самаранокии илмӣ бештар хоҳад шуд. Тавре ки раиси Комиссия олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон А. Розиқзода дар нишасти хабарӣ 16.02.2022 қайд намуданд аз рӯзи таъсиси ин сохтор ҳеҷ як кори илмӣ дар амалия тадбиқ карда нашудааст[508]. Муаллиф сабабҳои ин камбудиҳоро дар низоми бюрократии илмӣ (яъне диссертатсия дар ҳаҷми 120 саҳифа бошад мо ба моҳияту мазмуни он диққат намедиҳем ва танҳо хатои имлоӣ меҷуем) ва дигар ин ки мо имрӯз донишҷуро ҳамчун кузае қабул мекунем, он ро бояд пур намоем, ки ин хоси усули таълим хоси таълими динӣ ва Шуравӣ буд, аммо имрӯз ҷомеа ба афсари итоаткунанда не, ба шахси эҷодкор ниёз дорад ва бояд донишҷӯ чун машъале қабул карда шавад, ки онро мебояд афрӯхт. Дигар масъалае ки имрӯз омӯзгорон ва оркунони соҳаи маорифро ба ташвиш овардааст ин кам шудани донишҷӯ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мебошад ва сабаби он ҳодисаро дар пайдоиши низоми нави таълим мебинанд, ки ин хатои маҳз аст. Мувофиқи ақидаи Шамсов И.С., талабот ба касб ва тахассуси кормандон метавонад тағйир ёбад ва ин зуҳурот низ, чи тавре

[507] Дружилов С.А. Двухуровневая система высшего образования: западные традиции и российская реальность // Педагогика. — 2010. — № 6. — С. 51—58.

[508] Нишасти хабарии раиси Комиссия олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон А. Розиқзода аз 16.02.2022. Маъбаи электронӣ. https://fb.watch/c5Cvc4mtbB/ (санаи муроҷиат 31.02.2022)

дар боло қайд кардем, яке аз омилҳои глобализатсия ва пайвастани Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо мебошад, ки маҳз бозор талаботро муайян мекунад[509].

Хулоса, истифодаи ин усулҳо имконият медиҳад, ки хонандагон мустақилона дар атрофи ягон масъала фикр карда (образҳо, достонҳо, ҳодисаҳо ва ғ.) бо ёрии омӯзгор ҳар як мавзӯъро мавриди омӯзиш, муқоиса ва таҳлил қарор диҳанд. Дарси фаъоли замонавӣ тақозо дорад, ки мақсади таълим дар муассисаҳои таълимӣ танҳо аз дар хотир нигоҳ доштани дониши гирифташуда иборат набуда, балки рушди салоҳиятҳо ва амалигардонии назария дар амалия мароми асосист[510].

**Адабиёт:**


1. Бакаев, М. Х. Болонский процесс в Таджикистане: специфика и возможности реализации / М. Х. Бакаев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. – № 8. – С. 118-123.
2. Дружилов С.А. Двухуровневая система высшего образования: западные традиции и российская реальность // Педагогика. — 2010. — № 6. — С. 51—58.
3. Қарори Кумитаи давлатии Федератсияи Россия оид ба маълумоти олӣ аз 10.08.93 с. №42. Манъбаи электронӣ URL: https://www.kommersant.ru/doc/8561. Санаи муроҷиат 15.03.2022
4. Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» аз 22 июли соли 2013 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. / [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 26.09.2019).
5. Маҷидов, А. Фарогирии бакалавру магистрҳо ба таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии ТОҶИКИСТОН / А. Маҷидов, У. Сулаймонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – No 4. – P. 216-222.
6. Муминзода, Н. И. Раванди Болония: таърих ва заминаи ҳуқуқӣ / Н. И. Муминзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – No 6. – P. 198-203.
7. Нишасти хабарии раиси Комиссия олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон А. Розиқзода аз 16.02.2022. Маъбаи электронӣ. https://fb.watch/c5Cvc4mtbB/ (санаи муроҷиат 31.02.2022)
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Точикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 январи соли 2015.
9. Саидиброимов, Ш. Им. О. Тафаккури интиқодӣ - омили асосии рушди хирад ва салоҳиятҳои хонандагон / Ш. Им. О. Саидиброимов //


[509] Шамсов, И. С. Факторы, влияющие на рынок труда и систему профессионального образования в условиях цифровой экономики / И. С. Шамсов // Таджикистан: экономика и управление. – 2021. – № 1. – С. 15-26.

[510] Саидиброимов, Ш. Им. О. Тафаккури интиқодӣ - омили асосии рушди хирад ва салоҳиятҳои хонандагон / Ш. Им. О. Саидиброимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – No 10. – P. 379-383.

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – No 10. – P. 379-383.

10. Саидиброимов, Ш. Им. О. Тафаккури интиқодӣ - омили асосии рушди хирад ва салоҳиятҳои хонандагон / Ш. Им. О. Саидиброимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – No 10. – P. 379-383.

11. Шамсов, И. С. Факторы, влияющие на рынок труда и систему профессионального образования в условиях цифровой экономики / И. С. Шамсов // Таджикистан: экономика и управление. – 2021. – № 1. – С. 15-26.

# ТАРБИЯИ ҲУҚУҚИИ ЗАНОН ВА БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАВҚЕИ ОНҲО ДАР ҶОМЕА

**Пирова Г.С.,**
магистри соли 1-уми факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел.:** (+992) 934-00-81-08
**E-mail:** pirova.gulafzo@mail.ru

**Фишурда:** Дар мақолаи матраҳшаванда масъалаҳои ҳимояи ҳуқуқҳои занон ва баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа баррасӣ карда шудааст. Доир ба масъалаи мазкур чорабиниҳои миллию байналмилалӣ гузаронида шуда, дар сатҳи танзимнамоии онҳо як қатор қонун, қарорҳо ва конвенсияҳо ба тасвиб расонида шудааст. Дар мақола масоили амалишавии ҳуқуқу озодиҳои занон ҳамчун ҷузъи ҳуқуқи инсон ва аҳамияти фаъолгардонии нақши онҳо дар рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи занон, баробарҳуқуқӣ, ҷомеа, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, истиқлолият, қонунгузорӣ, озодӣ, тарбияи ҳуқуқӣ.

# ПРАВОВОЕ ВОСПИТАНИЕ ЖЕНЩИН И ПОВЫШЕНИЕ ИХ СТАТУС В ОБЩЕСТВЕ

**Пирова Г.С.,**
магистр 1 курса юридического факультета Таджикского национального университета
**Тел.:** (+992) 934-00-81-08
**E-mail:** pirova.gulafzo@mail.ru

**Аннотация:** Данная тема посвящена вопросам защиты прав женщин и улучшения положения женщин в обществе. По этому вопросу были проведены международные и национальные мероприятии и были приняты ряд правовых норм для регулирования данного вопроса. В статье анализируется и рассматривается вопросы относительно реализации прав и свобод женщин как неотъемленая часть прав человека, а также активизации роли женщин в развитии общественных отношений.

**Ключевые слова:** права человека, права женщин, равноправие, общество, нормативные правовые акты, независимость, законодательство, свобода, правовое воспитание.

# LEGAL EDUCATION OF WOMEN AND INCREASING THEIR STATUS IN SOCIETY

**Pirova G.S.,**
master of the first year, faculty of law, Tajik National University
**Phone:** (+992) 934-00-81-08
**E-mail:** pirova.gulafzo@mail.ru

**Annotation:** The following theme dedicated to the protection of women rights and improving the status of women in society. On this issue were held international and national competitions and were taken a number of legal norms for regulating the following problem. The article analyzes and discusses issues regarding the realization of the rights and freedoms of women as an integral part of human rights and the activation of the role of women in the development of public relations.

**Keywords:** human rights, womens right, equality, society, normative legal acts, independence, legislation, freedom, legal education.

Ҷомеае, ки ба зан – модар ғамхорӣ менамояд, баояндаи худ ғамхорӣ мекунад. Давлате, ки нисбат ба модар – ин сарчашмаи ҳаёт ва бақои насли инсонӣ бепарво бошад,ояндаи худро аз даст медиҳад.

**Эмомалӣ Раҳмон**

Эълони истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инкишофи мустақилонаи минбаъдаи он дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа дигаргуниҳои амиқро ба вуҷуд овард. Бахусус дар марҳилаҳои аввали ташаккули ҷомеаи ҳуқуқбунёд дар баробари иҷрои вазифаҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ, тағйири вазъи инсон дар сохтори муносибатҳои иҷтимоӣ ва маънавӣ ба таври куллӣ ногузир мегардад. Сатҳи тараққӣ ва тамаддуни ҳар як ҷомеаро бисёр омилҳо муайян мекунанд, ки дар байни онҳо мақому манзалати зан дар ҷомеа ва риояи ҳуқуқу озодиҳои вай яке аз ҷойҳои асосиро ишғол менамояд. Зеро ҷомеае, ки дар он ҳуқуқи шаҳрвандон бахусус, занон муҳофизат намешавад, наметавон онро ҷомеаи демокративу ҳуқуқбунёд эътироф намуд.

Дар навбати худ тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон кафолати асосии расидан ба ҷомеаи мутараққиву демократӣ буда, вазифаи аввалиндараҷаи ниҳодҳои давлатӣ ва созмонҳои иҷтимоӣ маҳсуб мешавад.

Барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири амиқе ворид сохт. Ин ҳолат сабаби афзоиши бекорӣ, фалаҷшавии сатҳи иқтисоду маънавиёти ҷомеа гардида, сатҳи қашшоқии аҳолиро боло бардошт. Вазъи мураккаби иқтисодӣ - иҷтимоӣ сабаби афзоиши ҷиноят ва навъҳои мухталифи ҳуқуқвайронкунӣ, аз он ҷумла зӯроварӣ нисбати занон гардид. Хушбахтона дар солҳои охир, мубориза алайҳи ҷинояткорӣ ва

зӯроварӣ дар ҷомеа бо роҳҳои мухталиф аз ҷониби ниҳодҳои давлативу ҷамъиятӣ бештар гардид.

Имрӯз, нақши зан дар пешрафти ҷомеаи ҷаҳонӣ бахусус дар давлатҳои мутараққиву мутамаддин хеле бузург аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона ба иштироки фаъолонаи занон дар раванди идоракунии корҳои давлативу ҷамъиятӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд. Имрӯз пешрафти дилхоҳ соҳаро бе иштироки фаъолонаи занону духтарон тасаввур кардан ғайриимкон аст. Махсусан, иштироки бевоситаи онҳо дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа баръало ба чашм мерасад.

Олими ватанӣ Сафарзода Б.А. қайд менамояд: «Дар ҳақиқат имрӯз ҳуқуқи инсон ва стандартҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар доираи санадҳои зиёди ҳуқуқии байналмилалӣ нисбат ба кишварҳои аъзо ё ҳамроҳшуда як қатор уҳдадориҳоро пешбинӣ менамояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ чун қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳон дар Конститутсияи худ инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро арзиши олӣ эълон намудааст».[511]

Таъмини рушди ҳаматарафаи занон дар соҳаи сиёсиро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат медиҳад. Боби дуюми Конститутсия, ки пурра фарогирандаи ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд мебошад, аз арзиши олӣ доштани ҳуқуқу озодиҳои инсон дар ҷомеа шаҳодат медиҳад. Ҳамин тавр, моддаи 17 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон медорад, ки «Ҳама дар назди қонун баробаранд. Давлат ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ ва молу мулк, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад. Мардон ва занон баробарҳуқуқанд».[512] Тавре ки маълум аст, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи ҳуқуқ ва озодиҳои занонро баробари ҳуқуқу озодиҳои мардон кафолат медиҳад ва ҳимоя мекунад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини баробарҳуқуқии мардону занон дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ чораҳои мушаххас меандешад. Барои ҳалли ин масъалаҳо санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии зиёде қабул гардидааст, ки тибқи онҳо давлат иштироки баробари занонро дар идоракунии корҳои давлатӣ кафолат медиҳад. Давлат иштироки баробари мардону занонро дар рукнҳои қонунгузорӣ, иҷроия ва судии ҳокимияти давлатӣ бо тарзу воситаҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра таъмин менамояд.[513]

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намуда, бо боварии комил метавон гуфт, ки дар он меъёре вуҷуд надорад, ки ҳуқуқ ва озодиҳои занонро бевосита ва ё бавосита маҳдуд кунад. Дар ин асос, санадҳои зиёди қонунгузории миллии кишвар дар соҳаҳои гуногун мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон ё мувофиқи иҷроиши уҳдадориҳои байналмилалӣ дар ин самт инчунин, вобаста ба ҳифзи ҳуқуқ,

---

[511] Сафарзода Б.А. Таъсири стандартҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон ба қонунгузории милии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. 2018. - №1 (3)

[512] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. моддаи 17. Душанбе – 2016.

[513] Холиқова О. Нақши конститутсия дар таҳкими ҳуқуқҳои модар ва кӯдак // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон// №4 (12) 2018. – 131с.

озодӣ ва васеъ намудани имкониятҳои занон, ки ҷузъи ҳуқуқи инсон маҳсуб меёбад, вориди низоми ҳуқуқии кишвар гардид.

Маҳз кафолати баробарҳуқуқии мардон ва занон дар қисми 2 моддаи 17 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷҷасуми худро ёфт. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон як қатор чорабиниҳоеро, ки барои таъмин намудани меъёри мазкури конститутсионӣ равона карда шудааст, амалӣ менамояд. Махсусан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонун «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» аз 1.03.2005 инҷониб амал менамояд.

Қонуни мазкур, муносибатҳоро оид ба таъмини кафолатҳои конститутсионии баробарҳуқуқии мардону занон дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба танзим медарорад, ҳуқуқпоймолкуниро аз рӯйи аломатҳои ҷинсӣ пешгирӣ менамояд ва кафолатҳои давлатии имкониятҳои баробари шахсони ҷинсашон гуногунро муқаррар менамояд.[514]

Дар баробари ин санаи 3.12.1999 сол аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Фармон «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» қабул гардид. Фармони мазкур заминаҳои боэътимоди ҳуқуқиро ҷиҳати дастгирии ҳамаҷонибаи занон фароҳам овард. Махсусан, дар фармони мазкур зикр карда мешавад, ки ба ҳайси яке аз муовинони роҳбарони корхонаҳо, ташкилотҳо, муассисаҳо, маорифу тандурустӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз он ҷумла суд ва прокуратура бояд аз ҳисоби занони соҳибмаълумоту ташаббускор ва лаёқатманд таъйин карда шавад.

Дар сархати сеюми фармони мазкур таъкид мешавад, ки давлату ҳукумат мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз он ҷумла суд, прокуратура, адлия ва дигар сохторҳоро ҷиҳати амалигардонии фармони мазкур муаззаф мегардонанд.

Дар партави фармони мазкур, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаи давлатии «Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар бораи таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардону занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2001-2010» аз 8 августи соли 2001, қарор «Дар бораи нақшаи миллии чорабиниҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба баланд бардоштани мавқеъ ва мақоми занон дар солҳои 1998 – 2005» аз 10 сентябри соли 1998, барномаи давлатии «Тарбия, интихоб ва ҷобаҷо намудани кадрҳои роҳбарии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2007 – 2016» аз 1 ноябри соли 2006, барномаи давлатӣ «Дар бораи дурнамои фаъолгардонии мақоми зан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 29 майи соли 2010 қабул карда шуд. Яке аз вазифаҳои асосии барномаву қарорҳои қабулшуда ин пеш аз ҳама, таъмини ҳуқуқу кафолатҳои занон, иштироки баробари мардон ва занон ҳангоми қабул намудани қарорҳо,

[514] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо». Душанбе, 2005.

иштироки бевоситаи онҳо дар идоракунии давлат, кафолати ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон мебошад.

Хусусияти аз ҳама муҳим ин аст, ки масъалаи таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои занон бо барномарезиҳои пай дар пай бо ҳар як ҳадафҳои таъиншудаи воқеиву саривақтӣ таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси сиёсати Президенти муҳтарам, бунёдгузори сулҳу ваҳдат қарор гирифт. Пешвои миллат, ҳадафҳои ҷомеаи адолатпарварро дар рушди нерӯи инсонӣ, беҳтар намудани сатҳи зиндагӣ, бо таваҷҷуҳ ба ин қишри ҷомеа пайгирӣ намуд. Баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии занону ҷавондухтарон, муайян ва таъмин намудани мавқеи арзандаи онҳо дар ҳаёти иҷтимоию сиёсии мамлакат яке аз ҳадафҳои афзалиятнок эълон намуд. Имрӯз агар як нигоҳи ҳадафгир намоем, мушоҳида хоҳем кард, ки бо натиҷа ва самараи ин ҳадафҳои воқеӣ занон сарбаландона дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти ҷомеа кору фаъолият намуда, мақоми арзандаро соҳиб гаштаанд.

Сиёсати давлатӣ доир ба таъмини ҳуқуқ ва имкониятҳо бе иштироки баробарҳуқуқи занон дар ҳаёти ҷамъиятии мамлакат самаранок буда наметавонад. Мақоми зан дар ҷомеа чун мақоми зан дар оила барои рушди ҳамаҷониба аҳамияти бузургро дорад.

Зан ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи мо дар баробари мардон бояд тамоми имкониятҳоро баҳри иштирок дар ҳаёти сиёсии мамлакат дошта бошанд. Қолабҳои гендерӣ бо ҷидду ҷаҳди занон ва баҳо додан ба имкониятҳои худ таъсир мерасонанд ва ба ғаразнок баҳо додан аз ҷониби ҷомеа мусоидат мекунад. Зани сиёсатмадор объекти таваҷҷуҳи ҷидии ҷомеа мебошад. Аз ин хотир ҳаёти шахсӣ, ҳолати оилавӣ ва зоҳирияти онҳо аз ҷониби мардум мавриди омӯзиш қарор мегиранд.[515]

Ҷалб намудани занон ба мансабҳо дар сатҳҳои гуногуни ҳокимият нишонаи воқеии ба занон дастрас будани ҷараёни таҳия ва қабули тасмимҳо нест ва пешбарии занон аз ҷониби давлат гувоҳи беҳтар гардидани имкониятҳои занон ба ишғоли мансабҳои баландтар нисбат ба мардон намебошад. Набояд сифат ба миқдор иваз карда шавад. Ин ҷо бисёр ҷиҳатҳо ба худи занон вобаста аст. Фаҳмидан зарур аст, ки ин иҷрои уҳдадории давлатӣ набуда, имконияти воқеии пешниҳод кардани ҳуқуқҳо ва ҳимояи манфиатҳои худ мебошад.

Занон бояд дорои қобилияти рақобат буда, аз ҷиҳати касбӣ босалоҳият бошанд, то ки воқеан ба мансабҳои роҳбарикунанда довталаб гардида тавонанд.

Дар марҳилаи ҳозира зарур аст, ки доир ба масъалаҳои иштироки занон дар ҷараён ва сохтори қабули қарорҳо пажуҳишҳои илмӣ дастгирӣ ва амалӣ гардонида шаванд, таъмини дастрасии баробар барои занон дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ва гирифтани тахассус инчунин ташкил ва пурзур гардонидани фаъолияти мактабҳои сарварӣ ва ғайра лозим аст.

Соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон, эълони принсипҳои конститутсионӣ дар бораи сохтани ҷомеаи демократӣ, соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ имкон дорад натанҳо дастовардҳои соҳаи

[515] Ҳуқуқи занон//зери таҳр. д.и.ҳ., Проф. Холиқов А.Г., н.и.ҳ. Диноршоев А.М. – Душанбе, 2010.

маориф нигоҳ дошта, кори муттасили муассисаҳои таълимӣ дар тамоми минтақаҳои мамлакат ташкил карда шавад, балки устувории онҳоро таъмин намуда, ислоҳоти соҳаи маориф оғоз карда шавад.

Сарфи назар аз ин дастовардҳо, ҳанӯз ҳам нобаробарии гендерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар мерасад. Омилҳои зерин сабаби асосии нобаробарии гендерӣ мебошанд: анъанаҳои муайян, афкори ҷамъиятӣ нисбати занон, махсусан дар минтақаҳои кӯҳии дурдаст, ҳамзамон вобастагии иқтисодии духтарон аст.

Афзалияти асосӣ дар бартараф кардани масъалаҳое, ки бо паст будани мақоми зан дар ҷомеа алоқаманданд, пеш аз ҳама бояд ислоҳоти ҳамаҷонибаи соҳаи маориф, таҳаввулот дар шакл ва усулҳои таълим, васеъ намудани шабакаи хизматҳои таҳсилотӣ ва маърифатии занон, фаҳмиши зарурати гирифтани дониш ҳамчун роҳи ягонаи солими иҷтимоигардонии занон, яъне таҳким бахшидани сарвати инсонии давлат мебошад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки барои бартараф кардани нобаробарии гендерӣ дар соҳаи дастрасии маълумот аз тарафи занон, соли 1997 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби мувофиқи квотаи Президентӣ ба мактабҳои олӣ дохилшавии духтаронро аз навоҳии дурдаст муайян кард.

Баланд бардоштани ҷой ва мақоми зан дар оила ва ҷомеа ба рушди бемайлони ҷомеа ба нафъи миллат имконият медиҳад. Нерӯе, ки зан дорад набояд инкор, балки ба пуррагӣ мавриди истифода қарор гирад.

**Адабиёт:**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе, 2016.
2. Қонуни Ҷ.Т. «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имконияти баробари амалигардонии онҳо». Душанбе, 2005
3. Сафарзода Б.А. Таъсири стандартҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон ба қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2018. №1 (3)
4. Холиқова О. Нақши конститутсия дар таҳкими ҳуқуқҳои модар ва кӯдак // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон // №4 (12)_2018. – 131с.
5. Ҳуқуқи занон // зери таҳр. д.и.ҳ., прф. Холиқов А.Г., н.и.ҳ. Диноршоев А.М. – Душанбе, 2010.

# ТАҚРИЗҲО – РЕЦЕНЗИИ

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Қодиров Некруз Абдулмаҷидович дар мавзӯи «Одатҳо ҳамчун сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илми ҳуқуқ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи граждании; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)**

Мавзӯи интихобкардаи муҳаққиқ ба яке аз проблемаҳои мубрами илм ва амалияи ҳуқуқи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ бахшида шудааст. Қобили зикр аст, ки ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ асоси воқеии рушди кишварро дар бахши ҳамкориҳои дуҷонибаю бисёрҷонибаи байналмилалӣ ба вуҷуд овард, ки дар як мӯҳлати кӯтоҳ Ҷумҳурии Тоҷикистон робитаи дипломатиро бо 178 кишвар барқарор ва гардиши молро бо беш аз сад кишвар ба роҳ монд, ки чунин раванд заминаи рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ бо унсури хориҷӣ гардид. Бо чунин назардошт, таҳқиқ ва таҳлили асосҳои ҳуқуқии танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ бо унсури хориҷӣ ногузир аст. Одатҳо дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ бо унсури хориҷӣ нақши марказӣ ва дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусии ҳар як кишвар доро мебошанд. Эътироф намудани одатҳо ба ҳайси «танзими ҳуқуқӣ»-и муносбатҳои ҷамъиятӣ бо унсури хориҷӣ ва муқаррару мушаххас намудани он дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоси интихобу баррасии мавзӯи тадқиқотӣ дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ҳисоб мешавад. Зеро паҳлуҳои гуногуни мавзӯи тадқиқотӣ аз ҷониби олимони ватанӣ таваҷҷӯҳ шудааст, вале ба таври муфассал мавриди таҳқиқ қарор гирифтани падидаи одат ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусии Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз дар илми ватании ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба роҳ монда нашудааст. Бо чунин дарк, муаллиф таҳқиқи мавзуро аз таҳлили низом ва хусусиятҳои сарчашмаҳои ҳуқуқ, сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, таносуби одат аз дигар сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, табиату таснифоти одатро дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ, таносуби одат дар ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва хусусӣ, муайяну мушаххас кардани «анъанаҳои муомилоти корӣ» ва «одати ҳуқуқӣ»-ро ба роҳ монда муваффақ шудааст, ки тафовути одати ҳуқуқиро аз анъанаҳои муомилоти корӣ(саҳ.11), одатҳои ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва хусусиро вобаста ба соҳаи амал, доираи иштирокчиён, эътибори ҳуқуқӣ, ҷараёни барасмиятдарорӣ, ҷавобгарӣ(саҳ. 19-20), сарчашмаҳои танзими давлатӣ ва ғайридавлатии муносибатҳои байналмилалии хусусӣ (саҳ.16-18) , одатҳои миллӣ ва байналмилалиро (саҳ.23-24) нишон диҳад, барои такмили қонунгузории

кишвар (саҳ.12-13) як қаттор пешниҳодҳоро кардааст, категорияҳои илми ҳуқуқиро вобаста ба мавзӯи таҳқиқотӣ мушаххасу муайян кардааст.

Яке аз паҳлуҳои мусбати рисолаи номзадӣ дар он мебошад, ки муаллиф тавонистааст тафовути одати ҳуқуқиро аз анъанаҳои муомилоти корӣ нишон дода ва ин ду категорияи ҳуқуқиро, ки дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон баробар истифода шудаанд бо пешниҳоди хусусиятҳои фарққунандаи онҳо, категорияи одати ҳуқуқро назар ба категорияи анъанаҳои муомилоти корӣ мафҳуми васеъ асоснок намояд ва моддаи 5 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав мансуб ба одатҳо зарур медонад(саҳ.12). Вале дар инҷо муаллиф назари муҳаққиқонро оид ба анъанаҳои муомилоти корӣ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ рад менамоянд баррасӣ накардааст.

Паҳлуи дигари мусбати кори илмии мазкур дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф то андозае кушиш намудааст, ки таносуби одатро аз дигар сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мавриди таҳқиқ қарор диҳад, махсусан назари хешро оид ба хусусиятҳои шартномаи байналмилалӣ(саҳ.21), мавқеи Конститутсияи ҶТ, кодексҳои гражданӣ, оилавӣ ва меҳнатии ҶТ дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (саҳ.21-23) нишон додааст. Муаллиф вобаста бо пайдоиши одатҳо онҳоро ба миллӣ ва байналмилалӣ (саҳ.23-24) тақсим карда, мавқеи одатҳои миллиро дар оилаҳои ҳуқуқӣ ба риштаи таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ кашида, табиати ҳуқуқии одатҳоро ба се гурӯҳ тақсим намуда, ҳар яке онро баҳои илмӣ додааст (саҳ.24-25).

Назари интиқодии муаллиф оид ба ҳайси сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пазируфтани «созишномаҳои тарафҳо» (саҳ.12) ва хориҷ кардани он аз моддаи 1191 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ.13) баҳснок мебошад ва мавқеи муаллиф дар ин бахш пурра асоснок нагардидааст.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, аз рӯйи автореферати диссертатсия, дар маҷмӯъ метавон хулоса кард, ки диссертатсияи илмии таҳия кардаи Қодиров Некруз Абдулмаҷидович дар мавзӯи «Одатҳо ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» кори илмии анҷом ёфта ба шумор рафта, ҷавобгӯи тамоми талаботҳо, махсусан бандҳои 10, 11, 12, 14 ва 16-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016,таҳти №505 ба тасдиқ гардидааст, буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 –ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Муқарриз: Раҷабзода М.Н., Ректори Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент**

## Талабот ба мақолаҳое, ки барои нашр дар маҷаллаи «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон» пешниҳод мешаванд

Ҳаҷми камтарини маводи пешниҳодшаванда – чор саҳифа матн, дар намуди файли MS Word.

Андозаи чоп: 14, Times New Roman, Times New Roman Tj, фосилаи байнисатрии 1,5 (якуним) ҳуруфчинӣ шуда, майдон: боло ва поён – 2,5 см, чап – 1,5 см ва рост – 3,5 см бошад.

Дар мақола ҳатман ҳамроҳ карда мешаванд:

1) номи мақола бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;
2) насаб, ном ва номи падари муаллифи мақола бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;
3) маълумот барои тамос (телефони мобилӣ ва суроғаи электронии муаллиф);
4) ихтисоси илмӣ (рамз) бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;
5) насаб, ном ва номи падари роҳбари илмии муаллифи мақола бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;
6) тақриз;
7) насаб, ном ва номи падари муқарризи мақола бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;
8) фишурда бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ (то 500 аломат ҳар яке, бо назардошти фосила, нуқта ва вергул);
9) калидвожаҳо (панҷ-ҳафт калимаҳои асосии мақола бидуни тавзеҳи онҳо бо ҷудосозии онҳо тавассути аломати вергул) бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;
10) рақамгузории иқтибосҳо ба адабиёт бо рақамҳои арабӣ дар қисми болоии матн оварда мешаванд, масалан: Ҳамчуноне ки аз ҷониби Ф.М. Шоев ишора гардидааст, «чунин самара ҳангоме зоҳир мегардад, ки…»[1].

Рӯйхати адабиёт бо тартиби алифбо оварда шуда, бо назардошти қоидаҳои байнидавлатӣ (ГОСТ) оро дода шуда, дар охири мақола оварда мешавад. Мақолаҳо дар шакли чопӣ ва электронӣ пешниҳод карда мешавад (бо имзои муаллиф).

Ба ҳар як мақола ба таври ҳатмӣ аз ҷониби аъзои ҳайати таҳририяи маҷалла ва ё олимону мутахассиони аз ҷониби идораи маҷалла аз рӯи ихтисос ҷалбгардида тақриз дода мешавад. Тақризи манфӣ асос барои рад намудани чопи мавод мебошад (ба муаллиф дар ин бора ба таври хаттӣ ё электронӣ хабар дода мешавад). Ҳаққи қалам барои чопи мақола пардохт намешавад. Аспирантон барои чопи ройгони мақола ҳуқуқ доранд. Муаллифон ба идораи нашрия ҳуқуқи истисноӣ барои истифодаи асарро бо тарзҳои зерин медиҳанд:

• таҷдид, нашр ва бознашри мақола (ҳуқуқ ба таҷдид ва нашр);
• паҳн намудани мақола бо ҳар роҳ (ҳуқуқ ба паҳн намудан).

Пешниҳоди мавод ба идораи маҷалла амали ҳуқуқиест, ки ба пайдоиши ҳуқуқу ухдадориҳои дахлдор равона шудааст. Розигии муаллиф ба нашри мавод бо шартҳои зикршуда ҳамчун розигии ӯ оид ба ҷой додани мақола дар шакли электронии маҷалла фаҳмида мешавад. Идораи маҷалла ҳуқуқ дорад мавод ва мақолаҳои маҷалларо дар махзанҳои электронии ҳуқуқӣ ва дигар махзани маълумоти электронӣ ҷойгир созад. Муаллиф метавонад ҳангоми пешниҳоди мақола идораи маҷалларо оид ба норозигии худ дар хусуси шартҳои истифодаи мақолааш огоҳ созад. Дар сурати вайрон кардани талаботи таҳияи мақолаҳо мавод барои коркард ба муаллиф баргардонида мешавад. Муаллиф вазифадор аст, ки дар бораи тағйиротҳои вориднамудааш идораи маҷалларо огоҳ созад (мактуб дар шакли электронӣ). Ҳангоми риояи нашудани талаботи таҳияи мақола аз ҷониби муаллиф, идораи маҷалла ҳуқуқ дорад бо нишон додани далел ва сабабҳо аз нашри маводи пешниҳодшуда даст кашад ва чопи онро рад созад.

## Требования, предъявляемые к статьям соискателей, аспирантов и докторантов для публикации в журнале «Государствоведение и права человека»

Минимальный объем подачи материала – четыре страницы текста, набранного в формате Word.

Параметры набора: 14-й размер кегля, Times New Roman, полуторный интервал, поля: верхнее и нижнее – по 2, 5 см, левое – по 1, 5 см и правое – по 3, 5 см.

К статье обязательно прилагаются:

1) рецензия;
2) аннотации на русском и английском языках (до 500 знаков каждая, включая пробелы, точки и запятые);
3) ключевые слова (пять – семь основных слов статьи без расшифровки понятий через запятую) на русском и английском языках;
4) перевод на английский язык названия статьи;
5) перевод на английский язык фамилии, имени, отчества автора статьи;
6) электронный адрес автора;
7) указывается научная специальность (код);
8) перевод на английский язык фамилии, имени, отчества научного руководителя автора статьи;
9) перевод на английский язык фамилии, имени, отчества рецензента статьи.
10) Нумерация ссылок на литературу осуществляется арабскими цифрами в верхнем уголке текста, например: Как указано Ф.М. Шоевым, «данный эффект проявляется при …»[1].

Список литературы указывается в алфавитном порядке. Страницы должны быть пронумерованы. Статьи принимаются в печатном и электронном экземплярах (подписываются автором).

Статьи в обязательном порядке рецензируются членами Редакционно-экспертного совета журнала в соответствии с профилем представленной работы и (или) привлеченными редакцией учеными и специалистами согласно порядку рецензирования рукописей. Отрицательная рецензия является основанием для отказа в публикации работы (автору сообщается об этом в письменном виде). Гонорар за публикацию статей не выплачивается. Аспиранты имеют право на бесплатную публикацию статей. Авторы передают редакции исключительное право на использование произведения следующими способами:

• воспроизведение статьи (право на воспроизведение);

• распространение экземпляров статьи любым способом (право на распространение).

Представление материала, поступившего в адрес редакции, является конклюдентным действием, направленным на возникновение соответствующих прав и обязанностей. Согласие автора на опубликование материала на указанных условиях, а также на размещение его в электронной версии журнала предполагается. Редакция оставляет за собой право размещать материалы и статьи журнала в электронных правовых системах и иных электронных базах данных. Автор может известить редакцию о своем несогласии с подобным использованием его материала при представлении статьи. В случае нарушения перечисленных редакционных требований материал может быть возвращен автору на доработку. О внесенных изменениях автор обязан сообщить редакции (письмо в электронном виде). При несоблюдении автором предъявляемых требований редакция имеет право отказаться публиковать представленный материал с мотивированным объяснением причин отказа.

Ба матбаа 30.03.2022 супорида шуд.
Ба чопаш 04.04.2022 имзо шуд.
Қоғази офсет. Андозаи 60х84 1/16. Ҷузъи чопӣ 27.
Супориши №133. Адади нашр 200 нусха.
Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
ш. Душанбе кӯчаи Лоҳутӣ, 2.